Кодиро
РУСТАМ



ПОЙХО ВА РӮЙХО

ҚОДИРИ РУСТАМ

ПОЙҲО ВА РӮЙҲО

Душанбе
«ЭР-граф»
2018

ББК 84 тоҷик 7–4+82.3 (2тоҷик) +87.717
Р – 88

Муҳаррир Ӯрун Кӯҳзод

Қодири Рустам. Пойҳо ва рӯйҳо (роман). Душанбе: «ЭР-граф». 2018, 300 саҳ.

Дар романи «Пойҳо ва рӯйҳо» масоили мубрами фалсафӣ ва иҷтимоии ҳастии мардуми тоҷик дар марҳалаи навтарини таҳаввулоти бузурги сиёсӣ ва иҷтимоии халқ мавриди баррасии бадеӣ қарор гирифтаанд.

ISBN 978-99975-69-47-9

©Қодири Рустам, 2018

ДУ СУХАН БА ҶОЙИ САРСУХАН

«Пойҳо ва рӯйҳо» дар тафсири Қодири Рустам забон доранд, гап мезананд.

Романи «Пойҳо ва рӯйҳо» аз қабили романҳои сабукборе нест, ки асосан барои вақтгузаронӣ мехонанд ва дар он усули хондан фақат чашм заҳмат мекашад. Балки романест пурбор, ки онро муҳаққиқона бояд хонд ва ҳангоми мутолиа на танҳо чашм, балки ба иловаи он дил ва мағзу ҳуш бояд шарик бошанд ва заҳмат бикашанд.

Як қаҳрамони роман мегӯяд: «яъне мо дар сохтани хеш, дар эҷод кардани худ ихтиёри маҳдуде дорем... Ин тарси ҳафтлойӣ аз ҳароси пушти ҳафтумам аз аъроб, бими ҷадди шашумам аз ғузҳо, саҳми пушти панҷумам аз муғулон, тарси бобоёнам аз туркони аштархониву манғиту рус таркиб ёфта, ба хун омехта ба ман расидааст..... Танҳо бо талоши як нафар бар он пирӯз наметавон шуд».

Муаллиф ҳушдор медиҳад; даъват мекунад, ки аз гузашти рӯзгор биёмӯзем ва хулоса барорем ва амал бикунем ва аз як гиребон сар бароварданро ёд бигирем. Ва таъкид мекунад: ин кори саҳлу осон нест. Мушкил ва душвор аст. Мо агар Бақо мехоҳем, ногузир бояд бо ину он мушкил дасту панҷа нарм бикунем, аз ину он душворӣ натарсем ва ин мушкилу душворирро осон бикунем. Ва барои ба ин мақсад расидан, пеш аз ҳама Дониш ва Вахдат ва Қудратамонро такмил бидиҳем ва худамон комилтар бишавем.

Ормони нависанда таъмини Бақои миллат ва шаҳомату қудрати Давлат аст.

Романи хурд ва пурмуҳтавои «Пойҳо ва рӯйҳо» худ саҳме барои расидан ба ин ормон аст.

Тавсия мекунам онро бихонед ва бианде-шед….

Ӯрун Кӯҳзод,
Нависандаи халқии Тоҷикистон.
10.06.2018

Дар ҳақиқат, Худо ҳоли қавмеро тағйир намедиҳад, то онон ҳоли худро тағйир диҳанд.

Қуръон, сураи Раъд, ояи 11

1

То як соати дигар Манижа меояд.

Хуштарин ва беҳтарин ҳадия барои ман худи ӯст, нури чеҳраи ӯ, накҳати хуши одамӣ ва зананаи ӯ ва ҳам овои ӯ.

Аммо Манижа ҳамчунин ҳар раҳ бо худ барои як ҳафта ғизои тани ман, китоб, нашрияҳо ва хабари рӯйдодҳои як ҳафтаи охир барои тағзияи ақлу андешаи ман ва накҳатҳои хуше аз табиатро ба эҳдои димоғи ман низ ба ин таҳхонаи сарду заҳкашида меорад, гоҳе шамими гулу гиёҳро, гоҳе атри боронро ва ҳам гоҳе бӯи гармии хуршедро.

Имрӯз ҳаво софу офтобист ва ӯ бӯи офтоб ва ҳам як ламъа нури хуршедро бо худ хоҳад овард. Барои лаҳзае... Дарро, ки саросема мебандем, хуршед паси дар мемонад.

Ва аз чеҳраи офтобии ӯ ба дили ман нур ва гармӣ метаровад. Барои як ё яку ним соат, аҳёнан ду соат... Чашмони ман ҳарисона ин нурро фурӯ мекашад, қалби ман ба сони мазраъаи барфпӯшида худро ба дасти тасарруфи ин гармии баҳорӣ таслим мекунад. Ман барои як соат ё бештар ҳама чизро ба фаромӯшӣ месупорам. Фақат як соат. Як соат ё каме бештар - яку ним соат ва аҳёнан ду соат дар як ҳафта....

Дигар ҳеч, дигар ҳеч... Дигар дар тӯли ҳафта ҳеч чеҳрае намебинам. Дигар пой мебинам, танҳо пой. Фақат пой! Пой, пой, пой, фақат пой мебинам, фақат пой. Худоё, фақат пой, дигар ҳеч, дигар ҳеч чиз, ҳатто, агарчи ду ҳафта пеш ба

худ аҳд карда будам, дигар ба пойе нанигарам, боз ҳам ғайри ихтиёр мебинамашон, наметавонам набинам, – ғайр аз ин равзана чашмандозе ба ҷаҳони берун надорам – ва аз бом то шом, аз лаҳзае, ки рӯз чашм мекафонад, то дақиқае ки чашми одамӣ наметавонад чизеро ташхис бидиҳад, фақат пой, фақат пой мебинам... аз... аз...

Аз кай оғоз шуд?

Гоҳе ба назар мерасад, гумон мекунам аз оғози офариниш дар ин ҷоям. Ман дар ин байғӯла дарк кардам, ки аз вожаи абадият сардии марг медамад.

Вале... Чароғаки дастиро рӯшан мекунаму менигарам... мешуморам... хатҳои рӯйи деворро, ки ҳар рӯз баробари бархостан аз хоб, ҳанӯз дасту рӯй нашуста, ҳанӯз ба қазои ҳоҷат нарафта, бо порае оҳаксанг мекашам, мешуморам, сол ба сол, моҳ ба моҳ, – агарчи зарурате нест, азёд медонам, – рӯз ба рӯз ҳисоб мекунам.

Ду хати бузург – ду сол, ду хати нима, ки баъд аз хати дарози дувум меояд – ду солу ду моҳ ва чаҳордаҳ хати кӯтоҳ баъд аз хати нимаи охир – ду солу ду моҳу чаҳордаҳ рӯз. Ду солу ду моҳу чаҳордаҳ рӯз! Сесаду сесад – шашсад, шасту панҷу шасту панҷ – як саду сӣ, як саду сиро ба шашсад зам кунем – ҳафсаду сӣ, шаст..., не, шаст не, шасту як рӯзи ду моҳ ва боз чордаҳ рӯзи дигар мешавад... мешавад ҳафтоду панҷ, ҳафтоду панҷро бигузорем дар рӯи ҳафсаду сӣ, мешавад... мешавад ҳаштсад... ҳаштсаду панҷ. Ҳашт саду панҷ рӯз. Ҳ-а-шт с-а-ду п-а-нҷ рӯз! Ба гуфтан осон аст! Ҳашт саду панҷ рӯз фақат пой мебинам, фақат пой, дигар ҳеч, дигар ҳеч, фақат

пой. Бар падарат лаънат Собири Малик, лаънат бар падарат, бар ҳафт пуштат намегӯям, шояд мардони солеҳу нек буданд, вале бар падарат лаънат, лаънат бар падарат, агар нафринзада набуд, агар марди неку солеҳ буд, чун туе бадҷинс аз камараш намерӯид! Бар худату бар падарат ҳашт саду панҷ раҳ бар ҳашт саду панҷ бор лаънат!! Барои ҳар рӯз ҳазор бор лаънат!!! Чӣ қадар мешавад, агар барои ҳар рӯз ҳазор бор лаънат бифиристем, чанд лаънат мешавад?! Ҳашт саду панҷ, се сифри ҳазора дар охираш бигзорем, мешавад ҳашт саду панҷ ҳазор, ҳашт саду панҷ ҳазор лаънат. Осонакак ҳал шуд, ҳам осонакак ҳал шуд, ҳам кам дар омад, кам аст, кам аст барои ҷиноятe, ки муртакиб шуда, хиёнату ҷинояташро талофӣ намекунад... Мегӯем, ҳашт саду панҷ ҳазор раҳ бар ҳашт саду панҷ бор лаънат. Чанд мешавад, чӣ қадар мешавад? Ҳашт саду панҷ ҳазор зарб бар ҳашт саду панҷ, зарб бар ҳашт саду панҷ... зарб бар ҳаштсаду панҷ... Аммо магар лаънат ҳаҷму шумора дорад?! Муҳим нест чандто мешавад, чӣ қадар мешавад, ҳар қадар ки бишавад, бишавад, ҳар қадар, ки бишавад, он қадар бар туву бар падарат лаънат, Собири Малик!

Сангборони абри лаънат бар сари Собири Малику падараш амвоҷи ғазабамро то ҳадде фурӯ нишонд.

Ман дар ин зиндон ба ин маънӣ расидам, ки лаънат ва нафрину тавҳин ҳам метавонад одамиро таскин бибахшад, дардашро сабук кунад. Ва зуд-зуд аз ин “ҳақоратдармонӣ» истифода мекунам.

Вале, Шайх Зайнулобидин муътақид буд, иср мекард, ки мусалмон набояд ба хеч вачҳ мусалмони дигарро нафрину лаънат бикунад.

«– Лаънатзадаи Худо Иблис аст ва дуруст нест, ки сифати Шайтон ба мусалмоне баста бишавад».

«– Ба Назари кофар ҳам лаънат ҷоиз нест?! Мусалмон аст, панҷ вақт намоз ҳам мехонад, рӯза ҳам медорад...»

«– Ӯро ба Худо месупорам...»

Ман эътироз кардам:

«– Худо моро барои чӣ халқ карда, барои чӣ ақлу тамйизамон дода, ки ҳама корамонро, таъаҳҳудотамонро, масъулиятамонро бар дӯши ӯ мегузорем, худамон ҳам бояд коре бикунем, охир!»

Шайх Зайнулобидин чун донист, ки итминон ба ҳарфаш накардем, аз роҳи дигар ворид шуд.

«– Ҳуҷҷатулислом, имом Ғазолӣ муътақид ҳастанд, ки ҳатто подшоҳи золими кофарро лаънат кардан ҷоиз нест, ба ин хотир, ки шояд дар вопасин рӯзи умри фониаш имон биёвараду мусалмон бимирад».

Мо, албатта, бо ин ақида мувофиқ набудем, ҳуҷҷатулислом Ғазолӣ ҳам наметавонист назарамонро тағйир бидиҳад. Ман ба Рашиди Аъзам нигаристам, вале ӯ хомӯширо афзал донист ва нигоҳаш машваратам дод, ки ман ҳам хомӯш бимонам, баҳс накунам савоб аст. Ва муаллим низ, ки аҳёнан барои сухане лаб боз мекард ва бештар гӯш ба меҳмонон фаро ниҳода буд, мутарибҳол ва осемавор – шояд метарсад ба баҳс ворид бишавем, пасту баланд бигӯем ва ӯ

иззати меҳмондориро чунонки мебояд муроот карда натавонад, ва ё аз муши даруни девор меҳаросид? – суханро ба кӯйи дигар мекашад.

Ва ман ҳам он замон хомӯширо беҳтар донистам. Вале хомӯшӣ ихтиёр карданам на танҳо барои он буд, ки майл надоштам муаллимро биранҷонам, ё дигар намехостам ба шайх Зайнулобидин эътироз кунам ва вориди баҳсе шавем, ки аз қабл медонистам, натиҷае нахоҳад дошт, балки он замон ин ақида ба назарам ин қадар зараровару хатарангез наменамуд, чунонки имрӯз, он замон ман онро мисли ҳарфе пазируфтам, ки ҳамарӯза ҳазорон нафар ҳазорон бор мегӯянд ва аз ин гӯш медарояду аз гӯши дигар берун меравад, ҳарфе, ки гуфта мешавад, вале мурооту пайравӣ аз он барои касе ҳатмӣ нест, аз ҳеч буъд арзише надорад, кирои он надорад, ки дар гӯшае аз хотира ҳифз бишавад, то замоне барои рафъи мушкиле ба кор ояд ва ба дарди яке бихӯрад.

Акнун дар ин байғӯла дарк кардам – ҳама чиз дар танҳоӣ беҳтар дарку фаҳм мешавад – ин назар агар суде бар золимон ҳам надорад, барои мазлумон зиёнбору хатаровар аст, бечорагону заъифонро, ки дар муқобили дасти зӯр ва теғу шамшер ҷуз душному дуъои бад, ҷуз лаънату нафрин силоҳе надоранд, аз ҳамин ягона силоҳи онҳо, балки дурусттар аст бигӯем, аз ягона сипари онҳо маҳрум мекунад. На, на, мо на танҳо ба шоҳи кофар, ки ба подшоҳи мусалмони золим низ ва на танҳо ба шоҳони зулмпеша, балки ба ҳамаи золимону мустабидон лаънату нафрин мефиристем, хоҳ кофар бошанд, хоҳ мусалмон, мо ки аз ин чордевор наметавонем берун оем, мо

ки силоҳе дар даст надорем, мо ки тавони шамшер кашидану теғ охтан надорем, то аз худ ва хонадони худ дифоъ бикунем, фақат бо бурузи амвоҷи лаънату нафрин, селоби дуъоҳои бад ва филборони тавҳину душном худро таскин медиҳем ва оташи ғазабу аламҳоямонро фурӯ менишонем. Агар шайх Зайнулобидин барои мутақоид кардани мо ба ақидааш, суханони худро ба имом Ғазолӣ набаста ва имом воқеъан ҳам чунон фармуда, ки ӯ гуфт, пас на худи ӯ ва на имом Ғазолӣ дақиқан ба рӯзи ман гирифтор нашудаанд, онон маҷбур набудаанд, ки дар давоми ҳашт саду панҷ рӯз, дар маҳдудае масдуду танг деворбанд бимонанд, дар тӯли ҳаштсаду панҷ рӯз фақат пой бибинанд, аз бом то шом ҷуз пой набинанд. Дуруст аст, дуруст аст, медонем, хондаем, ки имом Ғазолӣ ҳам чандин сол аслан касе ва чизеро надид, эҳтимол ӯ ҳатто пои одамиеро ҳам надида буд, вале инзивои вай ихтиёрӣ буда, танҳоӣ гузидани ӯ бо хости дилаш ва афзун бар ин, бо ҳадафи бузурге ва наҷибе буда, – дар асл намедонам ҳадафи бузургу наҷиб буда ё на, вале ин амр муҳим нест, донистани ман муҳим нест, муҳим ин аст, ки ӯ худ гумон мекард, барои ҳадафи бузург, барои дарёфтани роҳ ва рози ҳақиқат гӯшаи инзиво гузидааст, – ва ихтиёран даҳ сол ниҳон аз чашми мардум дар гӯшае нишастан, ба хотири ҳадафе воло танҳоӣ ихтиёр кардан, ки лаззати ширини ноил шудан ба он ҳадаф талхии ин танҳоиро ҷуброн мекунад, хеле содатару осонтар аст, ки даҳ рӯз иҷборан танҳо бошӣ, маҷбурат кунанд, ки кунҷи узлат бигузинӣ! Ин ду танҳоӣ комилан мутафовит ҳастанд, миёни ин

ду танҳоӣ аз саро то Сурайё роҳ аст... Ба рости, ки метавон дар биёбони бекасе танҳо набуд ва ҳам дар шаҳре пурҷамъият танҳоӣ эҳсос кард... Метавон бо сад ҳазор мардум танҳо буд ва метавон бидуни як кас ҳам ранҷи танҳоӣ накашид[1]. Маҳаку меъёри аслӣ ихтиёр аст, озодӣ дар рафтору кирдор аст.

Баъд аз он ки Ангуштак Собири Маликро дар майдони Бузург, дар назди Арк, пас аз талоши чаҳорум ниҳоят ба дор кашид, бештари дӯстону шиносони мо ба ин натиҷа расиданд, ки вай, Собири Малики бечора худ низ қурбонии ин ҳаводис аст ва гуноҳе надорад. Ҳатто, Муҳаммадсодиқ таъкид кард ва эҳтимол, то рӯзи вопасини умраш мутмаин ба ин назар буд, ки Собири Малик яке аз ҳазорон ҳазор қурбонии бегуноҳи тавтиъаю дасисаҳои Ангуштак аст. Бибинед, гуфт, агар бегуноҳ набуд, ресмон се бор гусаста намешуд, Худо се бор ишора кард, вале паканаю атрофиёнаш нафаҳмиданд. Дониёл гуфт: Агар Худо хоста буд, ки накушандаш, намегузошт, ки ба дасти Ангуштак гирифтор ояд. Гусастани ресмон ҳеч рабте ба бегуноҳии Собири Малику хости Худованд надорад. Баръакс канда шудани ресмон ҳам, бозгӯи вазъи кишвари бадбахти мост, ки ҳама чизаш харобу вайрон шуда, сӯхта, дарида, пӯсидаву рехта, пӯкида ва пажмуридаву гандида аст ва ҳатто як ресмони бадоште ҳам, ки тавонанд бо он якеро аз дор биовезанд, надорад. Ин сухан, ва шояд лаҳни гуфтори Дониёл, Муҳаммадсодиқро хуш наёмад ва ӯ зери лаб гиламез ғурунгид, ки «ин тавр ҳам нест, ки як рес-

[1] Мазмуни тағйирёфтаи байти Рӯдакӣ

мони дуруст дар ин мулк пайдо нашавад, муболиға накун» ва ҳама хомӯшӣ ихтиёр кардем. Вале ин суҳбат замоне сурат гирифта буд, ки ҳеч кудоми мо ҳанӯз на аз асли қазия огоҳ будем, на сабабу асрори пайдарҳам гусастани се ресмонро медонистем. Акнун на танҳо иллату рози гусаста шудани ресмонҳо, ки бисёр чизҳои дигар низ бароямон равшан шуда, басе асрор ошкор гардида ва ҷойе барои баҳсу қилу қол намондааст. Аммо то кунун ҳам одамони зиёд, ҳатто бархе афроди таҳсилкардаро дучор меоем, ки мутмаин ҳастанд, мегӯянд, бале, эҳтимол, сабабгори ғайриихтиёри ин ҳама фоҷиъаву бадбахтиҳо Собири Малик буд, вале вай ин корро амдан накардааст, он сарсахти бадбахт худ намедонист, як ҳарфе, ки дар омади гап, шояд бо шӯхӣ, ба ҳазл, ё эҳтимол барои хуш омадан ба Садри аъзам – Шарофзодаи марҳум гуфт, чӣ балоҳо, чӣ мусибату фоҷиъаҳо ба дунбол меорад ва агар медонист, ба ҳеч вачҳ намегуфт, албатта. Вале ман ӯро гунаҳкори аслӣ медонам, ман ӯро муқассир мешиносам, ман ӯро дар ду дунё намебахшам, бигзор Худо бибахшад, ман намебахшамаш. Шайх Зайнулобидин гуфт:

«– Худо каримтарини каримон ва раҳимтарини раҳимон аст, Худо гуноҳонеро мебахшад, ки ҳеч бандааш наметавонад бибахшад».

Гуфтам: «– Бар Чингизхон ҳам мебахшад?»

Гуфт: «– Вай ки имон надошт!».

«– Пас ба Темури ланг чӣ, ба ӯ метавонад калламанораҳоро, калладеворҳоро, селоби хуни мардуми бегуноҳро бибахшад, танҳо барои он ки

вай мусалмон буд ва бо шайхону олимони дин менишасту машварату сиголиш мекард?».

« – Худаш медонад, хости Худоро касе намедонад, шояд бибахшад».

«– Ин дарахти раҳмату карам, ки дар мазраъаи хунин руста ва бо ашки талху шӯри ҳазорон ҳазор ятиму беваю бечора парварда шуда, чӣ мевае дорад?! Ин раҳмати эзадӣ оё ҳеч танокузе, ҳеч ихтилофе бо асли адолат надорад?!».

Шайх Зайнулобидин ҳарфе нагуфт, вале аз чашмонаш хондам, ки бар ақидаи худ устувор аст ва далоили ман қонеъ накардандаш. Чунончи вай ҳам натавонист маро мутақоъид ба суханони худ созад. Баръакс ман дарк намудам, итминон ҳосил кардам, ки на танҳо ҳар қавм, чунонки Достоевский (ё фақат қаҳрамони романаш?!) муътақид буд, балки ҳар касе Худои хоси худро дорад, на танҳо Худо мардумро, ки одамон низ Худоро меофаринанд, ҳар кас Худои худро худаш месозад, Худои ҳар кас мутафовит аст, Худои ман дигар аст ва Худои Шайх Зайнулобидин дигар. Худои ӯ шояд золимонро бибахшад, Худои ман намебахшад. Шояд сабаб ин аст, ки Худои ҳар кас шабеҳи худаш аст, чунонки фарзанди ҳалол шабеҳи падари худ аст! Ман наметавонам золиму мустабидеро бибахшам, наметавонам... Вале гоҳе машкук мешавам, гоҳе ба тардид меуфтам, баъзан сари каловаи андешаҳоям гиреҳ мехӯрад, ба ҳам мепечад..., кӣ медонад, шояд ман тундравӣ мекунам, шояд ман сахт мегирам, эҳтимол дар асл ҳақ бар ҷониби Шайх Зайнулобидин аст, Худои ҳаждаҳ ҳазор олам, Худои кайҳони беибтидою беинтиҳо, ки азалию аба-

дист, ҳама ӯст ва ҳама дар ӯст, метавонад бибахшад, чунки андозаҳо фарқ мекунанд, зарфиятҳо тафовут доранд, мизон мухталиф аст, бороне, ки филро ба соқи пой ҳам намерасад, дар хонаи мӯр тӯфон аст. Аммо ин мӯри заифу бечора ҳам ҷон дорад, охир! Худойи бузург бо он шаҳомату азамати берун аз тасаввуру бартар аз гумон аз ҳисоби як зарра ҷони мӯри нотавон бахшандагӣ мекунад?! Вале ҳарчи ҳам бошад, ман наметавонам, наметавонам, ман ҳеч золимеро намебахшам. Хулоса, ман наметавонам Собири Маликро бибахшам ва намебахшам, ҳаргиз намебахшамаш, то қиёмат домангираш ҳастам! (Ва шеъри шоир ба хотирам мерасад ва ҳамзамон каме веросториаш низ мекунам: «Зиндаҳомон зиндаҳошонро намебахшад, мурдаҳомон мурдаҳошонро намебахшад»[2]). Албатта, сабабаш ҳам танҳо ин нест, ки ҳар кас намедонад кирдору гуфтораш чи пайомаде хоҳад дошт, гунаҳкор аст, – ҳоло аз дунболи чунин мақулаҳои ҳуқуқию ахлоқӣ намешавем, балки ман бар инам, ман итминон дорам, ки яке аз тарроҳони ин дасиса маҳз ӯ буд, агар шарики тарроҳон ҳам, ки набошад, мучрӣ ё яке аз мучриёни аслӣ маҳз Собири Малик буд ва ин ки бо баҳонаи беморӣ ба саробӯстон нарафт, далолат мекунад, ки аз қабл медонист чӣ воқиа рух хоҳад дод, ин ки Пакана хеле зуд ба дор кардаш ва ин ки Мусофири ровиро низ – ман ӯро шарики дигари ин тавтиҳа медонам, – пас аз ду-се рӯзи боздошт шудани Собири Малик дар рахти хобаш хафа карданду куштанд, ва худи ҳамон рӯзи куштор, соате пас

[2] Бо каме тағйир аз Бозор Собир

аз кашф шудани ҷанозаи Мусофири Асламзода сабаби ин куштор ғорат эълом шуд ва «қотили ӯ», сияҳмасти бекасе, ки баъд аз ду рӯзи фоҷиа бозҷошт шуда буд, ба таври мармузе «худро аз тирезаи табақаи панҷуми сохтмони вазорати корҳои дохилӣ поён афканду кушт», ҳама ҳалқаҳои як занҷир ва таъкиду таъйиди бовари ман аст; албатта, ҷуз ин нест, ки Ангуштаку хоҷагонаш хостаанд, ҳарчи зудтар аз шоҳидони аҳвол ва воқифони асрор халос бишаванд, то ки роз ба даҳони мардум науфтаду бозор нашавад. Албатта, Собири Малик, эҳтимол дар марҳалае аз марохили ичрои барнома ғалат кард, муртакиби хато шуд, – агар аслан дар шинохти Ангуштак ғалат накарда буд, ва ё эҳтимолан дар ғафлат монду нафаҳмид чӣ сон хоҷагонаш барномаро тағйир доданду ӯро қурбон карданд, намедонам, ҳоло ин маънӣ барои ман ҳам розу муаммост, ҳанӯз ба дарки он ноил нашудаам. Он чи ки ман ба якин медонам, ин аст, ки домгузор худ гирифтори дом шуд, ва он чи ҳамагон ҳам медонанд, ин аст ки Собири Малик ба сари дор рафту ба сандуқи адам фурӯ уфтод.

Ҳар бор, ки воқеъоти се соли охирро аз ибтидо то интиҳо пеши назар меорам, ҳар дафъа, ки ҳаводиси рафтаро аз сафҳаҳои китоби хотиротам мутолиъа мекунам, итминонам бар ин амр қавитар мешавад. Ин воқеъот муқаддимаи номаи хотироти мананд, ҳеч зарурате нест, барои ҷустуҷӯяшон ин китоби бузургро варақгардон бикунам, не, балки ҳар вақт ки хостам ва гоҳе нахоста ҳам, ин сафҳаҳо худ боз мешаванду дар муқобили чашмони дилам қарор мегиранд.

Аслан, чунончи, бештар баччагону бечорагон орзупарвар ҳастанд, ояндаигаранд, ҳамчунин варақ задани китоби хотира бештар машғулияти онҳоест, ки паснигаранд, дасту пояшон аз ҳаракат мондааст, ба мисли пирони барҷомондаю маризони фалаҷ ва ҳамчунин онҳое, ки ба сабабҳои дигар имкони ҳаракат надоранд, монанди зиндониён ва ё касоне, ки худро дар миёни чордевор масдуд кардаанд, чунонки ман. Китоби хотира барои ин гурӯҳ ба мисли Қуръону Инҷил барои мардуми мутадайин аст. Ин китоб ҳамеша дар баробари чашмон боз аст ва ё рӯи миз дар назаррасу дастрас қарор дорад.

Хеле равшан пеши чашм дорам, як рӯзи дарози тобистони сӯзон, аз он рӯзҳое, ки гармояш на танҳо танро коҳил, ки ақлро низ кунд мекунад, Собири Малик бор хосту бор ёфт, то мавзуъу масоили марбут ба баргузории ҷашнвораи минтақаии мусиқии мардумиро матраҳ кунад ва зимни суҳбат аз ин дару он дар суханро ба ин ҷо кашонид, ки дар қадим дар дарбори шоҳон ва манзили авлиёю акобир Ҳофизхонию Шоҳномахонӣ мутадовил буд, ҳама даври ҳам менишастанду ровӣ ғазал мехонд ва маъноящро шарҳ медод ва ё достонҳои бостонро ба ривояти Фирдавсӣ қироъат мекард. Дониёл, ки дар ин дидор ҳузур дошт, гуфт, он замон ҳанӯз санъати чопро кашф накарда буданд, китоб ба нудрат пайдо мешуд ва ҳама ҳам чашми хат надоштанд, мардумон маҷбур буданд, гирди ҳам ҷамъ оянду қироати якеро гӯш бидиҳанд. Собири Малик гуфт, манзури ман на авомуннос, балки даргоҳи шоҳон аст, ки ҳам шоҳ ва ҳам дарбориёнаш ме-

тавонистанд ҳар китобе, ки бихоҳанд, ба хушнависон супориш диҳанду нусхае барои китобхонаи худ дошта бошанд, бо ин ҳол донандаеро даъват мекарданд ва ӯ шеър мехонду мазмуну муҳтавояшро шарҳ медод, мушкилоту печидагиҳояшро тафсир мекард. Дониёл гуфт, шеър аслан бояд дар танҳоӣ хонда бишавад ва ҳар кас маъно ва муҳтавои онро худ барои худаш кашфу дарк бикунад. Шеър хондан ҳам, шабеҳи ғизо хӯрдан аст, агар касе шеър бихонад, шояд аз садои қироати ӯ лаззат бурд, вале агар шарҳ медиҳад, мисли ин аст, ки луқмаро каси дигар мехояду ба даҳони дигарон мегузорад. Шеър физикаву риёзӣ нест, ки қонуну формул дошта бошад, ҳандаса нест, ки аксиома дошта бошад ва бо истифодаи ин аксиомаву формулу қонун масоилашро ҳал бикунӣ ва ҳама яксон ҳал бикунандаш, чунонки офариниши шеър инфиродӣ аст, фаҳмиши он низ бояст инфиродӣ бошад. Ва ҳама рамзу рози ҳунар, аз ҷумла, шеър ҳам ниҳуфта дар ҳамин нукта аст. Албатта, ин тавр ҳам нест, гуфт, Собири Малик, шеърҳое ҳастанд, ки на ҳар кас метавонад бифаҳмад ва ниёз ба шарҳу маънӣ доранд. Дониёл муътариз шуд, андаке садо баланд карду гуфт, шеъре, ки мардум намефаҳманд ва ба шарҳу тавзеҳ ниёз дорад, шеър нест, ё илмест, ки либоси назм пӯшонданд, ё жожу ҳарзаест, ки бо вожаҳои зебою номураттаб ширеш кардаанд ва дар қолаби вазну қофия рехтаанд. Дуруст, агар шеъри муосирон бошад, фармудаи ҷанобашон дуруст аст, – Собири Малик, вожаи «ҷаноб»-ро заҳролуд буруз дод ва рӯй тофту афзуд, – вале шеъри қадимиҳо

ба шарҳу тафсир ниёз дорад, гарду чанги замон бар рӯйи забон, яъне калимаву таркибҳо ва маъониву сувари хаёл низ менишинад ва шорех бояд ин чангу гардро пок бикунад ва шеърро бо ранг ва ҷилои асли он ба хонандагон бинамоёнад ва бо таъми асл ба онон бичашонад, мисли бостоншинос, ки зуруфу аслиҳаи шикастаю зангхӯрдаи қадимиёнро аз зери чанд қабат хок берун меораду хоку чангашро тоза мекунад, мечаспонад, ширеш мекунад, дарзҳояшро мегирад, зангашро дур мекунад ва бо сурату ҷилои аслаш ба намоиш мегузорад. Баъд ӯ ҳам садояшро як парда болотар бурду афзуд: аммо ин нукта ҳам муҳим аст, ки дар замони ҳукумати аълоҳазратам аз ин роҳ боз як суннати фаромӯшшудаи гузаштагонамон эҳё мешавад. Собири Малик майли ифротии Садри аъзамро ба суннатҳои қадим, «ба хидмати имрӯзиён гузоштани мероси гузаштагон», «пайванди имрӯз бо дирӯз ба хотири фардо», ки худаш низ бо ҳар васила тақвият медод, хуб медонист ва ҳоло дар баҳс бо Дониёл, ки вуҷуду ҳузури ровӣ (ва масхарабозро бештар аз он) дар Арк амри беҳуда, анахронизм ва ҳатто ношоиста мешумурд, моҳирона аз он истифода кард. Ва бо калиди тавсифу таъриф қуфли дари қалби Шарофзодаро боз кард ва ниҳоли меҳри ин суннатро аз раҳи гӯш бурду дар мазраъи дили ӯ биншонд. Баъдан низ, ки чанд бор мавриди муносиб пеш омад, бо сухани нарму хушомаду чоплусӣ ба бехи ин ниҳол об монд ва ин дарахти меҳр – акнун ба натиҷае ҳам расидаам, ки шояд дарахти худнамоиву худписандӣ буд? – реша давонду шоху барг ронд.

Ҳар бор, ки чараёни ин суҳбатҳо ва шеваи сухан гуфтани Собири Маликро ба хотир меоварам, ҳамзамон суханони шайх Зайнулобидин ёдам меояд, ки гуфт: Худо, ки донотарини доноҳост морро аз пой маҳрум кард, то битавонад бе садо, нарм ва мулоим ба душманаш наздик бишавад ва ӯро заҳр бизанад. Ва низ итминонам бар ин афзуд, ки таърифи беш аз ҳад барои қалбу ақли одамӣ мисли оби зиёд аз меъёр аст, ки заминро хароб мекунад ва ё чун шароби мускир аст, ки одамро маст мекунад ва аз замини воқеият ба самои хаёлоти воҳӣ мебарад....

Ва низ ҳамин Собири Малик буд, ки Мусофири ровиро пайдо карду овард.

«– Ёдат хаст, – гуфтам ба Муҳаммадсодиқ, – ҳамин Собири Малик набуд, ки рӯзе Мусофири ровиро оварду ба Садри аъзам муъаррафӣ кард? Гуфт, ки дар айни замон дар ин кишвар баробар бо Мусофири Асламзода шеърдону шеършинос надорем. Ӯ ҳаштод ҳазор байт аз ёд медонад, чил ҳазор байт аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва чил ҳазор байт аз дигар шоирони мутақаддиму мутаахир».

«– Албатта», гуфт Муҳаммадсодиқ. Ва низ ба ёд оварду афзуд, аз ҳамон бори аввал, ки Мусофири ровӣ ба Арк омаду шеър қироат кард, дар дили Пакана, чунонки бештар мардум меномиданд, ё худ Ангуштак – лақабе, ки Муҳаммадсодиқ ҳамон бори нахусти дидан дода будаш ва ба зудӣ ба забони мо, гурӯҳи дӯстон нишасту номи аслиашро фаромӯш кардем – оташи рашку нафрат ба ӯ даргирифт. Ангуштак эҳсос кард, ки Мусофири ровӣ ҳаққи ӯро меситонад, дарк кард,

ки пас аз ин маҷбур аст қисме аз таваҷҷуҳ ва таҳсину ситоишҳои Садри аъзам ба шахси худашро бо ӯ, бо Мусофири ровӣ тақсим бикунад ва мисли кӯдаке, ки бозичааашро аз дасташ гирифтааанду ба тифли дигаре додаанд, қаҳру ноз кард, як рӯз ғизо нахӯрд ва ду рӯз аз ҳуҷрааш берун наёмад. Баъд одат кард, ё эҳтимол ба тақдир тан дод, саҳеҳтар бигӯям, ба назари мо чунин расида буд, ки ба тақдир тан додааст…

Мо он замон намедонистем – ва шояд аҳаде ҳам дарк накарда буд, ки Ангуштак на аз он касонест, ки ба тақдир тан медиҳанд, дар баробари мушкилот таслим мешаванд… мо набояд фаромӯш мекардем, ки ӯ ҳеч бадиеро ба шахси худ фаромӯш намекунад, уштуркина аст ва барои интиқом кашидан аз ҳеч василаю воситае рӯй наметобад. Ҳамин Собири Малик буд, ки ҳикоят кард ва баъдан тафсилу ҷузъиёташро аз ину он фаҳмидему хондем…

Ангуштак чандин сол пеш, дар овони баччагӣ аз зери дарахти беди канори боғашон гунҷишкчӯҷаи пойшикастаеро пайдо кард. Чун ба даст гирифташ, гунҷишкак беист даҳон боз мекард ва ҷисми хурдакакаш меларзид, ин ларзиш ба дасти Ангуштак мунтақил шуд, шояд то ба умқи қалбаш низ расид ва эҳтимол ҳамин вазъ буд, ки дар дилаш шуълаи раҳм забона кашид. Гунҷишкакро ба назди ягона шикастабанди деҳ бурд, – шикастабанд хандид, ки аспро наъл задаанд, қурбоққа ҳам пой бардоштаст, – вале пойи гунҷишкакро даст-даст карду молид ва баст ва Ангуштак шодмон ба хона баргашту пайваста вайро бо худ ҳамроҳ дошт, агар ҷойе мерафт,

гунҷишкчӯҷаро ба бағал, даруни пираҳан меандохт, агар дар хона буд, рӯи ҳавлӣ дар назарраси худ ва аҳли хонадон раҳояш мекард ва шабона зери сабади бузург, рӯйи намадпорае нигоҳ медошт. Он қадар меҳр ба ин гунҷишкак баста буд, ки аз баччае мисли ӯ беёру дӯст ва мардумгурезу танҳогард ва дамдузду дарундор ҳеч касе интизор набуд. Чун чанд соле аз миён сипарӣ шуд ва Ангуштак Аркро ғасб кард ва дар мақоми Садри аъзамӣ устувор нишаст, ин гунҷишкак ба яке аз муҳимтарин ва дурахшонтарин саҳифаҳои зиндагиномаи ӯ мубаддал гардид ва дар расонаҳои кишвар онро «далел бар адолат ва бечоранавозӣ ва башардӯстии Аълоҳазрат» шарҳ доданд. Ва аммо муаллифи фаронсавии зиндагиномаи Ангуштак, ки талош кардааст, рӯйдодҳои муҳимми зиндагии ӯро аз назари равоншиносӣ ва равонковии Фрейду Юнг баррасӣ бикунаду шарҳ бидиҳад, меҳри беинтиҳои ӯ ба ин гунҷишкчӯҷаро ба иллати ҷисмонии Пакана марбут донистааст. Луи Пунтуате навишта, ки Муҳриддини Шобадал, – ном ва номи хонаводагии Ангуштак, – ки пас аз ҳаштсолагӣ дигар ба «иллати хоби женҳои рустанӣ» як сантиметр ҳам наёзид, ба сабаби ин камбуди ҷисмонӣ, ки боиси масхара ва заҳрханди бачаҳо ва таассуфу сарҷунбонӣ ва нигоҳҳои дилсӯзонаи бузургсолон мешуд, ки дар қалби Муҳриддини кӯчак бештар аз пӯзханду масхараи баччагон аламу ранҷ мебарангехт – ҳеч дӯсте надошт ва танҳо бузург шуд, дар сурати ин гунҷишкаки заифи пойшикастаи бечораҳол худро дида буд ва ё ҳадди ақалл мавҷуде мушобеҳи худро ва ин, ки вай тавонист пойи

шикастаи гунҷишкро дармон бикунад, шамъи умеде дар дилаш равшан карда буд, ки шояд замоне пизишки ҳозиқе пайдо бишавад, ки худи вайро низ табобат бикунад ва ё муъҷизае рух бидиҳаду қадди ӯ биёзад. Ва ҳамчунин, рӯзе ки гунҷишкак кушта шуд, барои Муҳриддини Шобадал танҳо мурдани як гунҷишк набуд, балки – мудҳиштар аз он – кушта шудани орзуву умедҳои худаш низ буд. Албатта, ҳама тафсилоте, ки Пунтуате дар ин боб навиштааст, дар ёд надорам, вале хулосааш ҳамин буд...

Вале ҳоло баргардем...

Собири Малик ҳикоят кард, ки рӯзе ниҳоятан гурбаи ҳамсоя ин гунҷишкакро зери чангол оварду бихӯрд. Муҳриддин гунҷишкро рӯйи ҳавлӣ танҳо раҳо карду аз пайи коре ба хона андаррафт ва пас аз чанд дақиқа, ки берун омад, гунҷишкро надид, дилаш аз эҳсоси пешомади шуме таҳ рафт, сахт-сахт задан гирифт, бо шитобу таҳлука ба ҳаёт даромаду дар гӯшаи боғ, зийи девор чашмаш ба парҳои рехтаву парокандаи хунолуд уфтод. Осемасару ваҳшатзада ба атроф чашм давонд ва дар зери дарахти себи миёнаи ҳаёт гурбаи ҳамсояро бо лабони хунолуда дид. Ин гурба чанд рӯз пештар гунҷишкро, ки аслан парвоз наёмӯхта буд ва танхо пушту паноҳаш одамон буданд, зери чашм карда буд ва ҳеч намехост чунин туъмаи осону муфтро раҳо бикунад, фурсати муносиб меҷуст ва акнун имрӯз чунин фурсат пеш омада будаш. Пакана ба дунболи гурба уфтод. Гурба бо як хез худро аз рӯйи девор ба боғи соҳибаш гирифт ва аз фарти сангинӣ ва танбалии роҳатбахши пас аз ғизои

лазиз ва осудахотир аз он ки аз рақиб халос шуд, дум боло кардаву ликонида ва бо забон хунҳои шахшудаи атрофи лабонашро лесида рӯй-рӯйи ҳавлӣ гаштан гирифт. Аммо пас аз ду-се дақиқа Ангуштак шитобон аз дарвоза дарун омад ва фақат тасодуф ва ё шояд асабонияти Ангуштак, ки ба иллати он наметавонист диққаташро тамаркуз бидиҳад, сари гурбаро аз чӯбдасти ғафс – дастаи бел, ки бо шаст ба замин фуруд омад ва бар асари ин шиддат аз дасти Пакана раҳо шуду уфтоду ғелид, начот дод. Гурба чангол зада ба дарахти бузурги пуршохубарги гелоси буни девор баромад ва аз он ҷо худро ба болои бом гирифт ва чун Ангуштак низ бо ачалаву осема аз нардбон боло омад, боз ҳам чобук аз роҳи ин дарахт ба замин фуруд омаду гурехт рафт. Ангуштак аз дунболи ӯ шуд, аз боғ ба боғе, аз ҳавлие ба ҳавлӣ, аз гузаре ба гузаре месурондаш, аз пасаш санг меафканд, роҳро миёнбур мекарду дар паси деворе, харсанге, ё дарахте камин мегирифт, роҳашро мепоид, вале ҳама фанду найранг, ҳама кӯшишу талошҳояш беҳуда буд, на ба қадамҳои кӯтоҳу дави сусти худ метавонист гурбаро дарёбад, на сангаш ба нишон мерасид. Ва ниҳоятан, пас аз он ки чандин маротиба пишакро гум карду пайдо намуд, чанд бор нишасту нафас рост кард ва ду бор аз дунболи гурба деҳро давр зад, хаставу алаҳда шуд, фаҳмид, ки бо таки по наметавонад гурбаро дарёбаду дастгир бикунад; пишак ҳам тезтару сабуктар медавид, ҳам метавонист ба осонӣ аз деворҳои баланди сархордор хез бикунад, аз обмӯриҳои танг хазида бигзарад, аз дарахт ба бом равад ва аз бом ба боми дигар

бичаҳад ва роҳи нимсоатаи вайро дар чанд дақиқа тай бикунад. Ва Ангуштак фаҳмид, ки бояд интизори фурсати муносиб бошад, роҳи фиребро пеш бигирад ва дарк кард, ки роҳи фиреб низ мисли роҳи раҳоӣ танҳо аз тариқи акл аст ва танҳо ҳамин ақл аст, ки вайро бар гурба имтиёз медиҳад. Бо ин ҳол, ҳар бор, ки гурбаро медид, наметавонист аз санг партофтан ба ҷониби вай худдорӣ кунад. Аммо шояд боз ҳам ба иллати камбуди ҷисмонӣ буд, ки санг афкандан – ин нахустҳунари тамоми баччагони ҳамаи қавмҳои оламро ба дурустӣ наёмӯхта буд ва ё наметавонист ва боре ҳам муваффақ нашуд, ки «тир ба нишон» бирасонад ва пишакро ҳадди ақал мачрӯҳ кунад. Аммо гурба низ ба зудӣ фаҳмид, ки душмане пайгиртар ва бадхӯтар аз саг пайдо кардааст ва баробар бо дидани ӯ фирор мекарду фурсату мачол намедодаш.

Ва агар ба Ангуштак муяссар шуд, ки танҳо пас аз се моҳ пишакро дастгир бикунад ва он ҳам тасодуфан ва бидуни саъйу талоше – духтараки ҳамсоя гурба дар бағал дар нимкати назди дарвозаашон нишаста буду пушташро мемолид ва Пакана ба осонӣ чанг заду гурбаро аз дасти духтарак гирифт – ва агар бо гузашти ин ҳама муддат оташи аламу ғазаби гунҷишкро хӯрдани гурба дар дилаш фурӯ нанишаста буд, ин амрро танҳо ба кинатӯз будани ӯ метавон ҳамл кард. Ангуштак ба гиряи духтарак эътиное накард, гурбаро якрост ба канори ҳавлӣ бурд, – то дар паноҳи шоху барги анбуҳи дарахтон аз нигоҳи аҳли хонавода эмин бошад, – аввал дасту пойҳояшро баст – гурба ором намеистод, албатта, садо

дармедод, ханҷол мекашид ва дасту рӯйи Ангуштакро харошидаву хуншор кард, вале вай дарде эҳсос накард, ба хуни дастону рӯяш эътино надод, балки хунсардона зеркундаро пеш кашид, гурбаро дар рӯйи кунда монд, тахтаи дигареро кашола карда оварду дар болои гурба гузошт, тахтабандаш кард ва табарро болои сар бардошту бо тамоми неруе, ки як ҷавони ноқисандоми ёздаҳсола дорад, ба рӯйи тахта зад. Боз табар боло бардошта шуду ба рӯйи тахта фурӯ кӯфта шуд. Боз, боз, боз. Заду заду зад ва то писари ҳамсоя сарфаҳм рафт, ки хоҳараш дар миёни ҳиқ-ҳиқи гиря чиҳо мегӯяд ва то давон-давон расиду омад, аз гурба танҳо омехтае аз хуну гӯшту пашм монда буду бас ва чанг ба гиребони Пакана задану пеш кашидан ва таппончае ба рӯяш фуровардану бо шаст тела доданаш, ки Пакана бар асари он ба пушт афтод, фақат барои таскини дил ва фурӯ нишондани қаҳру ғазабаш буд.

Луи Пунтуате, ки низ ин воқеъаро бо тафсил, вале каме бо лаҳну шеваи дигар, дар китобаш овардааст, онро гувоҳ ба азми росих ва собитқадам будани Муҳриддини Шобадал дар амри ноил омадан ба аҳдофаш шарҳ додааст. Ва шояд ҳамин лаҳни нарм, тавҷеҳоти равоншиносии рафтори гоҳе ғайримаъмул ва берун аз одати «қаҳрамон»-и китоб, ки муҳтавои навиштаи Пунтуатеро асосан мусбат кардааст ва баъзе нуқоти интиқодии онро талофӣ мекунад, сабаб шудааст, ки мегӯянд, Муҳриддини Шобадал ба ҳар намояндае, ки аз хориҷи кишвар меомад, нусхае аз чопи франсавӣ ва ё тарҷумаҳои ингилисӣ, русӣ ё арабии онро бо соядасти худ, ки аз хатти

дастанавиштааш нусхабардорӣ карда, ба сурати муҳр сохта буданд ва ба сафҳаи аввали китоб пахш мешуд, туҳфа мекард. Ва низ китобро бо фармоиши худи Ангуштак тарҷума ва дар дабистону дабиристон, омӯзишгоҳу донишгоҳ, масҷиду мадориси кишвар мунташир карданд ва шоирону рӯзноманигорони тамаллуқпеша, ки ҳамеша ба дунболи фурсате ҳастанд, то баҳонае пайдо бикунанду ӯро ситоиш бикунанд, ин амрро нишони мунсиф ва тарозуи адл будани Аълоҳазрат шарҳ доданд. Ва аммо он чи ки Луи Пунтуате гуфтааст бо он чи мо – ман ва Рашиди Аъзам муътақид будем ва ман ҳанӯз ҳам итминон дорам, ҳеч танокузе надорад. Муаллифи фаронсавӣ танҳо аз ин амр сарфи назар кардааст, ки муҳаррики азми росих ва собитқадамии Муҳриддини Шобадал ҳам дар ин маврид ва ҳам дар бештари маворидӣ дигар кина ва эҳсоси интиқом асту бас. Вале оё Пунтуате воқиан ин амрро нафаҳмидааст ва ё фаҳмидаву сарфи назар кардааст, ва ин сарфи назар кардан – ё худ «фаромӯшӣ», чунонки Рашиди Аъзам муътақид буд, бо ғараз ва амдан сурат гирифтааст? Баъд аз он ки китоби «Худованди сарнавишти худ» дар Порис ба чоп расид (ва нуктаи ҷолиб ин ки китоб натиҷаи ду сафари кӯтоҳи Луи Пунтуате ба кишвари мо буд – яке ба муддати 10 рӯз ва чанд моҳ қабл аз ба қудрат расидани Ангуштак, ки он вақт ман ҳам бо ӯ ҳамсуҳбат шуда будам ва дигаре ба муддати ду ҳафта дар замоне, ки Ангуштак дигар беш аз шаш моҳ шуда буд, ки нафари аввал дар кишвар буд ва китоби ӯ пас аз ҳашт моҳи ба қудрат расидани Ангуштак чоп шуд) ва Рашиди Аъзам

онро дастрас карду мутолиъа намуда буд, ба мо гуфт, интизор бошед, дар мунақисаи манбаъи нафтии Хоҷа Дастидароз ширкати фаронсавӣ баранда мешавад ва воқеан ҳам пас аз ду моҳ чунон шуд, ки ӯ пешбинӣ карда буд.

Ва аммо дар охири сол, гумон мекунам, нимаҳои моҳи декабр буд, Собири Малик Мусофири ровиро ба Шарофзода муаррафӣ кард ва ӯро ба ҳайси коршиноси аршади масоили фарҳангӣ дар дафтари Садри аъзам истиҳдом карданд, чунонки масхарабоз Муҳриддини Шобадал низ ба унвони мушовири масоили иҷтимоӣ дар ин дафтар ба кор қабул шуда буд. Ва пас аз ду-се рӯз аввалин маҷлиси Ҳофизхонӣ баргузор гардид. Ба донишмандону устодон аз Фарҳангистони улум ва донишгоҳҳои пойтахт, шоирон, нависандагон, рӯзноманигорон, ҳунарпешагон, бархе аз вазирон, намояндагони маҷлис ва раисони шаҳру навоҳии наздик даъватнома фиристоданд, тамоми кормандони дафтари Садри аъзамро ба толори бузурги Арк даъват карданд ва пас аз суханронии кӯтоҳи Собири Малик – мушовири фарҳангии Садри аъзам, Мусофири ровӣ паси минбар рафт ва бо садои ширадори баланд се ғазал аз саҳифаҳои мухталифи девони Лисонулғайб, ки зоҳиран аз қабл интихоб шуда буданд, қироат кард ва баъзе байтҳоро шарҳу тафсир дод. Чанд нафар аз олимону шоирон, – ба назар мерасид, бештар барои изҳори фазл, – бархостанд, ибрози андеша карданд ва чун шахси худи Садри аъзам ҳузур дошт, оташи баҳсу мунозара забона заду доман густард ва маҷлиси шеър, гӯӣ ба бозори мол тадбил ёфт. Худобиомурз Ша-

рофзода, мусалламан аз ин амр хушаш омада буд, зеро чун паси минбар рафту нигаҳе кӯтоҳ ва сарсарӣ ба нишастагон давонд, дар лабаш табассум гул мекард ва чашмонаш медурахшиданд. Аз рӯйи вараке, ки худи Собири Малик қаблан навишта буд, чанд ҳарфи қолабӣ ва забонзад аз тоҳрих ва аҳаммияти маҷлиси қироати шеър, аз суннати Ҳофизхонӣ гуфт ва таъкид кард, ин расм бояд муҷаддадан эҳё бишавад, чунин нишастҳо дастикам моҳе ду маротиба мунтазам баргузор гарданд ва мероси фарҳангӣ ва маънавии гузаштагон бояд барои расидани миллат ба ояндаи дурахшон хидмат бикунад.

Ва дар маҷлиси севум, ки дар рӯзҳои аввали моҳи март баргузор гардид, Мусофири ровӣ ин ғазалро қироат кард:

Зи кӯйи ёр меояд насими боди наврӯзӣ,
Аз ин бод ар мадад хоҳӣ, чароғи дил барафрӯзӣ

Ва чун ба байти:

Сухан дар парда мегӯям, чу гул аз парда берун ой,
Ки беш аз панҷ рӯзе нест ҳукми мири наврӯзӣ –

расид, онро ба такрор қироат кард, лаҳзае хомӯш монд, ба нишастагони толор чашм давонд ва шарҳ дод, ки дар гузашта дар остонаи Наврӯз нафареро, – маъмулан масхарае, далқаке, ширинкореро – мир ё шоҳ эълом мекарданд, ин мир ҳам аз имтиёзҳое бархурдор буд, ки мирон ё шоҳони воқеӣ: аҳли рикоб дошт, мулозимон дошт, аъёну ашроф дошт, вазиру миршаб дошт, қозиву зиндонбон дошт. Яъне ҳар мақому мансабе, ки дар дарбори шоҳон буд, айни онҳоро ҳам ин шоҳи дурӯғин барои худ интихоб мекард. Ва эшон ҳар

ҳукме, ки аз ин шоҳ ё мир содир мешуд, бе каму кост иҷро мекарданд. Ин ҳама, ки албатта, барои хушгузаронӣ ва ҳазлу шӯхӣ анҷом мешуд, бо майлу хости шоҳи аслӣ ду-се рӯз, ё панҷ-шаш рӯз идома меёфт. Ин шахсро шоҳ ё мири наврӯзӣ унвон мекарданд. Яъне, Лисонулғайб мефармояд, зиндагиат мисли амру дастурҳои мири наврӯзӣ, ки фақат барои муддати кӯтоҳе – чор-панҷ рӯз муассир ва қобили иҷрост ва аслан бозию шӯхие беш нест, чанд рӯз зиёдтар идома намеёбад, ҳушёр бош ва вақтро муғтанам шумор, ки ин гул ҳам ки имрӯз шикуфта мебинӣ, фардо нигарӣ хазон шудааст.

– Ҷолиб аст, – гуфт Шарофзода, – хеле ҷолиб аст, ба хурмати Худо, – ва баргашту ба касони нишаста дар чапу рост нигарист ва онҳо низ фавран ба овоз ё ишораи сар тасдиқ карданд, ки бале, бале воқеан аҷиб ва ҷолиб аст, аълоҳазрат!

2

Шояд ним соат ё чиҳил дақиқаи дигар то омадани Манижа мондааст. Дар паси тирезаи ман, ки гоҳе гӯшаи чашм ба он меафканам, пойи раҳгузарон аҳёнан ба дид меоянд. Ман ба ҳуҷраи васат медароям, оҳиста, бо каме тарс – мабод, ки набошад, борҳо шуда, ки об аз як соату ду соат то як рӯзу се рӯз қатъ шудааст! – калиди шири обро боз мекунам, – Худоро шукр, ҳаст – об меояд, гилолуд ҳам нест, ҳаво, ки софу офтобист, об ҳам соф, тоза аст, дасту рӯй мешӯям. Баъд ба нимии офтоба об мегирам. Рӯйи оташдон мегузора-

му оташ дармегиронам. Даҳ-дувоздаҳ дақиқа кофист, ки об ширгарм бишавад. Ба дӯлча об мегирам, васоили риштарошиамро мебардорам ва ба назди тиреза меорам. Ойинаро дар чорчӯби тиреза такя гузошта, омодаи риш тарошидан мешавам. Ба ойина ба чеҳраи шиноси марди ошно менигарам, ӯ ҳам ба ман нигоҳ медӯзад, мо чашмбаракон мекунем. Манижа мегӯяд, ман хеле тағйир ёфтаам, дигар шудаам. Албатта, мегӯям, дар ин замон, пас аз ин ҳама офату балоҳо, ки аз сару дил гузашт, фақат аблаҳону беномусон метавонанд тағйир наёбанд. Не, мегӯяд, манзурам афкору андеша ва хислату хӯй нест, чеҳраатонро мегӯям. Чеҳраам? Бале, лоғартар шуда, сафедтар шуда. Ва пас аз лаҳзае диранг меафзояд: ҷавонтар шудаед. Намедонам ба ҷид мегӯяд, ҳазл мекунад, ибрози лутфу ноз аст, ё киноя мезанад! Ва ё барои таскини дили ман мегӯяд! Албатта, мегӯям, ду сол рӯйи одамӣ офтоб набинад, чӣ мешавад?! Лоғарӣ ҳам амри табиист... Вале худам ҳеч тағйире дар чеҳраам намебинам. Зеро ҳар рӯз ба ойина менигарам, нигаристан ба ойина ба ойини ман бадал шудааст, ҷузъи ҳатмӣ ва иҷбории барномаи ҳамарӯзаи ман аст; чунонки граф Монте Кристо тани худро ҳамарӯза бо фурӯ бурдани зарра-зарра самм ба заҳр мутобиқу муқовим карда буд, ман низ ҳамарӯза чашмонамро бо чеҳраам шинос мекунам; балки фурсат намедиҳам чеҳраам барои чашмонам бегона шавад, тағйиру дигаргунӣ ба оҳистагӣ, андак-андак сурат мегирад ва чашмам наметавонад ин дигар шуданро ташхис бидиҳад. Ҳар рӯз ба ойина менигарам, агар ба ойина нанигарам, метарсам

рӯзе чашмонам дар муқобили худ марди бегонаро бибинанд. Ҳар рӯз – баъзан рӯзе ду-се бор ба ойина менигарам, вале ҳафтае фақат як бор риш метарошам, рӯзе ки Манижа меояд. Намехоҳам афтодаву афсурда бибинадам. Ва ҳамчунин намехоҳам ба бепарвой хӯ бикунам; намехоҳам зиндагӣ бароям бетафовут бошад; чунонки варзишкорон ҳамарӯза тамрин мекунанд, то ҳамеша дар муқобили ҳариф ва дар майдони рақобат сохтаву омода бошанд, ман ҳар рӯз ба худ бегона нашудан аз зиндагиро, бепарво нашудан ба ҳаётро талқин мекунам. Намехоҳам душманком бошам. Агар масъалаи ҳезум набуд, шояд ҳатто дар ду рӯз як бор риш метарошидам. Манижа наметавонад бароям ҳезум биёварад, иҷозат ҳам намедиҳамаш, намехоҳам ҷалби таваҷҷуҳ кунад ва боиси суолҳои нолозим шавад. Ҳезумро аз иморати болои сарам меоварам, гоҳе шабона равзанаро боз мекунам, – фақат шабона, рӯзона боло рафтанро ҳаргиз ба худ иҷоза намедиҳам, Михайлич низ мукаррар таъкид карда буд: фақат шабона, фақат пас аз фаро расидани торикӣ; боэҳтиёт – танамро ба табақаи аввал мекашам, муддате бозмеистам, то чашмонам дар торикӣ ашёро ташхис додан тавонанд ва баъд оҳиста пой бардоштаву оҳистатар фурӯ гузошта барои пайдо кардани ҳезум мегардам. Ду-се чӯб пайдо мекунаму зуд бармегардам. Гоҳе мебинам, чанд чӯбпорае наздики равзана хобидааст, албатта, Михайлич гузоштааст, то ҳарчи зудтар ба таҳхонаи худ баргардам. Дар табақаҳои аввалу дувум эҳтимол дигар чӯбу тахтапорае боқӣ намондааст, ахиран чанд раҳ ба табақаи охирин раҳ бур-

дам ва ба душворӣ ҳезум пайдо мекунам. Ҳезумро эҳтиёт мекунам, баробари гарм шудани об, ҷӯшидани об, гарм шудани ғизо осӯхтаву нимсӯхтаҳоро аз оташдон берун мекашаму хомӯш мекунам.

Ниҳоят риш метарошам, ба ҳуҷраи васат бармегардам, бо оби ширгарми бозмонда дар офтоба рӯямро мешӯям. Рахти хобро боз мекунам, омода мекунам. Баъд либос иваз мекунам, пираҳани сафедамро ба тан мекашам, назди ойина истода, галстук мебандам, шиму кастумамро мепӯшам, то ки Манижаро ба гунаи шоиста, ончунонки сазовори бонуи ҷавону ҷаззоб бошад пешвоз бигирам ва баъди даҳ-понздаҳ дақиқаи дигар, ин ҳамаро боз яке-яке бадар бикунам. Ва худро ба оғӯши Манижа бисупорам. Муддате худрову оламро фаромӯш кунам; ҷаҳону ҳастиро дар ин як маҳдудаи танги се-чаҳор метримураббаъӣ ҷамъ биёварам. Қаблан, дар чанд ҳафтаи аввали омаданам ба ин таҳхона, ин амр аслан имкон надошт, ҳавосам парешон, ҳушам ба берун буд, ки Худо накарда, полисҳо ба дунболи Манижа омада бошанд ва пас аз чанд лаҳзае ҳуҷум биёваранд, ҳамеша гӯш ба қимор будам ва лаззате ҳам аз ин қаробат намеёфтам. Баъд, Худоро шукр, одат кардам.

Мунтазири омадани Манижаам. Танҳо ба ӯ меандешам, чашмам, гӯшам, ҳушам, тамоми вуҷудам мутаваҷҷеҳ ба дари филизии бузург ва пушти ин дар аст. Чун меояд, аввал садои пасти боз шудани дари болоро мешунавам, дарро маъмулан Михайлич боз мекунад, баъд дар баста мешавад ва пас аз панҷ-даҳ сония садои қадам-

занӣ дар поғундаҳои оҳанӣ ба гӯш меояд. Вале гоҳе фосила дар миёни садои бозу баста шудани дар ва ошарфи пой бештар аст: понздаҳ-бист сония, дар ин мавридҳо медонам, ки дарро худи Манижа боз кардааст. Баробари шунидани садои боз шудани дари боло ман ба паси дари поин меоям, возеҳ садои зарабони қалбамро мешунавам, чашм ба роғи дар менихаму менигарам, медонам, ки чизеро дида наметавонам, як метр дуртар аз дар девор бардоштаанд, то ин роҳравро аз роҳрави дигар ҷудо бикунанд; девор то ба шифт намерасад, аммо нигоҳи маро масдуд мекунад; медонам, ки ҷуз сиёҳии девор чизеро намебинам, бо ин ҳол, ҳар бор чашм ба роғи дар менихам, нигоҳ кардан ба дарзи дарро ҷузъе аз маросими пешвоз гирифтани Манижа кардаам. Ошарфи пой хафиф мешавад, яъне Манижа аз зинаҳо фуруд омада, ба роҳрав ворид мешавад ва се ё, ниҳоятан, чаҳор дақиқа мегузарад, то ба охири роҳрави аввал бирасад, ба роҳрави мувозии он ворид бишавад ва ба самти муқобил ба паси дари ман ояд. Ба паси дари зиндони ман меояд, кӯтоҳ месурфад, се бор оҳиста калидро ба паси дар мезанад, ман ҳам калид ба дар мезанам, як бор; ва аввал ӯ калид ба қуфл ворид мекунад, қуфли самти ӯ қуфли берунист, қуфлро мекушояд, баъд ман, қуфли самти ман қуфли дарунист. Дар боз мешавад, Манижа меояд, қуфл дар дасташ, ман аввал се қадам ба ақиб мегардам, аз паси дари боз, аз болои девор, ки ҷойи ду хишти дигар то ба шифт холист, ба самти дари боло менигарам ва гоҳе анвори офтобро, ки аз роғҳои дар ворид шуда, ба шифти роҳрав бармехурад ва

рӯшнояш шикаста то чеҳраи ман, то чашмони ман мерасад, мебинам. Баъд осемасар дарро мепӯшему қуфл мекунем.

3

– Эҳ-ей, биист, биист! Биист гуфтам, биист!

Садо аз пас меояд, лаҳнаш ба гӯшам ошно мерасад, меистам, бармегардам, нигаҳам ба ҷустуҷӯ меравад: раҳгузарон ба болову поин, ҳар касе ба дунболи кори худ мешитобанд. Кист? Шояд хатибу мухотаб ин ду мард буданд, ки ба якдигар расидаанд ва яке даст афшонда, ҳарф мезанаду дигаре хомӯш гӯш ба ӯ додааст ва аз канори ман гузаштанду рафтанд.

Бармегардам ва ду-се гом менихам.

– Биист гуфтам, муаллим, биист!

Ин бор мебинамаш, мешиносамаш, дар миёнаи хиёбони васеъ истода ва интизори рад шудани мошинҳост, ки паси ҳам, бидуни лаҳзае таваққуф ба чапу рост медаванд. Бо даст ишора мекунад, ки сабр кунам. Бале ӯст, Нори дароздаст аст.

«Салом, профессор!». Даст дароз мекунад. Суоломез, бо тардид, андаке бо таъхир, даст дароз мекунам; намехоҳам асабонӣ шуданамро бифаҳмад. Бо ҳаракати тезу тунд дастамро байни панҷааш мегирад, сахт-сахт меафшонад ва ҳамзамон ангуштҳоямро мефишорад, дасташ неруи зиёд надорад, вале ангуштонаш дарозу лоғар аст, ба ҳадде ки устухонҳояшро эҳсос мекунам;

талош мекунам, худро ором нигоҳ дорам, озор ёфтани ангуштонамро иброз накунам, на бо сухан, на бо нигоҳ, на бо камтарин ҳаракати боф-тае дар чеҳраам.

«– Нор, – худро муаррафӣ мекунад ӯ, – вале ҳама Нори дароздастам мегӯянд, дастдароз лақабам, ҳама мардуми шаҳр ба ҳамин лақаб мешиносандам, чунки ба ҳама ҷо дастам мерасад, дар ҳама ҷо ёру ошно дорам, войу вой ба ҳоли касе, ки ба ман душманӣ кунад, пеши роҳама гирад, аз сад ҷонаш як ҷонаш халосӣ надорад, аз сӯрохи муш ҳам кашола карда мебарораму аз лонаи уқоб ҳам кашида мефурорамаш. Шунидагистӣ, албатта?». Аз даҳонаш бӯйи бади шароб меояд, вале чандон маст нест, чашмонаш бозӣ мекунанд, забонаш намегирад.

«– Не, ҳеч нашунидаам. Акнун, ки гуфтед, фаҳмидам. Чӣ хидмат, бифармоед!». Махсус лаҳни истеҳзоомезро интихоб мекунам, то гумон набарад, ки тарсидам ва ҳам мехоҳам асабонӣ шуданамро зери пардаи истеҳзо пинҳон дорам... Ҳанӯз дастам дар дасташ, дигар намеафшонад, вале ҳоло ҳам фишор меоварад. Вале сусттар, хаста шудааст, эҳтимол....

«– Мо албатта, мисли худат саводи зиёд надорем, профессор нестем, дар донишгоҳ дарс намедиҳем, лекин ин қадар адаб дорем, ҳамин қадар медонем, ки як нафар, ки номашро гирифту худашро шинос кард, нафари дигар ҳам худашро шинос мекунад. Номи маро фаҳмидӣ, лекин номи худатро нагуфтӣ!»

Фишори панҷааш боз ҳам заъифтар шудаанд, якбора, ғайри интизори ӯ дастамро бо шаст ме-

кашаму раҳо мекунам; вай мувозинаро гум мекунад, калавида ба пеш меояд ва сараш ба китфи чапи ман бармехӯрад. Вале зуд худро ба даст мегирад, қадаме ба ақиб мегузорару боз рост дар рӯ ба рӯйи ман қарор мегирад, қиёфааш чун пешина ором аст, гӯё коре нашуда бошад, захрханде гирди лабонаш падид меоварад.

« – Медонӣ, ки профессор ҳастам, дар донишгоҳ дарс медиҳам, гумон мекунам, номамро ҳам медонӣ ва яқин медонам, ки барои шинос шудан наомадаӣ, бигӯ, чӣ мехоҳӣ, ман вақти зиёд надорам?»

« – Мехоҳам, ки дигар ҳеч вақт бо Манижа набинамат, мехоҳам аслан ба ӯ наздик нашавӣ, олим, ки ҳастӣ, бояд гапа бифаҳмӣ, агар омӣ мебудӣ, аслан гапат намезадам, ду мушти обдор ҳаҷ доштӣ, як мушт аз таги колинги чапат, як мушт ба колинги ростат. Ман шӯйи Манижаам».

Ман ҳам гӯё изҳори ҳайрат мекунам, агарчи аз дақиқаи аввал шинохта будамаш:

« – Аҳ-а. Шумоед шавҳари собиқи Манижа?! Таърифатонро зиёд шунидаам».

« – Шунида бошӣ, боз беҳтар. Медонӣ, ки бо кӣ сару кор дорӣ».

« – Шуморо додгоҳ расман ҷудо кард, дигар зани ту нест, кордораш набош».

« – Вале ман ҷавобаш надодаам, агар ту дар миён пайдо намешудӣ, кайҳо ба хона бармегашт».

« – Худашро пурсидӣ? Манижа, комилан баръакси гуфтаҳои туро мегӯяд. Биё, равем, аз худаш мепурсем». Фаҳмидам, ки иштибоҳ кар-

дам, албатта, Нор, эҳтимолан, ин суханро нишонаи заъф мепиндорад.

« – Гӯш кун, профессор, ин масъалаи байни ҳар дуи худамон аст, занро дар миёнаи гапи мардон ҳамроҳ накун. Мо аввал масъалаи худамонро ҳал мекунем. Ту аз сари роҳ дур шав, ба чӣ тавр баргардонидани ӯ корат набошад, ман худам медонаму Манижа».

« – Аслан умедвор набош!».

« – Ман огоҳат кардам, дигар худат медонӣ, дубора гап намезанам, бори дигар муштам гап мезанад, муштам худамворӣ баадабу мулоимсухан нест, ду мушт зиёдтар хаҚ надорӣ, ба ҳурмати Худо».

« – Дасташ ба ҳама ҷо мерасад?! – Манижа баланд механдад, хандааш софу сода нест, таҳлаҳчаи дарду алам дорад. – Э, Худое, ҳоло ҳам лоф мезанад? Чанд бор бо дасти шикаставу сари кафида ба хона омада буд. Зӯраш фаҚат ба ман мерасид. ФаҚат ба сари ман мушт мебардошт. Чунки ман дам ба дарун, лаб мегазидаму хомӯш мешиштам, аввал тоҚат мекардам, ки зан бояд босабру таҳаммул бошад, ҳамин тавр тарбия карда будандам, баъдан худамро гунаҳкор ҳам эҳсос мекардам. Дар кӯча шаллоҚ мехӯрд, аламашро аз ман мегирифт. Ба ғайри ду-се нафар мисли худаш сияҳмасту ҳарзагард ёру ошно ҳам надорад. Хостаст, ки шуморо тарсонад».

Хостам ҳазл кунам:

« – Маро метарсондагӣ ҳанӯз аз модараш ба дунё наомадаст».

Аммо Манижа сухани маро гӯё нашунид, ё лофи мардӣ пиндошту паси гӯш кард, ба ҳар сурат гумон дошт, ки аз Нор тарсидаам.

« – Бояд ба вай мегуфтед, ба навъе мефаҳмондед, ки аз дӯғу пӯписааш натарсидаед, ҳоло боз пеши роҳатонро мегирад, ором намегузорадатон».

Ва Нор, воқеан, боз ду бори дигар дар кӯча нигоҳ доштам, дар ҳоле ки ба худи Манижа аслан наздик намешуд. Тавҷеҳаш ин буд, то даме ки ман дар канори Манижа ҳастам, сухан гуфтанаш бо ӯ беҳуда аст, ба суханаш гӯш намедиҳад. Боз ҳамон суханон, боз лофи мардӣ, боз таҳдид: бояд худро аз Манижа дур гирам, марде ки худашро ҳурмат мекунад, издивоҷ бо зани дигаронро, ҳатто бева бошад ҳам, нангу ор медонад; ин бори охир аст, ки ҳушдорам медиҳад, агар бори дигар бо Манижа бибинадам, сию ду дандонамро мешиканад. Дафъаи охир сахт маст буд, бо душворӣ сари по меистод, ҳини сухан гуфтан мекалавид, қадаме ба ақиб мегузошт, худро нигоҳ медошт ва боз қадаме пеш меомаду таҳдидро идома медод. Чун дид, ки ман бо садои паст ва нарм ҳарф мезанам ва фаҳмид, ки намехоҳам диққати раҳгузаронро ҷалб бикунам, баркасд баландтар садо кард ва раҳгузарон, мардону занон баргашта нигоҳамон мекарданд. Ва чун чанд нафар ҳангомаҷӯй аз роҳ рафтан бозиститоданд, каме дуртар, бо баҳонаҳое, – яке гӯё риштаи сустшудаи ботинкаашро аз нав мебаст, дигаре рӯзнома мехарид, – таваққуф карданд, мунтазир буданд, кай даст ба гиребон мешавем, шармам омад, ки шиносе дар ин вазъ бибинадам

чӣ мегӯяд; идомаи суҳбат ва ё беҳтар аст бигӯем, ҷанги лафзӣ бо аҳмақеро кори беҳудаву аҳмақона донистам ва зуд рафтам.

Аз пас садояш баланд шуд: «Тарсидӣ, гурехтӣ». Ва баъд зоҳиран рӯй ба тамошоиёну ҳангомаҷӯён овард: «Тарсид, гурехт». Ва ғолибонаю мамнун аз худ баланд хандид!

Ҳам сабаби аслии ҷудо шудани Манижа аз Нор ва ҳам издивоҷаш бо ман фарзанд надоштани онҳо, саҳеҳтар бигӯям, безурётии Манижа буд. Ӯро гаҳворабахш карда буданд ва аз хурдӣ медонист, ки писарҳолааш Нор номзадаш аст. Ҳафт-ҳашт моҳи пас аз издивоҷашон хушу хуб гузашт; албатта, Нор гоҳе бо таъхир ва ширакайф ба хона меомад, ғоибона касонеро душном медод, таҳдид мекард, ки ба чашмашон нишон медиҳад, ҳоло ба дурустӣ нашинохтаанд, ки Нор Исломӣ кист, вале ба Манижа аслан сухани баде намегуфт, чи расад ба он ки даст расонадаш. Манижа низ коре ба нӯшиданаш ва дӯғмастиҳояш надошт; медонист, ҳар кас заъфе дорад ва заъфи Нор ҳамин лофу газоф ва душному таҳдидҳояш ба душманон ва рақибонаш аст, ки бештаринашон ноаён буданд, ба ҳар сурат Манижа боре ҳам надида будашон ва шояд, танҳо дар олами хаёли Нор вуҷуд доштанд ва бархе ҳам, ки шахсияти воқеӣ ва малмус доштанд, худашон эҳтимол аз ҳастии Нор аслан бехабар буданд. Аммо бо гузашти моҳи ҳаштуми зиндагиашон ҳама чиз тағйир ёфт. Боре боз ширакайф омад, тугмаҳои кастумаш боз, тугмаи гиребони куртааш кушода, гиреҳи галстук ба поён кашида,

ду даст дар ду кисаи шим васати хона чун мулӯҳи миёнаи полез истех истод, рост ба чашмони Манижа нигарист ва бидуни ҳеч муқаддамае пурсид: «Ту, ҳамин тур гаштан мегирӣ акнун, аз одамо, аз хешу табору ҳаққу ҳамсояҳо шармат намеояд? Кай бачадор мешавӣ, охир»?! Манижа лолу музтариб монд, ашк аз чашмонаш таровид, надонист чӣ гӯяд ва ба ошпазхона панаҳ бурд. Пас аз ду-се рӯз ин вазъ боз такрор шуд: «Намебинӣ ёру чӯраҳо, хешу ҳамсояҳо ҳар рӯз ба хатнасур даъватам мекунанд, ман ҳам бояд чавоб гардонам, мусичаи бегуноҳ ворӣ гаштан нагир, ман ҳеч айб надорам, то туро гирифтанам, се занак аз ман дучон шуд, дутеш пинҳонӣ сиқти чанин кард, яктеш шописар зоид, шӯйи гаранги аблаҳаш «нарашери додош» гуфта, фахр карда, сари даст бардошта гаштаст». Баъдан гилаву таънаро душному таҳқир иваз кард ва пас аз муддате заҳри забонро мушту лагад таҳвият медод. Ҳар қадар ҳафтаву моҳҳо бештар мегузаштанд, ба шиддати ҳақорату душном ва зарби мушту лагади Нор афзуда мешуд, то ки пас аз чаҳор соли издивоҷашон гинекологи навбатӣ ҳам ба Манижа эълом кард, дигар аз дасти ӯ чизе барнамеояд ва бо итминон ва навъе оҳанги ифтихор афзуд, чун аз дасти ӯ чизе барнаёмад, дар гумон аст, ки пизишки дигаре ҳам коре битавонад кунад: ҳанӯз илми пизишкӣ роҳи табобати инчунин мушкилотро пайдо накардааст, агар ӯ бордор шавад, муъҷиза аст! Беҳтар аст, ба тақдир тан бидиҳад, вақту пулашро беҳуда сарф накунад, агар сахт иштиёқманди фарзанд аст, метавонад аз ятимхонае кӯдакеро бигиранду бузург

кунанд. Рӯзи дигари эъломи ин ҳукм, Манижа ҳушёр ба хона омадани Норро фурсати муносиб донист ва гап кушод, ки беҳтар аст ҷудо шаванд, Манижа ба хонаи падараш бозмегардад, Нор метавонад бори дигар издивоҷ бикунад ва соҳиби фарзанд шавад. Нор муддате хомӯшӣ ихтиёр кард, баъд сар бардошту гуфт, ба қисмати дувуми гуфтааш розист, аммо ба қисмати аввал не. Боз хомӯш шуд, аз ҷой бархост ва дар ҳоле, ки ду даст дар кисаи шалвор гирди хона чун аспи ҷувоз мегардид, иброз дошт, ҳоло бисёр касон зани дувуму севум доранд, вай ҳам ягон пирдухтар ё беваеро пайдо мекунад, никоҳ мекунад, вале ба хона намеорадаш, зане меҷӯяд, ки хонаву дар дошта бошад, агар нашуд, хонае иҷора мегирад, аммо Манижаро талоқ намедиҳад, Манижа дар ҳамин хона мондан мегирад. Шояд, гуфт, бовар накунӣ, гоҳе аз алам ба сарат даст ҳам мебардорам, носазо ҳам мегӯям, вале дӯстат медорам. Илова кард, ҳамин гоҳе задану носазову нораво гуфтанам ҳам ба сабаби дӯст доштанамат аст, агар дӯстат намедоштам, чӣ корат доштам, кайҳо худам аз дар берун мекардамат. Манижа розӣ нашуд, исрор кард, ки бояд ҷудо шаванд. Нор як ҳафта муҳлат хост, то ҳар дуяшон ҳам саросема нашуда, аҷала накарда, ҳамаҷониба фикр кунанду баъд тасмим бигиранд. Ва пас аз ду рӯз боз маст омад, бо душному ҳақорат аз дар даромад ва даст боло кард, ки бизанадаш. Манижа бори аввал буд, ки муқовимат кард, на танҳо чанг заду аз банди дасташ дошт, балки сахт тела додаш, Нор ду қадам ба ақаб рафт, ба курсӣ бархӯрду рӯйи фарш уфтод ва Манижа низ ба уфтоданаш

иктифо накард, алами шаллоқу таҳқирҳои сесоларо ба як бор гирифт ва ба доду фарёди имдодҷӯёнаи Нор эътиное накарда, ба ҳар кучои баданаш, ки рост омад, лагад задан гирифт ва ба хонаи дигар даромаду дарро аз дарун қуфл кард. Рӯзи дигар рафту ба додгоҳ ариза дод. Ва пас аз се моҳ ва баргузории се ҷаласа, ки бо шитоб ва зимнан барои риояти зоҳири қазия анҷом мешуданд, додгоҳ хатти талоқ таслимашон кард. Албатта, Нор на дар додгоҳ, на дар ҷойи дигар аз шаллоқ хӯрданаш аз дасти завҷааш даҳон боз кард; аз муштипаре лат хӯрданаш бас набуд, ки ин шармандагиро дигарон ҳам бишнаванду ба ҳолаш биханданд.

Ба як дидан ошиқ шудан, албатта, бисёр иттифоқ уфтодааст, вале ин амр хосси ҷавонист, баъид медонам, марди миёнсол тавонад ба як нигоҳ ошиқ бишавад. Муносибати марду зан ба якдигар дар наврасию ҷавонӣ асос бар эҳсос дорад, дар миёнсолӣ бар ақл; он замон бештар беғаразӣ дар миён аст, ҳоло ғараз; он замон ҳар иқдом ба хотири маҳбуб аст, ҳоло бештар ба хотири худ. Ба назарам одамӣ ҳар қадар аз умраш бештар бигзарад, бештар худхоҳ мешавад. Ман Манижаро чанд моҳ омӯхтам, мутолиъа кардам, агарчи то ҳадде беназокатона садо медиҳад, аммо чунонки харидор говро аз назари зоёию ширдиҳӣ, соли умраш ва хӯроияш месанҷад, ман ӯро аз зовияҳои мухталиф: муносибаташ бо одамон – бо худам ва дигарон, рафтораш дар маҳозаву бозор, ғизо пухтанаш, хонадориаш санҷидам. Анҷоми ин кор, ба сурате ки шубҳае ба миён наояд, барои ман чандон душвор набуд, мо ҳарду ҳамкор будем, дар як курсии тарихи аср-

ҳои миёнаи Донишгоҳ вазифа доштем, ман мудир, ӯ унвонҷӯ, афзун бар ин, ман устоди раҳнамо, ӯ шогирдам. Аммо вақте ки хостам таббохиашро бисанҷам ва рӯзе дар роҳрави донишгоҳ, ҳангоме ки ҳарду ба синфхона мерафтем, бо баҳонаи баррасии рисолаи номзадиаш ба хона даъваташ кардам, то буногӯш сурх шуд, сар хам кард ва бо садои паст, вале қотеъона маъзарат хост, ки ба хонаам наметавонад биёяд. Ва ҳамин маврид буд, ки андаке шакку тардиди маро низ бартараф кард ва тасмими ман дар хусуси издивоҷ бо ӯ ниҳоӣ шуд. Аммо ман худам низ дар вазъи ногувор монда будам, якинан Манижа даъват шуданаш ба хонаи марди танҳоро ба гунаи дигар фаҳмида буд ва албатта, ҳақ ҳам дошт, ки чунин бифаҳмад. Мағзам дар ҷустуҷӯйи баҳона ва чораи оҷилонае буд, то ӯро ҳанӯз ба синфхона ворид нашуда, аз гумони бад ва худро аз вазъи ноҳинҷор раҳоӣ бахшам ва филфавр афзудам, мо танҳо нахоҳем буд, Анвар Шарифӣ ва муаллима Маҳбону низ даъватӣ ҳастанд, нишасти дӯстонаи ҳамкорон аст, баъзе масъалаҳои рисолаи туро ҳам машвара мекунем, ту ҳатман бо муаллима Маҳбону ҳамроҳ биё. Дидам, ки чеҳрааш кушода шуд, гарчи ҳанӯз ҳам сараш хам буд, шояд акнун аз бадгумониаш шарм мекард ва оҳиста сар ҷунбонд ва зери лаб гуфт: «ҳамроҳи муаллима меоем». Манижа вориди синфхона шуд, ман осемасар ба дафтар баргаштам, то ки ба ҳар василае Шарифӣ ва муаллима Маҳбонуро пайдо намояму фардо ба меҳмонӣ даъват бикунам. Ба Шарифӣ, ки ба хона баргашта буд, занг задам. Муаллима Маҳбонуро дар синфхонае пайдо кардам, ба берун хондамаш ва бидуни

мукаддима, фардо пас аз аср ба хона, ба меҳмонӣ хондам; гуфтам Анвар Шарифӣ ва Манижа низ хабарӣ ҳастанд, албатта, Манижаро ҳамроҳатон биёваред. Боз афзудам, таббохии Манижаро зиёд таъриф мекунанд, муаллима, худатон медонед, чӣ тавр, аммо бояд коре бикунед, ки паловро ҳатман Манижа бипазад. Муаллима фарох табассум кард, чашмонаш ҳам механдиданд, аз шавқ даст ба даст молид, вале чизе напурсид, ваъда кард, ки ҳатман меояд, ҳама кори рӯзгорро канор мегузораду меояд ва Манижаро ҳамроҳ меорад. Пас аз маросими соли фавти завҷаам, муаллима Маҳбону аз ҷумлаи чанд нафаре буд, ки пайваста талқинам мекарданд, бояд ҳатман хонадор шавам. Ва баъди он ки Манижа аз шавҳараш ҷудо шуд, муаллима Маҳбону аввал бо ишора ва баъдан чун дид, ки худро ба нодонӣ мезанам, бо суҳбати тӯлонии ошкоро диққати маро ба ин амр ҷалб кард ва таъкид намуд, агар бо Манижабону хонадор шавам, албатта, пушаймон намешавам ва азбаски ниёзманди фарзанд нестам, завҷаи беҳтар аз Манижабону ҳам пайдо намекунам, ҳам зебост, ҳам баодоб. Гуфт, агар ман мувофиқ бошам, кофист, ки як даҳон ба ӯ бигӯям, он тарафашро вай худ ба уҳда мегирад, худаш бо Манижабону суҳбат мекунад. Афзуд, гумон намекунам, рад бикунад, – шумо марди саршинос, муҳтараму муътабар, хаёл накунед тамаллуқ мекунам, забонам гапи диламро мегӯяд, – вале агар дудилагӣ бикунад, розӣ карданаш кори ман.

Пас аз се рӯзи меҳмонӣ ман бо истифода аз он ки дар дафтар ба ҷуз ҳар дуямон касе намонда буд, Манижаро хостгорӣ кардам. Албатта, ме-

донистам, ки ин амр барояш ногаҳонӣ набуд, муаллима Маҳбону ҳатман бо ишораҳо қаноат накарда, бо ӯ суҳбат ҳам кардааст, ва на фақат барои он ки зан, ҳатто доктори илм бошад ҳам наметавонад сирре, ҳатто тахмине ва гумонеро дурудароз дар дил нигоҳ бидорад, балки худам ҳам пас аз чанд рӯзи дар ин боб суҳбат кушодани муаллима Маҳбону дар ин хусус аз ӯ хоҳиш карда будам. Манижа сар хам овард, сурх шуд, муддате сукут кард ва ниҳоят оҳиста гуфт: «Медонед, ки ман фарзанд доштан наметавонам, сабаби аслии ҷудо шуданам аз шавҳарам ҳамин буд». «Медонам. Ман ду фарзанд дорам. Агар майл дорӣ, баччае аз хонаи ятимон мегирем, ман мухолиф нестам». «Ба рости, ки метарсам, моргазида аз ресмони сиёҳу сафед метарсад, гуфтаанд». «Миёни ману Нор ҳеч тафовуте намебинӣ?»

Баъди чор рӯз муаллима Маҳбону хабар овард, ки Манижа розист. Пас аз се моҳ мо издивоҷ кардем.

Нори дастдароз хиёбонро гузашту дар рӯ ба рӯям қарор гирифт. Ин бор ҳатто салом надод.

– Профессор, ман худата одами гапфаҳм гумон карда будам. Лекин аслан гапа намефаҳмӣ, ё мефаҳмиву худата ба нодонӣ мезанӣ!

– Боз чӣ шуда?

Албатта, медонам манзураш чист, вале намехоҳам дар баробараш паст оям.

– Чӣ тавр чӣ шудаст? Гуфта будам, ки худатро аз Манижа дур гир. Ту чӣ кор кардӣ? Ба хонаат бурдиш ку? Фиребаш кардӣ? Гуфтӣ, ки кори илмиашро худат менависӣ?

– Манижа ба ҳадде, ки мустақилона тавонад рисолаву китоб бинависад, дониш дорад, як мушкили аслии ту дар ин аст, қариб чор сол бо ӯ як ҷо зиндагӣ карда, ҳаминро ҳам нафаҳмидӣ! Албатта, ту аз куҷо фаҳмӣ... Дигар ин ки, ба гӯшат ҳалқа кун: ман ӯро хонаам набурдам, вай ба хонаи худаш рафт, мо издивоҷ кардем.

– Медонам, зани ман буд, зани ту шуд, акнун ту сар диҳӣ, боз зани ман мешавад!

– Чӣ?.... Ту аблаҳӣ, ё девона!? Ё худатро ба девонагӣ мезанӣ?

– Дониста гап зан, фаромӯш накун, ки бо Нори дастдароз гап мезанӣ.

– Чӣ тавр фаромӯш кунам, ки ҳар лаҳза таъкид мекунӣ! Лекин ман метавонам зуд дасти дарозро кӯтоҳ кунам.

– Нафаҳмидам. Нафаҳмидам. Чӣ тавр ин қадар бачурҷату забондароз шудӣ?!

– Ту ҳоло бисёр чизҳоро намефаҳмӣ!? Дафъ шав аз пеши роҳам!

– Ман ҳоло иҷозат надодаам, ки биравӣ. Ҳар вақт, ки иҷозат додам, баъд меравӣ.

Ман дигар ҳарф заданро беҳуда медонам. Қадаме ба самти рост мегузорам, то аз паҳлӯяш рад шаваму биравам. Ӯ ҳам қадаме ба чап мегузораду пеши роҳамро мебандад, ман боз қадаме ба чап мегузорам, ӯ баръакс. Беихтиёр ба атроф менигараму осемасар, ҳанӯз ки диққати раҳгузаронро ҷалб накардаем, телааш медиҳам, ӯ қадаме ба ақиб мегузорад ва ҳамон дам пеш меояду ба гиребонам чанг мезанад. Ва дар ин маврид аст, ки ман бечорагии адабро дар баробари беадабӣ, заъфи тамаддунро дар баробари барба-

рият равшану возеҳ дарк мекунам. Як сабаби умдаи шикастҳои пайвастаи мардумамонро дар тӯли торих кашф мекунам. Ман медонам, ба худ талқин мекунам, ки бояст бо дасте аз гӯши ӯ бигирам ва бо дасти дигар таппончае ба рӯяш бизанам, ё муште обдор ба даҳону биниаш, вале наметавонам, чӣ неруест дар ботини ман, ки намегузорадам, иҷозатам намедиҳад, танҳо коре, ки мекунам, ин аст, ки бо ду даст мехоҳам гиребонамро аз чанги ӯ раҳо кунам. Ӯ ангуштони дасти дигарашро боз карда, чун гурба ба рӯям чанг мезанад, ба димоғам фишор меоварад, аммо ман ба ғазаб намеоям, ман асабонӣ мешавам, шарм мекунам, ки роҳгузарон чӣ мегӯянд.

– Сар деҳ, сар деҳ айб аст.

Аммо ӯ бештар ҷуръат пайдо мекунад, аз изтироби ман ба шавқ меояд, гулӯямро мефишорад.

– Сар деҳ, ку сар деҳ?

Садои ман нест, садои таҳдидоварест, ки ба гӯшам мерасад ва пас аз лаҳзае дигар дасти Нор аз чеҳраам бардошта ва дасти дигараш аз гиребонам ҷудо мешавад, вай бо ҳаракате тунд ба пушт тоб меҳӯрад ва гиребони худаш дар чанги дигаре гирифтор меояд. Ман ҳайрон ва хушнуд сар мебардорам. Начотбахши ман Додихудост, ки ин лаҳза воқеан номаш муносиби ҳол аст. Додихудо, ки чанг ба гиребони Нор задааст, ногаҳон дасташро ба ақиб мекашад, Норро пеш мекашаду наздик меорад ва бо сараш ба даҳону бинии ӯ мезанад; Нор ба пушт меуфтад, намедонам аз даҳонаш ё биниаш, ё эҳтимол ҳам аз даҳону ҳам аз биниаш хун меояд; Нор ҳаросон аст,

чашмонаш ҳайрону тарсонанд; Додихудо қадаме пеш мегузорад ва лагаде сахт ба сурини Нор мезанад, Нор ду даст ба замини паси пушташ ниҳода нимхез мешавад, бо дасту пойҳои нимқат чанд қадам пуштнокӣ ба ақиб меравад ва бармехезаду гаштаву баргашту ҳаросон ба пушташ нигоҳ карда, бо шитоб меравад, дур мешавад. Аз он дурӣ ба овози баланд душном медиҳад ва зуд ба кунҷи кӯча паноҳ мешавад.

– Инҳо гапро намефаҳманд, муаллим, инҳо фақат мушту лагадро мефаҳманд.

– Ба падарат раҳмат Додихудо, намедонам, агар ту намеомадӣ, ман аз дасти ин аблаҳ чӣ тавр халос мешудам.

– Дигар наздикатон намеояд.

Додихудо ҳамсояи ман аст, дар табақаи ҳафтуми бинои мо зиндагӣ мекунад, ронандаи Камаз аст, ба роҳҳои дур бор мебараду бор меорад, гоҳе сафарҳояш яку ним моҳ- ду моҳ тӯл мекашанд. Ҳеч гоҳ нашуда, ки беш аз як ҳафта истироҳат карда бошад. Ҳамеша дар сафар аст. Мо аҳёнан мебинемаш, ҳеч фурсату имкон пеш наёмада, ки як ба як нишаста суҳбат карда бошем.

Воқеан пас аз ин рӯйдод, Нор дигар ба ман наздик нашуд, ду-се бор иттифоқан дар кӯчаву бозор рӯ ба рӯ омадем, чунон вонамуд кард, ки аслан намешиносадам. Ва ман сабақи дигаре аз зиндагӣ мегирам, саҳеҳтар бигӯям, ман дурустии сабақеро, ки аз китоби кудом як файласуфи олмонӣ хонда будам, аён ба чашмонам дидам ва мутақоъид шудам, ки «гоҳе як мушти обдор аз як ҷувол далелу бурҳон бештар неру дорад» ва онро худ идома додам ва ё ба иқтизои вазъи худ ва

муҳити худ веросторӣ намудам: «барои баъзе одамиён як тапончаи обдор ба рӯй ва ё як мушти сахт ба зери колинг бештар аз ҳама андарзу насиҳатҳои «Бӯстон»-у «Гулистон» асар дорад». Вале донистан дигар асту тавонистан дигар. Ман то кунун ба дурустӣ намедонам, агар бори дигар бо чунин вазъ дучор оям, чӣ гуна рафтор хоҳам кард.

4

Оё соати омадани Манижа фаро нарасидааст, оё ӯ таъхир накард?! Ман аҳди худро мешиканам ва бо хости худ ба паси шишаи зиндонам чашм медӯзам ва пойҳои раҳгузаронро мебинам, ки бо шитоб тани соҳибонашонро мекашанд... Манижа маъмулан дар ин соат, ки мардум аз хонаҳояшон фурӯ мерезанд ва ба корхонаву коргоҳҳояшон ва ё ба дунболи кору бори рӯзгорашон мешитобанд, ба назди ман меояд. Имрӯз барои ӯ ба истилоҳ рӯзи китобхона аст, касе аз донишгоҳ суроғаш намекунад ва ӯ аз ин фурсати муносиб истифодаи муносиб мекунад. Вай пираҳану поҷомаи обшустаи одиву сода бар тан мекунад, рӯймоле ба сар мебандад, чун се соли қабл, пеш аз ба кӯча баромадан як соат дар муқобили ойина наменишинад, рӯй ғоза намекунад, ҳалқа ба гӯш намеовезад, дастпона ба дасту ангуштарӣ ба ангушт намеандозад, – гарчанд донишгоҳ хонда, рисолаи номзадӣ дифоъ кардааст, вале ӯ ҳам аз ин лиҳоз аз занони хонанишини ҳамсоя ҳеч тафовуте надошт, гӯӣ майли ороиши

тану рӯю мӯйро Худованд дар ҳамон соати офариниши Ҳавво дар қалби модарбузурги эшон ҷойгузин карда ва ҳеч тафовуту тафриқаҳои мазҳабӣ, қавмию миллӣ, табақотӣ, маърифатӣ нататавонистааст дар ин амр дахил бошад, – аммо ҳоло вазъ ба куллӣ тағйир ёфтааст, пас аз «инқилоб» дузду авбош мири кӯчаву бозор шуданд, ба қавли шоире «гургони биёбонӣ хиёбонӣ»[3] гашта буданд, дар рӯзи равшан кисаи мардумро мебуриданд, ҳалқа аз гӯши занону дӯшизагон меканданд, чун малаху муғул ҳар чиро пеши роҳашон мебаромад, несту нобуд мекарданд: мегирифтанд, меситаданд, меканданд, мебурданд. Манижа ҳам намехоҳад ба ҳеч ваҷҳ ҷалби таваҷҷуҳ бикунад, на диққати авбошону занборахоро ба худ бикашад, на таваҷҷуҳи омилони давлатро, аз хона берун меояду ҳамранги ҷамоат мешавад, ба мавҷи анбуҳи мардум, ки худро андаруни он аз чашми муроқиби пулисҳо эминтар эҳсос мекунад, мепайвандад. Душвортарин қисмати роҳ барои ӯ 150 метри аз дари опортумони маскунии мо то истгоҳи автобус ва 65-70 метри аз сари хиёбон то дарвозаи зиндони ман аст. Манижа қаблан гоҳе таъхир мекард, бо сабабҳои мухталиф; ё зани ҳамсояе сари роҳ ба гап мегирифташ ва ё ба назараш мерасид, эҳсос мекард ва ё хаёл, ки чашмоне дар хафо ӯро дунбола мекунанд ва маҷбур мешуд ба хона баргардад ва ё чапғалат диҳаду ба кӯйи дигар ворид шавад. Вале меояд... Меояд ҳатман. Наметавонад наояд.... Манижа медонад, яке аз ду нафарест, ки дар ин таҳхона будани маро медонанд ва танҳо касест, ки дар

[3] Аз Баҳриддини Ҷӯёи Самарқандӣ

баробари ман масъулият дорад, – барои ҳамаи дигарон, ҳам хешону дӯстон ва ҳам душманону бадхоҳон ман дар хоричи кишварам, – ва агар бештар таъхир кунад, гуруснагӣ бар тарс пирӯз мешавад ва маро аз ин таҳхона ба берун меронад ва хиёбон маро ба дасти одамони Ангуштак меcупорад. Танҳо гуруснагист, ки нерумандтар аз тарс аст. Ман ҳатто ду зимистонро бо таҳаммулу шикебоӣ дар ин таҳхонаи сард пушти сар кардаам, гоҳе шаб аз ғояти хунукӣ хобам намебурд ва дандон ба дандон зада, ғунчавор ба худ печида, шабро ба рӯз мепайвастам.

Аммо тарс аст, ки маро чун бандиён дар ин чордевори танг, дар ин таҳхона нигоҳ медорад. Дар оғоз, дар рӯзҳои аввал, ки ба ин таҳхона паноҳ овардам, намехостам ҳатто барои худ эътироф бикунам, ки он чи маро ба ин ниҳуфтӣ рондааст, эҳсоси тарс аст; ончунон, ки бештарини мардумон аз тарси худ шарм мекунанд, онро одоб, тамкин, таҳаммул, сабурӣ, бофарҳангию зиракиву зарангӣ ном медиҳанд, ман ҳам тарси худро эҳтиёт ном гузоштам, ҳазар хондам, гуфтаҳои Рашиди Аъзам ва шайх Зайнулобидину Содиқро ба ёд овардаму ризо ба қазо хондам, вале чун тааммулу тааммуқ кардам, дидам, фаҳмидам, ки на, на, аслан чунин нест, зарфияти эҳтиёту ҳазар хеле кӯчактар аст, ин мафҳумҳо наметавонанд ин эҳсоси бузургро, ки зарфи вучуди маро пур кардааст, бигунчонанд, ҳеч наздикие бо ризо ба қазо, ки ман чандон эътиқоде ба он надорам, надоранд, – агар ба ин асл муътақид будам, аслан ба ин таҳхона намеомадам, мунзавӣ намешудам, дар хонаам менишастаму ҳамаро ба

Худо ҳавола менамудам, ман фақат ба иртиботи ду маврид аз зиндагӣ бо қазо эътиқод дорам: яке рӯзи ба дунё омадан, дигаре рӯзи рафтан аз дунё, тамом, фосилаи байни ин ду, ки зиндагӣ ном дорад, ба ихтиёри инсон вогузор шуда, ин халоро ҳар инсон худаш пур мекунад, ба масал, баъд аз ба дунё омадан ба ҳар касе дафтару қаламе медиҳанд ва ҳар ки дар ин дафтари холӣ зиндагии худро худаш рақам мекунад ва рӯзи охир ин дафтарро мегузораду меравад, аз бархе дафтари пур мемонад, дафтари дигареро ҳама сафҳаҳош холист; ва иқрор кардам, ки, бале ин эҳсос тарс аст, ҷуз аз тарсу ҳарос чизи дигаре нест. Пас таҳхонаи аслии ман, зиндони асосии ман ҳамин тарс аст. Ман бандии зиндони тарсам. Ман ҳам аз тарсуиам метарсам, ман ба ин эҳсос нафрат дорам, ман аз он шарм мекунам, бисёр ҷаҳду талош кардаам, то онро аз вуҷудам берун биронам, решаашро аз мазраъи қалбам биканам, вале абас... ҳайҳот, ки беҳуда, бенатиҷа, кӯшишу талошҳоям самару асаре надоштанд. Тарс мисли заҳрпечак аст, имрӯз меканишу аз полез ба дур меафканӣ, вале фардо меравӣ, ки боз қад давонида ва ба тану баргҳои биёра печидааст. Рост мегуфт Рашиди Аъзам, – акнун дарк мекунам, ки дуруст мегуфт. Гуфт: «Мо бо бурун омадан аз батни модар зода намешавем, моро фақат волидонамон ба дунё намеоваранд; мо қарнҳо қабл ба шакл гирифтан оғоз мекунем. Раванди зода шудани мо садсолаҳо қабл оғоз шуда ва чандин қарн идома ёфтааст». Муаллим Муфаззал меҳандад – «рост гуфтӣ, Рашидҷон, рост гуфтӣ», Содиқ эътироз мекунад, шайх Зайнулобидин фа-

рох табассум мекунад, табассумаш зебост, ду рада дандонҳои ҳамвор ва сафедаш дар миёни ришу бурути мошубиринчаш медурахшанд. «Яъне, чӣ?»! – суол медиҳам ман, вале фақат суол нест, бештар эътироз мекунам. «Яъне, мо дар сохтани хеш, дар эҷод кардани худ ихтиёри маҳдуде дорем. Ончунонки дар чеҳраи мо, дасту пою сари мо шабоҳати зиёде бо пушти панҷуму шашуму ҳафтумамон ҳаст, ҳамчунин дар ташаккули хислату хуйи мо ва дар натиҷа дар рафтору кирдори мо низ гузаштагонамон саҳми боризу равшан доранд!». Ман он замон далоиле ба радди ин андеша ва ба хусус ба радди ин мақула, ки инсон дар сохтани хештан ихтиёри зиёд надорад, оварда будам. Вале ҳоло ногаҳон дарк кардам, итминон пайдо кардам, ки то ҳадде ҳақ бо Рашиди Аъзам аст; ин тарси ғафсу фарбеҳ танҳо тарси ман нест, ин тарси меросист, бо хун омехта, аз аҷдодам насл ба насл ба ман расида ва дар шарёну варидҳоям медавад ва барои он ки онро маҳв кунам, бояст худро бикушам, вале ҳатто худро бикушам ҳам, ин тарс боқӣ хоҳад буд. Ин тарси ҳафтлойӣ аз ҳароси пушти ҳафтумам аз аъроб, бими ҷадди шашумам аз ғузҳо, саҳми пушти панҷумам аз муғулон, тарси бобоёнам аз туркони аштархониву манғиту рус таркиб ёфта, бо хун омехта ба ман расидааст, дар қалбу мағзам реша давонидааст. Ва танҳо бо талоши инфиродии ман коре наметавон кард, танҳо бо талоши як нафар бар он пирӯз наметавон шуд ва ҳатто бо талоши як насл ҳам. Чунонки аз насл ба насл расидааст, ҳамчунин бояст аз насл ба насл дафъу рафъ шавад, гирем, ки агар ман тавонистам каме

аз вуҷудам хорич кунамаш, писарам низ андаке дафъаш бояд бикунад, баъд набераам, абераам, чабераам ва шояд битавонем дар насли ҳафтум билкулл дафъу рафъаш бикунему аз бандаш, ки мисли ҳаштпо туъмаашро, ба тамоми вуҷудамон печидааст, раҳо бишавем.

Хулоса, ман коре бо ин тарс натавонистам бикунам ва баръакс ин тарс аст, ки мисли сутури боркашеро маҳор бар ихтиёрам заду бар ин нихуфтӣ кашондам ва ин эҳсос аст, ки инак ду солу ду моҳу чаҳордаҳ рӯз дар ин байгӯлаам пойбанд кардааст.

Пас аз як моҳе, ки ба ин таҳхона омадам, муддате андешаи худкушӣ дар сарам мечархид. Василаҳои мухталифи худкуширо пеши назар овардам. Дар ин ҷо мешуд ё худро оташ зад ва ё даровехт. Андешаи оташ заданро, ки чанд рӯз чун пашша гирди сарам мечархиду алагдаам мекард, дур андохтам, ки махсуси занон аст ва овехтанро интихоб кардам, ки агар мемирам, сарбаланд бимирам, дар сари дор бимирам, душманонам пас аз марг ҳам сарамро барафрохта бибинанд. Агарчи пас аз лаҳзае ба ин андеша, ба ин ифтихори пуч, ба ин нахвати пӯк пӯзханд задам, – чи ҳазорон ҳазор нафарро тӯли асрҳо ба дор карданд ва ё эшон худро ба дор кашиданд, аммо аз ин миён фақат чанд нафаре ангуштшумор чун Мансури Ҳаллоҷ шуҳрат ёфтанду бас, дигарон гумноманд, касе ёдашон намекунад. Бо ин ҳол роҳи беҳтаре барои худкушӣ пайдо накардам ва чун Манижа омад, гуфтам, ин бор ки омадӣ, ресмон биёвар. Бо ҳайрати суоломез ва шакку шубҳа лаҳзае чанд ба рӯям хира шуд, вале

чун дид бо иштиҳо ва ҳарисона ғизо мехӯрам, андешаи хутур карда ба дилашро дур ронд. Гуфт, «гумон кардам, мехоҳед худатонро ҳаф биандозед!?» Дурӯғеро, ки аз қабл омода карда будам, ба забон овардам: «Сабади нону хӯрданиҳоро мехоҳам биёвезам, дар замин нам мекашанд, магор мезананд». Манижа арғамчин овард, вале ман натавонистам, ки худамро бикушам. Ва то кунун намедонам чаро? Акутагава Рюноскэ, ки чанд бор талоши худкушӣ карда ва дар ин замина таҷриба андӯхта буд, навиштааст, боре ки тасмим гирифта буд, худро бикушад, пашша халалаш расонид. Ва яқинан касе, ки пашша – ҳақиртарин мавҷуди олам халалаш мерасонад, то муҳимтарин тасмими зиндагиашро таҳаққуқ бибахшад, монеъ мешавад, ки ба ихтиёри худ тарки ин дунё бикунад, ҳанӯз ҳеч омодагие барои худкушӣ надорад, вай бо ҳазорон риштаҳои аёну ноаён баста ба зиндагӣ аст ва то замоне, ки яке аз ин риштаҳо боқист, наметавонад худро бикушад. Вале ба ман чӣ халал расонд, чӣ андешае садди роҳи ман шуд, дастонамро бибаст!? Чӣ риштаҳое маро бо ин зиндагӣ менайвандад?! Ба ин зиндагӣ, ки ҳар рӯзаш таҳқиру хорист, бо эҳсоси ин таҳқир, ки натиҷааш ҷуз нафрат ба худ нест, ба ин зиндагӣ, ки бадтар аз мурдагист, ба ин ғори торик, ки роҳи баромадашро намедонӣ ва ламъаи нуре ҳам башорат аз раҳоӣ намедиҳад, чӣ дилбастагие метавон дошт? Ман ҳоло ба ҷуз Манижа каси наздике надорам: писарам, ки чандин сол аст, – пас аз марги модараш, – иртиботи наздик бо ман надорад, чанд соли охир дар Америко ба сар мебарад ва дар ин

муддат боре ҳам бо ибтикори хеш, бо майлу ихтиёри худ ба ман телефон накардааст, ман худам шумораи телефони хонаи иҷорааашро пайдо кардаму чанд раҳ зангаш задам; вале ҳеч боре суҳбатамон зиёд давом намеовард, пас аз ду-се дақиқа гӯйӣ гапамон ба охир мерасид, ҳар бор эҳсос мекардам, ки мехоҳад ҳарчи зудтар гӯширо бигзорад, ман ҳам дар ин ҳол суханони аз қабл омодакардаамро фаромӯш мекардам ва намедонистам боз чӣ бигӯямаш. Духтарам бо ду фарзанд ва шавҳараш дар шаҳри дигар зиндагӣ мекунанд ва гарчи муносибатамон хуб аст, гоҳе бо фарзандонаш ду-се рӯза ба назди ман ба меҳмонӣ меояд, инак чанд сол аст, ки ман бидуни онҳо ва онҳо ба зиндагии бидуни ман одат кардаанд. Ва фарзандон, албатта, медонанд, ки замоне аз падару модар маҳрум хоҳанд монд, зиндагӣ чунин аст, як сол зуд ё дертар тафовуте надорад; ва борҳо ба ин натиҷа расидаам, ки агар худро бикушам, Манижаро аз худ озод мекунам, бори гирони масъулияти завҷаи ман буданро аз дӯшаш бармедорам ва ӯ пас аз як ҳафта ё моҳе нолаву мӯя ва ранҷу алам метавонад ёди маро ба оби фаромӯшӣ бияндозад ва ба дасти боди нисён бидиҳад ва осудаву беташвиш зиндагиашро идома бахшад. Вале аслан ангезаи худкушӣ чист? Безорӣ аз худу аз зиндагист?! Ё эҳтиром ба худ? Зиллат аст ё ғурур?! Онҳое ки худро мекушанд, шуҷоъ ҳастанд ва ё тарсу?! Бо ифтихор, бо сари баланд мераванд ва ё осемасар мегурезанд?! Ҷавоби дурусту ростро танҳо аз худкуштагон метавон пурсид, вале чӣ тавр? «Кӣ рафт ба дӯзаху кӣ

омад зи биҳишт»[4], то ин суол ва садҳо суоли дигарро, ки хобро аз чашм мегурезонанд, мағзро алағдаву қалбро ошуфта мекунанд, аз ӯ бипурсем? Бештари инсонҳои мутафаккир тамоми умр бо шакку тардид ба сар мебаранд. Фақат аблаҳонанд, ки ҳама чиз барояшон равшану возеҳ аст. Ва шояд сабаб ҳамин аст, ки бештари мардуми хушбахт аблаҳону нодонҳоянд? Пас рост мегӯяд паямбари мусалмонон, ки бештарини уммати ман, ки аҳли биҳиштанд, аблаҳонанд? Посухи ман, ки натавонистам худро бикушам, наметавонад ростин ва ба сидқ бошад. Вале, ба эҳтимоли қавӣ, он чи ки маро ба марҳалаи худкушӣ дар ин таҳхона расонида буд, ноумедӣ буду тарс. Ман дар пешорӯйи худ ҷуз торикӣ чизе намедидам ва аз ин торикии мавҳум метарсидам ва сабаби ин ки тасмим гирифтам худро бикушам, ин буд, то аз ин тарс раҳо шавам. Аммо чӣ ангезае буд, ки маро водор кард, ҳамагӣ се моҳ қабл аз ин тасмими худкушӣ ҷони худро ба гирав гузошта, ҷони Амирро бихарам?! Магар он дам, дар марзи ду кишвар, ки барои ман марзи миёни ҳастӣ ва нестӣ низ буд, ман далеру шуҷоъ набудам, бебоку аз худ гузашта набудам? Вақте ки ман дар посухи даъвати Нури Латиф як қадам ба пеш гузоштаму берун баромадам, магар мутмаин набудам, ки ин қадами охирин аст, ки ба ихтиёри худ бардоштам, магар бовар надоштам, ки пас аз ду дақиқа, даҳ, бист, сӣ дақиқа ва ё, ҳадди аксар, дар фосилаи як рӯзу ду рӯз аз тири ӯ ва ё сарбозонаш кушта мешавам ва ё ба дор мекашандам!? Вале оё он тасмим низ барои раҳоӣ аз тарс на-

[4] Мисраъ аз Умари Хайём

буд? Магар тасмими худхоҳона набуд, боз ҳамин ғуруру нахвати пучу пӯк набуд, ки аз сӯйе маро аз тарсу эҳсоси таҳқир раҳоӣ мебахшид ва аз сӯйи дигар дар пеши назари даҳҳо кас ва дар хотираи садҳо нафар ин тарсро ба қаҳрамонӣ бадал мекард, тарсуро паҳлавон месохт! Намедонам, намедонам. Ба рости мегӯям, ба сидқ мегӯям, ки намедонам. Он замон, дар ҳамон лаҳзае, ки довталабона қадам ба пеш гузоштам, мутмаин будам, ки танҳо ба хотири начоти писараки бегунаҳ пой бардоштам, баъд ба натича расидам, ки на, асосан барои талофии эҳсоси заъфу тарс ин корро кардам, вале ҳоло дигар дар мавриди ангезаи аслии тасмимам дар шак ҳастам, тардид дорам, ҳар қадар бештар дар ин боб меандешам, бештар сари каловаи андешаҳоям ба ҳам мепечад, гум мешавад....

5

Ронанда маро дар нимарох пиёда кард.

– Муъаллим, дар ҳамин ҷо бифуро, – гуфт –, дар пеш посгоҳ ҳаст, ту одами ин тараф нестӣ, баробари даҳан кушоданат мефаҳманд, ки одами тарафҳои мо нестӣ, ҳам туро бозмедоранд, ҳам маро азият мекунанд, ки чаро овардамат!

Пулеро, ки ба сӯяш дароз кардам, нагирифт, аз нигоҳаш фаҳмидам, ки агар исрор кунам, бештар меранҷад ва ҳам сухани дуруште хоҳам шунид, бозпас ба ҷайб андохтаму бо арзи сипос иктифо кардам. Ва пас аз он ки пиёда шудам ва кифамро бардоштаму аз ҷода ба самти офтоб-

нишин роҳ пеш гирифтам, садояш аз пушт ба гӯшам халид:

– Кучо меравӣ, муъаллим, аз ҷонат сер шудӣ, чаро пиёдат кардам, аз бероҳа бирав.

Ва баъд аз он ки бозистодаму рӯй ба сӯяш тофтам, бо садои пасттаре афзуд:

– Беҳтар аст аз рӯд бигзару аз миёни дарахту буттаҳо бирав! Ба ҳамин тараф бирав,– вай бо даст ба самти ҷануби шарқ ишора кард, – рафтан бигир, дую ним-се километр, ки рафтӣ, кӯҳ аз пеш мебарояд, баъд ягон дарачаи тангро интихоб куну бирав, аз роҳи рост наравӣ! Паноҳат ба Худо.

Ман ҳам чунон кардам, ки ӯ фармуд. Ҷойи тунукоба ва паҳнотари рӯдакро интихоб кардам, кифро ҳамоил ба китфам овехтам, шалворро то болои зону бар задам, кафшҳоямро ба даст гирифтаму оҳиста-оҳиста, бо мувозибат ва риояти мувозинат оби сардро убур кардам. Дар ҳамвории борики ин тарафи соҳил ҷангалаке аз дарахтони бурсу фарку зарангу муша ва буттаҳои настарани ғарқи мева доман густарда буд ва ман бузроҳаеро интихоб кардаму ба самте, ки ронанда намуда буд ва дар уфуқаш осмони кабуд ба қуллаи кӯҳи барфпӯши сафед мечаспид, роҳ пеш гирифтам. Ва дар ҳамин бузроҳа, саҳеҳтараш дар ҷойе, ки бузроҳаи ман ба бузроҳаи дигар пайваста, пайроҳае бузургтар эҷод карда буданд, ин се нафарро дучор омадам – шайх Зайнулобидин, наберааш Амир ва Содиқро. Онон ногаҳон пайдо шуданд, гӯйӣ аз осмон фуруд омада буданд. Ман бо эҳтиёт, ба аҳён-аҳён садоҳои мурғон, давидани харгӯш ё рӯбоҳе гӯш фаро дошта, бо дик-

қат чапу росту пасу пешро нигариста, роҳ мерафтам, вале то замоне, ки дар сари дуроҳа калла ба калла назадем, онҳоро надида будам. Вале зоҳиран, онон аз қабл маро дида ва муроқибам буданд, чун ҳеч нишони ҳайрату таъаҷҷуб ва ё тарсу саросемагӣ дар чеҳраашон надидам. Баръакс, ман худ аз ин дидори ногаҳонӣ дасту по гум кардам, надонистам чӣ бигӯям, ҳатто дар посухи саломашон диранг кардам, чанд лаҳза хомӯш мондам. Онҳо дубора ва боз ҳам бо оромӣ ва тамкин саломам доданд ва Содиқ, ҳатто баланд хандид. Баъд шояд эҳсос кард, ки хандааш дар чунин вақту вазъе бемавқеъ аст, ҳамчунон якбора хомӯш шуд.

– Бибахшед, – гуфт – аз кифатон хандаам омад, гӯё ба Париж ё Миср меравед, ба истироҳату саёҳат!

Ва ман дидам, ки онҳо тақрибан чизе бо худ надоранд. Чобае дар дасти Содиқ буд, чалаке хурдтар дар дасти Амир ва ҳам фӯтае баста дар миёни ӯ, ки аз барҷастагии мудаввари фӯта фаҳмидам ду нон дорад. Шайх ба ҷуз даствор, ки тақрибан ним ваҷаб баландтар аз қаддаш буд, чизе дигар дар даст надошт. Аз сабук қадам заданашон ва аз он ки ҳангоми роҳ рафтан чалакҳо баробари дастонашон пешу пас ҳаракат мекарданд ва низ гоҳе ба дарахту буттаҳои канори пайраҳа ва аҳёнан ба зонуи Амир бархӯрда садо медоданд, маълум буд, ки холӣ ҳастанд.

Пас аз ҳудуди ним соат, ки сухане чанд радду бадал кардему нимошно шудем ва зоҳиран шубҳае нисбат ба якдигар боқӣ намонд, Содиқ гуфт:

– Худо накарда, боздоштамон кунанд, бе пурсиш ҳам маълум мешавад, ки шумо мегурезед.

Ман надонистам чӣ посух бигӯям, бори дигар бо диққат ба онҳо нигаристам ва ҷуръат пайдо кардаму гуфтам:

– Албатта! Магар шумо ҳам фирор намекунед!?

– Хабар надоред, ки аз ин кишвар гурехтан мумкин нест? – Содиқ ин бор бо суол посух дод. Баъди лаҳзае таваққуф боз лаб кушод: – Моро бибинед, ба кишвари ҳамсоя барои рӯған меравем, ҳар рӯз садҳо нафар барои рӯғану карасин марзро мегузаранд ва мо ҳам дар шумори онҳо ҳастем. – Пас аз лаҳзае боз идома дод. – Мӯйсафедро ҳам ҳамроҳ гирифтем, ки духтархолаашонро аёдат бикунанд.

Ин дурӯғ – «дурӯғи маслаҳатомез» таъкид кард Содиқ, – баҳонае буд, ки аз қабл, пас аз сиголишу машвара сохта буданд, то дар вақти зарурат истифодааш кунанд. Чандон дурӯғ ҳам набуд, албатта, духтархолаи Шайх дар кишвари ҳамсоя мезист, – имсол чилу панҷ соли пур мешавад, гуфт Шайх, шавҳар карду рафт. Пас аз ним соати дигар фаҳмидам, ки албатта, сафари инҳо на барои дидорбинӣ буд ва на барои равганхарӣ. Бобову набера аз ватан ҳиҷрат мекарданд ва кай бармегарданд, ё аслан бармегарданд ё не, худашон ҳам намедонистанд. Содиқ онҳоро роҳбаладӣ ва ҳамроҳӣ мекард ва ният дошт эшонро то маҳалли мақсуд бирасонаду худ бозпас баргардад. Модару хоҳари Амир ҳам дар он ҷоянд, оҳиста гуфт Содиқ пас аз чанд рӯзи дигар дар зиндон. Не, акнун падар надорад, пада-

рашро куштанд, посух дод ӯ ба суоли ман, ва садояшро боз ҳам пасттар карду афзуд, дар ин бора ҳоло аслан чизе напурс. Қабл аз он ки ҳар се ба роҳ бароянд, Содиқ як раҳ ба танҳоӣ чалак дар даст марзро убур карда ва рӯган ба даст баргашта буд.

– Чӣ дорӣ дар чамадонат? – Агар саломашро ба ҳисоб наоварем, ин аввалин ҳарфе буд, ки аз забони шайх Зайнулобидин шунидам.

– Либос, ғизо, ду-се китоб, васоили риштарошӣ!

– Боз кун!

Ва чун дид, ки дудилаам, такрор кард:

– Кушо, кушо, бибунем чист, илочи воқиъаро пеш аз вуқуъ меандешанд!

Ва ман ноилоҷ киф ба замин ниҳодаму боз кардам. Шайх ба Содиқ бо чашму сар кӯтоҳ ишорае намуд ва ӯ пеш омаду сари пой дар назди кифи ман нишаст. Пасон бастаи ғизо, пероҳан ва шалвор, васоили риштароширо берун овард, ин ҳамаро дар покете андохту канор гузошт ва кифро бо нусхае аз девони Ҳофиз, «Юсуф ва бародаронаш»-и Томас Манн ва «Таърихи муғул»-и Аббос Иқбол, дафтари бузурги нав, чанд қаламу худкор ва чанд ҷаъба дору дубора басту ба зери фарки канори бузраҳа афканд ва бо хушҳолие бемаврид гуфт:

– Акнун, то ҳадде ба одаме, ки барои рӯган меравад ва ё ба рафтагори аёдати хешовандон дар он сӯйи марз монанд шудед. – Ва боз таъкид кард. – Агар суолу ҷавобе пеш ояд, на шумо моро мешиносед, на мо шуморо, дар роҳ бо ҳам дучор омадему ҳамроҳ шудем, тамом, дигар ҳеч ир-

тиботе бо якдигар надорем. Агар дурӯғи маслаҳатомези дигар наандешидаед, беҳтар аст, бигӯед, ки барои рӯғанхарӣ меравед, бигӯед, ки нахостед боратон вазнин бошад ва ният доред, ки рӯғанро бо зарфаш бихаред ва ё ягон хешатон дар он ҷо зиндагӣ мекунад, масалан, духтари холаатон, не, не, ду духтари хола шубҳаовар мешавад, беҳтар аст бигӯед, аслан зодгоҳатон он ҷост, падару модаратон, агар барҳаёт бошанд, бародарону хоҳаронатон, ҳама хешу таборонатон дар он ҷо ҳастанд, шумо барои таҳсил ба ин ҷо омадеду баъди хатми донишгоҳ ҳамин ҷо мондеду издивоҷ кардед, ба аёдати онҳо меравед ва ҳам чалакро аз хонаи бародаронатон мегиреду равгаи ҳам меоваред, – чунки ҳар ки ба он ҷо рафт, дар бозгашт равгаи ҳам меоварад, албатта, бе равгаи баргаштан чӣ маънӣ дорад? Ҳамин тавр гӯед ва ё ҳарчии дигаре, ки ба зеҳнатон бирасад, албатта, гапе гӯед, ки боварибахш бошад. Чанд бор барои худатон такрор кунед, ки агар лозим ояд бигӯед, содиқона садо бидиҳад, ваҷоҳататон дурӯғи забонатонро фош накунад.

– Пас беҳтар нест, ки бигӯям, китобҳоро низ барои хешонам мебарам?

– Не, инҳо ба одамоне, ки ба китоб ва қаламу коғаз сару кор доранд, бо шубҳаи бештар менигаранд, ҳеч гуноҳашро ҳам пайдо ки накарданд, ҳадди ақал ду-се рӯз нигоҳаш медоранд, то шахсияташро маълум кунанд, ва ё агар одами муҳимму доранда аст, аз хонаводааш пуле рӯёнанд. Сар сиҳҳат бошад, токӣ ёфт мешавад, сиҳҳату саломат бошед, ин китобҳоро боз пайдо мекунед!

– Албатта, – ман ҳеч майле барои суолу ҷавоби бештар надоштам ва сухан кӯтоҳ кардам, вале пештар рафтаму кифро бардоштам ва дар миёни душохаи фарк гузоштам ва тавҷеҳ кардам:

– Агар раҳгузаре пайдо кунаду бигирад, беҳтар аз он аст, ки дар зери борону нури офтоб бипусад.

– Албатта, варақи китобҳо барои пешдаргирон ва ё нос печонидан ба кор меоянд, – садои Содиқ буд, ки истеҳзоомез ба гӯшам расид, вале чеҳрааш ва чашмонашро нигаристам, ки ҷиддӣ буданд.

Муддате мадид, то даме ки пайроҳа пой ба доманаи кӯҳ ниҳоду часпид, хомӯш пеш рафтем; дар ин ҷо пайроҳа ба ду тасмароҳ ҷудо мешуд, яке печутоб хӯрда, рост ба иртифоъи кӯҳ мерафт, дигар ба самти чап мегашт ва дар доманаи кӯҳ тӯл кашида буд. Содиқ, ки пешгурӯҳ ва роҳбалад буд, бозистод ва баргашту ба мо нигарист.

– Бо ин роҳ зудтар мерасем, – ба тасмароҳе, ки ба теғаи кӯҳ мебурд, ишора кард вай,– вале камтар болотар ки рафтем, чун дар кафи даст, мебинандамон, ин роҳ, – бо даст пайроҳаи самти чапро нишон дод, – дуртар аст, вале то сари кӯҳ аз миёни дараи танг меравад, аз боло диданаш хеле душвору сахт аст. Дар афсонаҳо паҳлавонон пайроҳаи наздики пурхатарро аз роҳи дури бехавфу хатар беҳтар медонанд. Вале барои мо, ки паҳлавони афсона нестем, қаҳрамонӣ карданӣ ҳам нестем, дури бехатараш хубтар нест?

Ман ниҳоят фурсатро муносиб донистам, то суолеро, бидиҳам ки дар ҳамон дақиқаҳои авва-

ли дучор омаданамон дар нӯги забонам мечархид:

– Ба мо, ки барои равгаи меравем, чӣ зарурати пинҳон шудан ва ба роҳи дур рафтан аст? Чаро бояд битарсем?

– Мо пинҳон намешавем, наметарсем, вале эҳтиёт беҳтар аст, агар набинандамон, бе хатар ва зуд аз марз мегузарем, вагарна як рӯзи дароз ва ҳатто эҳтимол ду-се рӯз сарф мешавад, то итминон пайдо кунанд, ки гуноҳе накардаем, фирор намекунем ва воқеан барои рӯгаи меравем ва хонаводаамон ҳам пуле надорад, ки бихарадамон.

– Аз кучо, чӣ тавр мефаҳманд, ки фирор намекунем ва дар воқеъ барои равгаи меравем? Таҳқиқ мекунанд?

– Агар мавриди шубҳаашон набошед, аслан ҳеч таҳқиқе намекунанд, бояд чунон рафтор кунед, ба суолҳояшон чунон ҷавоб диҳед, ки бовар кунанд. Худро ба даст гирифтан, ба изтироб нафтодан, ба суолҳояшон бо мулоҳиза ҷавоб додан, гапи зиёдатӣ нагуфтан лозим. Ваҷоҳати рӯй ҳам муҳим аст... Вале дар ҳамин сурат ҳам чанд соат нигоҳ медоранд, мехоҳанд ҳар роҳгузар ҳукмашонро эҳсос бикунад...

Содиқ бидуни он ки посухе мушаххас аз мо дар мавриди интихоби роҳ бишнавад, ба пайроҳаи самти чап қадам ниҳод ва мо низ аз дунболаш ба роҳ афтодем. Ин пайроҳа тақрибан дусад қадам рост ва ҳамвор аз доманаи кӯҳ кашида шуда, баъдан кам-кам баландӣ ёфта, ба фароз бадал шуд ва ниҳоят ба дараи танг ворид гардид. Пайраҳа андаруни дараи танг, ки байни девора-

ҳои баланди ду тарафаш ҳатто дар ҷойҳои васеъ ҳам ҳашт-даҳ метр бештар набуд, рост ба боло кашида шуда ва қадам задан аз он хеле душвор буд, дар поёни пайраҳа, дар қаъри дара ҷӯйи хурди об ҷорӣ буд, ки гоҳе зери сангҳо фурӯ рафта, пинҳон мешуд ва чанд қадам баъд боз ногаҳон, бесадо берун меомад. Боре чанд, ба сабаби тангии роҳ ҳар кудом дар ҷои худ рӯйи пайроҳа нишастему дам гирифтем, чанд бори дигар истодему нафас рост кардем. Бо ҳам сухан намепайвастем ва боэҳтиёт қадам мезадем, то мабод, ки санге аз зери по биғелад, сангҳои дигарро бечо кунад ва дар дараи тангу хомӯш ғулғула афканад. Содиқ ва Амир чобуктару тезтар қадам мезаданд, ману Шайх бештар таваққуф мекардем, то нафасгир нашавем ва он дуро лозим меомад, зуд-зуд дар интизори мо бозистанд. Ман хеле хаставу кӯфта шуда будам ва чанд бор даҳон пур кардам бигӯям, ки бираванду интизори ман набошанд. Баҳона ва тавҷеҳи ин тасмимро барои худ ва барои дигарон ҳам омода карда будам; ман ки ба ҷое шитоб надорам ва ҳокими вақти худ ҳастам, чаро бояд шитоб бикунам – ва аз дилам гузашт: мисли оҳуи рамхӯрда аз гург. Аммо эҳсоси шарм аз худу аз ҳамраҳон ва бештар аз ин эҳсос ҳам бими ин ки дар сурати дучор омадан бо раҳбонон намедонистам бо чӣ баҳонае худро аз чанги онҳо халос хоҳам кард, даҳонамро бастанд. Ба худ гуфтам, Шайх, ки марди гарму сарди рӯзгордида аст ва медонад бо тоифаҳои мухталиф чӣ гуна муносибат кунад ва Содиқ, ки таҷрибаи убур аз марзро дорад, худ ҳама ҳарфи лозимро бо роҳбонони роҳзан хо-

ҳанд гуфт, ман беҳтар аст дар паноҳи инон хомӯш бошам.

Ниҳоят пас аз он, ки тақрибан се соат роҳ паймудем, садои Содиқ, чун оби сард ба коми ташна, ба гӯшам ҷонбахш расид:

– Расидем, расидем, чанд қадам….

Ва аммо ғайриинтизор сухани ӯ қатъ шуд, гӯйӣ ба як бор дар чоҳи бетаҳ фурӯ рафт ва эҳсоси пешомади мавҳуме диламро фишурд ва лаҳзаи беохири хомӯшии тарсзо фаро расид. Худи Содиқ ва Амир низ ба чашм намерасиданд. Ин номуъаянӣ ба муддате баробар бо понздаҳ-шонздаҳ қадам бардоштани мо идома кард. Ва чун ману Шайх бо шитобе, ки тавонашро доштем ва бидуни радду бадали сухане, ҳиш-ҳиш нафаскашон ин ҳафт-ҳашт метрро тай карда, ба иртифоъи пайраҳа расидем ва пой ба ҳамворие монанд ба хирманҷой ниҳодем, якбора ва ғайриинтизор дидем: се нафари силоҳдорро, яке аз онон, ки ришаш дар таносуб бо қадаш хеле дароз ба назар мерасид, баробари пой ба ҳамворӣ ниҳодани мо мили туфангашро ба синаи ман, ки қадаме пештар аз Шайх будам, гузошт, дигаре миёнақад ва низ ришдор, ки фӯтаеро мисли хирманкӯбон ба сар печонида аз қафо баста буд, пой ба тахтапушти Содиқ, ки ду даст ба пушти сар рӯйи замин дароз кашида мехобид, ниҳода, сигор оташ мезад, севумӣ ки бар хилофи ин ду нафар либоси мулкӣ бар тан дошт, канортар дар паҳлӯи Амир, ки низ даст ба пушти сар нишаста буд, меистод ва Калашниковаш ҳам мил ба поин ҳамоил дар сари китфаш буд. Кӯтаҳқомати ришдароз бо ишораи мили туфанг амр кард, ки ба

васати ҳамворӣ бигзарем, баъд боз дар муқобили мо қарор гирифт ва бо садои паст, вале омирона фармуд – ва мили туфангаш низ пасту боло ва чапу рост ҷунбида, гӯйӣ амрашро такрор мекард: борхалта ба замин афканам, баъд мадорикамонро ба ӯ бидиҳем – вай гузарномаи ман ва шиносномаи Шайхро варақ гардонд, ба сафҳаҳое, ки иттилоъе забт шуда буд, бо диққат чашм давонд ва ҳар дуро ба кисаи худ андохт, – баъд ҳарчи дар киса дорем, берун оварда, низ ба пеши пой партоем ва кисаҳомонро чаппа карда берун кашем, баъд дастонамонро ба пушти сар ниҳода, харпанча андозем – ва худ даст-даст карда, аз сари китф то буҷулаки пойамонро кофт, чизе пайдо накард ва гуфт, ҳамон таер дастонамон дар пушти сар ба зону бинишинем. Ману Шайх сари зону нишастем, муфаттиш борхалтаамро кофт, чизе дархури таваҷҷуҳ пайдо накард, дур партофт, пулҳои ба замин афкандаи ману Шайхро бардошта шумурду ба кисаи пеши бағал андохт ва ба назди миёнақад рафт, ҳар ду суханҳое радду бадал карданд, ки фаҳмида намешуд ва пасон моро фармуданд, бархезему саф кашем. Амр шуд, ки Шайх дар аввал биистад, баъд аз ӯ дар фосилаи ду қадам ман, аз паси ман ва боз дар фосилаи ду қадам Содиқ ва дар охир Амир, низ бо ду қадам фосила. Пас кӯтоҳқомати ришдароз пеш даромад ва фармуд, бидуни дароз ё кӯтоҳ кардани фосилаи байнамон аз паси ӯ қадам бардорем. Ба суоли Содиқ – «метавонем чизҳоямонро бигирем?», он ки фӯта ба сар дошт, мисли фишаси мор садое баровард – «хомуш-ш-ш», вале баъди лаҳзае Амирро фармуд, ки чалакҳо,

борхалта, фӯтаи нон, дастрӯймолҳоро бардорад ва ҳар якро ба дасти соҳибонашон бидиҳад. Ба роҳ афтодем. Фӯтабасар ва он ки либоси мулкӣ дошт, аз пас қарор гирифтанд. Роҳамон аз болои ҳамон новае, ки чанд дақиқа пеш аз он омада будем, аммо ба самти муқобил тӯл мекашид. Пас аз тахминан 600 – 700 қадам роҳ паймудан ба сари теғае расидем ва дар дурӣ анбуҳи одамон ва ду сохтмони пасти сангу гилӣ ва дар канори онҳо чанд хаймаро дидем. Роҳбаладамон ба он ҷониб роҳ гирифт ва тақрибан пас аз понздаҳ дақиқа ба назди ин сохтмонҳо расидем.

Фӯтабасар фармуд дастҳо ба пушт ором биистем, бо якдигар сухан нагӯем ва худ ду даст ба ду паҳлӯи кителаш гузошта ба поён кашид, даст-даст карда, фӯтаи сарашро дурусту рост кард, бо ишораи даст ришдарози кӯтоҳқоматро фармуд, ки мадорики моро бидиҳадаш ва фаҳулона давиду ба назди марди тахминан сию ду сиюпанҷсолае, ки болои харсанге нишаста буд, рафт ва дасти боз ба канори пешонӣ монда, саломи низомӣ дод ва арз кард:

– Рафиқ, генерал, фармонатон иҷро шуд! Чор нафари ношиносу машкук боздошт ва ба ситод оварда шуданд! Сарҳанг Одинаи Раҳим!

Пасон гузарнома ва шиносномаҳои моро, ки дар дасти чап нигоҳ медошт, ба дасти рост мунтақил дод ва дасти чап ба болои сина ниҳода, андаке сар хам намуду ба генерал дароз кард.

Генерал ду шиносномаи аввалро боз карду варақ зад, ба иттилоъоти навишта дар сафҳаҳо чашм давонд ва пӯшонду ҳамаро бозпас ба сарҳанг дод. Баъд, ду даст ба пушт ҳалқа карда, хо-

мӯш, сари хам ба ин тарафу он тараф ба ҳаракат даромад. Намедонам, шояд дар зоҳири ӯ, ё дар ҳаракатҳояш, ё дар наҳваи роҳ рафтанаш чизе буд, ки ба сарам андешае хутур кард, қаблан ӯро дар ҷойе дидаам, чанд лаҳза ва бо шитоб гӯшаву канори хотиротамро нигаристам, вале дар ҷойе пайдо накардамаш ва андарёфтам, ки на, баъид аст дар ҷое пеш аз ин дида бошамаш, балки андешаманд сар ба пеш афканда ва ду даст ба паси пушт роҳ рафтанаш Наполеонро мемонад, ва ё ӯ худ ба Наполеон, ки ба эҳтимоли зиёд дар филме дидааст, таклид мекунад ва ваҷҳи гумони ман ҳам шояд ҳамин мушобиҳати ҳаракат ва ё таклиди ӯ будааст. Генерал, пас аз он ки се ё чаҳор бор бо шитоб ба ин тарафу он тараф рафту омад, ногаҳон бозистод, сар бардошт, бо ҳаракате низомӣ ва чуст баданашро тофта, рӯй ба мо овард ва дастонашро ба рӯйи сина ҳалқа карда, рост ва бо навбат ба чашмони ҳар кадоми мо нигарист – чашмонаш сурх ва хунгирифта буданд, – ва ғайриинтизор сарашро қафо афканда, қоҳ-қоҳ хандид, рӯй ба Одинаи Раҳим овард ва ӯ низ худро ба ханда зад. Баъд ҳамон сон, ки ногаҳон ба ханда омада буд, якбора хомӯш шуд ва калимаҳоро як-як равшану бурро ба забон оварда, гуфт:

– Харгӯшак аз сояи уқоб тарсида мегурезад, худро ба паноҳи дарахту буттаҳо мезанад, гумон мекунад, ки аз чашмони уқоб пинҳон шудааст, вале уқоби тезбин аз ҳамон баландии осмон – бо ангушти ишорат боло кардан қаноат накард ва сарашро низ тофта ба осмон нигаристу макс кард, – аз ҳамон дуриҳои дур ҳама чизро мебинад, ҳеч чиз аз чашмони дурбини тезбину зарра-

бини уқоб пинҳон намемонад! Харгӯшаки бечора то кай руст мешавад?! – генерал боз баланд хандид. – Харгӯшаки тарсуяки рихинак хаёл мекунад, тамом, халос шуд, гумон мекунад, уқоб ноумед шуда рафта бошад, вале не, не, не, уқоб намеравад, намеравад, уқоб дар паси бута ҳам мебинадаш, интизор меистад, интизор давр задан мегирад уқоб дар як гӯшаи дури осмон ва ҳамин ки харгӯшак берун омад, тирворӣ меояду сангворӣ сарозер мешаваду ба як ҳамла ин ларзонаки тарсуякро ба чангол мегираду мебардорад мебарад. – Генерал хомӯш шуду боз чанд лаҳза ба чеҳраи ҳар кудоми мо нигарист. Баъд боз якбора садо баланд кард: – Шумо айнан мисли ҳамон харгӯшаки тарсуяк ҳастед. Не, шумо аз харгӯшак ҳам бадтаред, шумо микроб ҳастед, микроб ҳастед, ки мо ба заррабин мебинематон, лекин шумо худатон аслан хабар надоред.

Генерал боз хандид, баландтар хандид, сар ба қафо партофтаву рӯй ба осмон оварда, қоҳқоҳ хандид ва афсарону сарбозонаш низ бо хандаҳои сохтаву зӯракӣ ба ӯ шарик шуданд. Шахҳои атроф акси садо доданд. Ва аммо генерал якбора хандиданро қатъ кард, чеҳрааш ҷиддӣ шуд, суханонаш баландтару тундтар шуданд: – Мо ҳама чизро мебинем, пашша ҳам пар зада аз назди мо гузашта наметавонад, маро генерал Нури Латиф мегӯянд, албатта, ному корамро шунидагистед, беҳуда азоб кашида, худро ранҷу азият дода, шалпару хаста шуда, чапғалат дода, роҳи яксоатаро чор соат карда омадед. Рост омадан лозим буд. Рост меомадед, на худро азоб медодед, на моро интизор мекардед. Агар рост мео-

мадед, кӣ медонад, шояд ба ҳолатон раҳм мекардем, ба дурӯғатон, ки барои равгаи меравед, ба аёдати хешонатон меравед, бовар мекардем, акнун бовар намекунем, рост ҳам бошад, дигар бовар намекунем! Фаҳмидӣ, мӯйсафед, барои ҳамин корат бовар намекунем. Ту чанд рӯзи умрат мондаст, ки аз ватан мегурезӣ?! – Генерал ногоҳ нимпаҳлӯ гашту чанг ба риши Шайх Зайнулобидин зада, қабза карду пеш кашид, Шайх беихтиёр сар фуруд оварду ду қадам пештар гузошт. Чашмони генерал бештар аз пеш хун гирифта, барҷаста шуда буданд, гӯйӣ ҳамин ҳоло аз косахона берун меоянд, баданаш меларзид, мушт бардошт, зоҳиран мехост ба сар ё рӯйи Шайх бизанад, вале ҳамчунон ногаҳон, дафъатан ваҷоҳаташ тағйир ёфт, хандид ва риши ӯро раҳо кард. – Ҳоло равед чанд рӯз дар зиндон бишинеду фикр кунед, ки ба пурсишҳои генерал чӣ ҷавоб бояд бигӯед, вазифаи хонагиатон ҳамин, – ӯ боз баланд хандид – ҳушёр бошед, дурӯғ нагӯед, ки генерал дурӯғгӯҳоро бад мебинад, дурӯғгӯро сахт ҷазо медиҳад! Ба Худо, Аълоҳазрат ва генерал Нури Латиф ҳеч гоҳ дурӯғ нагӯед! – Сар ба тарафи Одинаи Раҳим гардонд. – Баред ба зиндон, баъд бозпурсиашон мекунам.

Ду сарбоз, ки ба назарам расид, низ аз кадом як филми таърихӣ таклид мекунанд, дар ду тарафи дари «зиндон» – бинои пасти сангин, ки бомаш на бештар аз 20-25 сантиметр болотар аз сари ин сарбозон буд, туфанг дар китф рост меистоданд, бо наздик омадани мо ҳар кудом яке аз пойҳояшро – яке пойи рост ва дигарӣ пойи чапро ба тарафи ҳамдигар ёзонда, бо ҳаракате чуст

ва баробар танашонро ба сӯйи ҳамдигар интиқол доданд ва ин ду тани яктаншуда дари зиндон ва пеши роҳи моро баст. Сарҳанг калимаеро, ки ҳоло ёдам нест, ба забон овард ва яке аз нигаҳбонон саломи низомӣ дод ва кӯтоҳ гузориш ба арз расонд, баъдан ҳарду бо ҳаракате чолокона ва муназзаму баробар аз ҳам ҷудо шуданд ва якешон даст ба миён бурда, дастае калид берун овард ва қуфли сиёҳи зиндонро, ки гамбуски бузургро мемонд ва дар таносуб ба дари яктабақаи хурд хеле калон ба назар меомад, боз кард. Ва мо вориди зиндон шудему дар аз пасамон баста шуд. Зиндон, ки ҳангоми кушодани дар ва вуруди мо қисмати пешаш равшан гардида буд, ҳоло дубора торик шуд, ки пеши роҳамонро ба душворӣ медидем. Шояд ҳудуди дақиқае маҷбур дар ҳамон вурудгоҳ бимондем, то чашмонамон ба торикӣ одат бикунанд ва дохили бино ва одамонашро мушаххас бибинем.

Зиндон кулбае мудавваршакл буд, ки тахминан 16-18 метри мураббаъ масоҳат дошт ва рӯи фарши хокиаш паҳлӯ ба паҳлӯи ҳам ҳудуди 13-15 нафар (дақиқан 13 нафар буданд, чунонки баъди соате, пас аз чанд бор ҳисобро гум карда шумориданам маълум гардид ва бо чаҳор нафари мо шумораи зиндониён ба 17 кас расид) мардони ҷавону пир ҷой гирифта буданд; бештаринашон нишаста ва ду-се нафар ғунча шуда, пой ба шикам ҷамъ оварда, нимадароз кашида буданд. Бо вуруди мо зиндониён ба ҷунбуҷул ва пичир-пичир оғоз карданд, бе он ки аз ҷой бархезанд, даст ба замин такя дода, ғеҷиданд, хазиданд, ҷой холӣ намуданд ва мо низ ҳар кадом бо душворӣ ва дар

ҷойҳои мухталиф нишастгоҳе барои худ пайдо кардем. Иморати зиндон, ки аз санг бароварда ва бо гил панҷакаш карда шуда ва бо мурури замон ҷой-ҷой гилаш рехта буд, қаблан ба эҳтимоли зиёд маҳалли сукунати муваққати чӯпонон ва ё сайёдон будааст. Дар каноре аз шифт равзане ба бом дошт, ки рӯшної аз он ворид мешуд. Девори поёни равзан аз сақф то фарш дудзада буд, навори дуд дар поён паҳнтар ва ҳарчи болотар рафта бориктар мешуд, яъне қаблан, замоне ки чӯпонон ё сайёдон ва ё эҳтимол, гоҳ инону гаҳ онон дар ин кулба зиндагӣ мекарданд, дар ин кунҷи девор оташдон буда ва ин равзан мӯрӣ низ будааст. Дар баъзе ҷойҳои девор канорҳои сангҳои теғадор аз зери лойи панҷакаш берун монда буданд. Ба осонӣ ва хеле сода мешуд, пою даст ба сангҳои девор гузошт ва бо андаке талош аз ин равзан худро ба бом гирифт; вале агар тақрибан 15 нафар, ки баъдан маълум шуд, баъзе беш аз ду моҳ аст дар ин ҷо нишастаанд, майли фирор надоранд, пас зиндон – на танҳо аз ҷониби дар – сахт муроқибат мешавад ва имкони гурехтан нест. Баробари ҷой пайдо кардану нишастани мо ҷунбуҷулу пичир-пичир ҳам қатъ шуд ва ҳама зиндонро хомӯшӣ фаро гирифт ва чун ин хомӯшӣ муддате тӯл кашид, тазйиқовар шуд. Гӯйӣ ҳама интизор буданд, ки нахуст кӣ ҷуръат пайдо мекунаду лаб ба сухан мекушояд. Ниҳоятан ҳамзамон чанд нафар гулӯ равшан карданд ва яке аз самти дасти чапи ман гуфт: «Давом деҳ, Акрам, баъд чӣ шуд?». Боз лаҳзае хомушӣ бар кулба мусаллат шуд ва сипас аз кунҷи зиндон оне, ки Акрам хитоб шуда буд, лаб во кард.

Зоҳиран ӯ то омадани мо афсонае нақл мекарда ва акнун идомаи онро мегуфт: «Баъд бародари хурдӣ гуфт, «ако, ако» кордата бидеҳ» «Чӣ кор мекунӣ», гуфт бародари калонӣ. «Мехоҳам гӯши аз ҳама такбудаашро бурам», гуфт бародари хурдӣ. Дузде, ки аз ҳама таг меистод, ин гапро фаҳмиду тарсиду якбора аз ҷой парида, хесту гурехт. Ҳама дуздон аз болои ӯ ғалтиданд ва пасу пеш, якдигарро тела дода, афтодаву хеста, ба ақиб нигоҳ накарда гурехтанд» Ман ин афсонаро медонистам, охири афсона буд, гӯш фурӯ бастаму муроқиби ҳоли худ шудам ва дигар ба самъам ҳам намерасид, ки Акрам чӣ мегуфт ва риштаи суҳбат ба кучо кашида шуд. Баъд, намедонам кай ва чӣ тавр, хобам бурд.

Аммо муддате баъд – намедонам соате гузашта буд ё дақиқае, – ҷунбуҷул ва садоҳои дарҳаму барҳам боис гардиданд, ки бедор шавам.

Сарбозони зиндонбон дар дами дари боз истода буданд. Суоломез ба марди паҳлӯям нигаристам. Сар ба зонувонаш хам кард ва бо садои нимшунаво «маросими дуо» гуфт. Вай аз ҷой бархост ва ман дигар фурсати суол додан наёфтам. Яке аз сарбозон бо диққат – гӯӣ мешумурд, – як-як ба маҳбусон чашм давонд ва амр кард, яке паси дигар, бидуни саросемагӣ ва садо баланд кардан, дастҳо ба пушт аз зиндон берун оем.

Аммо он чи «маросими дуо» унвон карда будандаш, пас аз он шуруъ гардид, ки яке аз зиндонбонон коғази чорқатеро аз кисаи бари синааш берун овард, онро боз кард ва яке яке ному

номи хонаводагии зиндониёнро қироат кард. Бандӣ бо шунидани номаш бо садои баланд «ман» гуфта, ду қадам ба пеш мениҳод, ба таври низомӣ, нӯги пойҳояшро меҳвар карда ба ақиб бармегашт, ду даст ба пушт гузошта ҳалқа мекард ва рӯ ба ҷониби ҳамқисматонаш меистод. Зиндонбон, ки чашм аз ӯ барнамедошт, танҳо пас аз рӯй ба саф овардани вай дубора сар ба коғаз фурӯ мебурду номи дигареро мехонд. Дар охир исми мо чаҳор нафар низ хонда шуд. Ва мо низ чунон кардем, ки аз бандиёни қаблӣ дида будем. Баъд аз он ки ҳозиру ғоиб ба охир расид, зиндониён ҳамчунон қатор дар мушоияти зиндонбонон – яке аз пеш ва дигаре аз ақиби саф - ба майдони васеъ, ки тақрибан 60-70 метр аз зиндон фосила дошт, омаданд. Дар чаҳор самти ин майдон, ки дафъатан майдони Регистони Бухороро дар тасвири Садриддини Айнӣ ба хотирам овард, чаҳор нафар туфанг дар даст рост истода буданд. Садои рези навозиши таблак ва шайпур, ки ду сарбоз дар канори майдон менавохтанд, ба гӯш расид ва зери садои мусиқӣ генерал ва афсарону сарбозонаш – ҳудуди бист нафар – ба рӯи тахтасанги канори майдон, ки дар муқобили сафи зиндониён буд, баромаданд. Яке аз зиндонбонон дар муқобили саф қарор гирифта, бо садои баланд фармон дод: «Росту сокит! Таваҷҷуҳ ба васат» ва бо қадами низомӣ ба сӯйи генерал рафта, дар зери тахтасанг рӯ ба рӯи вай қарор гирифт, саломи низомӣ ва гузориш дод ва ҳамчунон бозпас ва бошитоб ба сӯи сафи зиндониён омада, фармони озод истоданро дод. Пасон дубора садои мутантани шайпуру таблак баланд

шуд ва нафаре аз зиндониён – марди навчаи миёнсол, ки риши кӯтоҳ микроззада дошт, ба пеш баромад ва рӯй ба ҷониби қибла гашта, дасти дуо бардошт:

– Худоё, Аълоҳазратро умри дароз деҳ, умри дарози сиҳҳату солим деҳ, умри дарози солими пурбаракат деҳ!

– Омин!, – нидо заданд баробар зиндониён ва пас аз сонияе садои «омин»-и афсарону сарбозон низ баланд шуд.

– Хотирашонро пайваста шод дор, дилашонро ҳамеша беғам дор, чашмашонро абадулабад пурнур дор!

– Омин! Омин!

– Дардро аз сарашон, ғамро аз дилашон, хастагиро аз танашон, сиёҳиро аз чашмашон дур нигаҳ дор!

– Омин! Омин!

– Дӯстонашонро шод кун, хайрхоҳонашонро обод кун, дилҳошонро аз гарди ғам озод кун, сарашонро чун санги хора сахт кун!

– Омин! Омин!

– Чашми душманонашонро кӯр кун, бахти ҳасудонашонро шӯр кун, дили бахилонашонро абадуддаҳр аз шодию сурур дур кун!

– Омин! Омин!

– Ҳар ки дуъои ҷони Аълоҳазрат кунад, аз умр барака бинад, ҳар ки дуъои давлати Аълоҳазрат кунад, дарахти давлаташ пурбор шавад, ҳар ки хушбахтиашонро хоҳад, рӯи ғамро набинад!

– Омин! Омин!

– Ҳар ки фориғ аз ёди Аълоҳазрат бошад, номаш аз ҷаҳон гум бод, ҳар ки бахти сафедашонро нахоҳад, рӯзгораш тира бод, ҳар ки пирӯзиҳояшонро дидан натавонад, чашмонаш кӯр ва пайкараш туъмаи кирмони гӯр бод!

– Омин! Омин!

Пасон мулло сурае аз Қуръон хонд ва ҳама баробар «омин» гуфта, дастҳо ба рӯй кашиданд. Аммо маросими дуо бар хилофи чашмдошти ман, ҳанӯз итмом наёфта буд. Мулло гиребони яктаҳашро кашид, даст пеши даҳон гузошта сурфиду гулӯ рӯшан кард ва дубора ба дуою ниёиш оғозид:

– Худоё, барои бахти миллат, баҳри шикуфоии давлат, ба хотири бақои ҳукумати Аълоҳазрат ба генерал Нури Латиф тани сиҳҳату умри дарози бобаракат деҳ!

– Омин, – баробар нидо заданд зиндониён ва пас аз сонияе афсарону сарбозон.

– Худоё, тирашро ҳадафнишон, шамшерашро бурон, ҳукмашро равон намо!

– Омин! Омин!

– Худоё, душманонашро мағлуби сипоҳи ӯ, нотавонбинонашро мақҳури хашми ӯ, бадгӯёнашро мазлуми адли ӯ гардон!

– Омин! Омин!

Мулло боз сурае – кӯтоҳтар аз аввал – хонд ва ҳама даст ба рӯй кашида «омин» гуфтанд.

Баробари ба интиҳо расидани дуо ва «омин» гуфтану дастҳо ба рӯй кашидан, аз миёни саф садое баланд шуд, аммо чӣ гуфт, бароям – шояд ба сабаби ногаҳон ва ғайриинтизор буданаш – номафҳум буд, вале чун аз миёни хандаҳои пасту

хафифи зиндониён дубора садо баланд кард, возеҳ шунидамаш:

– Ҷаноби генерал, генерали ман, шеърамро хонам, иҷозат диҳед, шеърамро хонам!

Шояд бо ишораи иҷоза ва ё бидуни иҷоза – чун садое аз он ҷониб наёмад – марде кӯтоҳқомат, гарданаш фурӯ рафта миёни шонаҳо, бо мӯйи баланди ҷингила ба таври низомӣ гом бардошта се қадам ба пеш баромад, муддате макс кард ва сипас дасти ростро баробари чашмони хеш бардошта ва ин дастро пайваста поёну боло карда, назме сусту ракик, бо вожаҳои забонзад, ки низ бахши аввалаш дар ситоиши Аълоҳазрат ва бахши дувум дар тавсифи генерал Нури Латиф буд, хонд. Зиндониён ва низ атрофиёни генерал шеъри ӯ ва васфи Муҳриддини Шобадал ва Нури Латифро ба кафкӯбӣ истиқбол карданд.

Генерал каме сар хам оварда, рӯй ба афсари канораш баргардонд ва мухтасар чизе гуфт. Афсар сар бардошт, лаҳзае рост ба шоир нигарист ва бо садои баланду бурро иброз дошт:

– Ҷаноби генерал мефармоянд, то бегоҳии рӯзи дигар бояд шеъри нав бигӯӣ, агар наметавонӣ, дигар шеър намехонӣ! Чанд рӯз аст, ки такрор ба такрор ҳамин як шеърро мехонӣ!

– Булбули илҳом асири қафас чаҳ-чаҳ намекунад, генерали ман, иҷозат фармоед, банда фардо субҳ мураххас бошад!

Генерал табассум кард ва бо ишораи сар иҷозат додаш!

Баъд рафтан ё саҳеҳтар аст бигӯем, бурдан ба қазои ҳоҷат оғоз шуд, ки низ маросиме муназзаму дақиқ ва бо ташрифоти хос буд. Яке аз зин-

донбонон вараке дар даст пеши сафи бандиён омад ва дастури рафтан ба қазои ҳоҷатро муфассал ва бо ҷузъиёташ қироат кард: қадам задан танҳо аз паси сарбоз, бо сари хам, дастҳо ба пушт рох рафтан, ба чапу рост нанигаристан, фосилаи як метрро аз пешу пас риоя кардан, бо ҳамдигар ҳарф назадан, дар ҷойи назарраси посбон ба қазои ҳоҷат нишастан, дар зарфи на бештар аз панҷ дақиқа, ки ҳар кас бояд бо шумурдан то адади сесад барои худ ҳисоб бикунад, анҷом додани қазои ҳоҷат. Ман гумон кардам, ин дастурро маҳз барои мо, ки имрӯз ворид шудем ва ҳанӯз урфу расми маъмули ин ҷоро намедонем, қироат карданд, аммо рӯзҳои баъд дидем, ки дастур пайваста пеш аз ҳар бори рафтан ба қазои ҳоҷат – рӯзе ду бор ба самъи зиндониён расонида мешавад ва ҷузъи расмиёти рӯз аст. Пас аз қироати дастур зиндонбони дигар боз феҳристи ному исми хонаводагии зиндониёнро аз кисааш берун овард ва аммо ин бор на бо тартиби қаблӣ ва аз рӯйи алифбо, балки яке аз аввал, яке аз васат ва яке аз охири феҳрист насабу номи се нафарро бо садои баланд хонд, ин се нафар аз сафи умумӣ берун рафта, паси ҳам қатор истоданд ва бо фармони зиндонбон ду даст ба пушт ва сар ба зер афканда дар васати ду сарбози туфанг ба даст – яке аз пеш ва дигаре аз пас ба канори майдон раҳсипар шуданд. Сегонаи баъдӣ танҳо пас аз он ки се нафари аввал аз қазои ҳоҷат баргашта, дар канори майдон даст мешустанд – яке аз бандиён ба дасти ду нафари дигар аз офтоба об мерехт ва баъдан дигаре ба дасти худи ӯ об меандохт – ва андаруни зиндон медаромаданд, ба

қазои ҳоҷат бурда мешуд. Хоҷатхона дар канори ҷанубии майдон дар паси харсангҳои бузург ва зери осмони боз воқеъ буд. «Халоҷо»-ро аз самти чап шахи баланду тӯлонӣ ва аз самти рост резе дарозу нишеб иҳота карда буданд, дар рӯ ба рӯ дар масофаи тақрибан саду бист метр дарахтони бурс, фарку зарангу муша руста буданд, ки нигоҳ қодир набуд аз шоху баргҳои анбуҳашон убур кунад. Сарбози пешсаф чун ба васати «халоҷо» мерасид, фармони бозистодан медод, худ рӯи харсанге мебаромаду қарор мегирифт, сарбози дувум майдончаро убур карда, пеш аз қатори дарахтон рӯй ба «ҳоҷатхона» бозмеистод ва танҳо пас аз ин, бо ишораи сарбозон бандиён як-як ба паси харсангу буттаҳо мегузаштанд, ҷойе тозатар аз мадфуъоти рӯзҳои қабли худу дигарон пайдо мекарданд ва ба қазои ҳоҷат менишастанд. Чун барои ҳар сегона панҷ дақиқа ҷудо карда мешуд ва низ сегонаи баъдро то замони даст шустану ба зиндон ворид шудани сегонаи қаблӣ ба «ҳоҷатхона» намебурданд, ин маросим барои ҳамаи бандиён беш аз як соат тӯл мекашид. Маросими қазои ҳоҷат дар як шабонарӯз танҳо ду бор сурат мегирифт, пагоҳ пас аз бархостан аз хоб ва бегоҳ пеш аз ғизои шом ва зиндониён бояд эҳтиёҷоти табиии худро бо ин назм мутобиқ мекарданд. Ҳоҷатхонае бо девори сангӣ дар канори муқобил, дар самти шимолии майдон воқеъ буд, вале ин халоҷо ихтисосан барои афсарону сарбозон буд ва ҳеч бандиеро ҷуз барои тоза кардану рӯфтани сатҳи мабраз, ба он ҷо намебурданд.

Маро бо сегонаи дувум ба қазои ҳоҷат бурданд ва ним соат беш гузашт, то ин ки аввал Содиқ ва баъд Шайх низ бозомаданд, ҳарду мушаввашу музтариб буданд; бо вуҷуди илтимосу илтиҷо имкон ва иҷоза надода буданд таҳорат бикунанд ва намозашон қазо мешуд. Содиқ, ки дам ба дам бо дасти чап китфи росташро мемолид, гуфт, чун хостааст, имкони вузӯ гирифтан бидиҳандаш, сарбозе дод зада, ки ин ҷо масҷид нест ва чун исрор мекунад, сарбоз ин бор бо зарби пошнаи туфанг посухаш медиҳад.

Марди миёнсоле, ки дар паҳлӯи Шайх менишаст, онҳоро тасаллӣ дод; дар ин ҷо касе намоз намехонад, Нури Латиф намоз хондани маҳбусонро манъ кардааст, мегӯянд, об кам аст, барои таҳорат кифоят намекунад ва ҳамчунин намоз хондан назми дақиқи зиндонро барҳам мезадааст. Нури Латиф худаш гуфт, ҳадаф аз зиндон кардан муҷозоти маҳкумшудагон аст, агар зиндон аз озодӣ маҳрум шудан аст, пас озодии виҷдон ҳам маҳдуд мегардад. Фақат, мулло, ки баъзе рӯзҳо ҳаққи мураххасӣ пайдо мекунад, имкон меёбад ҳамроҳи ду-се нафар сарбозон, ки намозхон ҳастанд, намоз гузорад, тамом, дигар ҳамаи мо аз рӯзи ба ин ҷо омадан намозҳоямон қазо шудааст. Дидам, ки Содиқ аз ин ҳарфҳо на фақат таскин наёфт, балки ошуфтатар гардид, табъаш бештар хира шуд, агарчи ҳарфе ба забон наёвард. Аммо Шайх ором буд ва гуфт: «Ҳар чи Худаш хоста бошад, ҳамон мешавад». Аммо рӯзҳои баъд баъзан ҳар ду, гоҳе Шайх ва гоҳе Содиқ пас аз бозгашт аз қазои ҳоҷати субҳ ва ё бегоҳ дар гӯшае аз зиндон фӯта мегустурданду намоз

мехонданд; Содиқ гуфт, баъзан фурсат меёбанд, ки таяммум бикунанд.

Баъди бозгашти ҳамаи бандиён аз қазои ҳоҷат ғизо оварданд: моеъе, ки чизе аз пиёваро ба хотир меовард ва чизе аз мостобаро, вале на ин буду на он, ва як порагӣ нон; дар косаҳои филизӣ барои ҳар ду кас хӯрок доданд ва чун зиндониёни дигар аз рӯзҳои пеш шариккосаҳои худро пайдо карда буданд, Шайх бо наберааш ва ман бо Содиқ ҳамкоса шудем. Пас аз сарфи ғизо дар дӯлчаҳои филизӣ моеъи нимгарм ба ном чой додандамон. Дигар торикӣ ҳам доман мегустурд, бо таъҷил зарфҳоро ҷамъ оварданд ва шоир бо нафари дигаре аз ҷумлаи бандиён косаву дӯлчаҳоро дар корсон ва сатл, ки сарбозон ғизо ва чой оварда буданд, андохта бурданд, то бишӯянд. Зиндониён муҷоз буданд то соати нуҳу ним суҳбат кунанд, соати нуҳу ним вақти хоб фаро мерасид ва пас аз он то соати панҷи субҳ бояд хомӯшии том риоят мегардид ва халалдор кардани он, ба гуфтаи зиндониёни бособиқа, бо задани бисту панҷ чӯб ба кафи даст муҷозот мегардид. Суҳбати зиндониён – гумон мекунам, ба сабаби он ки ҳар ҳарфи дар ин ҷо гуфта дар паси дарвозаи баста, аммо пурроғу шикоф шунида мешуд, ва низ шояд ба иллати он, ки бештари зиндониён дар ҳамин ҷо бо якдигар шинос шуда буданд ва ба ҳамдигар эътимод надоштанд, танҳо барои вақтгузаронӣ сурат мегирифт ва асосан дар атрофи мавзуоти камаҳаммият ва забонзади зиндагии рӯзмарра мечархид ва ё яке афсона мегуфту дигарон гӯш мекарданд ва яқинан ҷолибтарини ин суҳбатҳо ҳамин афсонагӯиҳо буд, чун

ба ҷуз афсона дигар ҳар чи аз даҳоне мебаромад, ҳамон дам ба ин гӯш медаромаду аз гӯши дигар мебуромад.

Ҳоло, ки ман дар ин зиндони танҳоии ихтиёрии худ нишастаам, аз он ҳама ҳарфҳои раду бадалшудаи чандрӯза дар миёни бандиён, камтар чизе ба хотирам мерасад. Ва шояд бештар аз ҳама ин ду ҷумла, ки ҳамон шаби аввал, пеш аз он ки замони муқаррараршудаи хоб фаро бирасад, миёни ду нафар радду бадал шуд. Садои ғафсу дуруште, ки гумон мебурдӣ садопардаи гулӯро харошида берун меояд ва ғурриши шерро ба ёд меовард, пурсид:

– Акрам, бародари хурдӣ чӣ гуфт: «Корд бидеҳ, ки аз ҳама калонтарашонро бикушам»?

Акрам ислоҳ кард:

– Не, Муродалӣ, гуфт, ки «ако, кордатро бидеҳ, гӯши аз ҳама тагангиашро бурам»!

– Ҷони гапро гуфтааст, хостаст гӯши асосиашро бибурад!

Ва дигар садое наомад, гуфтугӯ бо ҳамин хатм шуд. Ман итминон дорам, ки нақш бастани ин гуфтугӯ дар хотираам ва ҳам шояд ин ки то кунун ҳар бори ба ёд оварданам он гуфтугӯро садои Муродалӣ дар гӯшам чун ғурриши шер дармерасад, иртибот бо воқеоти се рӯзи баъд дорад. Он рӯз, ҳангоми маросими қазои ҳоҷати бегоҳӣ Муродалӣ гурехт ва ҳама расмиёти роиҷи зиндон ва умуман, зиндагии муназзами қароргоҳи генерал Нури Латифро барои чандин рӯз барҳам зад. Вале то он фирори барои мо таърихӣ се рӯзи дигар дар пеш буд. Пас аз сарфи ғизои

субҳ шоир ва мулло зарфҳоро ҷамъ карда бурданд ва дигар эшонро то маросими дуо, ки мулло бидуни тағйире ҳамон дуоҳои дирӯзаашро такрор кард ва шоир шеъри тозаашро дар васфи Аълоҳазрат ва генерал – низ назме сусту ракик ва ҳатто чанд ҷо вазну қофияаш хароб буд – қироат кард, надидем.

Рашиди Аъзам – устоди ҷавони Донишгоҳи миллӣ дар посух ба таҳпурсиҳои Содиқ шарҳ дод, ки ҳам мулло ва ҳам шоир ба ивази хидматҳояшон аз имтиёзҳое бархурдор ҳастанд, аз ҷумла, дар ҳар ду-се рӯз аз зиндон мураххас мешаванд ва зери назари ноаёни сарбозон дар майдони берун дар фазои боз мегарданд, ба корҳои ошпазхона ёрӣ мерасонанд ва низ ҳамроҳ бо сарбозон ғизо мехӯранд, ки албатта, бо хӯрокҳое, ки барои мо медиҳанд, тавофути зиёд дорад, мулло имкон пайдо мекунад намоз бигузорад ва гоҳе фурсат дорад, – агар Нури Латиф аз амре дар ғазаб набошад ва ё аз бангу шароб маст нашуда бошад, намозҳои қазошудаашро низ бихонад.

– Ин Маҷдии муташоир аҳмақ аст, аввалан, ба ин сабаб, ки ҷиддан гумон мекунад шоир аст ва ҳарзаҳои берабту маъноянро шеър мепиндорад, шеъри хуб мепиндорад, сониян, аз он ки ба «шеър»-аш таваҷҷуҳ мекунанд, шунаванда дорад, хурсанд аст ва ба фикрам, аз ин бештар чизи дигар ҳам намехоҳад. Вале мулло, аслан мулло ҳам нест, як деҳқонест, ки дар баччагию навҷавонӣ дар пеши муллои хушсаводтаре сабақ омӯхта ва чанд сураи Қуръонро аз ёд кардааст, лекин азбаски садои хуш дорад ва гардони суханвар

аст, ба қавли мардум, нӯги забонаш чарх доштагӣ асту хеле ҳозирҷавоб, дар кадом мавзуъе, ки бихоҳед, дурудароз метавонад суҳбат бикунад. Марди баде нест, вале каме содаву лака аст.

– Аз таҷрибаи зиндагиям медонам, ки, – гуфтам ман, – бештари одамони сода ва пурманаҳ одамони хубанд.

– Он қадар содаву нодон ҳам набудаст, – гуфт Содиқ.

– Нодониаш дар ин зоҳир мешавад, ки вай гумон мекунад, ин ҳама тамаллуқу хушомадҳояш барояш имтиёз медиҳад, лекин дар ин ҷо бадбахттар аз ӯ касе нест.

– Чаро?

– Барои он ки ҳама эҳтимолан, пас аз чанд рӯзе ё моҳе аз ин ҷо озод мешаванд, вале ӯро озод намекунанд.

– Яъне каси дигаре нест, ки маросими дуоро чунин хуб анҷом бидиҳад?! – тахмини худро иброз намудам ман. – Магар ӯ наметавонад шогирд тарбия кунад?! Одамоне, ки фурсат меҷӯянд, то ба раису хоҷаашон ибрози тамаллуқ кунанд, хеле зиёданд, дар ҳама ҷо пайдо мешаванд, дар ин зиндон ҳам ба эҳтимоли қавӣ чанд нафаре чунин ҳастанд.

– Албатта ҳастанд, вале аз таҷрибаи Салоҳиддин – номи мулло Салоҳиддин аст – медонанд, ки чунин тамаллуқ барояшон имтиёзе наметавонад, баръакс боиси гирифтории бештарашон мешавад, Салоҳиддин қариб ду моҳ мешавад, ки дар ин ҷост. Барои ҳамин ҳам талошҳои шогирд тарбият карданаш бенатиҷа монданд. Тамаллуқ ё фарзанди ҷаҳолат аст, ё тарс ва ё

ҳарисӣ. Яъне одамоне, ки якеро хушомаду мадҳ мекунанд ин корро ё аз нодонӣ мекунанд, ё аз биму ҳарос ва ё ба хотири суду манфиати моддӣ. Аммо бештарини тамаллуқҳо натиҷаи ҳирс аст, хушомадгӯёну чоплусон мардуми ҳарисанд, ба гуфтаи як шоири рус, тамаллуқу хушомад ҳам навъе аз пора аст, мешавад гуфт, пораи маънавӣ аст, вақте ки, масалан, як нафаре дусад доллар пора медиҳад, умед дорад, ки ин дусадро ду ҳазор карда, бозпас мегирад. Яъне ришва навъе пасандози пурсуд аст, ки ба бонк мегузоред ва пас аз муддате, як моҳ ё ним солу як сол бо суди ҳангуфташ бозпас мегиред. Ҳеч аблаҳе бе умеди манфиат, бе интизории суду боздеҳ пора намедиҳад. Аммо тамаллуқе, ки ба ҷойи суду боздеҳ зиёну хисорат оварад, боиси бештар шудани муҳлати зиндон шавад, ба кӣ лозим аст?! Аммо барои ибрози тамаллуқу хушомаде, ки суд оварад, ақлу тамйиз ҳам лозим аст, албатта!

– Чизе ки барояш ҳеч ақл лозим нест, шояд ҳамин хушомаду тамаллуқ бошад! Неруи қавии тахайюл ва андаке бешармию берӯӣ бошад кофист, то ки ҳар чи бештар дурӯғ бофӣ ва андаке сухандонӣ, ки ин дурӯғро зебову муассир иброз кунӣ. Шояд барои ҳамин қадимиҳо итминон доштанд, ки дурӯғтарини шеър беҳтарини он аст, зеро инъикоси тағйирёфта ва мунҳарифшудаи воқеият аст, ба хусус дар шеъри мадҳӣ, ки худ асос бар дурӯғ дорад, яъне ба муболиғаву иғроқ, ки дар илми бадеъ саноеъи бадеъ ном дорад, аммо, агар ба забони сода гӯем, ҳамон дурӯғ аст, дурӯғе, ки бо саноеъи шеърӣ тазйин дода шудааст.

– Не иштибоҳ мекунед, – Рашиди Аъзам сухани маро рад кард. – Як нафарро дар ҳамин ҷо, бо фармони ҳамин Нури Латиф барои хушомади беақлонааш ҳафтод чӯб задаанд. Ман худам он замон дар ин ҷо набудам, аз ҳамин мулло Салоҳиддин шунидам.

– Чаро маҳз ҳафтод чӯб?

– Барои он ки дар аморати Бухоро, гунаҳкоронро бо фармони амир ҳафтоду панҷ чӯб мезаданд, Нури Латиф, ки дар донишгоҳ таърих хонда, инро медонистааст.

Ман худам ҳам ҳоло медонистам, ки генерал ду сол дар донишкадаи таърих таҳсил кардааст ва гуфтам:

– Аҳ-а, медонам, таърих хонда, вале чаро маҳз ҳафтод чӯб?

– Барои он ки дар аморати Бухоро фақат бо фармони амир метавонистанд ҳафтоду панҷ чӯб бизананд, – Рашиди Аъзам сар поён оварду бо садои пасттар идома дод, – дар кишвари мо нафари аввал ва баробар бо амир худи Садри аъзам аст. Нури Латиф ба ғайри Садри аъзам каси дигарро ба як ҷав намешуморад, ба ақидаи ӯ дар ин кишвар пас аз Аълоҳазраташ вай худ нафари дувум аст ва ба ин сабаб амри муҷозот аз ҷониби ӯ бояд фақат панҷто камтар аз муҷозоти Муҳриддини Шобадал бошад.

– Фаҳмидам.

– Аммо он хушомадгӯйи беақл пайваста генералро таърифу тавсифҳои болохонадор мекардааст. Аз баракати ин хушомадгӯиҳо дар ошпазхона ба кор мемонандаш, ки дар пӯст кандани картошкаву пиёз ва наргасӣ кардани зардҷома

ба ошпазҳо ёрӣ расонад ва дигар корҳои хурду ҷузъӣ – ошпазхонаю атрофи онро рӯфтан, аз чашма об овардан, бурдану ба рез афкандани партову зуболаҳоро анҷом диҳад. Ин сабаб мешавад, ки ҳар рӯз чандин бор генералро бибинад ва булбулвор ба чаҳ-чаҳ ояд. Ва агар ҳар рӯз, дар ҳар мавриди муносиб таърифу тавсиф кардан бигирӣ, суханонат забонзаду дилбазан мешаванд ва гӯше, ки ҳар рӯз суханони якнавохту яксон мешунавад, дигар аз ин суханон лаззат намебарад, дилаш ҳам фараҳ намеёбад, дил, ки фараҳманд нашуд, осораш дар чеҳра ҳам зоҳир намешавад. Он мард, албатта, ин қадар ақл дошта, ки инро бибинаду хулоса бароварад. Аз ин рӯ, талош мекунад ҳар рӯз сухани наве, таърифи тозае бигӯяд. Вале азбаски зиндагии Нури Латиф он қадар зиндагии ғанию пурбор нест, ки боис ба илҳом бишавад ва суханҳои наву тоза барангезад, вай маҷбур будааст, ки ҳарчи бештар дурӯғҳои тозаву нав ба нав бофад ва ниҳоят ба ин ҳад мерасад, ки мегӯяд, шумо, ҷаноби генерал, Худоназаркарда ҳастед, ин мулк аз бостон то ин замон пас аз Рустами Дастон, ки паҳлавониҳояш достон шудааст, мисли шумо далеру шуҷоъро надида, модаре пас аз Анӯшервони одил, ки адолаташ масал шуда, чун шумо одилро ба дунё наёварда ва агар Худованд пайғамбариро бо Муҳаммад, алайҳиссалом, хатм намекард, яқинан Шуморо ба пайғамбарӣ бармегузид ва агар дар ин кишвар касе ҳаст, ки шоистаю сазовори мақоми садриаъзамӣ аст, ҳамин Шумо, ҷаноби генерал Нури Латиф ҳастед ва иншоаллоҳ, пас аз Аълоҳазрат навбати садриаъзамӣ ба шумо мера-

сад. Ҳозирон мебинанд, ки Нури Латиф, ки то ин дам бо табассум гӯш ба суханони он марди чоплусу чарбзабон дода буд, баробари шунидани ҳарфҳои охири ӯ чеҳрааш тираву табъаш хира шуд, мисли одаме, ки хоби ваҳшатнок дида, якбора бедор мешавад, ба худ ларзид, зоҳиран, вай акнун дарк карда буд, ки ин марди ширинмақолу тамаллуқтахайюл аз марзи муқаррару лозим убур карда ва пой ба гирдоби муҳлик ниҳодааст ва на танҳо худ пой ба ин гирдоб ниҳода, балки ӯро ҳам аз дунболаш ба ғарқоб мекашад. Вай ҳамон дам амр мекунад, ки дар ҳамон ҷо ҳафтод чӯб бизанандаш, баъд супориш медиҳад, ки дастгоҳи наворбардорӣ оваранд ва чун наворбардориро шуруъ мекунанд, дубора амрашро такрор мекунад ва худ низ ҳамон ҷо, то фурӯ омадани зарбаи ҳафтодум ба пушти хуншори хушомадгӯйи беақл бозмемонад ва баъд бо садои баланд мегӯяд: «Ҳар ки чашм надорад, ки бузургии Аълоҳазратро бибинад ва ҳар ки ақл надорад, ки ягонаи рӯзгор будани он касро дарк кунад, ҷазояш ҳамин мешавад». Албатта, ҳарчи он мард ба забон оварда буд, гӯшу қалбу мағзи генералро писандида буд, чунки одам ҳар қадар ҳақиртар бошад, ҳамон қадар бештар гумон мекунад, ки бузург аст, – вале инро ҳам медонист, ки ҳар гапу коре, ки дар ин ҷо гуфтаву карда мешавад, нарезондаву начаконда ба он ҷо бурда мерасонанд ва чун ба он ҷо расад, агар хуштолеъ бошад, то охири умр дар гӯшаи зиндон менишинад ва гар на, аз сад ҷон як ҷонаш халосӣ нахоҳад дошт.

– Шоир чӣ?

– Гуфтам, ки Маҷдӣ аблаҳ аст, вай, ман гумон мекунам, худаш ҳам намехоҳад аз ин ҷо берун биравад. Дар ҳеч ҷойи дигар назми ракику бемаъниии ӯро касе гӯш ҳам намедиҳад. Эҳтимол вай аз буданаш дар ин ҷо ризо ва хурсанд ҳам бошад.

Ин суҳбат баъд аз чошт, ки шаш нафарро барои кор ба берун бурда буданд ва нуҳ нафари боқӣ фурсатро ғанимат дониста ва пойҳояшонро дароз карда ду-дуву се-се давра гирифта, суҳбат доштанд, ва ё мехобиданд, анҷом гирифт.

Ва аммо саҳари ҳамон рӯз, пас аз он ки мулло ва шоир зарфҳоро ҷамъ оварданду бурданд, ин Рашиди Аъзам, ки дар канори Содиқ менишаст, сар аз болои зонувони Содиқ пеш оварда ва ба чашмони ман нигариста, худро муъаррафӣ кард ва садояшро пасттар карда пурсид:

– Бубахшед, муаллим, шумо Тоҳири Аслизода нестед?

Чун қаблан исмаш бароям шинос буд ва чанд мақолаи ҷолибашро дар мавриди сарнавишти таърихии қавм ва ҳувияти миллӣ дар маҷаллаҳои мухталиф хонда будам ва тавассути ин навиштаҳо аз андешаву ороя ш хабар доштам, бидуни тардид ва таъхире ҷавоб додам: «бале».

– Дар ин ҷо кӣ ва чикора будани шуморо медонанд?

Чун моро ҳамроҳ оварда буданд, вай зоҳиран Содиқро аз шиносони куҳани ман гумон карда буд. Вале ман кӯтоҳ гуфтам:

– Гузарномаам дар дасташон.

– Муҳим ин аст, ки чикора буданатонро надонанд, инҳо аксаран чаласаводанду маърифати

сиёсӣ надоранд, ки иқболи шумост, агар нашиносандатон, шумо ҳам зинҳор нагӯедашон.

Пас аз лаҳзае суханони Рашиди Аъзамро мисли охирин дастуру нишондоди мураббӣ ба гӯштигир пеш аз вурудаш ба майдони рақобат қабул кардам, зеро баробар бо суханони охири ӯ, дари зиндон мисли саги сангхӯрда садо дода, нимабоз шуд ва сарбозе сар андарун карда, ному насабамро ба забон оварду маро ба берун хост. Чун берун рафтам, бидуни он ки ҳарфе бигӯяд, ишора кард, ки аз дунболаш биравам ва ба назди генерал мушоиятам кард. Нури Латиф андаруни хаймаи бузургу баланде дар канори майдон, паси миз нишаста буд. Дар паси пушташ акси бузурги Ангуштак, ки ба соҳибаш шабоҳати андаке дошт, овехта шуда буд, дар канори акс парчами кишвар, ки дастаи филизиашро ба сӯрохи чархи мошини хобида дар фарш андохта буданд, меистод, дар девораи канори хайма аксҳои сершумори Нури Латиф бо афсарону сарбозон, бо зане пир, ки шояд модараш буд, бо хонуме миёнсол ва ду писару як духтар, ки эҳтимолан завҷаву фарзандонаш буданд ва аз ҳама болотар ва аз ҳама бузургтар дар чаҳорчӯбаи зарҳалӣ акси Ангуштак бо Нури Латиф, ки ҳарду либоси низомӣ ба тан доранд ва Ангуштак бо дасти рост ба самте ишора мекунад ва Нури Латиф даст рӯи чашмонаш лапар карда ба он сӯй менигарад. Аккоси моҳир чунон ҳунар ба кор бурда буд, ки қомати кӯтоҳи Ангуштак дар назди ҳайкали бузургу қавии Нури Латиф чандон кӯчаку ҳақир ба назар намерасид, ҳарду тақрибан баробарболо менамуданд, аммо андоми пиркӯдаконаи ӯро аккос

ҳам бо вуҷуди талошҳо ба қадре, ки мебояд, пинҳон кардан натавониста буд ва чеҳрааш кареҳу зишт ба назар меомад. (Ва ё эҳтимол танҳо ба назари ман чунин мерасид?). Ин ҳамаро ман пас аз он ки бо ишораи генерал дар курсии муқобили ӯ нишастам, бо диққат ва гаштаву баргашта аз назар гузарондам, зеро муддате тақрибан баробар бо ним соат, ки чун дар хомӯшӣ ва интизории мавҳум сипарӣ мешуд, хеле тӯлонитар ба назарам расида буд, кори дигаре надоштам ва маҷбур будам фикрамро бо чизе машғул дорам ва масруфи андешаҳои бенатиҷаи тазйиқовар набошам, ки чаро Нури Латиф маҳз маро ба наздаш хонда, оё шинохтааст ва медонад кистам, аз ман чӣ мехоҳад? Генерал бидуни эътиное ба ман чанде аз рӯзномаҳои наздашро ба оҳистагӣ як-як сафҳагардон карда, чашм давонд, – дар ин байн ду-се бор бо радиотелефон ба зердастонаш суроишҳо дод, – ва ниҳоят нигоҳаш ва дастонаш дар сафҳаи охири рӯзномае мутаваққиф шуданд ва зоҳиран, чизе барои хондан пайдо кард, ки сар фурӯ бурду хонд ва чанд бор баланд хандид, ҳатто аз фарти ханда чашмонаш об гирифт, ки бо нӯги ду ангушт пок кард, агарчи маълум буд, ки ҳама ҳаракату рафтораш аз қабл барномарезӣ шудааст ва ин ҳама корро барои дар интизории ҷонкоҳ нигоҳ доштан, асабонӣ ва мушаввашхотир кардани ман, барои азияти ман мекунад.

Ниҳоят, рӯзномаро канор гузошт, аз чойники наздаш ба пиёла чой рехт, як қулт ба даҳон гирифт ва зоҳиран, чой хунук буд, ки гулӯ ғарғара карда, ба фарш туф кард. Ва сар бардошту рост ба чашмонам нигарист ва гуфт:

– Хуб, профессори таърих, мехоҳӣ аз ватан фирор кунӣ?!

«Яъне ӯ маро мешиносад? Балки мешинохт? Танҳо устоди таърих буданамро медонад, ё бештар аз ин?»

Ҳама тайёрию омодагиҳо, таъкидҳои Содиқу Шайх, ки дар мавриди пеш омадани чунин гуфтугӯҳо чӣ бояд гуфт, чӣ тавр бояд гуфт, дар назарам нолозим намуд. Ва на танҳо барои ин ки генерал маро шинохт ва ҳарфҳои бофтаам, чун ба дурӯғгӯӣ одат надорам, зуд фош мешаванд, балки бештар аз он ки суханонаш чун пичингу киноя садо доданд, нигоҳаш таҳқиромез буд ва намехостам дар рӯ ба рӯйи ӯ бо дурӯғ гуфтану тавҷеҳ кардани рафторам худ низ шахси худамро таҳқиру тавҳин кунам. Дар лаҳзае кӯтоҳ чанд ҷумла дар зеҳнам радду бадал гардид, вале ӯ фурсат надод, ки якеро интихоб бикунаму иброз дорам, боз гуфт:

– Донишҷӯён – насли ояндаи ватанро кӣ дарс медиҳад?

– Ман дигар дарс намегӯям, чор сол шуд, ки тарки тадрис кардам.

Воқеиятро гуфтам, ҳам дурӯғ нагуфтам, лозим наомад, ки баҳонае пеш овараму тавҷеҳ кунам, ҳам мехостам бифаҳмам, ки дар боби ман беш аз ин, ки гуфт боз чӣ медонад ва дар иртибот ба он ки чӣ медонад, муҳтаво ва наҳваи суҳбатам бо ӯ ва афсаронашро интихоб намоям. Ба хушбахтии ман ӯ, зоҳиран, аз касоне буд, ки аз рӯзнома ҷуз навиштаҳое дар бораи худ ва латифаҳои сафҳаи охирро намехонанд ва аз барномаҳои телевизиону радио танҳо консерту филм-

ҳои моҷароҷӯёна ва сериалҳои ишқиро тамошо мекунанду мешунаванд.

– Пеш, кардандат?! Медонистам, ки як рӯз не як рӯз, кафшата пеши пот мегузоранд! Ҳоло чикора ҳастӣ? Барои зиндагӣ пул даркор, хӯрдану пӯшидан лозим!

«Якин ӯ маро мешиносад, аз замони тадрисам дар донишгоҳ мешиносад, вале баъд аз онро эҳтимолан намедонад, намедонад. Ва ё худро ба нодонӣ мезанад?»

– Не худам рафтам, ба Фарҳангистони улум гузаштам, бидуни асабоният, ором кори илмӣ мекунам.

– Ба кучо?

– Ба Академияи илмҳо!

– Кори хубу савоб кардӣ, дигар бачаҳои деҳқону коргара азобу азият намедиҳӣ, дар тамоми умрат, агар як кори савоб карда бошӣ, ҳамин корат аст, ки аз Донишгоҳ рафтаӣ, донишҷӯйҳои бечораро аз вуҷуди худат халос кардӣ.

«Бигӯ, бигӯ, то охир, бигӯ». Магар ин ки бозие бо ман пеш гирифта ва меозмоядам?! Ё эҳтимол маро бо нафари дигаре иштибоҳ карда?! Вале, не, гузарномаам рӯйи миз дар наздаш истода, албатта ному исми хонаводагимро медонад, медонад, ки ман дар Донишгоҳ таърих тадрис кардаам. Аммо ҳеч ёд надорам донишҷӯеро азият дода бошам, баръакс бо донишҷӯён муносибати наздиктар аз устодию шогирдӣ доштем ва барои ин чанд бор аз раиси донишкада ва мудири курсӣ эрод ҳам шунида будам.

– Ман ҳеч донишҷӯеро азият накардаам, ҳама аз дарсҳоям розӣ буданд. Шумо эҳтимол, маро бо каси дигар иштибоҳ кардаед?!

Рост ба чашмонам нигарист, ба қаҳр омад, лабаш андаке кач шуд. Вале баръакси дирӯз чашмонаш сурху хунгирифта набуданд; имрӯз банг назада буд, ҳушёр буд. Садо баланд кард:

– Ман туро ба ҳеч касе монанд намекунам, туворӣ дигар пайдо намешавад, худат яктаӣ, аз байни як миллион одам ҳам мешиносамат!

– ....?!

– Ман писари деҳқонам, устухонам бо нони ҳалол шах шуд, падари хокпошам чанд сол пул ҷамъ карда, пора дод, ки ман ба Донишгоҳ дохил шавам, донишам бад набуд, бесавод набудам, лекин бачаи деҳқонро бе пора ба ҳеч ҷо қабул намекарданд. Вале бо як «2»-и ту хоричам карданд, ду сол, ду соли умрама барбод додӣ. Ба ёдат омад, барои як баҳои «3» 100 рубл додем, розӣ нашудӣ, кам гуфтӣ, – садои генерал баландтару баландтар шуд, худ ҳам аз ҷой бархост ва ангуштонашро мисли чанголи уқоб боз карда, рӯи миз гузошту ба сӯйи ман хам шуд, рӯяш сурх ва рагҳои гарданаш барҷаста шуда буданд, ман беихтиёр сарамро ақиб кашидам, – 100 рубла кам гуфтӣ, дар ёдат ҳаст, муаллими таърихи дунёи қадим ба 10 рубл «4» монд, ту ба 100 рубл як «3»-и қоку качала ҳам намондӣ, мефаҳмӣ, мефаҳмӣ ё не, падари ман 1500 рубла дар чанд сол ҷамъ карда буд, ту дар як лаҳза заҳматҳои чандсолаша барбод додӣ! Мефаҳмӣ, падари бечорама чӣ қадар хуни ҷигар кардӣ!

– Бибахшед, генерал, ман аслан аз касе пора нагирифтааму намегирам, ин кор бо асли зиндагии ман мухолиф аст ва азбаски инро дар Донишгоҳ ҳама медонистанд, касе ҷуръати ба ман

пора додан ҳам намекард. Ҳарчанд фикр мекунам, шуморо, чеҳраатонро ҳам ба ёд овардан наметавонам.

Дидам, ки Нури Латиф каме суст шуд, ба тардид уфтод, андаке таъхир кард, вале зоҳиран намехост, ки ақибнишинӣ кунад ва ман ҳам тардиду дудилагиашро бифаҳмам ва бо ҳамон садои хашину баланд, балки баландтар аз қабл, оби даҳон пош дода, дод зад:

– Дар хотир надорӣ, ё худатро ба нодонӣ мезанӣ? Мусичаи бегуноҳворӣ гарданата кач накун! Соҳибзода пешат нарафта буд, ба ӯ нагуфта будӣ, ки як баҳои ту аз сесад рубл камтар намеистад?!

Ва ман ногаҳон ба ёд овардам, – исми Соҳибзода калиде буд, ки дари анбори хотиротро боз кард, – ба ёд овардам, ки Соҳибзода барои кудом як донишчӯи хеш ва ё ҳамшаҳриаш, ки аз имтиҳони ман «ду» гирифта будааст, ба назди ман омада буд. Агар исми Соҳибзодаро ба забон намеовард, аслан ба хотирам ҳам намеомад, зеро Соҳибзода пас аз он гуфтугӯ муддати мадиде бо ман ногап шуда буд ва мешунидам, ки дар ҳар кучо зиштёдам мекунад. Вале дар гуфтугӯи мо аслан мавзуъи пул дар миён набуд, Соҳибзода назари ман ба ин мавзуъро хеле хуб медонист ва ҷуръат ҳам намекард аз ин боб лаб боз кунад. Фақат – бо шӯхиву ҳазл омехта – гуфта буд, дукаса як зиёфати калон хоҳем хӯрд. Пас ин амр 18 сол қабл буда, чун ин нуктаро ҳам ёд дорам, ки дар оғози ҳамон сол Соҳибзода рисолаи номзадӣ дифоъ карда буд.

– Хоҳиши Соҳибзодаро дар ёд дорам, вале гапи ҳеч гуна пуле дар миён набуд. Гуфта будам, омода шуда биёяд, ман ҳозир ҳастам бори дигар дар ҳузури худи Соҳибзода имтиҳон бигирам. Вале дигар касе наомад.

– Намедонам ту рост мегӯйӣ, ё Соҳибзода, ӯ ҳоло ин ҷо нест, ки ҳар дуятро рӯ ба рӯ кунам, бубинем кӣ рост мегӯяду кӣ дурӯғ. Лекин, профессор, ба ҳазрати Баҳоваддин қасам, ман аслан парвои Донишгоҳу дипломаш надорам, баръакс ҳама вақт Худоро шукр мегӯям, ки хоричам кардӣ, диплом нагирифтам, лекин ақлам даромад, бо дипломи Донишгоҳ чӣ мешудам? Мерафтам дар ягон деҳа муаллим мешудам, баччаҳом нимсеру нимгурусна мегаштанд, лекин чор моҳ хондаму ронанда шудам, бо як КамАз хона пӯшондам, зан гирифтам, баччаҳома калон кардам. Ҳозир, шукри Аллоҳ, генералам, Нури Латифам, 1500 рубл чӣ, ки 1500 доллара дар як соат меёбам, лекин ҳамон вақт 1500 рубли падарама барбод додӣ, ду соли умрам беҳуда гузашт, ман дилам ба пули додом, ба заҳматҳои додом месӯзад, дилам ба додом месӯзад, ки дар пеши марду номард сарҳам шуд, ба ҳамон ду соли донишҷӯйӣ дилам месӯзад, ки беҳуда гузашт, агар не зиндонат намекардам, як рӯз ҳам нигаҳат намедоштам, баръакс дар ҳамин ҷо, дар ҳамин доманаи кӯҳ зиёфатат дода, бо иззату эҳтиром то ҷойе, ки мехостӣ, бурда мерасондамат, аз ин ватан гурехтанат лозим ҳам набуд, дар сояи давлати ман ягон вазифа мегирифтӣ, Аълоҳазрата илтимос мекардам, ректорат мемонд, илтимоси мана рад намекунад, кайф карда, мехӯрдӣ ме-

гаштӣ. Лекин акнун ту ҳам дар қатори дигаронӣ, ту ҳам як гуреза ҳастӣ, ки мехостӣ дар рӯзҳои душворию сахтӣ аз Ватан бигурезӣ, агар ман набудам, пеши роҳатро намегирифтам, ҳоло гурехта рафта будӣ. Акнун ту ҳам мисли дигар бандиҳо бирав ду-се моҳ бишину дуои ҷони маро кун. Қасам ба номи Аллоҳ, ба ҳурмати ҳазрати Баҳоваддин агар ҳамин коре, ки ба ман кардӣ, ба Карими качал ё Ашури хар мекардӣ, аз зери замин ҳам кашида мебаровардӣ, аз сад ҷонат як ҷонат халосӣ надошт, нишони як тир мекардӣ. Лекин ман раҳмдилам, баъзе дӯсту ошноҳом мегӯянд, ки як камбудим ҳамин раҳмдилим аст. Мегӯянд, ин тур генерали раҳмдила бори аввал мебинанд! Чӣ кор кунам, ки худама дигар кардан наметавонам. Хайр, бирав, бирав акнун! Биравду дуои ҷони мана карда шиштан гир!

Нури Латиф садо дод ва сарбоз, ки зоҳиран тамоми ин муддат дар паси дарпардаи хайма интизор истода буд, пардаро бардошт, бо ишораи даст маро ба берун хонд ва дубора пеш андохта ба зиндонам бозовард. Вазъи мани баргашта ба зиндон мушобеҳи касе буд, ки пас аз солиёни дароз аз маҳбас озод шуда бошад.

6

Аммо чаро Манижа таъхир кард? Чаро таъхир кард Манижа? Оё мумкин аст ин қадар диранг бикунаду маро дар инчунин интизории тазйиқовар бигузорад!? Магар намедонад, ки ман аслан таъхирро хуш надорам, борҳо гуфта

будамаш. чанд бор таъкид карда будам, ки ман дар чунин ҳол сахт нигарон мешавам, музтариб мешавам, ба таҳлука меоям, диламро гургон тала мекунанд, ҳам барои ӯ ва ҳам барои худам. Магар мумкин аст, ин қадар дер бикунад?! Пойҳои раванда аз паси тирезаи ман хеле камтар шуда ва аз замони мавъуду маъмулии омадани ӯ ҳадди ақалл даҳ-понздаҳ дақиқа сипарӣ шудааст. Дар чунин маврид, албатта, соат доштан хуб аст, ба дард мехӯрад, як нигоҳ андохтан кофист, ки вақтро дақиқ бишиносӣ, беҳуда ба гумону тахминҳои тазйиқовар, ки гоҳе дилро мехарошанд, касро асабониву алагда мекунанд, дода намешавӣ. Аммо ман ҳеч гоҳ соат надоштам, ман усулан мухолиф бо соат ҳастам, ман итминон дорам, ки соат асорати фарзандони Одам ба вақтро аёнтару дақиқтар бозменамоёнад, рафтани корвони умрро пеши назар мучассам месозад, ман гумон дорам, агар одамӣ тавонад бидуни нигоҳ кардан ба ақрабаҳои соат, ки ба навъе сӯҳони умр аст, зиндагӣ ба сар барад, то ҳадде аз қайду банди вақт озод хоҳад буд. Фарзандони Одам чун соатро эҷод карданд, шояд гумон карданд, ки тавсани Вақтро зину лаҷом мезананд, ба муроди худ меронандаш. Аммо, ҳайҳот ки баръакс шуд, бештар гирифтор шуданд, агар қаблан ҳисоби умрро бо дамидани субҳу фурӯ рафтани офтоб мешумурданд, акнун бо сонияву дақиқа мешуморанд, монанди касе шуданд, ки ба маҷрои сел афтодааст, мебинад ки мебарадаш, вале коре аз дасташ барнамеояд... Вале кошки ҳоло соат дошта будам; як нигоҳ андохтан кофӣ буд! Чун ман дар ин гӯшаи танҳоӣ ин ҳақиқати одиро

низ худ борҳо таҷриба кардаам, ки дар интизорӣ дақиқаҳо баробари соатҳо дарозу тӯлонӣ мешаванд. Ҳақиқатҳое ҳастанд, ҳақиқатҳои содаву одие ҳастанд, ки садҳо бор аз ину он шунидаӣ, мукаррар аз китобҳо хондаӣ, вале то худ дар зиндагӣ дучорашон намеоӣ, то мустақиман ба зиндагонии худат рабт намегиранд, даркашон намекунӣ, вақте ба зиндагии ту рабт пайдо мекунанд, гӯйӣ мебиниянашон, ламс мекунӣ, мечашӣ, мебӯйӣ, мефаҳмӣ ва итминон пайдо мекунӣ, ки бале, вуҷуд доранд ва ба зиндагиат таъсир мегузоранд. Яке аз он ҳақиқатҳои одӣ ҳамин аст, ки интизорӣ тазйиқовар аст, интизорӣ бадтар аз марг аст, дақиқае дар интизорӣ баробари соате тӯл мекашад. Ин аст, ки ман боз машкук мешавам, ба тардид меуфтам, эҳтимол Манижа таъхир накарда бошад, шояд барҳакс ҳанӯз даҳпонздаҳ дақиқаи дигар то замони омаданаш вақт буда бошад?! Албатта, пойи равандаҳо дар паси шишаи ман камтар шуда, лекин магар мумкин нест имрӯз шумори касоне, ки ба дунболи кору бори худ ин тарафу он тараф мераванд, камтар шуда бошад, ё бештаринашон зудтар аз вақти маъмулӣ рафта бошанд, ё тасмим гирифта бошанд, дертар бираванд, ё имрӯз бештари раҳгузарон аз самти дигари кӯча гузар карда бошанд!? Ва магар аслан мумкин аст чунин чизи бузург ва муҳиммеро чун Вақт бо пойи одамон ва қадам задани раҳгузарон санҷид?!

Аммо ман дарк мекунам, ки мехоҳам худро бифиребам, майл дорам худро таскин бидиҳам, вале абас, вале беҳуда: пойи равандагон дар паси равзана хеле камтар шуда ва ман низ аз таҷриба

медонам, ки соат ба нуҳ наздик шудааст! Ман ин пойҳоро омӯхтаам, ман онҳоро мешиносам, на, на, саҳеҳтар ин ки то ду ҳафта пеш ман бовар доштам, мутмаин будам, ин пойҳоро мешиносам, аз ин пойҳо рӯйҳоро мешиносам, ваҷоҳати чеҳраҳоро дармеёбам, чуниву чигунагии соҳибони пойҳоро мешиносам, ман дақиқ медонам кадом пой мутааллиқ ба зан ва кадом пой аз они мард аст – албатта, пойи занро аз пойи мард ҳар аблаҳу кавдане низ фарқ мекунад, ин тамйизу тафкик ҳеч ақлу таҷриба намехоҳад, ҷойи ифтихор надорад, аммо ман итминон доштам, дақиқан, бехато пойи ҷавонро аз пир, – ки низ душвор нест, – пойи марди камбағалро аз пойи фарди сарватманд, пойи шахси бекорро аз пойи каси бакор, пойи шикамгуруснаро аз пойи шикамбора, пойи фарди оромтабиатро аз пойи марди алаҳдаю асабонӣ, пойи солеҳаро аз пойи фоҳиша метавонам тафовут бикунам, албатта, ҳеч гоҳ муяссар нашуда буд, ки шинохта ва донистаҳоямро амалан бисанҷам, ба таври муоина қазоват бикунам, вале итминон доштам, ки иштибоҳ намекунам, хато намекунам. Ман ин пойҳоро дар муддати ду солу ду моҳ ҳамарӯза назора кардаам, омӯхтаам, таҳқиқ кардаам, ва ба натиҷа расида будам, ки дигар аз шеваи пой бардоштан, аз тарзи пой гузоштан, аз нахваи роҳ рафтани роҳгузарон вазъи ботинии онҳоро дармеёбам, ҳатто ба таври куллӣ авзоъи замонаро пай мебарам ва чун он чиро, ки дар хусуси авзоъи замон дарёфтаам, бо ҳикоятҳои Манижа аз ҷаҳони паси тиреза ва навиштаи рӯзномаҳо ва барномаҳои родиёӣ месанҷидам, медидам, ки гумон ва

андешаҳоям тақрибан бо воқеият дуруст меоянд... Ва аммо ин ҳама то ду ҳафта пеш буд, чаҳордаҳ рӯз ё понздаҳ рӯз қабл буд; чаҳор пойи мутааллиқ ба ду писари ҳафт-ҳаштсола аз паси тиреза гузаштанду рафтанд, лаҳзае пас тӯби волейбол ба оҳистагӣ ғелид омаду дар паси равзанаи ман истод, баъди лаҳзае ду пойи борик ва заъифи ботинкапӯши духтари нуҳ-даҳсолае, ки ҷуфте ҷуроб аз дохили ботинкаҳояш берун баромада то ба канори доман расида буд, падид омад, ман беихтиёр сарамро каме ақиб кашидам, намехостам духтарак бибинадам ва тарс ё кунҷковиаш боиси таваҷҷуҳаш ба таҳхона бишавад, аввал ду даст поён омад, баъд духтарак нишаст, тӯбро гирифт ва ногаҳон зонувонашро ба замин гузошта, сарашро якҷониба хам оварда ба шиша часпонд ва ба таҳхона нигарист... Ман беихтиёр худро ақиб кашидам, – намедонистам ҳарос буд ё ҳайрат, ва ҳоло пас аз гузашти ду ҳафта низ намедонам – мӯйҳое сафед ва мураттаб, чашмоне фурӯрафта, рӯйе пурожангро дидам, пирзанеро дидам, ки яқинан беш аз ҳафтод сол умр дошт. Гумон мекунам, ӯ маро надид, мутмаин шуд, ки дар ин таҳхона ҳеч чизе, ки қобили таваҷҷуҳи ӯ бошад, вуҷуд надорад, зуд бархост ва исмеро фарёд кард – Нодира, ё Моҳира, ё Шоира? – ва дур шуд. Вале ман муддати мадиде музтару мулзам мондам. Ба шогирде мемонистам, ки устод ба назди тахта барои ҳалли масъалае даъват кардааст, вале ӯ роҳи ҳаллашро намедонад ва бар асари изтиробу сарафкандагӣ пайваста бӯру латтаро байни ангуштонаш мечархонад. Шабеҳи сайёҳе будам, ки мутмаин аст, пайроҳа баъди

чанде аз бешаи анбуҳ берун меорадаш ва чун мефаҳмад, ки баръакс ба дарунтари ҷангали анбуҳ раҳ бурдааст, пардаи сиёҳи шом фуруд меояд. Як чеҳра дар лаҳзае ҳама донистаҳову шинохтаҳои дусолаамро хати бутлон кашида буд, тамоми итминону боварамро дар они воҳид бар бод дода буд. Ба назарам расид, танҳо тавҷеҳи умри дусолаам дар таҳхонаро аз даст додам. Бадтар аз он ба андешае расидам, ки эҳтимол ҳамаи донистаҳои зиндагиям, ҳама бовару эътиқодотам фиребе беш нест. Пиразанеро мемонистам бо тағораи шикаста ва дар назди кулбаи ҳақиру вайрона аз афсонаи машҳури Пушкин. Ва ба худ аҳд кардам дигар ба ин пойҳои фиребанда нанигарам....

Лекин имрӯз маҷбур ҳастам боз ба пойҳо нигарам ва аҳён-аҳён пойҳои раванда гувоҳӣ медиҳанд – ва аз таҷриба медонам, ки ҳоло фиребам намедиҳанд, – соат нуҳ аст ва ё шояд каме аз нуҳ гузашта... Ва аммо Манижа куҷост? Чаро дер кард, магар намедонад, ки набояд таъхир бикунад? Намедонад, ки интизорӣ, ба хусус барои ман, – бадтар аз марг аст?! Эҳтимол хӯрокаш ниматайёр баркро қатъ карда бошанд? Ва чун аз ҳудуди як сол пеш интиқоли газро ҳам ба хонаҳои маскунӣ қатъ карда буданд, ӯ маҷбур шуда, ки дар оташдон алов даргиронад, деги нимчӯшашро аз табақаи чаҳорум ба поён, ба пушти ҳавлӣ бибарад... Мукаррараан гуфта будам, ки ташвиш накаш, ман омӯхта шудаам, бо ғизои хушк, бо як бурида нон ва косае об ҳам қаноъат кардан метавонам, агар аз нони хушк дилгир бишавам, метавонам қуттие консерви гов

ё моҳиро гарм бикунам, вале ӯ аслан намепазируфт, суханамро мебурид, мегуфт, ғизои гарм ҳатто ҳафтае як бор бошад ҳам, ба ҷисму ҷон неру мебахшад, хӯрдани консерв аз ноилоҷист, чӣ тавр ман ба пойи худ ояму дами гарме наёварам. Дуруст аст, ки ман тайи ҳафт рӯз борҳо хӯроки гарми хонагиро ёд мекунам, интизор мешавам, вале агар интихоб дар миён аст – ё интизории тазйиқовар ё хӯроки гарм – аз баҳри ғизои гарм мебароям. Ин маъниро ҳам гуфта будамаш, вале ӯ паси гӯш кард, боз хостаи худашро мекунад... Бошад, вале чаро ин қадар таъхир мекунад... кошки сабаби таъхираш фақат ҳамин қатъ шудани барқ бошад... пас баъди ним соат, ё дери дер то як соат меояд. Вале, агар Худо накарда, дастгираш карда бошанд чӣ? Имрӯз барояш рӯзи озод аз донишгоҳ аст, рӯзи ба истилоҳ китобхона, – сабаб ҳамин аст, ки чоршанберо рӯзи дидор муқаррар карда будем, яъне то субҳи фардо ҳамкоранаш низ аз ғиёбаш огоҳ намешаванд.... Вале огоҳ шаванд, чӣ? Оё метавонанд барои раҳояш коре бикунанд.... Дар ниҳоят метавонанд, барояш тавсифномаи хубе бинависанд... Ва баръакс худашонро метавонанд ба пуштибонӣ аз «душмани халқ», ба чора надидан алайҳи завҷаи «хиёнаткори ватан» муттаҳам бикунанд.... Ин андешаҳо маро метарсонад, наметавонам дар ҷой бинишинам, бармехезам, ду даст ба пушт – аз одати бобоҳои рустонишинам аст, ки ба ман мерос расида, рӯйи фарши зиндон қадам мезанам. Аммо ҳуҷраи зиндон танг аст: 4 м бар 5 м ва барои тез-тез қадам задан ва андешаҳои мутаҳоҷимро ба низом овардану баррасӣ

кардан ба дард намехӯрад. Ва ман чунон самт мегирам, ки тавонам мустақим ба ҳуҷраҳои «дарун» ва «андарун» низ қадам бизанам. Зиндони ман се ҳуҷра дорад: ҳуҷраи берунӣ ҳуҷраи аслист, ки дари вурудӣ ва тирезаи хурде ба берун дар девори самти ғарбӣ ва равзана ба табақаи аввали бино дорад, ман рӯзона асосан дар он ҷо менишинам, бештар дар назди тиреза – ё китобу рӯзнома мехонам, ё пойи раҳгузаронро «таҳқиқ мекунам» (балки «таҳқиқ мекардам») ва шабона дар он мехобам, ҳуҷраи дарунӣ, ки масоҳаташ баробар бо ҳуҷраи берунӣ аст ва лӯлаи об дорад (замоне мудирияти корхона мехоста дар он барои истифодаи инфиродӣ ҳаммом бисозад) ва ман аҳёнан дар он ҷо об меҷӯшонам, то чой бинӯшам ва риш битарошам, гоҳе ғизои шабмонда ва ё консервро гарм мекунам, рахти хобамро низ рӯзона дар он ҷо мегузорам ва низ дар ин ҷо родиё гӯш мекунам ва ҳуҷраи андарунӣ, ки 2,5 м бар 2,2 м аст ва ман он ҷо барои худ халоҷое ба умқи ҳудуди 2 метр кандаам. Инак ман дастҳо ба пушт дар имтидоди ин се ҳуҷра зуд-зуд гом мезанам, ки шояд сабаби дигари мумкини таъхири Манижаро дарёбам ва онро ҷойгузини андешаи маҳшуши дастгир шудани ӯ бикунам.... Вале хаёл, тасаввур ва андешаи дастгир шудани Манижа он қадар ҳушу ақламро гирифтор карда, ки наметавонам ба осонӣ аз он раҳо бишавам... Агар дастгир кунанду бипурсанд, ки ин ғизоро ба кучо, барои кӣ мебарӣ, чӣ мегӯяд? Албатта, дар чунин мавридҳои эҳтимолӣ ӯ ҷавоби омода дорад, мо қаблан сиголиш карда будем: исми хеше ё ошноеро ба забон меоварад,

ки ба хонаи ӯ ба меҳмонӣ мерафт. Вале, агар ба ҳарфаш бовар накунанд? Агар чанд ҳафта боз ӯро таҳти назорату муроқибат дошта бошанд чӣ? Пас ҳоло дар боздоштгоҳ аст ва истинтоқ мекунандаш. Ин лаънатиҳо аз истинтоқи зан ҳам худдорӣ намекунанд! Чӣ тавр занро метавон зад, азият кард? ... Гуфта будам, ки агар шубҳае пайдо шаваду боздошт кунандаш, ҳамаашро руку ошкоро бигӯяд, корро то ба тазйиқу фишор накашонад.... Аммо ман Манижаро хуб мешиносам, ба содагӣ намешавад ҳарфе аз забони ӯ берун кашид... Агар ба зарбу лат тоб оварда натавонад, эҳтимол, пас аз ним соат ё камтару бештар ба ин ҷо, ба суроғи ман хоҳанд омад. Ман бояд ҳар лаҳза омодаи ин эҳтимол бошам. Ман бояд сохтаву омода бошам, ки ҳар лаҳза, бидуни таъхир ин ҷоро тарк бикунам. Агар биёянд, ман дувоздаҳ-понздаҳ ё ҳадди ақалл нуҳ-даҳ дақиқа вақт дар ихтиёр хоҳам дошт. Вақте ки аз зинапояҳои оҳанин поён мефуроянд, ман шарфаи пойҳояшонро возеҳан мешунавам, ин садо ба деворҳои таҳхона бархӯрда пажвок медиҳад, баландтар ва тӯлонитар ба гӯш меояд – чунонки ҳар ҳафта рӯзи чоршанбе ошарфи Манижа, бо вуҷуди боэҳтиёт пой гузоштанаш, ба гӯшам мерасад, – баъд бо роҳрави дароз ба охири таҳхона мераванд, аз он ҷо ба роҳрави мувозии дигар ворид шуда, ба ин самт меоянд, қуфлро боз мекунанд, – агар Михайлич, ба ҷойе нарафта бошад ва ё агар баҳонае итминонбахш пеш наёварад, - вале дари оҳанин қуфли дохилӣ низ дорад, ки калидаш фақат дар дасти ман аст, наметавонанд боз кунанд ва барои шикастанаш на камтар аз

ҳашт-даҳ дақиқа сарф мешавад. Дар ин муддат ман метавонам аз равзанаи боми таҳхона, ки низ дари оҳанини қуфлзада дорад ва калидаш ҳам ин ҷо пеши ман аст ва ба яке аз ҳуҷраҳои табақаи аввал боз мешавад, берун оям, аз тирезае, ки мехҳои мушаббаки оҳаниашро мешавад осон, бо даст берун кашид ва ин тиреза танҳо барои худи ман мушаххас аст, худро ба паси бино бигирам ва ба кӯча бурун оям. Албатта, ин амр низ бадин содагӣ нест, фақат дар сурате мумкин аст, ки онон аз ин равзана хабар надошта ва дар паси он чанд нафарро дар интизори ман нагузошта бошанд, агар барои пешгирӣ аз ҳар эҳтимол одамонашонро дар паси бино нагузоранд ва боз чанд агару эҳтимоли дигар... Ва ногаҳон хаёлам ба самти дигар роҳ меёбад: агар Михайлич мурда бошад чӣ? Охирин бор, ҳафтаи гузашта, ки Манижа омада буд ва чун ба ҳасби маъмул ҳоли Михайличро пурсида будам, гуфта буд, хуб аст, шикояте надорад, салом мерасонад. Вале магар одамони солим намемиранд, синни Михайлич, ки аз 70 гузаштааст. Магар кам одаме шаб хобидаву субҳ сар аз болин барнадоштааст? Ба хусус дар чунин замоне, ки фишори зиндагӣ бештар шуда, мардум сарҳисоби зиндагиашонро гум кардаанд, чун имкони фарёд задану эътироз кардан надоранд, ин ҳама масоил ба қалбу руҳашон фишор меоварад, гоҳе дилро метарконад, хун ба сар мезанад, аз пой дармеафканад. Гирам, ки Михайлич мурда бошад ва ба ҷояш нафари дигарро нигаҳбон таъин карда бошанд ва ин нигаҳбони нав Манижаро ичозаи вуруд надода бошад? Ва ё худи Манижа ҳанӯз ҷуръат накарда-

аст ба назди ӯ ояд? Аммо агар ҷуръат бикунаду ояд, чӣ хоҳад гуфт? Худи ман ба ҷойи ӯ мебудам, чӣ мегуфтам? Бубахшед, шавҳари ман дар ин ҷо, дар таҳхонаи шумо пинҳон шудааст, агар барояш нон набарам аз гуруснагӣ мемирад? Аммо танҳо бо ин як ҷумла суолу ҷавобашон ба охир мерасад? Не, албатта! Азм мекунам, ки ҳар чӣ бодо бод, аз равзана боло мешаваму сари зону нишаста, ё сар хам карда (то аз кӯча набинандам) ба гӯшаи шарқии табақаи аввал меравам, аз тирезаи он ҷо хонаи нигаҳбонии Михайлич возеҳ намудор аст, тирезааш рӯ ба рӯст, ба якбор мутмаин мешавам! Не, албатта! Ҳатто ба назди равзана намеравам. Медонам, ки ин андешаҳои мағшуш ҳама маҳсули хаёлу ваҳми ман аст. Михайлич намурдааст, ҳатто агар мурда бошад ҳам, ба ҷояш касеро нигаҳбон таъйин намекунанд. Ин корхона барои касе лозим нест. Михайлич худ довталабона, ба ихтиёри хеш онро нигаҳбонӣ мекунад. Умедвор аст, рӯзе корхона дубора фаъъол мешавад, ба кор медарояд. То он замон дастгоҳҳо, дару тиреза, девору боми онро нигаҳбонӣ мекунад. Маро ҳам. Агар ӯ ва сагонаш набуданд, аз ин сохтмони бузург мисли корхонаҳои бузурги дигар ҳоло на дар монда буд, на девор, як хишт намонда мекашонданд. Ва ман ҳам имкон надоштам дар ин ҷо пинҳон шавам. Сабаби ба ин ҷо омаданам низ ҳамин Михайлич аст. Вай аз ҳамсоягон ва дӯстони Муҳаммадсодиқ буд, ман ӯро боре чанд дар хонаи Муҳаммадсодиқ дида, шиносу ҳамсуҳбат шуда будем. Он замон, албатта, нигаҳбон набуд, муҳандиси барқ дар ин корхона буд, Валентин Михайлович Нестеров

ном дошт. Чаро ном дошт? Ҳоло ҳам ном ва номи хонаводагияш ҳамон аст. Аммо Муҳаммадсодиқ боэҳтиром ва дӯстона Михайличаш менамид ва ман ҳам аз забони ӯ омӯхта ва одат карда будам.

Баъди воқиаи манзили Амриддин ман бояд ҳатман ё аз кишвар берун мерафтам, ё ҳарчи зудтар дар ҷое мутмаин махфӣ мешудам; фирор аз кишвар, ки таҷрибаи аввалин ва то кунун охиринаш ноком ва дар зиндони Нури Латиф хатм шуда буд, дигар ба назар ғайримумкин менамуд: дар фурудгоҳу истгоҳҳои роҳи оҳан, дар гузаргоҳҳои марзӣ феҳристҳои номи мухолифон ва шахсони машкукро, ки вазорати амнийат ирсол карда буд, дар ихтиёр доштанд ва илова бар ин, ҳар мусофирро бо диққат ва муфассал мавриди пурсуков қарор медоданд: ба кучо меравад, ба чӣ муддат, барои чӣ, бо кӣ меравад, аз кучо мешавад, узви кадом ҳизб аст ва ғ. ва ҳ., дар бисёр китъаҳои навори марзӣ мин хобонида буданд ва ҳар ҳафта хабари бар асари таркиши минҳо дар манотиқи марзии кишвар кушта ва маҷруҳ шудани одамон ва чорпоён бо ҷузъиёту тафсилоти росту дурӯғи даҳшатафканаш ба пойтахт мерасид. Вале бидуни ин даҳшатҳо низ ман худ дигар хатар карданӣ набудам. Пас бо Манижа ба машварат нишастем, ки дар кучо метавонам ҳадди ақалл ду-се моҳ пинҳон бишавам. Мукаррар ҷойҳои мухталиф – хонаи шиносону хешон, ҳамкорон, ҳамсоягонро баршумурдему рад кардем, бархе қобили эътимод набуданд, манзили баъзе дар ҷойе буд, ки ба назар пурхатар мерасид, қисме дигареро, ки бечорахол буданду дар мав-

риди зарурат ҳарфе ба ҳимояти худ гуфтан наметавонистам, худам нахостам ба хатар мувоҷеҳ кунам. Вақте ки дигар гӯё ҳеч шиносе боқӣ намонд, ногоҳ Михайлич ва корхонааш ба хотирам омад. Муҳаммадсодиқ гуфта буд, Михайлич, ки занаш фавт карда ва фарзандонаш чанд сол пеш барои зиндагии доим ба Русия рафта буданд, маҷбур шудааст хонаашро бифурӯшад ва пулашро ба писараш, ки қарздор ва бо таҳдиди шарикони тиҷораташ мувоҷеҳ шудааст, бифиристад ва худ бо мусоидати раиси собиқи корхона, ки ба мақоми муовини вазири саноат мансуб шуда буд, ба корхона кӯчидааст, то ҳам дар посбонхонаи он зиндагӣ бикунад ва ҳам корхонаро аз дуздону ғоратгарон муҳофиз бошад. Аммо барои ман бештар ин амр муҳим буд, ки Михайлич рус аст ва дар сурати ошкор шудани махфиғоҳ ва боздошт кардани ман ҳам, ба ӯ осебу зиёне намерасад, пас аз соате пурсуков раҳояш мекунанд, ба ҳарфҳояш, ки аслан маро намешиносад, аз чӣ тавр ба ин ҷо ворид шудани ман хабар надорад, зуд «бовар мекунанд»; ҳукумати Пакана, ки ба эътироф ва пуштибонии давлатҳои хоричӣ сахт ниёзманд аст, ба ҳеч ваҷҳ намехоҳад, барои «кайке пӯстин бисӯзад», яъне барои як нафар муносибаташро бо Русияи ҳанӯз ҳам муқтадир бад кунад. То чанд соли пеш ин корхона фаъъол ва машҳур буд, чанд ҳазор коргар дошт, ҳама бошандагони шаҳр медонистандаш. Бо Манижа машварат кардем, ки субҳи фардо бо роҳҳои гуногун ба корхона биравем. Ман аз байни хонаҳо роҳ пеш гирифтам, то аз чашмраси пулисҳо дуртар бошам. Бо вуҷуди тоза фаро ра-

сидани тирамоҳ ҳаво сард шуда буд ва ман бо ин баҳона гиребони борониамро боло бардошта ва сар ба гиребон фурӯ бурда, кулоҳ ба болои абрувон кашида будам ва тез-тез қадам мезадам. Чун расидам, каме дуртар аз дарвоза Манижа интизорам меистод. Ҳарду баробар ба корхона ворид шудем. Хоҳишамон ғайриинтизор ва ғайриодӣ буд. Михайлич муддате хомӯш монд. Дар тардид буд, шояд метарсид – ҳам аз омилони ҳукумат ва ҳам аз ташвиш ва дардисаре, ки бетардид, ҳузури ман барояш эҷод мекард. Ва шояд эҳсоси тарс ва башардӯстӣ дар қалбаш пайкор мекарданд. Ман бояд ба неруи хайр ёрӣ мекардам, то пирӯз шавад, ман бояд хомӯш намеистодам, ман бояд чанг ба торҳои виҷдонаш мезадам. Ва яке-яке баршумурдам: фулонию фулонию биҳмадониро зиндон карданд, бидуни ҳукми додгоҳ чанд моҳ аст, ки маҳбусанд, фулонию фулонию биҳмадониро куштанд, ҳар ки тавонист, имкон дошт, фирор кард, дигарон дар ҳар ҷо пинҳонанд... Ман ҳам то кунун дар чандин ҷой пинҳон шуда будам, чанд бор маҷбур шудам, ҷой иваз кунам, бори охир соҳиби хона фурӯхтамон, писарамуи худашро ҳам фурӯхт, ӯро доштанду бурданд, ман иттифоқан аз чангашон халос шудам.

Михайлич ҳарфе дар посух нагуфт, ба посбонхона ворид шуд, баъди чанд дақиқаи хомӯшу тӯлонӣ бастаи калид дар даст берун омад: «биёед». Аз дунболаш роҳ пеш гирифтем ва ҳамчунон хомӯш то ба охири бино расидем, Михайлич дареро боз кард, аз поғундаҳо ба таҳхона фуромадем, дар поён як метр дуртар аз поғундаи охир девор роҳамонро масдуд кард, ба самти чап бар-

гаштем ва аз канори девор, аз роҳраве нимато-рик қадам задем, пас аз 85-90 гом девор ба охир расид ва мо ба самти рост гардидему ба роҳрави дигари мувозӣ ворид шудем ва ба самти муқоби-ли роҳрави аввал қадам задем. Ин роҳрав хелеториктар аз роҳрави аввал буд, боз 85- 90 қадам роҳ паймудему дар назди дари оҳанин қарор ги-рифтем, Михайлич қуфлро боз кард, калиди ди-гареро андаруни қуфли дохилӣ гузошт, ду тоб баргардонду дарро кушод, даромадем. «Дар ҳамин ҷо зиндагӣ мекунӣ, ин калиди дар, қуфли беруниро худатон пайдо кунед, ман инро меги-рам. Калиди дари боло дар дасти ман мемонад. Таҳхона хонаҳои зиёд дорад. Ман аслан ба на-здат намеоям, ту ҳам ҳеч талош накун, ки боло ойӣ, тамом, ҳоло биё як кӯрпаат медиҳам, дигар ҳама чизи лозимро худатон оред. Дидорбинӣ ҳарчи камтар бошад беҳтар, ҳам барои худатон, ҳам барои ман, ҳафтае як бор кофист». «Албат-та, албатта, – гуфт Манижа чашмонаш об ги-рифтанд, – ҳазор раҳмат, илоҳи саратон дардро набинад, ба ҳар муроду мақсаде, ки доред бира-сед, фарзандонатон соябони саратон бошанд». Ман афзудам: «Умед дорам рӯзе фаро бирасад, ки тавонам ин ҳама меҳрубониатонро ҷуброн кунам».

Аз ҳамон рӯз дигар ману Михайлич рӯ ба рӯ нашудаем, сухане радду бадал накардаем, гоҳе паёму тақозояшро бо Манижа мерасонад, ман фақат ду бор аз дурӣ дидамаш, аз паси шишаи тиреза, вале ӯ маро не. Аз ҳамон рӯз ин таҳхона маскани ман, хонаи ман, зиндони ман, панох-гоҳи ман аст. То имрӯз ҳастам, фардо чӣ меша-

вад, пас аз соате чӣ мешавад, намедонам. Манижа таъхир мекунад, Манижа намеояд...

Агар бемор шуда бошад чӣ? Сахт бемор шудааст ва ба беморхона бурдаандаш ва ё Худой накарда, бо таби баланд дар хона хоб асту касеро аз ҳолаш хабар не. Дар ин сурат ман бояд то фаро расидани шом интизор бошам ва баъд худро аз тариқи равзану тиреза ва ё дар ба кӯча бигирам.

7

Аммо ба кучо хоҳам рафт?! Бидуни тафаҳҳус ва таҷассуси қаблӣ ҳатто барои муддати кӯтоҳе намешавад ба манзили худам сар бизанам. Бештарини дӯстону рафиқон фирор кардаанд, ё ба кишварҳои хорӣҷӣ ва ё ба манотиқи мухталифи кишвар – бештар ба зодгоҳашон ва дар он ҷо низ дар манзили хешону дӯстон пинҳон ба сар мебаранд. Гурӯҳе ҳам кушта шуданд. Муҳаммадсодиқи Зарифро субҳе аз хонааш бурданд; вай ки аслан ба худ иҷоза намедод, ҳатто ба хонаи ҳамсояаш бо риши расидаву либоси хонагӣ биравад, хоҳиш кард, ки даҳ-понздаҳ дақиқа иҷоза бидиҳандаш, то риш бигираду либос иваз кунад, як лаҳза ҳам нагузоштандаш, ба мошин нишонданду бурданд ва рӯзи дигар ҷисми нимҷону пурҷароҳаташро назди дарвозаи ҳавлиаш афканданд. Ду рӯз беҳушу беёд хобид ва танҳо лаҳзае чашм боз кард, то назаре ҳайрон ба пайвандонаш бияфканаду абадан дида фурӯ бибандад. Ман он замон дар манзиле дар кӯчаи ҳамсоя,

шояд на бештар аз дусаду панҷоҳ метр дуртар аз ҳавлии Муҳаммадсодиқ махфӣ нишаста будам ва ҳатто натавонистам дар маросими дафнаш ширкат кунам. Гумон доштем Дониёли Исҳоқӣ аз кишвар берун рафтааст, вале колбади варамидаашро дақиқан панҷ моҳ пас аз он ки бо мо паноҳихудо карду рафт, дар охири тирамоҳ, баъд аз он ки оби наҳри канори пойтахтро партофтанд, аз зери регу гили ин наҳр пайдо карданд ва агар соати дасташ, ки дар замони донишҷӯйӣ барои баранда шуданаш дар сабқати илмие ҳадя карда ва ба ин муносибат исмашро дар пушташ ҳак карда буданд, набуд, касе намешинохташ ва намедонист ҷанозаи кист. Вай як рӯз бегоҳӣ, қабл аз сафараш ба назди ман, ба хонаи бародари Манижа низ омада буд, ҳарчанд хоҳишу исрор кардем, ба хона надаромад, ҳамон ҷо рӯйи ҳавлӣ истод ва гуфт, барои паноҳихудо омадааст, зеро фардо ё пасфардо хоҳад рафт, ва ба посухи нигоҳи ман афзуд, афсаре аз гурди муҳофизи Садри аъзам ваъда додааст, ӯро худ аз марз бигзаронад. Чун ибрози нигаронӣ ва тардид кардам, бо итминон гуфт, ин афсарро яке аз муътамадонаш муаррафӣ кардааст ва ҳеч шубҳаю тардид дар миён нест, беш аз ин наметавонад ҳар рӯз дар интизори пешомади мавҳуме нишинад ва ҳарчи зудтар биравад, ҳам барои худаш ва ҳам барои наздиконаш беҳтар аст. Аз миёни мо дӯстон ҳеч кас баробар бо Дониёл эътимод ба нафс надошт, ҳеч яки мо мисли Дониёл барои даст ёфтан ба ҳадафу мақсад пайгиру собитқадам набуд ва низ ҳеч яке аз мо наметавонист мисли ӯ аз чанд амри ҷузъӣ ва тақрибан

ноаёни ҳол пайомадҳои куллии фардову пасфардоро пешбинӣ бикунад. Ва ин аст, ки қалби ман таскин ёфт ва чун барои хайрухуш ҳамдигарро ба оғӯш гирифтем ва ӯ оҳиста ба гӯшам гуфт, ман ҳам бо ҳар роҳе, ки бошад бояд ҳарчи зудтар аз ватан берун биравам, итминон доштам, ки моҳе чанд пас ё соле баъд дар хорич аз ватан, дар кишваре наздик ё дур ба дидори ҳам хоҳем расид; ҳамон вақт ман низ ба таври ниҳоӣ тасмими рафтанро гирифтам. Ва чанд рӯз баъд – шаш ё шояд ҳафт рӯз, на беш аз ин – Манижаро ба паноҳи Худо супурдаму бо мақсади тарки ватан пой аз остона берун ниҳодам...

Аммо Шарифӣ дар зиндон ҷон дод; ӯ гирифтори бемории қанд буд ва дар маҳбас, албатта, имкон надошт парҳезро риоят ва аз худ мувозибат бикунад. Солеҳи Рачабзода ва Шарифи Муҳаммадёрро дар хиёбон, дар пеши назари мардум паронданд, Асғари Самадиро ҳангоми убур аз марз. Чандин нафар ҳам дар зиндонанд – мисли Ҷамоли Аҳмадзода, Ҳамиди Султонӣ, Мирзиёи Муҳаммадзода, Қосими Хайрулло ва чанд тани дигар. Қосими Хайруллоро дар пеши назари ман боздошт карда буданд ва дар ин амр то ҳадде гуноҳи ман ҳам буд, ба ҳар сурат ман то кунун бори гуноҳи боздошти ӯро бар қалби худ эҳсос мекунам. Ва фақат тасодуфи нек буд, ки он шаб худи маро аз ҳамшарик шудан ба сарнавишти ӯ маҳфуз дошта буд.

Панҷу ним моҳ аз вуқуъи кудито ва ба қудрат расидани Пакана сипарӣ мешуд, ман он замон беш аз ду ҳафта шуда буд, ки дар манзили бародари Манижа ба сар мебурдам ва бояст махфи-

гоҳи худро иваз мекардам. Қосими Хайрулло, ки дар дафтари Садри аъзам ба ҳайси дастёри ман ифои вазифа мекард, шояд аз дӯстонамон фаҳмида буд, ки ман дар пайи паноҳгоҳи дигаре ҳастам ва мехост ба ман ёрӣ диҳад, танҳоям нагузорад, ё эҳтимол мехост дар рӯзҳои дарозу яксон ва якнавохти хонабанд шарике ва ҳамсуҳбате дошта бошад, намедонам. Аммо ҳарчи ҳам буд, ӯ худ ба назди ман омад, бо мошини пулиси шиносаш омада буд. Гуфт, ҷойи эмин ва беташвише пайдо кардааст ва мехоҳад, хоҳиш мекунад – барои худаш ва исрор меварзад – ба хотири ман, ҳамроҳи ӯ биравам. Бадеҳист, нахуст ҳарфам ин буд, ки пурсидам: «Кучост?». Гуфт: «Хонаи писарамакам, Амриддин». Ин исм бароям шинос буд, эҳтимолан аз худи Қосими Хайрулло зиёд шунида будам, пурсидам: «чикора аст Амриддин, хонааш кучост». Табассуме гирди лабаш падид омад, гуфт: «Ҳавлӣ дорад, дар пушти Арк аст, шашсад-ҳафтсад метр дуртар, худаш майори гурди муҳофизи Садри аъзам буд…». Гумон кардам, ҳарфашро дуруст нафаҳмидам, лаҳзае ҳайрон мондам ва баъд пурсидам: «Кай, кадом Садри аъзам?» Боз табассум кард, гуфт: «Ҳамин Садри аъзам, майори гурди муҳофизи Муҳриддини Шобадал. Қаблан, ёдатон нарафта бошад, гуфта будам, дар вазорати амният машғул буд, баъд ба ин ҷо гузарондандаш. Вале ҳоло дигар хидмат намекунад, худаш ариза навишта, дархости истеъфо кард ва мурахҳас шуд, як ҳафта пештар». Ман пеш аз он ки суоли навбатиро бидиҳам, чанд лаҳза хомӯш мондам: «Ту ба ӯ мутмаин ҳастӣ? Худи ӯ ҳам, гумон мекунам, дигар, пас аз

истеъфояш мавриди итминони инҳо нест, баръакс бо чашми шубҳа менигарандаш, шояд то чанд моҳи дигар ҳар қадамашро мурақибат бикунанд, эҳтимол ҳавлиаш низ таҳти назар бошад, вай ба унвони як нафаре, ки аз сирру асрор бохабар аст, барои инҳо хатарнок низ ҳаст». «Не, баръакс, худаш хостгори хидмат дар неруҳои марзбонӣ шудааст, аз фармондеҳи гурди миллӣ тавсифномаи хуб ҳам дорад, мегӯяд, ягон моҳ истироҳат мекунад, баъд ба ҷойи хидмати наваш меравад». «Медонӣ, ки мардум бовар доранд, корманди амнияти собиқ вуҷуд надорад, корманди амнийт то рӯзи маргаш корманди амнийт аст». «Амриддин ба ман фақат писарамак нест, мо дар як ҳавлӣ бузург шудем, дар як мактаб, дар як синф хондем, мо бародару дӯст ҳастем. Вай худаш пешниҳод кард, ки як муддат дар ҳавлии ӯ бошам. Албатта, гуфт вай, бояд аз ҳавлӣ берун набароям, ҳатто ҳамсояҳо набинандам беҳтар аст, гуфт, ки ҳоло ба мисли ман кормандони қатории давлати собиқ кор надоранд, ҳоло бештар аз дунболи мақомдорони сатҳи боло мегарданд, вале баъдан эҳтимол тасмимашон дигар шавад, чун ҳанӯз тарс доранд, медонанд, ки пояи давлаташон устувор нест. Гуфт, ки беҳтар аст муддате ба чашми касе нанамоям, дар хонаам наистам, беҳтар аст, ки вуҷудамро фаромӯш кунанд». Ман Қосими Хайруллоро солҳои зиёд мешинохтам, беш аз понздаҳ сол, дар Донишгоҳ шогирдам буд, баъди хатми таҳсил, худам ба курсии таърихи асрҳои миёна даъваташ кардам, таҳти роҳбарии худам рисолаи номзадӣ дифоъ кард ва чун ба дафтари Садри аъзам даъватам

карданд, ӯро ҳамроҳи худ овардам. Ба ӯ итминон доштам, медонистам марде содиқ аст ва хиёнат нахоҳад кард. Аммо дар мавриди писарамуяш тардид доштам. Қосими Хайрулло аз хомӯш монданам ин тардидро пай бурд. Гуфт: «Шубҳа накунед, ман дар мавриди шумо ба Амриддин гуфтам, гуфтам, ки ҳамроҳи шумо меоем, медонад ки шумо киед, чикора будед, хеле хуб мешиносадатон. Хурсанд шуд, мувофиқат кард, гуфт, барои худ шарафу ифтихор медонад, ки дар чунин рӯзҳои сахт, аз фарзандони миллат пуштибонӣ кунад». Ва ман розӣ шудам, гарчи ҳанӯз дар мавриди Амриддин машкук будам. Аз ҷониби дигар, то ҳол манзили қобили эътимоде барои рафтан ҳам пайдо накарда будем ва беш аз ин медонистам, дилам гувоҳӣ медод, Қосими Хайрулло маҳз ба хотири ман бо писарамуяш дар хусуси сарпаноҳ гуфтугӯ карда буд, вагарна он замон худи ӯ ҳеч ниёзе ба тарк кардани манзилаш надошт ва агар пешниҳоди ӯро рад бикунам, ба маънии итминон надоштанам ба худи ӯ талаққӣ мешавад ва боиси ранҷиши ӯ мегардад. Ба дил гуфтам, ду-се рӯз дар хонаи Амриддин мемонам, ҳамон ҷо аз рафтору гуфтораш ба хулосае меоям, ки биистам, ё биравам. Ва ҳамон рӯз, баъди шом бо ҳамон мошини пулис ба хонаи Амриддин рафтем. Ҳавлие бузургу бошукӯҳ дошт, имораташ ду табақа, бо хонаҳои зиёд. Ба мо аз канори иморат хонаи бузургеро доданд, ки меҳмонхона буд ва даромадгоҳи ҷудогона дошт. Сездаҳ рӯз дар ин хона зиндагӣ кардем. Амриддин тақрибан ҳар бегоҳ наздамон медаромад ва секаса аз ин дару он дар суҳбат мекардем, гузаш-

таро ба ёд меовардем. Суҳбатҳоямон бештар бӯйи ҳасрати гузашта ва шамими умеди ояндаро дошт. Гоҳе водкаву коняк меовард ва мешуд, ки дар чунин шабҳо суҳбатҳоямон тӯл мекашид, то нимашаб идома меёфт. Ва дар ҳамин нишастҳои ниммастона буд, ки банди забони Амриддин боз мешуд, чизҳое бароямон мегуфт, ки набояд мегуфт ва барои корманди амният нақсу айб ҳам маҳсуб мешуд. Асрори гусаста шудани ресмонҳои дори Собири Маликро ҳам аз ҳамин Амриддин шунидем. Ҳайрон мешудам, ба худ мегуфтам, дар замоне, ки барои истихдом дар вазорати амният афродро ин қадар мавриди санҷишу озмоиш қарор медоданд, чунин пургӯйе, ки наметавонад забонашро дар банд нигаҳ дорад, чӣ тавр ба он ниҳод роҳ ёфтааст!? Ё шояд, аслан ҳарзагӯй ва содалавҳ набудааст, балки баъдан, бо гузашти солҳо чунин заъфе пайдо карда, ки забонашро паси дандон наметавонад нигоҳ дорад ва ё, шояд, дар воқеъ, ончунонки худ мукаррар мегуфт, моро одамони мутмаин мешумурд ва бовар дошт, ки мо, албатта, он чиро ки аз ӯ шунидаем, ба ҳеч вақҳ ба каси дигар нахоҳем гуфт. Таъкид мекард, «агар фаҳманд, ки ба аҳаде дар ин бора сухан гуфтаам, тамом, аз сад ҷон як ҷонам халосӣ надорад» ва эҳтимол моро ҳам таҳдид мекарду метарсонд, «ҷони шунавандагон ҳам дар маърази хатар қарор мегирад, албатта». Ва гоҳе ҳам ба шубҳа меафтодам, ба худ мегуфтам ва боре ба Қосими Хайрулло ҳам гуфтам, ки шояд Амриддин амдан розгӯйӣ мекунад, мехоҳад, моро низ ба гап кашад, қуфли забони мо ҳам боз гардад, то аз замири диламон огоҳ бишавад,

бифаҳмад, ки чӣ медонему чӣ меандешем? Қосими Хайрулло малеҳ табассум кард, не, гуфт, не, албатта, ман гуфт, боре, пеш аз ба ин ҷо омадани шумо аз вай пурсидам, туро, шуморо, афсарҳои миллатдӯсту ватанпарастро, гуфтам, чӣ маҷбур мекунад, ки дар хидмату фармони чунин шахсе бошед, оё шумо ин амрро нангу ор намедонед, таҳқири шаъни афсариатон намеҳисобед? Амриддин сахт ранҷид, ба ғазаб омад, гуфт, фақат ту нестӣ, ки чунин фикр мекунӣ, дар сари бисёр касони дигар ҳам ҳамин андеша мечархад, гарчанд ба забон намеоранд, иброз намекунанд, вале мо медонем. Аз берун нигоҳ кардан, аз дур танқид кардан осон аст, гуфт; мо гуфт, ба шахси Муҳриддини Шобадал хидмат намекунем, мо хидмати ватанамонро мекунем, мо амнияти кишварамонро нигаҳбонем, агар ӯ бад аст, агар ӯ қобилияту шоистагии чандоне барои роҳбарӣ надорад, яъне чӣ, бояд ин ватанро ба ҳолаш бигузорем, бигузорем, ки харобтар бишавад? Мо дар посгоҳи худ ҳастем, агар мо нестем, ҷойи моро шахсони фурсатталабу манфиатҷӯй мегиранд, кишварро аз ин ҳам харобтару вайронтар мекунанд, моем, ки ҳадди ақалл тамомияти арзӣ ва амнияти кишварро посдорӣ ва онро барои ояндагон ҳифз мекунем. Ва на фақат дар кори мо, гуфт, дар ҳар мақом, дар ҳар ниҳоди давлатӣ одамони миллатдӯст, мардони кордон ҳар қадар бештар бошанд, он қадар беҳтар аст, агар коре ҳам аз дасташон наёмад, агар кори хубе кардан ҳам натавонистанд, ҳадди ақалл курсиро банд мекунанд ва имкон намедиҳанд, касони манфиатҷӯй ва тамаъкор, онҳое, ки гӯри касонро ме-

сӯзанду деги худро мечӯшонанд, ба ҷояшон нишинанду вазъро вахимтар ва кишварро харобтар кунанд. Ту ҳам гуфт, ба ҷойи аз бекорӣ ба фикру андешаҳои беҳудаву фосид машғул шудан беҳтар буд, аз кор намерафтӣ, туро касе аз вазифаат маъзул намекард, агар коратро идома медодӣ беҳтар буд, ҳам барои худат, ҳам барои миллату ватан, ки ҳамеша дар сари забон дорӣ, ҳамеша даст ба сари сина зада, аз дӯст доштани онҳо лоф мезанӣ. Дар ҷавоб гуфтам, ҳеч гоҳ, ҳеч гоҳ, ман ин корро намекунам... ман ба худ эҳтиром дорам. Агар накунӣ, гуфт, ақаллан хомӯш бош, ба дигарон халал нарасон. Баъд бо қаҳр баромад рафт. Фикр кардам, ки то ҷое суханаш ҳақ аст, марди неку покнияте дар мақоме метавонад, сади роҳу чандин шариру касиф бишавад. Ва ман ҳам иқрор кардам, ки бале, суханони Амриддин то ҳадде дуруст аст, рост мегӯяд, мо бо Дониёл Исҳоқӣ низ чандин бор ба ҳамин хулоса омада будем. Вале, аз ҷониби дигар, боз ҳаминҳо ҳастанд, ки имкон доданд Ангуштак ба қудрат бирасад, на танҳо садди роҳаш нашуданд, ки талоши муқовимат ҳам накарданд...

Ба ҳар ҳол, ман саъй мекардам бештар хомӯш розгӯйиҳои Амриддинро гӯш бидиҳам ва то ҳадди мумкин забон дар банд нигоҳ дорам. Ман дар хусуси фошгӯйиҳои ӯ ҳам дар он рӯзҳо ва ҳам баъдан бисёр андешидаам; сабаби ин ошкоргӯйӣ ва розпароканиашро мечустам. Ва баъдан мукаррар ба натиҷа расидаам, ки ӯ ин сирҳоро амдан фош мекард, дониста ҳикоят мекард, вале, албатта, на барои он ки аз фикру андешаи мо огоҳ шавад, бифаҳмад, ки чӣ мехоҳем,

балки ҳадафаш ин буд, то мо ду нафар мақомдорони давлати собиқ ва мухолифи Муҳриддини Шобадал, – ба хусус ман, – бидонем, ки ӯ низ аз кудитои Ангуштак, аз наҳваи роҳбарии ӯ розӣ нест. Ва шояд, аслан, бо ҳамин далел, моро дар хонааш паноҳгоҳ дода буд; мехост пас аз тағйири режим мо гувоҳаш бошем, дар ҳолати зарурат сипараш шавем. Боре, гӯё дар омади сухан ишора кард, ки сабаби аз гурди муҳофизи Садри аъзам рафтанаш ин аст, ки намехоҳад шарики ҷиноятҳо бошад, дасташ ба хуни мардуми бегуноҳ олуда шавад. Гуфт, «аз фармондеҳи неруҳои марзбонӣ, ки шиноси наздикам аст, хоҳиш кардам, ба фармондеҳи гурди муҳофиз нома нависад ва интиқоли маро ба неруҳои марзбонӣ тақозо кунад». Амриддин мутмаин буд, – ба ҳар ҳол дар ҳамон рӯзҳо, – давлати Муҳриддини Шобадал зиёд давом намеёбад. Зимни суҳбате таъкид кард: «ӯ вазифаашро иҷро кард, дигар ба хоҷагонаш лозим нест, акнун шахси дигар, бо тафаккури дигар мебояд, неруҳое, ки дар пасаш ҳастанд, худашон аз миён мебардорандаш». Аммо дар посухи пурсиши ман, ки ин неруҳо кистанд, забонхойӣ кард, суханро ба кӯйи дигар бурд ва мо фақат ин қадар фаҳмидем, ки ин неру хориҷист ва марбут ба кишвари абарқудрате. Ин амрро мо худ ҳам тахмин мезадем, ҳар ки ба ҳаводиси кишвар ба чашми ақл менигарист, метавонист пай бибарад, ки ҳамаи ин воқиаҳо бо тарроҳӣ ва таҳрики неруи хориҷӣ сурат гирифтааст, неруҳои дохилӣ, ки дар пешсаҳнаанд, фақат мучрӣ ҳастанд, нақши дувумдараҷа доранд, ҳатто Собири Малик, ки ман аз гунаҳ-

корони асосии ин фоҷиа медонам. Танҳо чизе, ки боиси суол ва ҳатто ҳайрат буду ҳаст, ин аст, ки чаро ин неруи хоричӣ маҳз Ангуштакро ба курсии қудрат нишонд, касеро ки нафаре ҳам аслан дар миёни нухбагони сиёсии кишвар аз ӯ ном намебурд, касеро ки шахсашу номаш дар маҳофили сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангӣ на ин ки аслан матраҳ набуд, балки ба гӯшаи хаёл ҳам намеовардандаш, одамони хушсалиқаву хушзавқ сари як хон ҳамроҳаш нон хӯрданро барои худ ор медонистанд? Магар наметавонистанд марди дурусттаре, кордонтаре интихоб бикунанд, ҳадди ақалл одаме пайдо бикунанд, ки зоҳираш боиси кароҳат нашавад? Чаро маҳз ӯ? Чаро? Қосими Хайрулло, чун ин суолро матраҳ кардам, чанде хомӯш монд ва баъд ҳадсашро иброз кард:

– Эҳтимол, барои он ки онҳо хостаанд, на фақат хеле осону сода ба аҳдофашон даст ёбанд, балки миллати моро таҳқир ҳам бикунанд, эҳсоси сарафкандагиву худкамбиниро дар қалби мардуми мо ҷой бидиҳанд ва минбаъд ба осониву суҳулат истисморамон кунанд,

Ман ҷавобе нагуфтам.

– Ё барои он ки касе гумон накунад онҳо дар ин амр даст доштаанд! Албатта, албатта, мардум мегӯянд, агар ин кор кори дасти бегонагон буд, онҳо ҳатман марди дурусттареро ба қудрат мерасонданд, ҳеч гоҳ чунин паканаеро ба курсии садорат намешинонданд. Мантиқашон бисёр сода аст, ҳам сода, ҳам муассир... Бо як тир чанд нишон заданд...

Ман боз дар посух ҳарфе нагуфтам. Ман андешаеро таҳлил мекардам, аз буъдҳои мухталиф

ба он менигаристам ва дар зеҳнам баст медодам, ки ҳамин чанд дақиқа пеш ба мағзам хутур карда буд. Ҳанӯз худ ба дурустиву ростиаш чандон итминон надоштам, вале чун ба забон овардамаш, гӯё шакл ёфт, ҳастӣ пайдо кард ва ба хеле аз пурсишҳои саргичқунандаам ҷавоби қаноатбахш дод. Гуфтам:

– Гумон намекунӣ, Ангуштак барномаҳоро тағйир дода бошад?

– Кудом барномаҳоро?

– Собири Маликро чаро ба дор кашиданд? Собири Малик дар таҳаққуқи барномаи бегонаҳо нақши муҳим ва ё дастикам яке аз нақшҳои муҳимро дошт, Ангуштак фақат яке аз муҷриҳои одӣ буд, ӯ пиёдае беш набуд, василаи кӯчаке буд фақат, баъд аз кудито бояд Собири Малик ба қудрат мерасид, ё каси дигаре, ки мо номашро намедонем, чун худи ӯ эҳтимол боре ҳам ба саҳна ворид нашуда буд, паси парда нигоҳ медоштандаш, вале Ангуштак дар лаҳзаи охир барномаро тағйир медиҳад, намедонам, бо машвараи ин неруи хоричӣ ё бидуни машвара, вай худ бо чанде аз афсарон забон меёбад, дафъатан баъд аз кудито Собири Маликро боздошт мекунанд ва Ангуштак худро қоиммақом эълом мекунад. Баъд – агар ин амр аз қабл машвара ва мувофиқа нашуда бошад, дарҳол бо ин неруи хоричӣ, ки мутмаинан вуҷуд дорад, вале мо ҳанӯз намедонем кист, вориди музокира мешавад, худаш ё одамонаш онҳоро итминон мебахшанд, ки Муҳриддини Шобадал барои даст ёфтан ба манофеъашон аз Собири Малик, ё каси дигаре, ки онҳо мехостанд, камтар муфид нахоҳад буд, балки аз

баъзе лиҳоз беҳтар ҳам ҳаст. Ин неруи бегона, хеле амалгарост, воқеъбин аст, онон на парвои Собири Малик доранд ва парвои каси дигаре, барои ин шогирдони Макиавелли[5] муҳим ноил шудан ба аҳдофашон аст, ба чи васила, ба чи роҳ аслан муҳим нест, ин аст, ки онҳо Собири Малики маглубро осону арзон мефурӯшанд ва бо Муҳриддини Шомурод паймони ҳамкорӣ мебанданд.

Ин андешаҳо ҳамон лаҳза, зимни суҳбат бо Қосими Хайрулло ба зеҳнам мерасанд ва худам ҳам баробар бо Қосими Хайрулло мешунавамашон ва худам ҳам баробар бо ӯ боварашон мекунам.

Қосими Хайрулло чизе нагуфт, вай якбора аз ҷой бархосту зуд-зуд чанд бор аз ин тараф ба он тарафи хона қадам зад ва баъд, зоҳиран, каме ором шуду дар ҷояш нишаст.

– Ҳамин тавр бояд бошад, агар чунин шуда бошад, бисёр чиз фаҳмо мешавад.

Аммо гузашта муҳим буд, оянда муҳимтар. Мо зуд ба баррасии суханони охири Амриддин гузаштем, мо аз ин суханон он қадар ба ваҷд омадем, ки чанд соати дигар натавонистем бихобем; мо ба ҳарфи ӯ бовар доштем, бовар доштем, агар майори вазорати амнийат ва гурди муҳофиз бо итминон аз барканории Ангуштак ҳарф мезанад, пас ин масъала ҳаллу фасл шудааст; ин ки Ангуштак ба зудӣ аз қудрат маъзул хоҳад шуд,

---

[5] Макиавелли – Николло Макиавилли (1469- 1527), мутафаккири улуми сиёсӣ ва муаррихи итолиёӣ. Яке аз нуктаҳои аслии таълимоти ӯ ин аст, ки барои найл ба ҳадаф тамоми василаҳо ҷоиз аст, васила муҳим нест, ҳадаф муҳим аст.

асбоби хурсандию фарах буд ва мо дар хусуси равандҳои эҳтимолии рушди кишвар пас аз суқути ҳукумати ӯ ҳадсу тахмин задем, аз одӣ гардидан ва ба раванди маъмулӣ ворид шудани зиндагӣ суҳбат кардем, аз вазъи кишвар ва афкори мардум пас аз ба қудрат расидани Ангуштак табодули назар кардем...

Қосими Хайрулло гуфт, солҳои донишҷӯӣ мо як гурӯҳ дӯстон бозибахсҳое доштем, як нафарро довар бармегузидем, ҳар кадом мавзуеро пешниҳод менамудем, довар аз ин мавзуъҳо якеро интихоб ва матраҳ мекард ва ҳар кас бояд андешаву назарашро роҷеъ ба ин мавзуъ баён мекард ва онро шарҳ медод. Мавзуъҳо хеле мухталиф буданд, ҳеч иртиботе бо ҳам надоштанд, ҷуз ин ки бояд ғайримаъмулӣ мебуданд, берун аз чаҳорчӯби барномаҳои дарсиямон, масалан, чаро ҳайвонҳо бидуни омӯзиш метавонанд шиновар шаванд, фарзандони одамӣ не, ба чӣ сабаб барои рондани асп аз тозиёна истифода мекунанд, барои хар аз чӯбдаст, барои барзагов аз говрона, чаро одамиён шеру паланги дарандаро таърифу сифат мекунанд, аммо хару гови нофеъро таҳқиру танқид, барои чӣ Худо ба қавме, мушаххасан ба яҳудон анд ҳазор расулу паямбар мефиристад, ба қавми дигар, масалан ба чукчаҳо ё ёқутҳо яке ҳам не, барои чӣ мегӯянд, «ёри девона Худост», барои чӣ мӯйи зери бағалро манфур медонанд, метарошанду дур мекунанд, аз мӯйи чеҳраву зери манаҳ ифтихор доранд, мепарваранду дарозаш мекунанд ва ғайра ва ҳоказо... Боре яке аз дӯстон мавзуъеро матраҳ кард, ки чаро бо он ки натиҷаи умри ҳама одамиён марг

аст, ҳама гуна марг нестӣ аст, дар назди марг, бар хилофи зиндагӣ ҳама баробаранд, барои фарзандони Одам чӣ тавр мурдан аҳаммият дорад, одамизод аз баъзе гунаҳои марг бештар аз гунаҳои дигари он метарсад, ва худи шумо аз чӣ тавр мурдан метарсед ва барои чӣ? Мо ҳама он замон ҷавон будем, кишвар осудаву ором буд, ғами зиндагӣ бар дил ва бори зиндагӣ бар дӯш надоштем, на танҳо аз чӣ тавр мурдан, ки аслан аз мурдан фикр намекардем, ҳатто андешаи фардо дар сарамон набуд. Ин савол маҷбурам кард, ки ман ҳам он вақт нахустин бор дар ин хусус биандешам, аз мурдан фикр кунам, аз чӣ марге мурданро биандешам, хеле фикр кардам, иллатҳо ва василаҳои мухталифи мурданро пеши назар овардам: бар асари бемории вогир ё саратон ҷон супурдан, дар об ғарқ шудан, аз толае афтодан, аз ҷаре ғелидан, дар оташ сӯхтан, дар миёни кӯрдуд нафасгир шудан, ба иллати пирӣ мурдан, аз дасти номарде, дузде, раҳзане кушта шудан, дар тасодуфу сониҳаи худраве ҷон бохтан, бар асари барқ задан мурдан, аз сактаи мағзию қалбӣ ҷон додан... Як моҳ пештар ё шояд бештар дар рӯзномае хонда будам, ки дар Қазоқистон хукҳо, хукҳои аҳлӣ соҳибашонро, ки хонуми пире будааст, хӯрдаанд, зинда ба зинда хӯрдаанд, вале бовар доштам, мутмаин будам, ки ман аз чунин марги мудҳиш эминам, ман, ки бо хукҳо ҳеч сару коре надорам... Аммо эҳтимол, ба ёд омадани ҳамин воқиа сабаб шуд, ки аз зарби лагади харе ба сару рӯй мурдан ва аз захми дандони саги девонае ҷон бохтан ба фикрам расид ... Вақте ки бар асари лагади хару дандони саг мур-

данро фикр кардам, баъд ин маргҳоро муҷассам пеши назар овардам, баданам мисли варачагирифта ларзид, ҳарчанд ҳеч касро намедонистам, ки аз зарби лагади хар ва ё ба иллати газидани саг мурда бошад, фаҳмидам, ки аз ин ду гунаи мурдан бештар метарсам, сахт метарсам, ин ду гунаи мурданро нангу ор медонам. Хуб аст ё бад, баъд аз он рӯз ногаҳону нохоста гоҳе дар хусуси марг меандешам ва мутаассифона, ҳамон лаҳза аз лагади хару дандони саг мурданро пеши назар меовараму як рӯзи дароз афсурдаҳол мегардам. Хаёл мекунам, ки пас аз панҷоҳ сол, баъд аз сад сол ҳам ногаҳон як бефаровездаҳане, ё далқаке ба таҳқир ё масхара ва ё ҳазл мегӯяд, ҳамин фулонӣ набера, абера ва ё чабераи биҳмадонӣ аст, ки аз бобоям, Худо раҳматаш кунад, шунида будам, фулон сол бар асари газидани саги девона мурда буд ва аз ин зиштёдҳо устухонҳои парешони ман зери гӯр меларзанд. Яъне, ин худ бас нест, ки аз лагади харе ва ё газидани саге мурдан шармандагист, ба сарборӣ боз баъди панҷоҳ солу сад сол ҳам доғи ин нанг аз номат шуста намешавад, ва ҳам бори ин нангро бояд авлоди ояндаат бардоранду хиҷолат бикашанд. Шумо, гуфт Қосими Хайрулло, ягон бор тасаввур кардаед ҳамин тавр мурдани нангинро, ягон бор андешидаед аз лагади хару газидани саг мурданро? Не, гуфтам, не, ҳеч гоҳ ба гӯшаи хаёлам ҳам наомадааст, вале ман намефаҳмам, ки чаро ин тавр мурдан нангин бошад, шармандагӣ бошад, гуноҳи одамӣ чист, ки саг бигазадашу хар лагад занадаш? Агар аз дасту лагади шумо одамие кушта бишавад, ва он ҳам, агар душмани

мусаллаҳ набошад, ба ҷони шумо ва ё наздикони шумо таҳдид накарда бошад, ҷойи нангу шармандагист. Аммо аз дандону лагади хару саг мурдан, ба рости, ки ҳеч ҷойи шармандагӣ надорад. Аслан, гуфтам, чӣ тавр мурдан шояд камтар муҳим бошад, аз он муҳимтар чӣ тавр зистан аст. Ояндагон ҳам чӣ тавр мурданро камтар ёд мекунанд, онҳо бештар зиндагии рафтагонро ба хотир меоваранд. Намедонам, гуфт Қосими Хайрулло, вале ман аз мурдани бар асари лагади хару дандони саг метарсам, намехоҳам Худо ин навъ маргам бидиҳад, ба касе нагуфтаам, бори аввал аст, ки ба шумо мегӯям, пас аз ҳамон рӯз, ки фаҳмидам, аз ин тавр мурданҳо метарсам, дигар ҷуръат намекунам, ки ба танҳоӣ аз назди саге гузарам, ҳар бор ҳам, ки ба деҳа мерафтам, талош мекардам ба хар наздик нашавам, агар лозим меомад – гоҳе бо писарамаконам ба кӯҳу пушта барои алафу ҳезум мерафтем, аслан аз ҷониби думаш намеомадам, аз паси хари алафу ҳезум ҳам, ки меомадем, ман худро дуртар мегирифтам, бачаҳою ҷавонони русто механдиданд, масхараам мекарданд, гумон мекарданд, мани шаҳрӣ бе сабабе аз хар метарсам, баъд одат карданд... Аммо, албатта, гуфтаи шумо ҳам дуруст аст, чӣ тавр зиндагӣ кардан ҳам муҳим аст, хеле муҳим аст. Қосими Хайрулло каме сукут кард, гулӯ тоза кард, баъд афзуд, аз замони оғози ин воқеот, аз рӯзе, ки ин пакана зимоми ҳукуматро ба даст гирифт, ман аз зиндагӣ кардан шарм мекунам, на фақат шарм мекунам, ки нангам меояд аз ҳамин зиндагӣ, чунонки мурдан аз дандони сагу лагади харро таҳқир медонам, инчунин зин-

дагиро ҳам таҳқир медонам, ба назарам мерасад, лучу урён дар хонаи шишагие андохтаандам ва мардум аз чор тараф тамошоям мекунанд. Ривояти уштур ба хотирам мерасад... медонед ривояти уштуреро, ки соҳибаш рафтагори ҳаҷ мешавад? Гуфтам, не, нашунидаам ва ӯ ҳикоятам кард: Соҳиби уштур рафтагори ҳаҷ мешавад, ба назди хешону ҳамсоягону ошноёнаш меравад, ки тасмими зиёрати хонаи Худо гирифтаам, ва пеш аз сафар мехоҳам, агар гуноҳе аз ман гузашта, агар боре шуморо ранҷонида бошам, бубахшедам. Ба назди шутураш ҳам меояд. Уштурҷон, мегӯяд, мехоҳам ба тавофи Каъба биравам, агар ҷавреву ситаме аз ман бар ту рафтааст, биҳилам кун. Уштур мегӯяд, аз гуноҳи ин ситамат, ки рӯзи боронӣ бор бар пуштам бар фарози пурлой рондӣ, гузаштам, аз гуноҳи ин ҷафоят, ки бори ду уштурро бар пуштам ниҳодӣ ва дар гармои тамуз бар биёбон рондӣ, гузаштам, вале ин гуноҳатро, ки рӯзе маҳорамро ба пордуми хар бастӣ ҳеч гоҳ фаромӯш намекунам ва намебахшамат. Муаллим, гуфт Қосими Хайрулло, муаллим, гуфту садош ларзид, ба ҳурмати Худо, тасаввур мекунам, ман ҳамин шутурам, ки маҳорамро ба пордуми хар бастаанд! Гоҳе фикр мекунам, ки агар ба зиндон маҳкумам мекарданд, беҳтар буд, азоби виҷдон намекашидам, ки чаро коре намекунам, чаро гӯё ҳеч воқиае рух надода бошад, чизе дар зиндагӣ тағйир наёфта бошад, даст болои даст мегузораму менишинам, агар зиндонӣ будам, баҳонаяки баде набуд, тавҷеҳе буд, ки чаро чунин шармандагиро таҳаммул мекунаму мегардам! Мефаҳмед, муаллим, тасаввур

мекунед, вазъи маро. Вай боз аз ҷой бархоста буд, беист рӯйи хона ин тарафу он тараф қадам зада, гап мезад. Қаблан боре ҳам дар чунин вазъ надида будамаш, ҳамеша орому ботамкин буд, аммо ҳоло рӯяш аз ғояти ҳаяҷон сурх шуда ва лабонаш мепариданд. Бале, тасаввур мекунам, мефаҳмам, гуфтам, хеле хуб мефаҳмам, ман худам ҳам тақрибан ҳамин ҳолро дорам, ман мефаҳмам, ту чӣ эҳсос дорӣ, чӣ ранҷ мекашӣ, вазъи равонии ҳама мардуме, ки меандешанд ва нангу номус доранд дар ин кишвар ҳамин аст. Вале умед аст, ки ба зудӣ вазъ тағйир меёбад, худат шунидӣ, Амриддин чӣ гуфт? Агарчи, онҳое, ки Ангуштакро барои манофеи худ ба қудрат оварданд, албатта ӯро ҳам ба хотири манофеи худ аз миён мебардоранд, – гуфтаҳои Рашиди Аъзам ба ёдам омад, – аслан манофеи миллии моро дар назар надоранд, боз ҳам ин ки ин сумбули булуҳат ва тандиси ҳамоқат аз миён бардошта мешавад, ба ҷону моли мардум ҳукумат нахоҳад кард, муҷиби хурсандист. Фақат интизор бояд шуд, муддате дигар таҳаммул бояд кард, чанд рӯз ё моҳи дигар бояд худро эҳтиёт кунем. Интизории мо ситарван аст, ҳеч тағйиру таҳаввулеро обастан намешавад, – бо заҳрханд гуфт Қосими Хайрулло, – ин бонуи пурнозро ба талошу кӯшиш шӯй бояд дод.

Вале ин вазъи болидаруҳию орзупарваронаи мо ду рӯз беш идома наёфт. Мо натавонистем Қосими Хайруллоро эҳтиёт бикунем. Амриддин моро фурӯхт. Қосими Хайруллоро боздошт карданду бурданд. Ман, ки ба яқин мақсади асосии Амриддин дар ин савдо будам, тасодуфан наҷот

ёфтам. Он шаб ман ногаҳон бедор шудам. (Не, гуфт Шайх, не, шуморо Худо нигаҳ дошт, дар сарнавиштатон набуд, ки он вақт ба дасти душманонатон гирифтор бишавед). Ҳоло ёдам нест, шом чӣ хӯрда будем, ки шикамам тоб мезад ва бояст ба ҳоҷатхона мерафтам. Ба соати болои дар нигаристам, ки агар субҳ наздик аст, таҳаммул бикунам. Соат 3-ю 15 дақиқа буд, ҳеч наметавонистам то дамидани субҳ сабр бикунам. Оҳиставу бесадо бархостам, то Қосими Хайрулло бедор нашавад, либос пӯшидам, оҳиста дарро боз кардам ва ҳамчунон бесадо ба самти дигари ҳавлӣ, ки ҳоҷатхона он ҷо дар канори девор буд, роҳ пеш гирифтам. Чароғи ҳавлӣ ва ҳоҷатхона хомӯш буд, калиди ҳарду дар зери айвон қарор дошт, нахостам соҳибони хонаро нороҳат кунам ва чанд лаҳза истодам, чашмонам ба торикӣ хӯ гирифт, ва бо эҳтиёт пой гузаштаму ба қазои ҳоҷат нишастам. Вақте ки бархостаму тагбанди шалворамро бастам, садои боз шудани дарвоза ба гӯш омад. Худро аз дари ҳоҷатхона ба паси девор кашидаму нигаристам, Амриддин канори дарвоза меистод, аз даричаи дарвоза яке паси дигар, бесадо чаҳор нафар ворид шуданд, ду нафараш туфанг дар даст доштанд, ҳарф намезаданд. Амриддин ба канори ҳавлӣ ишора кард ва бо садои паст чизе гуфт. Онҳо бо шитоб ба самти меҳмонхона рафтанд ва Амриддин низ бо таъҷил худро ба хонааш гирифт. Барои ман ҳам ҳар лаҳза ғанимат буд, зуд аз дар баромадаму аз канори девор рафтан гирифтам, рӯзҳои қабл дида будам, ки он ҷо буни девор ҳезум анбоштаанд. Бо эҳтиёту мувозибат рӯйи ин бастаи ҳезумҳо

баромадаму худро ба ҳавлии ҳамсоя гирифтам, аз он ҷо ба ҳавлии ҳамсояи дигар, ҳавлӣ ба ҳавлӣ чаҳор деворро гузаштам, ба бахти ман ҳама дар хоб буданд ва дар ҳавлие саг набуд. Ниҳоят тақрибан саду панҷоҳ метр дуртар аз ҳавлии Амриддин ба кӯча баромадам, худро ба буни девор кашида, ба он тараф нигаристам, мошине дар назди дарвозаи Амриддин истода буд, касе ба чашм наменамуд, эҳтимол ҳанӯз маро меҷустанд. Ҳамон сон бун-буни девор худро ба тангкӯчае расонидам ва зуд-зуд, калон-калон қадам партофта рафтан гирифтам, худам ҳанӯз намедонистам ба кучо хоҳам рафт, ихтиёрамро ба пойҳоям дода будам....

Ва ҳоло низ намедонам ба кучо хоҳам рафт...

Ман қаблан низ борҳо дар ин бора фикр карда будам ва қаблан низ ба ҳеч натичае нарасида будам, ҳар бор фикру андеша дар ин боб ба бунбаст меовардам ва ман ҳам аз баҳри андешидан аз ин хусус мегузаштам, ин фикрро раҳо мекардам, мағзамро ба андешаҳои дигар машғул медоштам ва барои худ тавҷеҳ менамудам, ки ҳар вакт зарурат пеш ояд, дар ин бора амиқтар фикр хоҳам кард...

Аз ҷумлаи дӯстон, ошноёну шиносонам онҳое, ки дар шаҳр бозмонданду аз чанги ғазабу кинаи Ангуштак низ раҳоӣ ёфтанд, – кушта нашуданд, ҳичрат накарданд, зиндонӣ нагардиданд, пинҳон нашуданд, чандон мавриди итминонам набуданд. Онҳо, эҳтимолан, ба куллӣ тағйири маслак кардаанд – агар дар асл маслаке доштаанд, – ва шояд, ҳамин тағйир ёфтани

ақидаашон ё аслан пойбанди ақидае набуданаашон будааст, ки имкон ёфтаанд, дар шаҳр бимонанд. Пас инон шояд аслан маро ба хонаашон роҳ надиҳанд, баробари диданам дар ба рӯям бибанданд ва ё, бадтар аз ин, пас аз ним ё як соат ба дасти омилони давлати Ангуштак бисупорандам. Чунонки Амриддин майл дошт бисупорад ва бародари худро таслим кард. Дар ин шаҳр дигар касе, ки комилан ба ӯ итминон дошта бошам, боқӣ намондааст. Боре – моҳи дуввуми дар ин таҳхона нишастани ман буд, – Манижа хабар овард, ки Шарифи Салимиро дар шаҳр, дар назди хонаи худаш дидаанд. Пас аз як моҳи дигар хабар овард, ки Шарифи Салимӣ ҳар субҳ, бо рӯдаи дарозе хиёбони канори дарвозаашро об мезанад. Чун дид, ки вокунише нишон надодам ва ҳарфе дар ҷавоб нагуфтам, афзуд:

– Худрави Аълоҳазрат ҳар субҳ аз ин хиёбон мегузарад ва Шарифи Салимӣ ҳам даҳ дақиқа пеш аз он ки худрави ӯ дар бадраҷаи чанд мошину мотосикли пулис аз назди ҳавлиаш бигзарад, ба об пошидани хиёбони назди дарвозааш шуруъ мекунад.

Ман ҳайрону норозӣ ба ӯ нигаристам, ба фиросат дарёфт ва хандиду узр пеш овард:

– Он қадар аз телевизиону радио ба такрор мегӯянд, ки ба забонам нишастааст, – дӯстатон ҳар субҳ роҳи Ангуштакро об мезанад ва замоне, ки худрави ӯ аз наздаш мегузарад, вай дар канори роҳ рӯдаи об дар як даст ва дасти дигар дар бари сина, то замони ба хиёбони дигар баргаштану ғоиб шудани худрави Ангуштак ҳамин тавр сар набардошта меистад.

– Ба Пакана паём медиҳад, ки ман дар ҳамин ҷоям, марди ҷангу ҷидол нестам, саломатҷӯям ва омодаи хидмат.

Ва воқеан, тақрибан пас аз ду моҳи дигар, эҳтимол, баъди ягон бист рӯзе, ки Ангуштак бино ба хабари комиссиони марказии интихобот, ки радиои кишвар дар давоми се рӯз такрор ба такрор пахш кард, «дар интихоботи озод, шафоф, демократӣ ва алтернативӣ бо 86,7 дар сади оро бар се ҳарифаш пирӯз шуд», аз нашрияҳое, ки Манижа оварда буд, хондам, ки Шарифи Салимӣ ба сафирӣ дар яке аз кишварҳои камаҳаммияти ҳамсоя мансуб шудааст... Шарифи Салимӣ на фақат чаҳор сол сухангӯи Шарофзода – Садри аъзами собиқ буд ва ду китоб аз зиндагию фаъолияти ӯ таълиф ва чоп карда буд ва мегуфтанд, писарҳолаи завҷаи Шарофзода ҳам будааст.

Ман мантиқи рафтори Амриддинро низ мукаррар таҳлил кардаам, дар мавриди таноқузи он чи ба мо мегуфт ва он чи кард, ҳамон замон ва баъдан низ андешидаам. Албатта, ҳамон вақт ҳам маълум буд, ки ҳадафи аслии хиёнати ӯ ман ҳастам, Қосими Хайрулло он замон аз ҷумлаи касоне набуд, ки мавриди пайгардӣ бошад ва тибқи мантиқи давлатмардон хатари чандоне ҳам барои онон надошт. Аммо магар, Амриддин намедонист, ки чун ҳамкорони собиқаш меоянд, ҳатман писарамуяшро ҳам боздошт мекунанд? Он чи бештар мағзи маро машғул медошт, ин буд, ки чаро Амриддин пас аз розҳову ҳикоятҳои ногуфтание, ки беибо ифшо кард, ҳамагӣ пас аз ду рӯзе, ки итминон дошт, ба зудӣ ҳукумати Ан-

гуштак сукут хоҳад кард, писарамӯяшро, ки ба ҳукми бародараш буд, гирифтори зиндон намуд. Ман ҳоло ҳам гумон намекунам, ки ӯ аз ҳамон оғоз моро бо мақсади боздошт намудан, ба омилони давлат таслим намудан паноҳгоҳ дода буд, балки ҳарчи бештар меандешам, бештар мутмаин мешавам, ки барҳакс, вай мехост дар оянда аз мо ба сифати шоҳидони дигарандешӣ ва мухолиф буданаш ба низоми Ангуштак истифода кунад. Танҳо хулосае, ки бо мантиқ созгор буд ва мағзи маро қаноат бахшид, ин аст, ки Амриддин худаш аз оғози ин воқеот ҳамдасту шарик ва ё ба эҳтимоли қавитар, дастёру поймарди неруҳои хоричӣ буд ва ё баъдан ба унвони ҷосус ба хидмати онҳо пайваста буд ва бо ин неруҳо ҳамкорӣ мекард. Аммо вай, зоҳиран, ҷосуси одӣ набуд, балки аз нақшаҳои хоҷагонаш огоҳӣ дошт, шояд ин нақшаву барномаҳоро бо ӯ ба миён мегузоштанд, ва ё ӯ худ бо роҳе ба онҳо даст меёфт, ба ҳар сурат медонист, хабар ёфта буд, ки майл доранд Ангуштакро, ки дигар ба дардашон намехӯрд, ва ё вазифаашро иҷро карда буду пас аз ин эҳтимол, барои иҷрои мақсадҳои онҳо халал ҳам эҷод мекард, аз миён бардоранд. Ин аст, ки Амриддини мутталеъ аз ин нақшаҳо ва ошно бо бозиҳои хадамоти вежа осемасар роҳи табриаи шахсият ва фаъолиятҳои худро меҷӯяд, бо истифода аз дӯсташ худро аз гурди муҳофизи Садри аъзам, ки муҷрии асосии ҷиноятҳои Ангуштак аст, берун мекашад ва дар неруҳои марзбонӣ истихдом мешавад ва чун Қосими Хайрулло хоҳиш мекунад, ки мақомдори Садри аъзами собиқро дар хонааш паноҳгоҳ бидиҳад, бо камоли майл

розӣ мешавад ва сукунати моро дар хонааш бо мақсади эҷоди равобити самимона ва итминон истифода мекунад ва розҳои ногуфтаниро баро-ямон мегӯяд, ки якеш ба дор кардани Собири Малик ва нақши иҷбории бародари Ангуштак дар ин амр аст. Ва ин ки ин розгӯиҳояш ҳар бор пас аз нӯшидани араку коняк сурат мегирифт, низ амдан буд, то мо ҳеч тардиде ба рост будани ин ҳикоят ва самимӣ будани гуфтаҳои ӯ надошта бошем... Аммо баъд ногаҳон мефаҳмад, ки нақшаи хоҷагонаш барои барканор кардани Ангуштак тағйир ёфта, ба сабабе тасмим гирифтаанд, ҳоло Ангуштакро бигузоранд боз муддати номуайяне дар мақомаш бимонад ва ҳатто пуштибониашон аз ӯро идома бидиҳанд ва Амриддин аз ин хабар метарсад, ба воҳима меафтад ва барои пешгирӣ аз ҳар эҳтимоли мумкин моро мефурӯшад....

8

Амриддин порае хиёршӯр ба даҳон андохт, каме хойид ва гуфт, замоне ки Собири Маликро ба дор кашиданд, ман дар гурди муҳофиз хидмат намекардам, ҳанӯз дар вазорати амнийт будам. Мо албатта, аз бисёр розу асрор бохабар будем, балки бисёр воқеаҳоеро, ки барои дигарон сирру асрор мешуд, мо худамон тарҳ мекашидем, мо онҳоро воқеа месохтем. Аммо то замоне, ки ба гурди муҳофиз нагузаштам, барои ман низ паси ҳам гусаста шудани се ресмони дори Собири Малик муаммо буд. Шояд роҳбаронамон медо-

нистанд, аммо мо афсарони одӣ хабар надоштем. Ман баъд шунидам. Дӯсте, ки солҳо пеш ҳамдигарро мешинохтем, ва қабл аз ман барои кор ба гурди муҳофизи Садри аъзам даъват шуда буд, бароям ҳикоят кард. Ва шумо аввалин касонед, ки ин асрорро аз ман мешунавед, умедворам, ба касе аз ин боб забон намекушоед. Гӯед ҳам фақат ба ману ба худатон зиён меоред, ҳеч суде намебинед. Ин дӯстам, ки донистани номаш барои шумо ҳеч аҳаммият надорад, гуфт, як рӯз фармондеҳ даъватам кард ва фармуд, ки дар давоми як соат панҷ ресмони семетрӣ пайдо бикунам, қайчӣ, корд, сӯҳон, искана пайдо кунам ва ба ӯ бирасонам. Таъкид кард, ба танҳоӣ ин корро анҷом бидиҳам ва зинҳор дар ин хусус ба касе чизе нагӯям. Ман ҳайрон шудам, чӣ тавр аз чизе метавонам бигӯям, ки худам ҳеч намедонам. Вале «итоат» гуфтаму чизе напурсидам. Баъд гуфт, он чизҳоеро, ки ном бурд, барояш такрор бикунам ва чун мутмаин шуд, ки ҳамаро ба ёд супурдаам, иҷозат дод, ки биравам. Дар анбори Арк, ки мегуфтанд ба ҷуз шири мурғу ҷони одам ҳама чизи оламро дорад, ресмон набуд, ман худам ба фурӯшгоҳ рафтам, панҷ ресмон харидам, дақиқтар бигӯям, понздаҳ метр ресмон харидам ва фурӯшандаро фармудам, ки семетрӣ андоза гирифта бибурад; ресмонро худам интихоб кардам, фурӯшанда либоси низомиро диду ҳарфе нагуфт, ба анбораш даровард, дар каноре чанд баста ресмонро анбор карда буданд, ресмонҳоро дастдаст карда, якешро, ки ба назарам бадошттар намуд, интихоб кардам, сӯҳону искана ҳам харидам, қайчиву кордро аз анбори Арк, ба дафтари

анбор имзо карда гирифтам, ин ҳамаро бурдаму ба фармондеҳи гурди муҳофизи Садри аъзам додам. Соати 11-и рӯз буд, ё, шояд, андаке аз 11 гузашта. Фармондеҳ гирифту гуфт, ҳоло бирав, метавонӣ истироҳат бикунӣ, вале бегоҳ сари соати 6 биё, таъхир накун. Таъкид кард, ки машруб нанӯшам, ҳатто 50 грамм ҳам. Боз таъкид кард, ки зинҳор дар ин бора ба касе чизе нагӯй. Бегоҳ панҷ дақиқа зудтар аз замони гуфтааш рафтам. Ин бор дар дафтараш ҳамроҳи ӯ марде менишаст, ки пештар ҳеч гоҳ надида будамаш. Марди таҳамтан буд, гарданаш гардани барзаговро мемонд. Вақте ки аз ҷой бархост, дидам, ки фармондеҳи қоматбаланду ҳузарби мо дар назди ӯ ҷувонагов дар пеши фил менамояд. Намедонам, ба фикрам, дар умрам дигар чунин марди бузургҷуссаеро надидаам, аз генерал Шерхонӣ ҳам баландтару бакитфубозутар ба назар мерасид. Фармондеҳ аз ҷой бархосту наздам омад ва рост ба чашмонам нигаристу гуфт, фалонӣ, – номамро гирифт, – ман туро барои иҷрои супориши махсуси Аълоҳазрат аз байни ҳамаи афсарону сарбозон интихоб кардам. Супориш ҳам ифтихорист, ҳам махфӣ, ман ба ту бовар дорам, ҳушёр бош, ки худатрову маро сарафканда накунӣ. Ҳоло, гуфт, фурсат нест, ҳамин қадарро дониста бош, баъд ки баргаштем, муфассал мефаҳмонамат. Баъд баргашту биёед, гуфт, худаш пеш даромад, мо аз қафояш, дурусттараш он таҳамтани девпайкар аз қафои фармондеҳ, ман аз дунболи ӯ, чунки ин таҳамтан худаш танҳо роҳравро пур мекард, баробари ӯ рафтан имкон надошт, вақте ки даре пеш меомад, ӯ якпаҳлӯ шуда, сар ҳам

карда, зонуҳояшро ҳам андаке қат карда, медаромад. Роҳрави дарозро дар чандин ҷой бо шиша девор баста, ҷудо карда буданд, аз чандин дар, ки дар назди ҳар кудом афсарони худамон меистоданд, гузаштем. Дар назди роҳрави охир дар ду канори дар ду афсар меистоданд. Мо ба роҳрав дохил шудем ва дар назди дари чӯбии дутабақаи мунаққаш қарор гирифтем. Сабр кунед, гуфт, фармондеҳ. Худаш оҳиста дарро боз карду ба хона даромад, баъди ду-се дақиқа дарро кушоду бо ишораи сар моро ба дарун даъват кард. Ба як хонаи бузург дохил шудем, пеш аз он ман ба дафтари кори Аълоҳазрат надаромада будам, баъд аз он ҳам дигар надаромадаам. Даромадаму касеро надидам. Вале фармондеҳ рост ба он самт, ки мизи бузургеро гузошта буданд, рафт ва мо ҳам аз пасаш. Чанд қадам пештар рафтаму сареро дидам, ки аз гардан боло, шояд 35-40 сантиметр баландтар рӯи миз мехобид, аввал ҳаросидам, баъд ба ёдам омаду ором шудам; рӯяш пурожанг буд, ду чашми дурахшонаш, ки намедонам чаро, ёдовари чашмони қурбоқа буданд, гӯё рост ба чашмони ман менигарист ва ман беихтиёр чашм гурезондам. Наздик расидем, ки дидам, ресмонҳо ва он ҳама абзоре, ки худам имрӯз оварда будам, дар пеши ин сар дар рӯйи рӯзномае хобидаанд. Ва ин дам сари рӯйи миз, ки албатта, сари Муҳриддини Шобадал буд, ба сухан даромад. Овозаш ба қадаш мувофиқат надошт, баланду дупӯста буд. Як ресмон дар дасташ буд. Ба таҳамтан дод. Гуфт, «аввал ҳаминро мебандиву ба ҳамин меовезӣ». Баъд ба ман рӯй овард. «Ин ду ресмонро гир», гуфт ва бо ангушт

ишорат кард. Дидам, ки ин ду ресмон дар фосилаи сӣ-сию панҷ сонтиметр аз ду ресмони дигар ҷудо хобидаанд. Гирифтам. Гуфт, «ин, ки ишора кард, – худ бо сар таҳамтанро намуд, – яке аз ин ресмонҳоро медиҳӣ, дигар бор ишора, ки кард, дигарешро медиҳӣ. Фаҳмидӣ?» «Оре, гуфтам, Аълоҳазрат». Ба рости, ки чизе нафаҳмида будам, маънии ҳеч яке аз гуфтаҳои ӯро нафаҳмидам, ҳайрону гаранг будам, вале ҷуръат накардам, бипурсам, умед доштам, аз ин ҷо ки баромадем, фармондеҳ ба тафсил шарҳ медиҳад. «Акнун, инҳоша гир», гуфт, ба ду ресмони дигар ишора кард. Гирифтам. «Бо диққат нигоҳ кун», гуфт. Ҳайрон нигоҳ кардам. Дар сари ин ду ресмон андаке бо қалами сурх хат кашида буданд. «Фарқашонро дидӣ». «Оре, Аълоҳазрат». «Ин ки бори сеюм ишора кард, ту яке аз ин ду ресмонро медиҳӣ. Фаҳмидӣ?! Ҳушёр бош, иштибоҳ накунӣ, хато накунӣ, агар хато кардӣ, бо дигараш худатро меовезам». Ҳазл намекард, лаҳнаш ҷиддӣ буд, чеҳрааш низ тағйир наёфт. «Оре, Аълоҳазрат». Лаҳзае кӯтоҳ ҳама хомӯш будем. Баъд боз садояш баромад. «Писари Гулбону, гуфт, ту ҳам фаҳмидӣ?» Ман ҳайрон ба таҳамтану фармондеҳ нигиристам. Ман, ки писари Гулбону нестам, пас аз ин ду кудомеро мегӯяд? Таҳамтан андаке сар ҷунбонд. «Нашунидам, фаҳмидӣ?». «Ҳа» – гуфт таҳамтан бо садои пасту хиррӣ. «Тани кӯҳро мебинаму садои мушро мешунавам, – гуфт Аълоҳазрат. – Баъд дод зад: – Дуруст ҷавоб деҳ, фаҳмидӣ?» «Муҳриддин...» – лаб боз кард таҳамтан, садояш нолиши саги шаллоқхӯрдаро мемонд ва ё эҳтимол гови гӯсоламурдаро. Шояд боз мехост

чизе бигӯяд, вале Аълоҳазрат имкон надодаш, боз дод зад: «Пурсидам, дуруст ҷавоб деҳ» – «ҳа», не, «бале» гӯй, «оре» гӯй! «Бале!» «Бале, кӣ?» «Бале, Аълоҳазрат». Муҳриддини Шобадал гӯё қонеъ шуд, дигар эътироз накард. «Бардоред инҳоро», гуфту ба абзорҳо ва рӯзномаи рӯйи миз ишора кард. Таҳамтан наздиктар омаду бо як даст абзорҳоро ҷамъ кард гирифт, ман ресмонҳоро канори миз гузоштаму рӯзномаро пеш кашидам ва дидам, ки пату риштапораҳои хурду резаи зиёде рӯйи рӯзнома ва қисме ҳам аз рӯзнома берун дар болои миз паҳну парешон хобидаанд. Онҳоро ҳам дастфиреҷ ҷамъ овардаму рӯйи рӯзнома афкандам. Рӯзномаро ҷамъ кардаму печондам гирифтам. Донистам, ки риштапораҳо аз ҳамин ресмонҳоянд, вале ресмонҳо ҳамон тавре буданд, ки оварда будам, ҳеч ҷояшон гӯё пайи буридагӣ надошт. Ва ҳарчанд фикр кардам, нафаҳмидам, ин ресмонҳо ба чӣ дард мехуранд, чӣ аҳаммияте доранд, ки худи Аълоҳазрат қариб як рӯз вақташро сарфи онҳо кунад. Боз фармондеҳ пеш-пеш, мо аз дунболаш баромадем. Боз ба дафтараш омадем. Нишинед, гуфт. Худаш ҳам дарро басту омад назди мо. Вале нанишаст, дар рӯ ба рӯйи мо истех истод. Бо диққат гӯш кунед, лаб боз кард ӯ, ба хусус ту, гуфту ангушти ишорат ба синаам гузошт, ҳарчи мешунавед, бояд байни худамон монад, гӯши дигаре зинҳор набояд шунавадаш. Пас аз ду-се дақиқа ман шарики асроре шудам, ки то он дам шояд фақат се нафар медонист: худи Аълоҳазрат, фармондеҳ ва таҳамтан. Ман, албатта, он вақт гумон карда будам, таҳамтан ҳам аз ин роз баробари ман хабар ёфта

бошад, аммо баъд маълум шуд, ки не, ӯ ин розро ду рӯз пештар шунида будааст, ҳатто эҳтимол меравад, зудтар аз худи фармондеҳ фаҳмида бошад. Вале фақат ҳарфи розу асрор дар миён набуд, ин кушторро, ки қарор буд ба маърази диди ҳазорон нафар гузошта шавад, бояст мо ду нафар – таҳамтан ва ман – иҷро мекардем. Ҳамчунин баъдан маълум шуд, ки барои таҳамтан то ҳадде вазифааш аз пеш маълум будааст; мо бояд нақши ҷаллодро ифо мекардем. Таҳамтан бояд ҷаллод мешуд ва ман дастёраш. Аълоҳазрат мехост, воқиа барои ҳамагон ногаҳон сурат бигирад, намедонам аз чизе андеша дошт ва ё мехост мардумро ҳарчи бештар ба ҳайрат гузорад. Қарор буд имшаб, пас аз як поси шаб дуредгарон дар майдони бузурги назди Арк дорпоя бисозанд ва фардо, соати 10-и субҳ мо ду нафар «як душмани халқ ва хоини ватан»-ро ба дор бикашем. «Душмани халқ ва хоини ватан» Собири Малик буд. Ман, ба рости, аз фармондеҳ ранҷидахотир шудам, чунки сахт эҳтиромаш мекардам, муносибати ӯ низ бо ман хуб буд, вале ӯ буд, ки маро ба ин кор шарик кард, метавонист нафари дигареро маъмур кунад, чаро аз байни 250 нафари зердасташ дар гурди муҳофиз маҳз маро интихоб кард?! Гарчи сар печидан аз иҷрои амру фармудаи фармондеҳон, шубҳа кардан, мавриди баҳс қарор додани ин амру супоришҳо ҷоиз нест, вале ман ба ҳар сурат гилаамро иброз кардам. «Чаро маҳз банда, генерали ман?» – пурсидам. «Зеро, – гуфт, – ту ҳоло ҷавонӣ, ҷавонии худамро ба ёдам меорӣ, мехоҳам, ки бисабзӣ, пеши роҳат кушода шавад». Агарчи хуб медонистам, ба мо такрор ба

такрор таъкид мекарданд, сарбозе ки генерал шудан намехоҳад, сарбози хуб нест, чандон майл ҳам надоштам, ки бо ин роҳ генерал шавам, лекин медонистам дигар илоҷ ҳам надорам ва маҷбур дам фурӯ бастаму истодам. Чизе дигаре, ки азиятам медод, ин буд, ки ин корро бояд дар рӯзи равшан дар назди ҳазорҳо нафар анҷом медодем. Фармондеҳ гуфта буд, аз корхонаву муассисаҳо ва донишгоҳу мактабҳо коргарону кормандон ва донишҷӯёну донишомӯзонро ба майдон меоваранд. Барои ин кор, гуфт, – суханаш оҳанги ифтихор дошт, – 150 автобус ихтисос додаанд ва ҳар кудом чанд раҳ мераванду одам меоранд. Ин бор хоҳиш кардам: «Метавонем ниқоб ба рӯй кашем, генерали ман!» «Не, – гуфт фармондеҳ бо қаҳр, – ифтихор бояд кунед, душмани халқу хоини ватанро ба сазои аъмолаш мерасонед, чаро шарм бояд кунед, чаро мисли занон мехоҳед рӯй пӯшед?». Ва баъди лаҳзае боз гуфт: «Ё ки метарсӣ?». Ҳам шарм буд, ҳам тарс ва боз эҳсосоти дигари омехта ба ҳам, ки қодир набудам таҳлилашон кунаму бифаҳмам, ки чистанд. Хомӯширо авло донистам. Ва ӯ боз афзуд: «Мумкин нест, Аълоҳазрат ҳам иҷозат намедиҳанд». Баъд фармондеҳ эълом кард, ки имшаб ҳамон ҷо мехобем ва худ ба самти дигари роҳрав ба ҳуҷрае, ки махсус барои мо ҷудо карда буданд, раҳнамуниямон кард. Ҳуҷра ду тахти хоб, мизи хӯрокхӯрӣ ва дар гӯшае телевизор дошт. Дар ҷойе телефон дида намешуд. Дар девори самти чап ду дар буд, ки ба дастшӯйхонаву ҳоҷатхона кушода мешуданд. Фармондеҳ паноҳихудо карду рафт. Гуфт, фардо дар ҳамин

ҳуҷра омадани ӯро интизор бошем, аслан аз дар берун набароем ва бо касе ҳамгап ҳам нашавем. Ҳамон ҷо хӯрок овардандамон. Таҳамтан, ки тамоми ин муддат ба ҷуз он чанд калимаи кӯтоҳ дар ҳузури Садри аъзам, аслан даҳон боз накарда буд, наздик ҳам наёмад, ки хӯрок бихӯрад, ҳатто аз ҷой барнахост. Дар тахти хоб дароз кашида буд ва чанд бор дуздида нигаристам, ки ба телевизизор ҳам нигоҳ намекунад, ду чашм ба сақфи ҳуҷра дӯхта ва машғули андешаҳои худ буд. Аз замоне, ки номи Садри аъзамро ба забон овард, ман гаштаву баргашта ба ӯ меандешидам. То он дам боре ҳам нашунида будам, ки на дар ҳузур, на дар ғоиб касе Садри аъзамро ба номаш хонда бошад; ё ба эҳтирому тарс Аълоҳазраташ мегуфтанд, ё бо тамасхуру пузханд «пакана»-ву «ғӯладинг». Ягона касе, ки ӯро Муҳриддин хонд, ҳамин мард буд. Ва Садри аъзам ҳам маълум, ки таҳамтанро аз қабл мешинохт, хеле хуб мешинохт ва на танҳо ӯро, ки аҳли хонадонашро низ, чун «писари Гулбону» хитобаш кард. Кист ӯ? Аз ҳамон лаҳзаи аввал маълум буд, ки ба ҷаллод наменонад, бештар ба марде тарсида ва ба худ фурӯрафтаю бечора шабоҳат дошт. Тарс дар чашмонаш лона монда буд. Мутобиқи дастуре, ки фармондеҳ муфассал шарҳ дод, кори ман фақат ресмон дар даст канори дор истодан буд ва бо ишораи таҳамтан ба ӯ додани ресмон; ин таҳамтан буд, ки бояст ресмонро ба дор мебаст ва ҳалқаро ба гардани Собири Малик меандохт ва бо як зарби лагад курсиро аз зери пойи ӯ дур мекард. Аммо чаро панҷ ресмон? Фармондеҳ ҳам равшан чизе нагуфт. Қарор аст, фардо танҳо як

нафар – Собири Малик ба дор кашида шавад! Аз суханони кӯтоҳи Аълоҳазрат ва тафсилоти фармондеҳ, гарчи ошкоро дар ин бора чизе нагуфта буданд, чунин фаҳмида будам, ки таҳамтан бояд чанд бор ба ман ишора мекард ва ман чанд маротиба ба ӯ ресмон дароз мекардам, пас... пас Собири Малик набояст ба як бор овезон шудан аз дор мемурд... Фармондеҳ дар ҷавоби суоли ман, гуфта буд, «агар ресмон канда шавад, лозим мешавад». Вале чаро ресмони бадошт, ки ман худ интихоб карда харидаам, бояд аз 75 – 80 килограмм вазни Собири Малик гусаста шавад? Чаро? Пас барои ҳамин лозим буд ин чанд ресмон...?! Албатта, албатта, ин ҳама ресмон барои ҳамин буд, барои он буд, ки паси ҳам гусаста бишаванд, барои он буданд, ки Собири Малик пеш аз он ки ниҳоятан хафа шаваду бимирад, чанд бор, такрор ба такрор барои чанд дақиқа аз марг раҳоӣ биёбад. Пас аз ду-се дақиқаи хурсандии раҳоӣ аз марг дубора ба яъсу навмедӣ гирифтор шавад, дубора ба чоҳи даҳшат биафтад! Пас кори таҳамтан ҳам ба як бор ресмон ба ҳалқ андохтану ба як бор курсиро лагад задан ва аз зери пойи Собири Малик дур кардани он ба охир намерасид.... Аммо чӣ тавр ин ресмонҳо бояд гусаста бишаванд?! Ман, ки паси миз нишаста будам, то ғизо бихурам, чумчаро бозпас гузоштам, бархостаму ресмонҳоро аз зери тахти хоб берун кашидам ва ҳанӯз берун наоварда, фаҳмидам. Бо ин ҳол якеро гирифтаму аз нӯгаш бо кафи даст пармосида омадан гирифтам. Шояд яку ним метр пармосида будам, ки кафам якбора фурӯ рафт, пуч шуд, гӯйӣ ресмон аз дастам раҳо

шуда буд. Даст бардоштам, дар миёнаи ресмон ба андозаи 4-5 сантиментр наҳҳо мисли як қабза мӯйи тар ба ҳам часпида буданд, бо нӯги ангуштон аз ҳамдигар ҷудошон кардам, дидам ки ҳама аз якдигар ҷудо ва тора-тораанд. Вақте ки бо диққати бештар нигоҳ кардам, дидам, ки наҳҳои қисмати беруни ресмон солим мондаанд ва наҳҳои дохилиро бо ҳавсалаи тамом буридаанд. Ресмонҳои дигарро ҳамчунин бозбинӣ кардам, ду ресмони дигарро низ ҳамин тавр наҳҳои дарунашонро бурида буданд ва ду ресмон, ки дар нӯгашон хати сурх доштанд, дурусту комил ва дастнахӯрда боқӣ монда буданд. Ба ҳайрат омада ва рости каме ҳам тарсида будам. Ҳамаи ин ресмонҳоро Аълоҳазрат бо дасти худ, чандин соатро сарф карда, бо диққати тамом нах ба нах бо нӯги корду дукорда бурида, бо сӯҳон миллиметр ба миллиметр совида, омода карда буд, то чандин бор аз мурдану зинда шудан, чанд бор баъди даст аз ҳаёт шустан умед пайдо кардан ва дубора мурдан, аз гаштаву баргашта мурдани рақибаш лаззат бибарад. Ба як бор куштан қонеъ нест, мехоҳад чанд бор бикушадаш! Ман қаблан ҳам дар мавриди Муҳриддини Шобадал чизҳое шунида будам, бештари супоришҳои махфии ӯро афсарони мо ичро мекарданд. Вале акнун бори аввал дарк кардам, ки ӯ фақат як ҳукмроне нест, ки ба зарурат, барои расидан ба мақсад, ба хотири устувор намудани пояҳои давлаташ рақибони вокиӣ ва эҳтимолии худро маҳв мекунад, ҷаллоде нест, ки хунсардона корашро сомон медиҳад, балки бадтар аз ин, аз куштан, аз азият додан, аз қасос ситонидан лаззат мебарад. Вақте

ки ба сари миз баргаштам, иштиҳо надоштам, ки ғизо бихӯрам. Шишаро боз кардам, ба истакон пур карда арақ рехтам ва ба ин баҳона хостам бо таҳамтан сухан пайвандам. «Арақ майл надоред?! Ним истакон нӯшед, шояд иштиҳо пайдо шавад», гуфтам, вале ӯ, ки акнун рӯй ба девор гардонида, пойҳояшро ба шикам ҷамъ карда ва сарашро ба сина фурӯ оварда буд, сухане дар ҷавоб нагуфт. Шояд гумон кард, ки агар ҷавоб надиҳад, хаёл мекунам, ки хобаш бурдааст ва дигар музоҳимаш намешавам. Аммо ман медонистам, ки бедор аст, агар хоб буд, бо ин тану тӯш ҳатман хуррок мекашид, лекин ҳоло ҳатто садои нафас кашиданаш шунида намешуд. Ман ҳам дигар сухане нагуфтам, агарчи дилам бисёр мехост, ба гап кашаму асрори иртиботи мармузаш бо Муҳриддини Шобадалро бифаҳмам. Пас аз нӯшидани арақ иштиҳоям боз шуд ва ман ғизоро танҳо хӯрдам, косаю табақчаҳои худро ҷамъ кардам, бурдам дар ҳаммом гузоштам. Чун кори дигаре набуд, ман ҳам рӯйи рахт дароз кашидаму дар ҷустуҷӯйи барномаи диданӣ шабакаҳои телевизиониро гардондан гирифтам ва ниҳоят мазҳакаеро аз силсилаи мистер Бин интихоб кардам ва машғули тамошо шудам. Намедонам кай хобам бурдааст, дақиқан медонам, ки филмро то охир тамошо накардаам, чӣ қадар хобиданамро ҳам намедонам, ба ҳар сурат вақте ки бедор шудам, филм ба охир расида буд ва аз кадом як бозии мусобиқоти футболи Итолиё гузориш пахш мекарданд. Шояд доду фарёди ҳаводорони тиме бедорам карда буд, ё садои ҳиқ-ҳиқи гиряи таҳамтан. Чун чашм боз кардам, таҳамтан

лаби тахт нишаста ва пойхояш овезон рӯйи фарш паст-паст мегирист ва нолиш мекард. Аввал нахостам бифаҳмад, ки бедор шудааму гиряашро мешунавам, нахостам шарм бикунад, чашмонамро пӯшидаму худро ба хоб задам. Вале гиряву нолиш идома ёфт, фикр кардам, эҳтимол бемор шуда ва ҷоеш дард мекунад. Нимхез шудам: сараш хам, ду оринҷ рӯйи зонувон гузошта ва бо ду кафи даст аз ду канори сараш дошта буд ва ё, эҳтимол, аз ду тараф сарашро мефишурд. Кӯтоҳ сурфидаму пурсидам: «Саратон дард мекунад?» Чизе нагуфт. Сарашро бардошт, бо нарангушт ва ангушти ишорати дасти рост ашки чашмонашро такид ва танҳо пас аз ин бо ишораи «не» сар ҷунбонд. «Об диҳам, – гуфтам, – ё шояд арақатон резам, гоҳе асабро ором мекунад». Ҳамон лаҳза фаҳмидам, ки иштибоҳ кардам, набояд чунин мегуфтам, акнун мефаҳмад, ки асабонияту заъфашро фаҳмидаам, бештар шарм мекунад ва амиқтар ба худ фурӯ меравад. Вале таҳамтан, гӯё суханамро нашунид, ё эътиное накард ва мисли писараки шармгин, ки бо гуноҳе дастгир карда бошандаш, бо садои пасту илтичоомез гуфт: «ман одам куштан наметавонам, то ҳол ягон бор ҳатто сари бузу гӯсфандро набуридаам, ҳамсояро даъват мекунам, ки биёяд забҳ кунад». Он қадар садояш андӯҳу дард дошт, ки метавонист дили раҳмгинро бифишораду ашки занонро дароварад. Зоҳиран, боз мехост дарди дил бикунад, вале натавонист, шояд метарсид, ки агар лаб фӯру набандад, боз хоҳад гирист. Барои он ки хомӯшии тазйиқовар ба миён наояд ва дубора ба худ фурӯ наравад, – хеле мехостам асро-

ри иртиботи ӯро бо Муҳриддини Шобадал бифаҳмам, – такрор кардам: «Арақ резам!». Гуфт: «ман ягон бор арақ нахӯрдаам». Баъд лаҳзае хомӯш монду пурсид: «Рост мегӯянд, ки одамро ором мекунад?!» «Ҳа, баъзан одамро таскин медиҳад, ором мекунад». «Резед, – гуфт, – агар одам мекушта бошам, нахӯрдани арақ чӣ суд дорад?!». Гуфтам, якбора ба сар кашаду дарҳол помидорро газак кунад. Бо ин ҳол, мушт ба даҳон ниҳода ду-се бор сурфид ва аз чашмонаш ашк баромад. Истаконро рӯйи миз гузошту мисли он ки ногаҳон чизеро ба ёд оварда бошад, бо диққат чанд лаҳза ба ман нигарист, баъд нимхез шуду ду даст ба китфонам гузошт. «Шумо ҳеч парво надоред, фикр ҳам намекунед, хӯрок хӯрдед, осуда хобидед, шумо метавонед, аз дастатон меояд, биёед, вазифаамонро иваз кунем, ман ресмонҳоро нигоҳ дорам, шумо… шумо кори маро кунед, шумо метавонед, агар умр боқӣ бошад, ягон вақт некии ман ҳам ба шумо мерасад». Дар лаҳни гуфтораш яъсу илтиҷо бо ҳам омехта буд, дар нигоҳаш ҳам. Аввал надонистам чӣ бигӯямаш, баъд суханони фармондеҳ ба ёдам омад. Гуфтам, «намешавад, Аълоҳазрат иҷозат намедиҳанд, фармудаи Аълоҳазрат бояд бе каму кост, айнан иҷро шавад». Хомӯш дастонашро аз китфҳоям бардошт, мисли ин ки бо ҳамин як суҳан қонеъ шуд, дигар ҳарфе нагуфт ва боз оринҷ рӯйи зонувон гузошта, сарашро миёни дастонаш ниҳод. «Ман ҳам ҳеч гоҳ одам накуштаам, – афзудам ман, – лекин чӣ илоҷ, ман афсарам, бояд фармон иҷро кунам, ҷойи қилу қол нест». «Ман афсар нестам, ман ҳатто сарбоз нестам, – дод зад

ӯ ва сари пой бархост, – маро маҷбур кардан наметавонанд...» Баъд оромтар шуд: «Чаро маро маҷбур мекунад, ман чӣ гунох кардам? Кӣ бародари ҳамтани худашро ҳамин тавр азоб медиҳад?! Ман ҳеч кор накардаам». Таҳамтан мисли ҷуволи холишуда ба рӯи тахт фурӯ уфтод. «Резед», гуфт. Ман гӯшбақимор шудам, суол надодам, ки «бародари ҳамтан» кист, тахмину ҳадс зада будам, ки манзураш кист ва интизор будам, ки худ суханашро идома бидиҳад. Ин бор ба ду истакон арақ рехтам, баробар бардоштему хомӯш нӯшидем.

Таҳамтан чанд дақиқа хомӯш нишаст, баъд чунонки интизор доштам, худаш ба сухан гуфтан оғоз кард; вай худ дар вазъе қарор дошт, ки бояст ба яке дарди дил мекард, майли ӯ ба рози дил гуфтан, ҳатто бештар аз иштиёқи ман ба шунидани ин розу асрор буд. Ман аввал бо ҳайрату тардид гӯш медодам, баъд бо шавқу рағбат; суханашро набуридам, суол надодам. Ва асрореро фаҳмидам, ки камтар кас медонист: таҳамтан Самариддин ном дошт ва бародари ҳамтани Муҳриддини Шобадал буд; аз як падару як модар ба дунё омада буданд, аввал Самариддин, пас аз ду соли ӯ Муҳриддин. Ва пас аз Муҳриддин ҳам ду хоҳару як бародарашон таваллуд шуда буданд. Ҳама фарзандони хонадон тифлони маъмулӣ буданд, нуқсону камбуде надоштанд, ба ҷуз Муҳриддин, ки гӯё нимбуд зода шуда буд. Дар асл баъд фаҳмиданд, ки ӯ нимбуду пакана аст, норасид набуд, модараш баъд аз нуҳ моҳи пур зода будаш; дар тифлӣ, замоне, ки дар гаҳвора мехобид, баъд роҳрав шуду гап задан

омӯхт, ҳеч кас ин нақси ҷисмонии ӯро пай набурда буд, ҳатто модараш. Муҳриддин ҳамеша аз дунболи Самариддин кашола буд, хоҳ ҷойе ба коре мефиристодандаш, хоҳ барои бозӣ ба кӯча мебаромад, Муҳриддин ҳамроҳаш буд, ҳамроҳ мерафтанду меомаданд, ҳамроҳ бозӣ мекарданд, зери як кӯрпа мехобиданд, аз як коса ғизо мехӯрданд; он чи бародаронро ба ҳам мепайваст на фақат ҳамхунӣ буд, ки беш аз он меҳру унс. Аммо баъд тафовути Муҳриддин аз баччагони ҳамсолаш маълум шудан гирифт. Онҳо дар рустои хурде дар миёни кӯҳҳои баланд зиндагӣ мекарданд, ки ҳама кору ҳама чиз дар чунин деҳаҳо тақрибан яксон аст, танаввуъ надорад, ҳам рӯзгори мардум, ҳам машғулияту кору борашон, ҳам истироҳату тафреҳашон, аз ҷумла бозиҳои баччагон ҳам. Ин аст, ки тафовути ҷисмонии Муҳриддин, ки дар деҳ собиқаю намуна надошт, низ зуд ба чашмҳо омаду ба даҳонҳо уфтод ва мавриди ҳазлу мазоҳ, масхара, пичингу пӯзханд, тавҳину таҳқир қарор гирифт. Рӯзе набуд, ки Самариддин ба пуштибонӣ аз бародараш ва ҳамияти хонаводагӣ бо баччае дастбагиребон нашаваду занозанӣ накунад, гоҳе мезадандашу даҳону биниаш хуншор мешуд, гоҳе мезаду даҳону бинии ҳарифонро хунӣ мекард. Аммо ӯ як нафар буд (аз дасти Муҳриддин, ки ҳамеша дар ҷанҳову дастбагиребоншавиҳо ёри ӯ мешуд, камтар чизе бармеомад ва баръакс боз бештар баччагонро ташвиқ ба ҳазлу мазоҳ мекард), баччагон бисёр ва оҳиста-оҳиста чунон шуд, ки тақрибан ҳамаи ҳамсолонаш бо Самариддин ҷангӣ шуданд, ба бозиҳояшон роҳ намедоданд, дар хезум-

кашию алафдаравӣ ҳамроҳаш намекарданд. Ӯ медид ва фаҳмид, ки тани танҳо бо ин қадар баччагон коре аз дасташ барнамеояд. Ва бар асари нотавонию заъф, ки ҳосилаш яъсу навмедӣ буд, ба оҳистагӣ хашму ғазабаш аз баччагон ба сӯйи бародараш самт иваз кард; ин Муҳриддин буд, ки на танҳо худ, балки тамоми хонадонро мавриди масхараву мазоҳ ва ҳазлҳои қабеҳу пузхандҳои шанеъ қарор дода буд, Муҳриддин буд, ки боис шуда буд, ӯ аз чӯраҳо ва ҳамсолонаш ҷудову танҳо бимонад, Муҳриддин буд, ки мучиби шармандагӣ ва сурху сафед гаштани ӯ дар байни мардум мешуд. На танҳо баччагон, ки бархе калонсолони даҳонбефоровез ҳам, ки намедонистанд рӯзҳои бекориро чи тавр пур кунанд, гӯё байни худ ва бехигӯшӣ, аммо дар асл шунавонда гап мепаронданд. «Шобадал бо ин ғуладингаш ба чинси одамизод нанг овард, ба ҳурмати Худо», «Шобадал худаш ин қадар марди ҳузарби қавиҳайкал, занаш, албатта, ин баччаро аз камари кадом як пакана бор гирифтааст». Ва Самариддин Муҳриддинро бо таҳдиду дӯғу пӯписа, чандин бор задану гирён кардан, чандин рах дар хонаву оғил қуфл кардан аз худ дур кард ва Муҳриддин бо душворӣ, ба оҳистагӣ комилан танҳо монду ба танҳоӣ хӯ гирифт. «Бачча будем, беақл будем, бисёр чизҳоро намефаҳмидам, – гуфт Самариддин, – баъд аз он ки ақлам даромад, худам аз кори кардаам шармам меомад, вале дигар дер шуда буд». Аз тамоми хонадон танҳо касе, ки бо Муҳриддин муносибати хуб дошт, аз ӯ шарм намекард, падараш буд. Ӯ буд, ки Муҳриддинро аз паси худ, дар пушти

хар менишонд, ба дарави гандум, сари замини тамоку, ба кӯҳ барои ҳезум мебурд ва раҳорах барояш аз гузаштаву гузаштагон ҳикояҳо мегуфт, афсона нақлаш мекард. Ва хуштарин рӯзҳои баччагӣ барои ӯ ҳамин рӯзҳо буданд. Ҳамаи дигар аҳли хонадон талош мекарданд, ӯро нодида бигиранд. Модараш, ки зани баддаҳону шаттоҳе буд, ҳамеша «ношуд», «нимбуд», «норасид» хитобаш мекард, роҳравӣ, гапзанӣ, заифияшро масхара мекард. Зоҳиран, ин амр барои модар як навъ вокуниши пешгирикунанда аз муносибату ҳарфҳои занони дигари деҳ буд, ба ин тариқ мехост ба рӯйи шармаш ниқоб бикашад ва ҳам пӯзханду мазоҳҳои эҳтимолии занонро хунсо кунад. Вале хонаро хилват, ки меёфт, мегирист. Ин аст, ки вақте пас аз хатми синфи шашум Муҳридинро ба интернати маркази ноҳия бурданд, на фақат модар ва бародару хоҳаронаш, балки Муҳриддин низ худро сабуку озод эҳсос кард. Албатта, дар ин ҷо низ ӯро масхара мекарданд, дар ин ҷо низ ба чашми таҳқир менигаристандаш, вале аз ҷонибе дар маркази ноҳия саргармию дилхушӣ бештар буд: кино буд, футбол буд, нахустин дидорҳои пинҳон ва ширини ошиқона буд, ва аз ҷониби дигар, ӯ худ то кунун ба ин амр одат карда буд ва вокуниши чандоне нишон намедод, талош мекард ранҷишашро ҳам изҳор накунад ва ҳамчунин, дар интернат Самариддине набуд, ки ба пуштибонӣ аз ӯ даст ба гиребони рақибон барад. Ва чун баччагони интернат низ муқовимате намедиданд, санги афкандаашон ба оби нарм фурӯ мерафт, мушташон ба тӯбраи пашм бармехӯрд, ба зудӣ масхараву мазоҳ ба

ҳазлу шӯхӣ бадал шуд ва муддате баъд ҳазлу шӯхӣ низ аз миён рафт. Дигар ба вуҷуд ва ҳузури ӯ одат карда буданд. Дигар касе ба қади кӯтоҳи ӯ ва роҳравии мурғобивор ва бошитобаш коре надошт. Бештари бачаҳои интернат, онҳое ки падару модарашон зинда буданд ва ё хеши наздик доштанд, ҳафтае як бор, пас аз зуҳри шанбе ба деҳаҳояшон мерафтанд ва рӯзи якшанбе бегоҳ ва ё субҳи душанбе бармегаштанд. Ва танҳо Муҳриддин буд, ки ҳамроҳи ятимони бекасу кӯй бозмемонд, ба хона намерафт. Тақрибан ҳар ҳафта падараш худ ба дидорбиниаш меомад, гоҳе модараш ё бародару хоҳаронашро низ меовард. Самариддин низ соли аввал чанд бор омад, вале ҳеч вақт натавонист бо ӯ суҳбат бикунад. Муҳриддин бо дидани ӯ ё аз интернат фирор мекард, ё дар синфхонае пинҳон мешуд. Боре Муҳриддин аз омадани бародараш бехабар монд ва онҳо иттифоқан рӯ ба рӯ заданд, вале ӯ дар ҷавоби пурсупос ва суолҳои Самариддин лаб боз накард, хомӯш сари хам нишаст, бастаи нон ва ғӯлингу кашки овардаи Самариддинро ҳам нагирифт ва ӯ худ бархосту фӯтаро кушод, нонро ҳамон ҷо болои миз гузошт, рӯзномаеро рӯи тахти хоб паҳн карда, ғӯлингу кашкро болои он рехту баромад рафт. Баъди он чун бори дигар омад, аз паси шишаи тиреза дид, ки Муҳриддин дар ҳуҷраи хобаш рӯи курсӣ нишастааст, вале чун вориди ҳуҷра шуд, ӯро дар ҷойе натавонистанд пайдо бикунанд. Самариддин тӯшаи овардаашро рӯйи миз гузошту рафт ва дигар ҳеч гоҳ наёмад.

Самариддин гуфт: «Баъд ман ба хидмати сарбозӣ рафтам, ду сол хидмат кардаму баргаштам, Муҳриддин ҳам мактабро тамом карда буд, дар ҳамон маркази ноҳия кор мекард, гуфтанд, ки дар чойхонаи сари бозор дастёрӣ мекардааст. Бародари хурдиамон хабар бурд, ки ман аз хидмати сарбозӣ баргаштаам, аммо ӯ наёмад, ки маро бубинад, ман ҳам рости гап, нарафтам».

Охирин боре, ки бародарон ҳамдигарро диданд, рӯзи дафни падарашон буд, ки ногаҳон, бидуни он ки бемор шаваду бистарӣ дар сари мазраъа эҳтимолан аз сактаи дил ё сактаи мағзӣ ҷон дод. Кас фиристоданду Муҳриддинро, ки он замон дар техникум, дар риштаи ҳисобрасӣ таҳсил мекард, оварданд. Вай аз мошин фуромаду бо шитоб ба ҳавлӣ даромад, ба аҳли хонавода – модараш, бародарону хоҳаронаш, ки бо диданӣ ӯ баландтар нолаю навҳа карда, овоз кашиданд, эътиное надод, чунонки расм аст, гарданашонро нагирифт, рост ба хона даромад, чанд лаҳза ба чеҳраи падар нигаристу берун баромад. Ҳамон шаби рӯзи дафн кардани падар бори охир дар хонаашон хобиду субҳи дигар бозрафт. Муҳриддин баъд аз он дигар ба деҳа наёмад, ҳатто дар маросими арӯсии хоҳаронаш ва издивоҷи бародараш ҳам.

Самариддин гуфт: «Гоҳе модарам бо бародари хурдиамон ё яке аз хоҳаронамон ба дидорбиниаш мерафтанд, вале ҳар бор бо чеҳраи гирифта бармегаштанд; ман ҳам чизе намепурсидам, мефаҳмидам, ки рӯйи хуш нишон надодааст, ё сухане гуфтааст, ки боиси ранҷишашон шудааст. Вале модарам баъди муддате гӯё он ранҷишро

фаромӯш мекард, бародарам ё яке аз хоҳаронамро хоҳиш мекард, ӯро бибаранд, ки Муҳриддинро бубинад, байни ҳам чӣ мегуфтанду чӣ мегардонданд, намедонам, вале зоҳиран, модарам худро гунаҳкор эҳсос мекард... Солҳои охир Муҳриддин дар корхонаи равған муҳосиб буд, хонае ҳам дода будандаш, вале боре ҳам нашуда буд, ки модарам ё бародару хоҳаронам шаб дар манзилаш монда бошанд, ҳамеша субҳ мерафтанду шом бармегаштанд. Баъд шунидем бо духтаре мисли худаш аз ноҳияи ҳамсоя издивоҷ ҳам кардааст, аммо касе аз аҳли хонадонро ба ин маросим даъват накард, ҳеч кадом аз аҳли хонаводаамон то имрӯз ӯро надидааст ҳам».

Рӯзе ба деҳа хабар оварданд, ки Муҳриддинро ба пойтахт даъват кардаанд, ба Арк, вале касе дақиқ намедонист, барои чӣ, яке мегуфт, барои Садри аъзам чой дам мекардааст, дигаре мегуфт, Аълоҳазрат дар ҳар кор аз ӯ машвара мегирифтааст ва ҳарчи ӯ салоҳ донад, ҳамонро мекардааст, яке мегуфт, Садри аъзам сагонро дӯст медошта ва Муҳриддин сагбон буда, дигаре мегуфт, Муҳриддин латифаю афсона зиёд медонистааст ва чун Аълоҳазрат аз кору бор монда мешудаасту дилгир Муҳриддин барояш афсонаву латифа гуфта, вақташро хуш мекардааст.

Самариддин гуфт: «Баъд ин воқиаҳо рух дод ва гуфтанд, ки Муҳриддин худ Садри аъзам шудааст, суханронияшро аз радио ҳам шунидем, вале албатта, ҳеч кас бовар накард, дар деҳаи мо телевизор нест, мавҷи телевизион ба деҳаи мо намерасад, вале мардум аз маркази ноҳия хабар оварданд, ки Муҳриддинро аз телевизор дида-

анд. Бо вуҷуди ин чанд ҳафта гузашт, то мо бовар кардем, ки Муҳриддини Шобадал, ба сабаби куштори фоҷиавии Садри аъзам салоҳиятҳои ӯро ба ихтиёр гирифтааст ва ин вазифаро то баргузории интихобот давом медодааст».

Ва модар рафтагори пойтахт шуд; аввал чанд рӯз интизор нишаст, ки писари подшоҳаш чархбол ё ҳадди ақалл мошине мефиристаду ӯро ба наздаш мебарад, вале чун аз он тараф хабаре нашуд, худаш омодагӣ гирифт, фатири ширмол пухт, кашку мағзу дона гирифт, сандуқашро тагурӯ карду беҳтарин либосҳояшро берун овард, то боиси хиҷолату сарафкандагии писараш набошад. Ва кас фиристоду писари калониро даъват кард, ки ҳарчи буд, гузашт, ҳарчи дар миёнашон рафт, рафт, акнун вақти он аст, ки бародарон оштӣ шаванд ва ӯ бояд модарашро дар сафар ба пойтахт ҳамроҳӣ кунад. Самариддин аз ин суҳбат фаҳмид, ки яқинан касоне аз аҳли деҳа модарашро ба ин сафар ташвиқу таҳрик кардаанд, то ба воситаи ӯ бо Муҳриддини соҳибихтиёри як кишвар робита барқарор кунанд ва суду манфиат баранд. Вай қатъиян сафари ба пойтахт ва дидорбинӣ бо бародарашро рад кард, далелҳои зиёде овард, ки ин сафар натиҷае нахоҳад дод, бародараш ӯро дидан намехоҳад ва ба модар ҳам маслаҳат дод, ин корро накунад, агар писараш лозим донад, худаш ӯро ба наздаш мебарад, як занги телефонаш кофист, ки раиси ноҳия пас аз соате бо мошини худ ҳозир шаваду ӯро ба пойтахт бибарад.

Самариддин гуфт: «Ман пешакӣ ба ҳамин монанд натиҷаеро аз ин сафар интизор доштам,

ҳеч кас Муҳриддинро мисли ман намешиносад, аммо рости гап, ман ҳам то ба ин ҳадд беинсофию ноодамиро чашмдор набудам... Ба ҳар ҳол, модарам, агарчи аз дидорҳои пешинааш бо писар таҷрибаи хуше надошт, ба суханонам гӯш надод, вай шояд, умед дошт, давлату хушбахтии ногаҳон ҳама ранҷу азобҳои гузаштаро аз қалби писараш пок кардааст, меҳри фарзандӣ дар дилаш ба ҷунбиш меояд, баъд фирефтаи суханони чанд нафар ҳамдеҳагон ҳам шуд. Бародарам ҳам илоҷе надошт. Ҳарду бо мошини як нафар ҳамдеҳаамон, ки албатта, шояд умед дошт аз ин сафар ба ӯ ҳам манфаат мерасад ва ба ихтиёри худ ҳозир шуд, онҳоро бараду биёрад, ба пойтахт рафтанд».

Модару писар ҳудуди ду соат дар назди дарвозаи Арк интизор нишастанд. Баъд афсар омад ва хабар овард, ки Садри аъзам барои пазироии онҳо вақт надорад, беҳтар аст ба деҳа баргарданд. Вай худаш дар фурсати муносиб онҳоро даъват мекунад. Модар сарҳаму мулзам шуд, ҳатто фаромӯш кард тӯшаи бурдаашро ба сарбозони назди дарвозаи Арк бидиҳад.

Муҳриддини Шобадал низ дигар модарашро суроғ накард.

Самариддин гуфт: «Вай дигар модарашро суроғ ҳам накард. Вале, эҳтимол, ҳамин сафар боис шуд, ки маро ба хотир овард. Даҳ рӯз аз сафари модарам гузашта ё нагузашта буд, ки ду нафар ношинос бо мошине ба деҳа омаданд, аз раҳгузарон хонаи маро пурсиданд. Ба хона ҳам надаромаданд, гуфтанд, Аълоҳазрат фармуд, шуморо ба наздаш бибарем. Нагузоштанд, ки

ҳатто сари қадам ба хонаи падарӣ дароям, бо модар паноҳихудо кунаму фотиҳа гирам. Либосҳоро иваз кардаму ба мошин нишастам ва баъд аз панҷ соат шабона ба пойтахт расидем».

Рӯзи дигар Самариддинро ба Арк бурданд. Муҳриддини Шобадал бо бародараш ончунон мулоқот кард, ки гӯӣ 25 соли қаҳриву ногапӣ ва 18 соли ҷудоӣ аслан дар миён набуд, ангор чанд рӯз пеш аз ҳамдигар ҷудо шуда буданд. Вай бо ишораи сар ва зери лаб салому алейк кард, кӯтоҳ аз модарашу бародару хоҳаронаш пурсид. Аз кору бори мардуми деҳа суолҳо дод, пурсид, ки дар хусуси ӯ чӣ мегӯянд, фикрашон дар мавриди давлатдории ӯ чӣ гуна аст. Гуфт, модару бародарашро баркасд қабул накардааст, то ҳам хешону ҳамдеҳагон бидонанду тамаъ накунанд ва ҳам бегонагон бифаҳманду сабақ бигиранд, ки кори давлатро набояд бо кори хонавода омехта кард, сарвари одил он аст, ки ба ҳамаи шаҳрвандони кишвараш ба як чашм бингарад, ватанпарастон, чашмикордонон, мубтакиронро баркашад, хоинон, дуздон ва тамаъҷӯёнро бинишонад, чунки асоси рушду тавсиаи кишвар адолату мувосо аст. Ва барои он ки адолату мувосо муроот бишавад, бояд шахси Садри аъзам аз меҳри фарзандӣ, меҳри бародариву хоҳарӣ, меҳри зодгоҳу диёр ориву барӣ бошад, фарзанди ҳама пирон, бародари ҳама мардону занон ва падари ҳама тифлону баччагон бошад, ҳамаро яксон бибинад, ҳама ҷойи кишварро зодгоҳи худ бидонад.

Самариддин гуфт: «Ман аҷабам омад, дар дил гуфтам, дар мавриди Муҳриддин сахт иштибоҳ кардаам, ман гумон карда будам, модару

бародарамонро ба сабаби бемеҳрӣ, беинсофӣ ва бадкинагию интиқомситонӣ қабул накарда, вале акнун рӯшан шуд, ки ӯ чӣ андешаҳое ҷолиб ва раъиятпарварона дар сар доштааст. Даҳон пур кардам ва хостам бигӯям, ки ақаллан метавонист модару бародарашро ба ҳайси шаҳрвандони кишвар, ки бо мушкиле ба назди сарвари кишварашон омадаанд, қабул бикунад, панҷ-даҳ дақиқа ҳолу аҳволашонро бипурсад. Вале фурсатам надод. Беист гап мезад ва ба зудӣ фаҳмидам, ки не, мутаассифона, дар мавриди ӯ ҳеч иштибоҳ накардаам».

Муҳриддини Шобадал гуфт, то замоне ки ӯ Садри аъзам аст, дар ин кишвар ҳар кас бояд ризқу рӯзиашро бо неруи ақлу хирад ва ё китфу бозувони худ пайдо кунаду хурад, суистеъмол аз мақому мансаб, суиистифода аз хешиву ҳамдиёрӣ набояд дар миён бошад, вай ҳаргиз ба ин роҳ нахоҳад дод. Баъд лаҳзае хомӯш монду ба Самариддин нигарист ва «туро ҳам барои ҳамин даъват кардам», гуфт ва боз хомӯш ба чашмони пурсуоли бародараш нигаристу илова кард: «як кори нозук ва пурифтихор пеш омад ва ман туро ба ёд овардам». Чун лаҳзае интизор истод ва дид, ки Самариддин чизе напурсид, худ афзуд: «ту бо ин тану тӯшу китфу бозу мувофиқтарину муносибтарин одам барои ин кор ҳастӣ, додгоҳи олӣ як нафар хоини ватанро маҳкум ба эъдом кард, ин ҳукмро касе беҳтар аз ту наметавонад ичро бикунад». «Чӣ тавр ичро мекунам», пурсид Самариддин, вай ҳанӯз моҳияти гуфтаи бародарашро ба дурустӣ нафаҳмида буд, ё гумон мекард, қисме аз гуфтаи ӯро ба дурустӣ нафаҳ-

мидааст. «Хеле осон, – гуфт Муҳриддини Шобадал. – мо туро ҷаллод таъйин кардем». Самариддин беихтиёр аз ҷой бархост, бо тардид пурсид: «Ҷаллод? Одамкуш?». Ба чеҳраи бародараш нигаристу фаҳмид, ки суханонаш ҷиддист. «Ман наметавонам, – гуфт, – ба ҳурмати Худо, ки наметавонам, ман дар умрам сари як мурғро ҳам набуридаам», гуфт. Донист, ки бародарашро наметавонад бо ин сухан қонеъ кунад, илова кард: «Дар хонадони мо касе ҷаллод набуд». «Дар хонадони шумо, то ҳол, Садри аъзам ҳам набуд, - гуфт Муҳриддин. – Талабгори вазифаи ҷаллодӣ зиёд аст, моҳонаи баланд дорад, имтиёзҳо дорад, кораш ҳам зиёд нест, моҳе шояд як маротиба, ки панҷ шаш дақиқа идома меёбад, баробари андохтани ҳалқа ба гулӯ ва ё холӣ кардани як тир, вале ман туро интихоб кардам, на ба хотири бародар буданат, на барои зери як кӯрпа бузург шуданамон, не, фақат барои тану тӯши Рустамонаат, фақат барои он ки мувофиқтар аз ту барои ин кор касеро намедонам». «Чаро ин тавр мекунӣ, Муҳриддин, барои чӣ, медонӣ, ки ман наметавонам». «Муҳриддин, не, Аълоҳазрат, Аъло-ҳаз-рат, ин ҷо хонаи Гулбону нест... метавонӣ, чаро наметавонӣ, одам то як корро накунад, аз кучо медонад, ки метавонад, ё не».

Самариддин гуфт: «Ман бисёр талош кардам бифаҳмонам, ки марди ин кор нестам, наметавонам, ба зорию тавалло даромадам, вай розӣ намешуд. Гуфт, ман як бор тасмим мегирам ва тасмимамро дигар намекунам. Таъкид кард, Садри аъзам, агар бо нолаву зории ҳар заъифу танбал ҳар рӯз тасмимашро дигар кардан гирад, на ну-

фузаш боқӣ мемонад, на эътиборaш. Ман дигар ба гапҳояш бовар надоштам, медонистам, ки дурӯғ мегӯяд, фақат мехоҳад аз ман интиқом бигирад, қасоси ранҷу аламҳои замони баччагияшро аз ман бикашад. Намедонам, тахминам дуруст аст ё не, ба фикрам вай хаёл мекард, ки Худо қисме аз тану тӯши вайро ба ман додаст, ман ҳаққи вайро аз худ кардаам, барои ҳамин ман ин қадар бузургаму вай ин қадар хучек, ва барои ҳамин аз ман қасос мегирад... Дидам, ки бо роҳи дигар халос шудан намешавад, қотеъона гуфтам, ки намехоҳам ҷаллод бошам, намехоҳам одамиеро, гунаҳкор бошад ҳам, хоин бошад ҳам, бикушам, ӯ ихтиёр дорад, худи маро метавонад бикушад, вале ман касеро намекушам... Заҳрханд кард, ба таҳдид гузашт, гуфт. ман мехоҳам ӯро фиреб диҳам, мехоҳам бо мурдан шонаи худро аз бори масъулият раҳо бикунам, вале ӯ чунин имконро бароям намедиҳад, агар мехоҳам бимирам, аввал як-як марги азизонамро дар пеши чашмонам мебинам, баъд ҳам худам худамро хоҳам кушт... Ман дигар чизе гуфта натавонистам, ман хомӯш мондам. Кӣ медонад ӯро, ки фақат таҳдид мекунад, ё ба рости, аз куштани бародарзодаҳош ҳам рӯй наметобад...»

Ҳикояти Самариддин ба охир расид. Вай хомӯш монд. Баъд якбора мисли ин ки кобусе дида бедор шуда бошад, парида аз ҷой бархост ва бо диққат ба ман нигарист. Бо садои баланд гуфт: «Ман чаро ин ҳамаро ба шумо гуфтам, шумо ҳам аз ҳаминҳо нестед магар? Равед гӯед, равед ҳамаашро хабар кашед, барои ман ҳеч фарқе надорад, лозим бошад, ҳамаи гуфтаҳоямро менави-

саму имзо мекунам. Аз гапам намегардам, агар одам мекушта бошам, дигар чӣ фарқ дорад?».

Ман ӯро то тавонистам ором кардам. Гуфтам, бале, ман афсар ҳастам, ман маҷбур ҳастам амру фармудаи фармондеҳ ва дигар афсарони баландрутбаро иҷро бикунам, вале беҳуда гумони бад дорад, ман хабаркаш нестам, ба ман ҳам шеваи асримиёнагии куштор хуш намеояд, дар ҳеч кишвари мутамаддине одамро ба дор намекашанд, одамкуширо намоиш намедиҳанд... Дилам воқеан барояш месӯхт, вале чӣ кор метавонистам бикунам. Фақат гуфтам, фардо талош кунад ба рӯйи маҳкумшуда ба эъдом нигоҳ накунад, аз канораш биистаду талош кунад ба як бор ҳалқа ба гарданаш андозад, ба сӯйи издиҳоми тамошоиён низ назар накунад. Агар ба назар бигирем, ки бояст се бор ресмон бибандаду чаҳор бор ҳалқа ба гардани маҳкум ба эъдом биандозад, ин маросим эҳтимол бист то сӣ дақиқа тӯл мекашад. Гуфтам, ман дар канорaтон ҳастам, ҳамеша дар хотир дошта бошед, ки ман дар канорaтон ҳастам.

Пас аз ним соат субҳ дамид, пас аз ним соати дигар фармондеҳ омад.

9

Аммо садое гӯшу дилхарош риштаи андешаҳоямро қатъ кард; ин садо он қадар ногаҳон ва баланд буд ва он қадар зуд фурӯ нишаст, ки танҳо пас аз қатъ шуданаш дарк кардам аз омезиши чандин садоҳои мухталиф ба ҳам омадааст,

чандин садои пайваста ба якдигар буда, ки дар гӯшу мағзам ба ҳам печида ба садое воҳид бадал шудаанд; баъди чанд лаҳза, ки хомӯшии мутлақи кӯтоҳе фаро расид, тавонистам ин садоҳоро дар зеҳнам тафкику таҷзия кунам ва дарёфтам он таркибе буда, омехтае буда, муштамил буда бар садои ғеҷидани чарҳҳои мошини боркаш, ки бо суръати баланд меомад,– бо вуҷуди он ки ронанда тамоми неруяшро ба пояш интиқол дода, тормозро пахш кард, мошинаш ҳудуди 10-15 метр рӯйи асфалт ғеҷид, пас садои бархӯрдани он бо мошини дигар, – ба эҳтимоли қавӣ мошини саворӣ, пайваста ба он садои хурд-хурд шудану фурӯ рехтани шишаҳои мошини саворӣ ва дар охир садои ронандаи худрави саворӣ, ки ба эҳтимол, ҷароҳат нагирифта буд ва ё ҷароҳаташ сабук буд, ки тавонист (ба эҳтимол аз мошин фуруд омада) ба ҳақорату душноми ҳарифаш биоғозад. Ин тасодум тахминан панҷ метр он тарафтар дар муқобили зиндони ман, вале берун аз маҳдудаи чашмандози ман рух дода буд; ҳарчанд талош кардам, ба ҷуз аз миён поёни чанд нафар ҳангомаҷӯй, ки дар шаҳри мо ҳамеша дар чунин мавридҳо дар зарфи чанд лаҳза атрофи худравҳои тасодуфу тасодумкардаро печонида мегиранд ва ҳоло ба самти боло медавиданд ва ё мешитобиданд, чизи дигаре дида натавонистам, то фикру хаёли худро дақиқае чанд машғул дорам. Намехостам аз таъхир кардани Манижа биандешам ва худро ба фикру хаёлҳои таваҳҳумангез гирифтор созам, ба изтироб афканам; дар чунин мавридҳо ман ба чизи дигаре андешида наметавонам ва сайди афтода ба дом-

ро мемонам, ки ҳар қадар барои раҳоӣ талошу талвоса мекунад, он қадар бештар гирифтор мешавад. Хостам бо китоб хондан худро машғул бидорам; «Русто»-и Фолкнерро, ки ду рӯз қабл ба хонданаш шуруъ карда будам ва ҳамон ҷо поини тireза меистод, ба даст гирифтам, вале боз накардам; дар чунин мавридҳо китоби ҷиддӣ наметавонӣ бихонӣ, зеҳнро намешавад тамаркуз дод, нигоҳат рӯйи сатрҳо медаванд ва ҳушу хаёлат дар ҷойҳои дигар сайр мекунанд, пас аз ду-се сафҳа мутавваҷҷеҳ мешавӣ, ки чизе аз хондаат нафаҳмидаӣ. Рафтам, аз ҳуҷраи дарун «Граф Монте-Кристо»-ро овардам; чандин сол қабл хондани китобҳои саргузашт, моҷароҷӯёна, тахайюлӣ ва ҷиноятковӣ (дедективӣ)-ро бас карда будам, мутолиъаи чунин китобҳоро хоси давроні наврасию навҷавонӣ медонистам; муътақид будам мутолиаи ин навъ китобҳо пас аз бисту ҳафт-сисолагӣ сарфи беҳудаи вақт аст, вале пас аз омаданам ба ин зиндони ихтиёрӣ дарк кардам, ки дубора ниёз ба хондани онҳо дорам, ин китобҳо метавонанд фикрро машғул доранд, хаёлро ба парвоз оваранд, хонандаро аз воқеияти тазйиқовар барои муддате раҳоӣ бахшанд, вақтро фишурдаву кӯтоҳ бикунанд ва воқеан «аниси кунҷи танҳоӣ»-и ман бошанд. Ва Манижаро гуфтам, бештар аз ин гуна китобҳо биоварад. Пас аз муддате мутаваҷҷеҳ шудам, ки интихоби ӯ хеле санҷида ва мутобиқи мантиқи вежа сурат гирифтааст. Бештари китобҳое, ки бароям меоварад, зиндагидӯстона буданд, қаҳрамононаш касоне буданд, ки аз балову офатҳо раҳида ва аз маҳлакаҳо берун омада ва ниҳоятан ба мақсуд

мерасиданд. Ва ман «Чор дарвеш», «Саргузашти Ҳотам», «Дар талоши ҳаёт», «Достони марди ҳақиқӣ», «Обутоб ёфтани пӯлод»-ро дубораву себора хондам. Достони Эдмон Дантеси интиқомчӯй, ки эҳсоси ҳамин интиқом маҳфузаш дошта ва аз зиндони махуф берун оварда будаш, низ аз ҷумлаи интихоби Манижа буд, ки зоҳиран, бидуни он ки талқинам бикунад ва ё ҳадди ақалл сухане дар ин боб бигӯяд, зинда нигоҳ доштани меҳру шавқи зиндагӣ дар қалби маро ҳадафи худ қарор дода буд. Сафҳаи лозими китобро боз кардам, вале ҳанӯз ба хондан шуруъ накарда, ногоҳ фикре ба мағзам хутур кард ва чун шамъи нимсӯз лаҳзае чанд қалбамро равшан намуд: эҳтимол ман иштибоҳ кардаам, шояд имрӯз на чоршанбе, балки сешанбе буда бошад. Агарчи, баъди дақиқае дигар медонистам, сабаби падид омадани ин фикр низ баҳоначӯйии ақли худфиреб аст, бо ин ҳол китобро канор гузоштам, рафтам хатҳои охирини деворро шумурдам, «Русто»-ро боз кардаму аз дохили сафҳаҳо тақвими кисагиро, ки ҳамарӯза хате ба рӯйи як рӯзаш мекашидам, бозгирифтам ва нигаристам, чанд бор як-як ангуштонамро хобонда ҳисоб кардам ва комилан мутмаин шудам, ки мутаассифона, ҳеч иштибоҳе нарафтааст, имрӯз чоршанбест, рӯзи мавъуд аст. Рӯзи мавъуд оғоз шуда, соати мавъуд гузашта, вале Манижа таъхир мекунад... ва ё аслан намеояд.

Вале ҳоло беҳтарин кор ин аст, ки дар ин боб наандешам, беҳтар аст мағзамро машғули хотироти гузашта бидорам, ё китоб бихонам, то ба ҷаҳони дигаре ворид шавам, то дилам осудатар

бошад. Медонам, ки ҳоло ҳарчи бештар аз омадани Манижа фикр бикунам, ҳамон қадар бештар музтарибтару парешонтар мешавам, дақиқаҳо чун соат тӯл мекашанду азиятам медиҳанд... Шукр, ки соат надорам, вагарна садои тиқтиқаш девонаам мекард...

10

То Наврӯз се рӯз монда буд. Ва Мусофири ровӣ байти Ҳофизро хонд:

Сухан дар парда мегӯям, чу гул аз парда берун ой,
Ки беш аз панҷ рӯзе нест ҳукми мири наврӯзӣ.

Шарофзода ангушт шикан кард:

– Хеле ҷолиб! Мири наврӯзӣ! Чаро дар Наврӯз, ки гул аз парда берун меояд, мо худро дар ин чордевор маҳсур бидорем, дар ин ҷо, дар шаҳр аслан омадану рафтани баҳорро ҳам эҳсос намекунем. Биравем ба саробӯстон, биравем Наврӯзро дар оғӯши табиат хуш омад бигӯем, истиқболаш кунем, аз атри гулу райҳон нафас бикашем. Ва ҳамон лаҳза ба ёвараш Масъуди Маҳмудзода рӯй овард ва фармуд, ки ҳама кормандони дастгоҳ ва аъзои ҳукуматро рӯзи панҷшанбе – пасфардо – соати сеи баъд аз зуҳр дар толори бузург ҷамъ биёварад.

Ва чун ҳама ҷамъ омаданд, Шарофзода низ аз дар ворид шуд ва рост ба паси минбар рафт ва эълом кард, ки мо фардо ба муддати як ҳафта барои истиқбол ва таҷлили Наврӯз ба саробӯстон меравем, баъдан, – пас аз соате – исми касоне, ки моро ҳамроҳӣ мекунанд, эълом мешавад,

то ки омода бошанд, фардо соати ҳашти субҳ ба роҳ мебароем. Баъд макс кард, дасти рост боло бардошт, диққати ҳамагонро маътуф ба худ дид ва нафасе кашиду гуфт:

– Мо барои эҳёи ойин ва расми гузаштагон ҷаноби Муҳриддини Шобадалро мири наврӯзӣ зълом мекунем, – ба толор нигарист, нишастагонро хомӯшу ҳайрон дид, зоҳиран ҳанӯз маънии гуфтаи ӯро дарк накарда буданд ва ё агар фаҳму дарк карда буданд, намедонистанд ба ҳазлу шӯхӣ бигиранд, ё ҷиддӣ қабул кунанд ва ӯ, ки ин тардидро пай бурд, ба гунаи дигар такрор кард: - Аз ҳамин дақиқа ҷаноби Муҳриддини Шобадал мири наврӯзист!

Ин бор вокуниши нишастагонро мунтазир нашуд ва худ каф ба каф зад, бо нигоҳ, нимтабассум ва андаке ишораи сар нишастагонро низ ба пайравӣ аз хеш даъват намуд ва аз радаҳои пешини толор садои хафиф ва омехта бо тардиди какфкӯбӣ бо кундӣ боло омад, баъд дар радаҳои дигар низ ба ӯ пайвастанд ва пас аз чанд лаҳзаи дигар мавҷи кафкӯбӣ ба девор, сутунҳо ва сақфи толор печид. Ва ӯ хушҳолона идома дод:

– Яъне тамоми муддате, ки мо дар саробӯстон ҳастем, ҷаноби Муҳриддини Шобадал вазифаи Садри аъзамиро ифо мекунанд, аъзои ҳукумат ва кормандони дастгоҳи иҷрої муваззаф ҳастанд, – Шарофзода барои таъйиди гуфтаҳояш ба аҳли толор чашм давонд, – ҳама фармону дастурҳои эшонро бе каму кост иҷро бикунанд. Дар замоне, ки мо дар ин ҷо ҳузур надорем, эшон мо ҳастанд! – Ва магар аз сухани охири худ хушаш

омад, ки такрор кард. – Мо муддате ҳузур надорем, эшон мо ҳастанд.

Ин бор ҳама баробар ва тӯлонитар кафкӯбӣ карданд – ҳам андак касоне, ки қаблан аз ин тасмими Садри аъзам иттилоъ доштанд ва ҳам бештари нишастагон, ки ин хабар барояшон тоза ва ногаҳонӣ буд; эшон мутмаин буданд, ё ҳадс заданд, ки Садри аъзам бозие оғоз карда ва онон низ ширкаткунандагони он хоҳанд буд ва ё агар чунин нест, ҳадди ақалл ин эълон ҳазлест, ки бо ҳамин маросим низ ба поён мерасад. Ва чун, – шояд бо ишорае, ки барои мо ноаён буд, – Ангуштак бо қиёфаи ҷиддӣ ва қадамҳои устувор рӯйи саҳна омад, аз гӯшае бастаи либос оварданд ва Шарофзода худ миён хам оварда, ҷомаи зардӯзиро ба Ангуштак пӯшонид («ҷома пӯшонданам дар хатнасурам ба ёдам омад», гуфт Муҳаммадсодиқ, ки дар паҳлӯи ман менишаст ва ҳарду бо душворӣ аз хандидан худдорӣ кардем) ва фӯтаро ба миёнаш баст ва басоке мураккаб аз гулҳои мулаввану баргҳои сабз бар сараш гузошт, қоҳ-қоҳи ханда, доду фарёди хушҳолӣ ва кафкӯбиҳои тӯлонӣ симфонии шодмонӣ эҷод карданд. Чанд нафар ҳунарпеша ҳамчунон дар зери амвоҷи хандаву кафкӯбӣ, ба унвони намояндагони кишварҳои мухталиф ҷаноби оқои Муҳриддини Шобадалро бо оғози давраи Садри аъзамияш табрик гуфтанд ва дар охир низ худи ӯ нутқе муфассал дар хусуси барномаи фаъолияташ эрод кард, ки чанд бор бо кафкӯбиҳо ва қаҳқаҳаи ханда қатъ гардид. Ва маросим бо ҳамин хушҳолию хурсандӣ поён ёфт. Ва мардум низ аз ҷой бархостанд, ки пас аз рафтани Садри аъзам

толорро тарк кунанд. Аммо Шарофзода, ки рафтагор ба самти дари баромад буд, ногаҳон аз роҳ бозистод, гӯйӣ чизе муҳим ба хотираш расид, бозпас гашт, бо ишораи даст мардумро дубора ба нишастан даъват намуд. Худ паси минбар рафт, чашм ба толор давонд, пас ба Ангуштак, ки ҳанӯз дар саҳна истода буд ва ғайриодат хушҳол ба назар мерасид ва ё шояд талош мекард, шоду хурсанд ба назар ояд, нигоҳе андохту дубора ба толор нигарист ва бо лаҳни комилан ҷиддӣ гуфт:

– Албатта, дар маросими пешвози Наврӯз дар паҳлӯи мо ҳузур надоштани ҷаноби оқои Муҳриддини Шобадал бароямон чандон хушоянд нест, вале сазовортар аз эшон касе, ки дар ин мақом ҷонишини мо бошад, надорем. Ҳеч кудом аз шумо мисли ин кас расму ойин ва ташрифоти садоратро дақиқ намедонад.

Вазъи умумии маросими музҳик ва лаҳни ҷиддии Садри аъзам танокузе эҷод кард, ки бештар аз пеш муҷиби кафкӯбиҳо шуд.

Ман то ҳол намедонам лаҳни ҷиддии Шарофзода воқеан самимона буд – баъд аз ибрози ин суханон дигар лаҳзае таъхир накард ва бо қадамҳои устувор берун рафт – ва ё амдан ва маҳз барои эҷоди ин танокуз ниқоб ба рӯй кашида буд.

Аслан, ин амр, ки Ангуштак муддати тӯлонӣ дар Арк бимонд, дар ҳамон рӯзҳои аввал тапончае ба пушти сар, муште ба тахтапушт ва лагаде ба думғозааш зада, аз дарвоза берун наандохтандаш, – чунонки ману Дониёл ҳадс мезадем ва интизор будем, – агар боиси тааҷҷуб нест, ҳадди

ақалл муҷиби суол ҳаст. Ӯро ба ҳайси масхарабозу ширинкор оварда ва муаррафӣ карда буданд ва Шарофзода, ки шавқе ифротӣ дар амри таклид ба шоҳони гузашта дошт – ба гуфтаи худаш ва Собири Малик аз ин тариқ мехост, истиқлоли кишварро бештар таъкид бикунад ва ҳарчи бештар аз русҳо – моликони пешини ин хоку об дурӣ гузинад, ва ба ҳамин далел низ нахоста буд раиси ҷумҳур бихонандаш ва водор кард дар Конуни асосӣ мақомашро Садри аъзам бинависанд – низ ӯро ба ҳамин унвон пазируфта буд; гарчанд ноилоҷ мачбур буданд, ба ҳайси мушовири умури иҷтимоӣ истихдомаш бикунанд, вале Пакана ҳеч рафтору ҳаракоте, ки боиси дилхушӣ шавад, надошт, кучо бирасад ба он ки бо диданаш ва аз ҳаракоту гуфтораш ба ханда оянду хушҳол бишаванд, ончунон ки аз масхарабозу далқакҳои шоҳони қадим ривоят мекунанд. Вақтҳои аввал, ки дар маросими наҳору чошт даъваташ мекарданд, бо тақозои Садри аъзам латифа ҳикоят мекард, ки манбаъи бештари онҳо низ китобҳое буд, ки Собири Малик барояш меовард ва мачбураш мекард, ки бихонаду ҳикоёти беҳтаринашонро ҳифз бикунад ва аммо дар лаҳни ҳикоят карданаш низ ҳеч лутфу ширинie надошт. Гузашта аз ин, талоше ҳам барои хуш омадан, ки аз хислатҳои боризи аҳли ин табақа аст ва дар ашхоси камҳунараш бештар аз афроди боистеъдод зоҳир мешавад, нишон намедод, баръакс бештар вақт бо абрӯвони пургирех ва чеҳраи гирифта мегашт, ба қавли Муҳаммадсодиқ, аз абри сиёҳи абрувонаш борони ғаму ғусса ба замини чеҳрааш меборид, гӯйӣ на дар

Арк, ки маркази қудрату шавкат аст, балки ба зиндон ё бемористон оварда будандаш. Бо ин ҳол, Шарофзода, ба хусус дар чанд моҳи аввал зуд-зуд тақозо мекард, ки Муҳриддинро даъват бикунанд ва чун ӯ ворид меомад, мефармуд дар паҳлӯяш рӯйи миз бинишинад, гоҳе мехост латифае бигӯяд, гоҳе аз рӯзгори баччагӣ, хонадон, рустояш суоле медод, гоҳе низ назари ӯро роҷеъ ба масъалае мепурсид, вале бештар вақт ӯ ба мутолиаи санаде ё тарҳи барномае машғул мешуд ва Ангуштак ҳамон ҷо ором, пойҳояшро бод дода рӯйи курсӣ менишаст ва ё ба олами хаёлоти худ фурӯ мерафт, ё рӯзномае мехонд. Ва ё Садри аъзам, агар нишастани тӯлонӣ дар дафтари кораш дилбазан мешуд, аз ҷой бармехост ба роҳрави дароз ворид мешуд, ба ин дару он дар сар мезад, кормандонро парешонҳолу музтариб мекард, суоле медоду ҷавобе мешунид ва тамоми ин муддат Ангуштак чун соя аз пасаш мегашт. Хулоса, Муҳриддини Шобадал он замон бештар аз як одами зинда ба василае аз васоили дафтари кор мемонд. Ва беҳтар аст бигӯем, ба сагу гурбаи хонагӣ. Муҳаммадсодиқ гуфт: «Ангуштак барои Садри аъзами мо мисли саги раисони ҷумҳури кишварҳои ғарбист, зиёд шунидаам ва гоҳе худам ҳам дидаам, ки баъзеи онҳо сагпарастанд ва сагашон ҳамеша ҳамроҳашон, ба дафтари корашон ҳам мебаранд, сари як хон ғизо мехӯранд ва паҳлӯи мизашон мехобад». Аммо худи ӯ бештар хуш дошт бо виқор дар дафтари кораш бинишинад, ба вазоратхонаву идораҳои мухталиф занг бизанаду иттилоъу омори лозимро талаб бикунад ва барои ҳаллу фасли масоили иҷтимоӣ гузо-

ришҳо омода кунаду ба Садри аъзам пешниҳод кунад. Бо ин ҳол, чун Садри аъзам чанд рӯз паёпай даъваташ намекард, андӯҳгин мешуд, ғам мехӯрд, чун таваҷҷуҳи Шарофзодаро беш аз худ ба каси дигар медид, рашкаш меомад, қаҳр мекард, ғизо намехӯрд.

Баъдан Садри аъзам хислати дигар, «истеъдоди» тозаи Ангуштакро кашф кард: мағзи Ангуштак, – он қисмате ки масъули ҳофиза аст, – анбори бетаҳи душному ҳақорат буд ва чун Ангуштак аз касе ранҷу озор медид, бе таъхир ва бидуни истиҳола аз ин анбор душномҳои бӯйин ва пӯсидаро ба забон интиқол медод, беист, бе таваққуф ба рӯйи рақиб партоб мекард; он қадар ҳақорату душномои фаровон медонист, ки метавонист соатҳо бидуни такрор истифодаашон бикунад ва агар хотира дар амри интиқоли душноми лозим ва муносиб лаҳзае таъхир мекард, интизор намешуд, ба ҷустуҷӯяш вақт сарф намекард, ҳамон лаҳза, бадоҳатан ҳақорате тоза эҷод мекард; он қадар ҳақорату душномҳояш қабеҳ ва кӯчагиву омиёна буданд, ки нозуктабъон тоқати шуниданаш надоштанд, чун садояш баланд мешуд, дару тирезаҳои дафтарашон ва ду гӯши худро мебастанд, телевизорро равшан мекарданду садояшро баланд; ва чунонки бачаҳои шаттоҳ аз гиряву зории худ лаззат мебаранд ва то аз ин лаззат сер нашаванд, ба таскину дилҷӯиҳои волидонашон эътинсе намекунанд, балки бар шиддати гиряашон бештар меафзоянд, ӯ низ бо лаҳни шадид ва бо шавқу лаззат ҳарифашро душном медод ва суханони таскинбахши нафарони холису миёнҷӣ чун карасин бар алов муҷиби алангаи

бештари оташи ғазабаш мегардид. Муҳаммадсодиқ ҳикоят кард, ки Садри аъзам чун бори нахуст, ин ҳақоратҳоро шунид, аввал аз фарти ҳайрат лол монд, баъд ба ғазаб омад, фармуд ҳамин ҳоло дафъаш бикунанд, ки дигар рангашро набинад ва овозашро нашунавад, аммо ба ин супориш ҳам қаноат накард ва ба нафси хеш ба табақаи аввал фуромад, ки худаш шахсан аз гӯшаш гирифта, – чун гамбуске ба сатли зубола – аз дару дарвоза берун афканад, вале чун ба табақаи аввал фуромад, вақте дид, ки вазири иқтисод, чеҳрааш пурғазаб, рухсораву гӯшҳояш сурх мисли помидори пухта, ҳиш-ҳиш нафаскашон, чӯбе дар даст аз паси Пакана медавад ва пойҳову даҳани Пакана бидуни таваққуф дар ҳаракатанд, ғазабаш фурӯ нишаст, бозистод ва ончунон қоҳқоҳ хандид, ки сурфааш гирифт ва об аз чашмонаш буромад, рӯдаҳояш печид ва дар ҷояш нишаст. Вазири иқтисодро қаҳ-қаҳаи Шарофзода ба худ овард, вай бозистод, ба тамошоиёни атроф нигарист ва қаҳраш ба шарм бадал шуд, чӯбдастро беихтиёр дар пушташ панаҳ кард. Ва аз Садри аъзам хост, «ин бадзоти гандадаҳон»-ро, ки даҳони болоро аз поин тамйиз кардан наметавонад ва он чиро, ки бояд аз поин дар мабраз холӣ кунад, аз боло дар ин макони муқаддас берун меафканад, ҷазо бидиҳад ва аз Арк берун бironадаш. Шарофзода ӯро насиҳат кард ва ба оромӣ хонд ва гуфт, ки тақозои ӯ барои муҷозоти масхарабозе хоҳиши Лаку Пакро мемонад ва Ангуштакро на ҷазо дод ва на берун ронд. Вазири иқтисод се бор тақозои истеъфо кард, бори севум Садри аъзам истеъфояшро пазируфт ва ӯ

пас аз се моҳ бо аҳли хонаводааш ба кадом яке аз кишварҳои Урупо рафт... Ва ҳоло ман ғоҳе садояшро аз «Озодӣ» ва «Би-би-си» мешунавам, ки бо лаҳни шадид вазъи кишварро таҳлил ва танқид мекунад. Аммо Шарофзода ҳар вақт аз кору бор дилгир мешуд, ва ё дар ҳаллу фасли мушкиле душворӣ мекашиду ба сутӯҳ меомад, ишорае мекард, нафаре аз мақомдорони давлату кишвар Ангуштакро бо сухан ва ё бо амал меранҷонданд, ба ғазаб меовардандаш – Муҳаммадсодиқ мегуфт: «моторашро рӯшан мекарданд» – ва ӯ ба ҳақорату душном гуфтан оғоз мекард.

Ба хусус, генерал Нурмуҳаммади Шерхонӣ – сардори ситоди муштараки неруҳои мусаллаҳ, метавонист хеле зуд «муҳаррики Ангуштакро рӯшан кунад». Ин генерал, ки як метру 87 см боло, китфони фарох ва дасту бозувони қавӣ дошт, гоҳе Ангуштакро озод мебардошту гӯши ӯро баробари даҳонаш меовард, бехгӯшӣ ҳарфҳое барояш мегуфт, ки на танҳо гӯш, ки тамоми чеҳраи ӯро сурхӣ пахш мекард, рӯйи кӯдаконаи мудаввараашро шабеҳи кулчаи танӯрӣ менамуд, баъд ба замин мегузошташу ду ангушт анбур карда дунбаашро мепучид ва раҳояш мекард ва худ рӯйи курсие менишасту баробари раиси ҷумҳурӣ аз ҳақорату душномҳои Ангуштак лаззат мебурд ва амвочи қаҳ-қаҳаи хандааш шишаи дару тирезаҳоро меларзонд ва дар роҳравҳои Арк танин меандохт. Гоҳи дигар Ангуштакро аз гиребонаш гирифта сари даст мебардошт, муддате болои сар мечархонд – ӯ пайваста, бидуни хастагӣ даҳону дасту пой мечунбонд: пой ба банди дасти генерал мезад, талош мекард мӯйисарашро ба

чанг овараду бикашад, вале муваффақ намешуд ва беист душному ҳақорат медод: полези зану модару духтари генералро шодоб мекард. Ниҳоят генерал болои ҷевоне мегузошташ ё бо як қадам гузоштан рӯйи миз мебаромаду болои қандиле савораш мекарду мерафт ва Ангуштак боз муддати мадиде, ҳатто пас аз нардбон овардани мустахдимон ва поён фуроварданаш ҳам, то хаста шудани даҳонаш ҳақорату душномашро идома медод.

Баъд, пас аз он ки Шарофзодаро бо ҳамроҳонаш куштанд ва Ангуштак соҳиби комилҳуқуқи Арк шуд ва худро қоиммақоми Садри аъзам эълом кард, генерал Шерхонӣ аз ҷумлаи фармондеҳони низомӣ танҳо касе буд, ки бо 60-70 нафар афсару сарбозони содиқ хост муқовимат нишон бидиҳад, вале чун дид, неруяш кифоят намекунад, чи бештари афсарони неруҳои мусаллаҳ ва вазорати кишвар ба Ангуштак пайваста буданд, бо аҳли хонавода ва чанд нафар аз афсарони вафодораш кишварро тарк кард. Ва баъди чанд моҳ додгоҳи олии кишвар генералро ба ҳамшарикии Собири Малик дар кудито ва куштори Садри аъзаму аҳли давлат муттаҳам ва гунаҳкор донист ва ғоибона ба эъдом маҳкум кард.

Ва аммо, бо вуҷуди истеъфои вазири иқтисод, пешниҳоду дархости мо чанд нафар (аз ҷумла Дониёл ва ман) дар мавриди дур кардани Ангуштак аз Арк, чопи чанд мақолаи интиқодӣ ва танзомез дар расонаҳои хориҷӣ дар мавриди Садри аъзаму Ангуштак танҳо иқдоме, ки Садри аъзам нисбат ба Ангуштак раво дид, ин буд, ки

фармуд, дар рӯзҳое, ки мақомҳои баландпояи хоричӣ ба кишварамон сафар анҷом медиҳанд, ӯ дар хонааш, ки дар ҳамон наздикии Арк буд ва занашу ду фарзандашро ҳам ба он ҷо оварда буд, нишинад ва ба кор наояд, ҳатто ба кӯча баромаданашро дар чунин рӯзҳо манъ карда буданд.

Баъд аз он ки мо дидем, пешниҳодамон қабул нашуд ва Ангуштак чун қабл дар роҳраву даҳлезҳои Арк мегардад, Дониёл боз суолеро такрор кард, ки қаблан ҳам чандин бор матраҳ карда буд:

– Аслизода, ману ту чаро дар ин ҷоем? Чаро намеравем, кори муносибтаре барои худ пайдо кунем?

Ва худ дар посух боз ҳамон ҳарферо ба забон овард, ки пештар ҳам мегуфт:

– Барои он ки аз ин бадтар нашавад. Мо ақаллан тавонистем, ки нагузорем шерҳоро биёваранд. Минбаъд ҳам шояд битавонем, аз набояду нашоядҳое пешгирӣ бикунем.

Шарофзода соли гузашта тасмим гирифта буд, ва фармуд, ду шер аз боғи вуҳуш биёваранд ва ба суннати Сосониёну Сомониён дар ду тарафи дари вурудии Арк ба занҷир бибанданд. Бо душворӣ, бо овардани саду як далел тавониста будем, ки ин андешаро аз сараш бурун кунем.

11

Ва аммо дар ин сафар ва истироҳати охирин Садри аъзамро панҷ нафар вазир, се нафар мушовиронаш, ҳафт нафар аз аъзои хонаводааш,

хадамаҳои мухталиф, бисту чаҳор нафар афсарону сарбозони гурди миллӣ ҳамроҳӣ карданд. Бино ба иттилоъи расонаҳои хоричӣ, ки баъдан дар расонаҳои давлатии кишвар низ таъйид шуд, дар фоҷиае, ки се рӯз баъд дар ин бӯстонсаро рух дод, тамоми ин афрод, ҷамъулҷамъ шасту ҳафт нафар кушта шуданд ва касе ҷон ба саломат набурд. Вале ҳарчи расонаҳои хоричӣ дар хусуси тарҳрезон ва муҷриёни ин фоҷиа пахш карданд, ҳадсу тахмине беш набуд, равшану ошкоро чизе намегуфтанд, вале гузиниши вожаҳо ва тартиби чидани калимаву ибораҳо ба ҳадде моҳирона буд, ки хонанда ва шунавандаи ботаҷриба бо каме диққат ва таҳлил метавонист пай бибарад, ҳар кадом ангушти ишорат ба сӯйи хадамоти вежаи кишварҳои ҳарифашон доранд, рақибонашонро муттаҳам мекунанд. Аммо расонаҳои давлатии дохилӣ пас аз як ҳафтае, ки дар давоми он фақат бо нашру пахши иттилоъоти хушк, таҳлилиятномаҳо, барқияю номаҳои пурхашму ғазаб, марсияҳо кифоят карда буданд, пайи ҳам мақолаҳои «таҳқиқӣ»-и муфассал чоп ва пахш карданд ва дар ин «амали мудҳиши зиддимиллӣ ва зиддидавлатӣ Собири Малик ва генерал Нурмуҳаммади Шерхонӣ»-ро ба унвони сарварони «гурӯҳи муташаккили ҷиноии зиддидавлатӣ, ки мақсади табаддулоти давлатӣ доштанд», муттаҳам карданд. Собири Маликро дафъатан пас аз ин фоҷиа (ё шояд пештар аз он?) боздошт карда буданд ва ӯ дар зиндон ба сар мебурд, Нурмуҳаммади Шерхонӣ бо гурӯҳе кӯчак аз афсарону сарбозони содиқ аз пойтахт берун рафта ва талош дошт бо неруҳое, ки аз Ангуштак пушти-

бонӣ мекарданд, мубориза ва муқовимат кунад; Муҳриддини Шобадал пас аз як рӯзи рух додани фоҷиа, гайриинтизор, худро қоиммақоми Садри аъзам эълом карда буд. Вале то чопи ин мақолаҳо даҳон ба даҳон сартосари кишвар овозаву шоеъоти зиёд дар хусуси воқиаи саробӯстон паҳн шуда буд, ки агарчи хилофи ҳам, зидду нақиз буданд, яке дигареро хатти бутлон мекашид, аммо маҳз ин овозаҳо сабаб шуданд, ки бештарини мардум ба мақолаву таҳлилҳои расонаҳои давлатӣ чандон эътимод накунанд; дар миёни мардум ҳадсу тахминҳо зиёд буд, ки пас аз чанд рӯз ба итминони комил бадал шуда ва боиси баҳсу ҷанҷолҳои лафзӣ ва гоҳе ҳам муштбагиребон шудани ҷонибдорони фарзияву боварҳои мухталиф мегардид, гурӯҳи бузурге ҳам бар ин ақида буданд, ки дар ин кор, бидуни шаку тардид, худи Ангуштак даст дорад; аммо танҳо амре, ки эҳтимол тамоми мардум иттифоқи назар доштанд, ин буд, ки навиштаи рӯзномаҳо ва гуфтаи радиову телевизион дар хусуси мубтакирон ва муҷриёни ин фоҷиа дурӯғе беш нест, генерал Шерхонӣ ва Собири Малик ҳеч иртиботе бо ин ҳодиса надоранд. Фақат мо як гурӯҳи хурд, дар оғоз шояд фақат Дониёлу ман ва баъдан бо мурури замон шумораи бештар, ки аксаран дӯстон ва шиносони худи мо буданд, аввал ҳадс мезадем ва пасон мутмаин шудем, ки дар иттилоъоти расонаҳои давлатӣ на ҳама чиз дурӯғ аст, дар ин иттилоъот росту дурӯғро ба ҳам омехта буданд, албатта, мизон ва таносуби рост дар ин мақолаву гуфторҳо камтар буд, андаке буд ва ончунон, ки барои пинҳон кардани бӯйи гандидаи гӯшт ба

он намак мезананд, мизони андаки ростро ҳам барои пинҳон кардани мақсаду ҳадафи аслӣ истифода карда буданд, вале ба ҳар сурат ин мизони камтари ҳақиқат вуҷуд дошт; дар бофти ин матоъ аз пуди ростин истифода карда буданд, то торҳои дуруғинро ба ҳам бипайвандад. Мо тахмин мезадем ва баъдан, бо гузашти рӯзҳо, чун рӯзгори рафтаро ба таҳлил гирифтем, ҳарчи бештар мутмаин шудем, ки дар ин фоҷиа Собири Малик даст дорад, на танҳо даст дорад, ки дар таҳаққуқи он нақши бориз ва муҳим ифо кардаст.

Тахмини мо аз он маншаъ мегирифт, ки исми Собири Малик низ дар феҳристи касоне, ки бояд Садри аъзамро дар истиқболи Наврӯз ҳамроҳӣ мекарданд, қироат шуда буд, вале ӯ ҳамон шаб «ногаҳон бемор» шуд ва субҳи дигар ба чанд нафар – бархе бояд Садри аъзамро ҳамроҳӣ мекарданд ва ду нафар аз ҷумлаи касоне, ки ба феҳрист ворид нашуда буданд, – телефон кард ва узр хост, ки мутаассифона, дар маросими муҷаллал ва пурифтихори истиқболи Наврӯз наметавонад ширкат бикунад, то ба ифтихори шарикӣ дар хурсандиву шодмонии мардони бузурги кишвар ва нухбагони сиёсии миллат мушарраф бишавад. Аммо як соат, ё каме бештар пас аз рафтани Шарофзода ва ҳамроҳонаш ба саробӯстон ман Собири Маликро дидам, ки аз ҳавлии дарун ба Арк ворид шуд, саросема буд, ба саломам бар хилофи одат бо андаке ҷунбондани сар иктифо кард ва шитобон ба табақаи боло рафт. Ҳайрон шудам, чун хабари беморияшро шунида будам, вале он рӯз чандон таваҷҷуҳе ба ин амр накар-

дам. Албатта, баъдан боз далоиле дигаре кашф шуданд ва ё ба хотирамон расиданд, ки тахмину ҳадси моро ба бовар ва итминон бадал карданд....

Исми мо чанд нафар – аз ҷумла, Дониёл, Муҳаммадсодиқ ва ман, ба далоили мухталиф - чунончи, Дониёл қарор буд пас аз чаҳор рӯз барои ширкат дар конфиронсе ба Олмон биравад ва бояст ба ин конфиронс омода мешуд, суханрониаш дар ин конфиронсро таҳрир мекард, Муҳаммадсодиқ бояст пас аз як рӯзи сафари истиқболи Наврӯз ба минтақаи шарқии кишвар ба сафари хидматӣ эъзом мешуд, худи ман, шояд ба тасодуф, – аз феҳристи ширкаткунандагони маросими истиқболи Наврӯз берун монда будам ва ин сабаб ва иттифоқи хуш буд, ки мо ҷон ба саломат бурдем. Вале Муҳаммадсодиқ сабаби ин амрро на «тасодуф», балки «мантиқӣ» медонист ва ба он марбут меҳисобид, ки мо, ба қавли ӯ, «на худ хурсандӣ кардан метавонем ва на дигаронро хурсанд кардан».

– На чун Адҳами Мустафо ракс кардан метавонем, на мисли Ҷабборзода латифаҳои намакӣ гуфтан, ки хотири Садри аъзамро шод ва вақташро хуш кунем.

Аҳмади Мустафо – мушовири иқтисодии Садри аъзам ва Малик Ҷабборзода – вазири омӯзишу парвариш аз ҷумлаи дӯстони мо буданд, ки ҳар ду, бадбахтона, дар фоҷиаи се рӯзи баъд кушта шуданд.

Ба гузориши родиёҳои хориҷӣ ба ҷуз як афсару ду сарбоз, ки шояд навбатдор ва ба ин сабаб ҳангоми шабехун бедор будаанд ва бо захми

корд ба мавзеъи гардану қалб кушта шудаанд, боқӣ шасту чаҳор нафарро ҳангоми хоб кушта буданд, баъзе то бисту ҳафт тир дар бадан доштанд ва чанд нафарро ҳам барои итминони хотир аз сарашон паронда буданд.

Ононе, ки фикр мекунанд, ин ҳама тавтиъа ва кушторҳо фақат кори дасти Пакана аст, хеле сода меандешанд, эшон бо дидани ошкор қаноат карда, ба ниҳон сар фурӯ набурдаанд, зоҳир дида аз ботин наандешидаанд, натиҷаро пеши чашм дидаанд ва иллаташро намехоҳанд ва ё натавонистаанд бифаҳманд.

Ман Собири Маликро шарики ин ҷиноятҳо, балки сарвару раҳнамои муҷриёни маҳаллӣ ва ё шояд ҳам яке аз мубтакирони ин табаддулот мешуморам. Аммо, яқинан, Собири Малик худ низ омили дигарон, василаи дасти бегонагон буд, супориши эшонро ичро мекард, бозичае буд дар дасти бегонагон, ки чун нақшашро ифо кард, аз саҳна берун карданданд. Албатта, медонем, ки ӯро, – бо он ки додгоҳи фавқулода «барои хиёнат ба Ватан, пайрезии тарҳи суиқасд ва кушторҳои Садри аъзам ва ходимони давлатӣ, ҷосусӣ бар суди кишвари хорҷӣ» ба эъдом маҳкум кард, бо амри Ангуштак ба дор карданд, бо ресмонҳои Ангуштак ба дор кашиданд, аммо ин амр бар суди он бегонагон низ буд. Хоҷагони ӯ берун аз кишвар қарор доштанд. Мо. Дониёл, Муҳаммадсодиқ – агарчи Собири Маликро бегуноҳ мепиндошт, – ва ман ба чанд кишвар мазнун будем. Дониёл гуфт, ҳоло ба яқин чизе намешавад гуфт, намедонем кори дасти русҳост, британиҳо, амрикоиҳо, ё кишварҳои шарқи исломӣ, ҳоло фо-

ҷиа он қадар густарда аст, он қадар гӯшношунид аст, ки касе намехоҳад гӯшаш намудор бошад, ҳама сар ба гиребон фурӯ кашидаанд, ҳама интизоранд, сабр мекунанд, то шиддати фоҷиа каме ҳам бошад, фурӯ нишинад, баъд вориди майдон хоҳанд шуд Пасон хоҳем дид, ки Ангуштак ба кӣ имтиёзи бештар медиҳад, сиёсаташ ба чӣ самте майл мекунад ва он вақт хоҳем донист, ки коргардони ин намоиши мазҳакаи фоҷиавӣ кист».

Ва аммо чунонки дар чунин мавридҳо расм аст, кишварҳои бузургу хурд, яке паси ҳам, - гӯйӣ сабқат мекарданд, осемасар «табаддулоти давлатӣ», «куштори сарвари ҷумҳурӣ», «кушторҳо ва табъиду табъизҳои ҳамагонӣ», «вайрон кардани ҳуқуқи башар», «маҳдуд кардани озодиҳои сиёсӣ», «хафақони озодии баён»-ро маҳкум карданд. Чанд кишвар ҳатто сафирони худро барои мушовара ба вазорати корҳои хориҷии худ даъват намуданд. Ва аммо ҳеч давлате ҳозир нашуд, иртиботашро бо давлати Ангуштак қатъ кунад. Шӯрои Амнияти Созмони милали муттаҳид ва Созмони амнийат ва ҳамкориҳои Урупо низ бо пахши изҳороти хушке қаноат карданд. Пас аз гузашти ду моҳ ё ҳудуди се моҳ камтар боз сабқат шуруъ шуд, боз пасу пеш, осемасар мавҷи изҳороту баёнияҳо интишор ёфт: «ба хотири таъмини озодиҳои башар», «барои расонидани ёриҳои башардӯстона ба мардуми осоишта», «ҳамкорӣ ва равобит бо давлати Садри аъзам Муҳриддини Шобадал»-ро «танҳо роҳи ҳаллу фасли масоил ва мушкилоти мавҷуд, барои пешгирӣ аз фоҷиаи густардаи инсонӣ» донистанд. Зеро Маскаву Брусел ва Вошингтону Пекин ва Ландану

Порис ва Теҳрону Исломобод манофеъи миллӣ доранд ва манофеъи миллиашон тақозо мекунад, саноаташонро бо нафту гози ҳарчи арзонтар таъмин кунанд, аз лукмаи лазиз калонтар бигазанд, то ба ҳарифонашон камтар бирасад, зимни ройдиҳӣ дар Созмони Милали Мутаҳҳид як ҷонибдор бар пешниҳоди худ бештар дошта бошанд.

Ва мо мондему мардуми бечораву ғафлатзадаи мову кишвари ақибмондаву Пакана барсарӣ.

12

Ҳамон вақт ҳеч яки мо намедонист ва имрӯз низ бо гузашти беш аз дуву ним сол ман ҳанӯз дақиқан намедонам, ки Муродалӣ фирорашро аз қабл тарҳрезӣ карда буд ва ё ин гурез ногаҳон ва иттифоқан сурат гирифт, яъне чун дид, ки фурсати муносиб пеш омадааст, таваккул карду гурехт. Ман, ки баъдан мукаррараан суҳбати кӯтоҳи ду рӯз пеши ӯро бо Акрам ба хотир меовардам ва таҳлил мекардам, бештар ба ин боварам, ки Муродалӣ гурез аз зиндонро чандин ҳафта пештар, шояд аз ҳамон рӯзи гирифтор шуданаш ба дасти сарбозони Нури Латиф тарҳрезӣ карда ва ҳама ҷузъиёти онро муфассалан ва дақиқ дар давоми рӯзҳои зиёд дар мағзи сар пазонида ва расонида буд. Ва аммо, албатта, иттифоқоти ҳасана низ ба ӯ ёр шуданд: ҳамон рӯз Нури Латиф ба ҷойе, – эҳтимол ба шаҳр – рафта буд ва дар маросими дуою хушомадгӯии бегоҳӣ, ки бе каму кост, бо ҳамон шева ва тафсилоти марсум такрор

ёфт, ҳузур надошт. Ва ҳам Муродалиро ҳамон бегоҳ дар сегонаи охирин ба қазои ҳоҷат бурданд. Вале кӣ медонад, шояд ӯ рӯзҳои зиёде ба ҳам омадани ин ду иттифоқи хушро интизорӣ мекашид ва чун фаро расиданд, дигар ҳеч шубҳаю тардид дар дилаш боқӣ намонда буд?! Аммо шояд ин ду амр ҳам ҳеч рабте ба гурехтани ӯ надоранд? Дар асл барои иҷрои чунин иқдоми хатире мисли фирор аз зиндони Нури Латиф, ки камтарин иштибоҳ ва дудилагӣ мунҷар ба кушта шудан мегардад, муҳимтарин амр тасмим гирифтан аст, воситаву васила ва наҳваю шеваи таҳаққуқ пазируфтани он дар мақомҳои баъд қарор мегиранд.

Мо аввал садои тирпароониро шунидем, ки ҳудуди се-чаҳор дақиқа тӯл кашид ва ба шаху кӯҳҳои атроф бархӯрда, баландтару даҳшатафкантар пажвок медод, баъд садои равшан шудани мотор ва ҳаракати тунди зиреҳпӯш ба гӯш расид. Ва табиист, ки ҳамон дам гумонҳои мухталиф ба хотир омаданд ва ҳар кас гумону тахминеро, ки ба назараш воқеитар мерасид, ба забон овард: гурӯҳе аз рақибони Нури Латиф бо истифода аз набудани ӯ ба посгоҳ ҳуҷум овардаанд; марзшиканонро таъқиб мекунанд; нафаре талоши гурехтан кардааст; сарбозон байни ҳам хархаша карда ва ҷанги лафзиашон, эҳтимол, ба муштзанӣ ва баъдан ба тирпаронӣ оид шудааст. Пас аз фурӯ нишастани садои тарпаронӣ, тақрибан дақиқае дар берун гӯй хомӯшии мутлақ ҳукмфармо шуд, аммо чун садои шилики тир ва акси садои он, садои мотори зиреҳпӯш аз гӯшҳо рафт, овозҳои дарҳам-барҳаме шунидем, ки аз

васати он ҷуз баъзе калимаҳои ҷудогона чизе сареҳу возеҳ ба гӯш намеомад ва маъние аз он шунидаҳо наметавонистем дарбиёварем. Пасон садои шарфаи пойҳои давандагон, ки ҳар лаҳза наздиктар мешуд ва ниҳоят садои оҷилона кушодани қуфл ва бо ғичирроси гӯшхарош боз шудани дарро, ки эҳтимолан ошиқмаъшуқҳояш зангхӯрда ва муддати мадиде равғаннадида буданд, шунидем ва ҳамон лаҳза ду нафар давон, балки парида ба дарун омаданд – шояд партоб шуданд, – худро нигоҳ дошта натавониста, ба рӯйи нишастагон уфтоданд. Сарбозон ҳамон лаҳза бо таъҷил дарро бастанду қуфл карданд. Ва пас аз ин дидем, ки ин ду нафар ҳамзиндониҳои худи моянд, ду нафар аз сегонаи охир, ки ба қазои ҳоҷат бурда буданд. Аввал чизе, ки дафъатан мушоҳида шуд ва ба пурсиши нигоҳҳо бадал ёфт ва аз сӯйи яке – ҳанӯз на ба ин ду нафар, ки ба худаш ва ҳамаи ҳозирон – иброз гардид, ин буд, ки «Муродалӣ куҷост?». Барои касе ҷойи тардид набуд, ки тирпаронии чанд дақиқа қабл бо бознаёмадани Муродалӣ иртиботи қавӣ дорад, яке бидуни дигаре нест. Он ду бандӣ пас аз он ки даст ба замин тирак карда ва бо ёрии дигарон аз ҷой бархостанду нишастанд, ҳанӯз сахт-сахт нафас мекашиданд. Ва канда-канда, гоҳе нафас рост карда, сухани якдигарро бурида, ҳарф мезаданд:

– Худашро партофт... аз ҷар.... Ду тирдона холӣ карданд.... Инҳо вақте ки ба худ омаданду тирпаронирро сар карданд, вай хеле дур ба поён ғелида буд, ба фикрам... Эҳтимол ягон тир расида бошад.... Шояд ҳам нарасида бошад ... Панҷ-

шаш нафар аз ин канори ҷар аз пасаш давиданд.... Зиреҳпӯш ҳам аз роҳ поин рафту ғоиб шуд...

Азбаски баробар гап мезаданд ва гоҳе аз суханони бо эҳтирос ва саросемавор гуфтаашон чизе фаҳмида намешуд, Содиқ хоҳиш кард, ки сухани ҳамдигарро набуранд, якешон ҳикоят кунад, саросема нашавад, муфассалан нақл бикунад, то равшан шавад, ки асли воқеа чист.

Он ду мард хомӯш шуданд, лаҳзае ба ҳамдигар нигаристанд. Баъд он ки чорпаҳлӯ буд ва мӯйлаби ба шакли наъли асп дошт ва ҷавонтар ба назар мерасид, зоҳиран на бо осонӣ, – чун худро аз лаззати ҳикоят кардан маҳрум месохт – нақли воқиаро ба ҳамроҳаш, марди лоғарандоми навча вогузор кард. Вай ҳам гӯё мунтазири ин пешниҳод буд, ки бидуни таваққуф шуруъ намуд:

– Аввал ин – бо сар ба ҳамроҳаш ишора кард, – қазои ҳоҷатро тамом кард, берун омаду дар ҳамворӣ дастҳояшро пушти сар харпанҷа андохта мунтазир истод, баъд ман ҳам хестаму ба ҳамворӣ баромада, ҳамин тавр истодам, мунтазир будем, ки Муродалӣ ҳам берун ояд, баъд саф кашида биёем. Вале лаҳзаҳо мегузаштанду ӯ ҳеч не, ки намудор шавад, шояд се дақиқа бештар гузашт, ҷойи нишастааш аз ҷойе, ки мо истода будем, наменамуд, он сарбоз ҳам, ки дар канори ҷангал истода буд, вайро дидан наметавонист, ӯ ҳам безобита шуд магар, ки ба сарбози рӯйи санг ба сару чашм ишораҳое кард. Он сарбоз рӯй тофту пӯписа кард, ки «шуд, бас кун бихез, вақт тамом шуд». Нашунидем, ки Муродалӣ чӣ гуфт, вале сарбоз дигар чизе нагуфту рӯй тофту рӯйи

харсанг истодан гирифт. Боз як дақиқа, ё андаке камтару зиёдтар гузашту ниҳоят Муродалӣ камарбандашро баста-баста намоён шуд. Мо саф бастем, Муродалӣ дар пеш, баъд ман, аз паси ман Музаффар – ин бор номи ҳамроҳашро ба забон овард, – сарбози болои санг ҳам фуромад, пеш даромад ва мо ҳам аз пасаш роҳӣ шудем. Ҳоло акнун панҷ ё шаш қадам бардошта будем, ки ногоҳ Муродалӣ ба тарафи ҷар хез кард…

Музаффар сухани ӯро бурид:

– Аввал садои қар-қари зоғ баромад.

– Кадом зоғ? Ман ҳич садое нашунидам!

– Ҳамон лаҳза, ки Муродалӣ ба лаби ҷар давид, зоғ қар-қар кард, не, не, саҳв кардам, аввал зоғ қар-қар кард, баъд баробари қар-қари зоғ Муродалӣ ба лаби ҷар давид.

– Ман қар-қари зоғ нашунидам, шояд қар-қар карда бошад, зоғ ҳар вақт, ки хост қар-қар кардан мегирад, ин як, дуюм ин ки қар-қари зоғ ҳеч рабте ба гурехтани Муродалӣ надорад, сеюм, ин ки Муродалӣ ба лаби ҷар надавид, хез кард, пеши-пеши ман мерафт, аз пайраҳа то лаби ҷар ду метр намебарояд, ду бор хез карду худаша ба лаби ҷар гирифту ба ақибаш нигоҳ накард, лаҳзае ҳам наистод, худашро поён партофт.

– Мумкин хез карда бошад, аслан муҳим нест, ки хез кард ё давид, вале қар-қари зоғ дақиқ аст, ман шунидам, ду бор қар-қар гуфт, хеле рабт дорад қар-қари зоғ ба гурехтанаш, вақте ки зоғ қар-қар кард, сарбози пеш баргашта ба боло нигоҳ кард, ба шохи дарахтҳои доманаи кӯҳ чашм давонд, ман худам дидам, Муродалӣ аз фурсат

истифода бурду худашро ба лаби ҷар гирифт, баъд поён партофту гурехт.

– Яъне, агар зоғ қар-қар намекард, намегурехт?

– Фикр мекунам, намегурехт. Бинед, чӣ қадар дурудароз ба дастбахок нишаст, баъд гуфт, ки гӯё шикамаш дард карда будааст, вале ин дурӯғро худаш бофта буд, баҳона буд, вай ҳамон ҷо, паси санг нишаста буду фикр мекард, ки гурезад ё нагурезад, дудила буд, баъд ки зоғ қар-қар карду хаёли сарбозҳо парешон шуд, вай фурсатро ғанимат донисту гурехт.

– Аз кучо ин қадар донову зирак шуда бошӣ ту?! Аз қазои ҳоҷат шиштани одаму қар-қари зоғ мефаҳмӣ, ки аз дили кас чӣ мегузарад. Ин қадар доно кӣ бошӣ, чаро худат нагурехтӣ?!

– Ман ки аслан хаёли гурехтан надоштам, надорам ҳам.... Ман чаро гурезам?

– Одами доно аслан наметавонад гурезад, – Рашиди Аъзам сухан пайваст, – одами доно ҳама корро ба мулоҳиза мекашад, аз ин паҳлӯ ба паҳлӯи дигар мегардонад, сад бор аз сад тарафаш менигарад, меандешад, он қадар аз пайомаду оқибати коре андеша мекунад, ки ниҳоятан метарсад, тарс дасту пояшро мебандад ва коре ҳам намекунад. Барои гурехтан амал кардан лозим, на андеша, мардум аз таҷрибаи рӯзгорон ба хулоса расидаанд, ки таваккал нар асту андеша мода. Бештари доноён тарсуянд ва гурехтан чӣ, ки аслан фаъъол нестанд.

– Яъне гуфтанӣ ҳастед, ки барои начот ёфтан нодон будан лозим? – пурсид марди навча.

Ман ҳам ба Рашиди Аъзам нигаристам, аз лаҳни сухан гуфтанаш нафаҳмидам ба ҷид мегӯяд, ё киноя мекунад, гуфтам:

– Фикри ҷолиб, вале чандон саҳеҳ нест, шумо ба ин чи, ки гуфтед, мутмаин ҳастед?

– Албатта! – посухи Рашиди Аъзам ба ман буд ва пасон ба марди навча гуфт: – Гурехтан ҳанӯз начот ёфтан нест ва ё начоти муваққатист, асли начот дар асоси омезиши доной ва шуҷоат ба даст меояд. Вале ҳоло ҷойи баҳс нест! Ҳоло шунавем, ки Муродалӣ кучо рафт? Баъд чӣ шуд?

– Ба ду хез худашро ба лаби ҷар гирифту ба пушташ нигоҳ накарда, лаҳзае ҳам наистода, як фарёд заду – «уҳа-а-а» – худашро ба поён партофт. Ҳамин фарёд буд, ки гӯё сарбозонро ба худ овард, ҳар ду ба лаби ҷар давиданд, ҳар ду раҳорах туфангҳояшонро омодаи парронданд карданд, вале якеш мили туфангашро ба партгоҳи ҷар хамонда паронду дигареш ҳамон лаҳза ба сӯйи мо баргашт, дод зад, ки рӯ ба замин бихобему дастонамонро пеш ёзонда ба ду тараф паҳн кунем. Ба фикрам то тамом шудани тири туфангҳояшон парронданд. Баъд садои якеш омад, ки аз ҷой бархезем. Аз ҷой, ки бархестем, дидем ки ҳама афсарону сарбозон ҷамъ шуда буданд, сарҳанг Одинаи Раҳим ҳам он ҷо буд, вай беист ҳақорат мекард, дод мезад, чанд нафарро фармуд, ки аз канори ҷар бираванд, «бе зинда ё мурдаи он падарлаънат барнагардед, ба чашмам нанамоед» гуфт, панҷ-шаш нафар туфанг дар даст аз канори чапи ҷар ба поин хамиданд ва буттаву гулхорҳоро чок карда гузаштанду аз назар пинҳон шуданд. Сарҳанг, ки бо ҳақорату душном

ғазабаш паст нашуда буд, яке аз сарбозони посбони моро, – онро ки сараш хам наздиктараш меистод, – чанд лагад зад, ин дам чашмаш ба мо афтод ва ба сари сарбозе дод зад, ки ҳарчи зудтар инҳоро бибар ва ӯ моро пешандоз карда ва аз ҳамон ҷо то ба ин ҷо давонида овард. Дарбонҳо низ баробари дидани мо, пурсидани номи рамзиро ҳам фаромӯш карда, саросема дарро боз карданд ва бо қундоқи туфанг ба пуштамон тела дода, аз дар дарун карданд.

Содиқ каф ба каф молид, бо вачд гуфт:

– Пас Муродалӣ, гурехт, пас тирашон нарасидааст.

– Намедонам, шояд гурехта бошад, ё эҳтимол мачрӯҳ шуда бошад, мумкин аст тир хӯрда бошаду ҷисмаш поён ғелида нопадид шуда бошад, – гуфт марди навча.

– Не, Худо хоҳад, зиндаю солим аст, бибинед, гӯш андозед, ин хомӯширо эҳсос мекунед? Агар кушта мешуд ва ё ҷароҳат мебардошт, то ҳол зинда ё мурдаашро пайдо мекарданд, ба дур рафтан наметавонист, доду фарёдҳои инҳо ҳам аз шодӣ ба фалак мепечид. Пас гурехтааст! Гурехтааст!

Хурсандии Содиқ ба дигарон низ асар кард, мо ҳама худро пирӯз эҳсос мекардем ва дигар касе парвои посбонони паси дарро ҳам надошт, ҳама бидуни эҳтиёт баланд гап мезаданд, баҳс мекарданд, ҳадс мезаданд, ки Муродалӣ ба кучо хоҳад рафт. Вале чун ҳама гап мезад, ҳама суҳани якдигарро бурида ҳарф мезаданд, дар гумон буд, ки посбонони пушти дар ҳарчанд талош би-

кунанд ҳам, аз ин ғалмаҳол чизе фаҳмида тавонанд.

– Намефаҳмам чаро хурсандӣ мекунед, чӣ ҷойи хурсандӣ аст, агар Муродалӣ гурехт, мо ки ҳамин ҷоем, ҷойе нарафтаем, қасди ӯро аз мо мегиранд, ҳеч ҷойи хурсандӣ надорад, агар дастгир бикунанд, ё бикушандаш, эҳтимол бо ҳақорату душном халос шавем, агар не ... намедонам чӣ мешавад. Ҳеч ҷойи хурсандӣ надорад.

Ин суханони Музаффар буд, ки ба оташи шавқи ҳама оби сард рехт.

– Рост мегӯяд, – оҳиста ба ман гуфт Рашиди Аъзам, – фардо субҳ, ки Нури Латиф баргашт, ба касе рӯзи хуш нишон намедиҳад, алами Мӯсоро аз Исо мегирад.

Аммо ҷазо додан аз ҳамин рӯз оғоз шуд; ғизои шом наёварданд. Аввал гумон кардем, азбаски фирори Муродалӣ назми подгонро баҳам зад, табиист, ки хӯрокро каме дертар меоваранд, вале бо сипарӣ шудани як соат аз вақти сарфи шом, дигар ҳама умедҳо қатъ шуд, ба қавли шоир Маҷдӣ, боди навмедӣ шамъи интизориро хомӯш кард, ва ҳама талош мекарданд, ҳарчи зудтар бихобанд ва гуруснагиро эҳсос накунанд. Суханони Музаффар низ зиндониёни хурсанду шодмонро, ки гӯӣ дар ҳавои боз парвоз мекарданд, ба вокеияти сарду дурушти зиндон бозпас овард. Ду эҳсоси мухталифи хурсандӣ ва тарс дар ботини зиндониён ба рақобату мухолифат оғозиданд, ваҳм чун ҳамеша ёвари ҳавлу ҳарос шуд ва оҳиста-оҳиста тарс аз фардои номаълум бар қалбҳо мусаллат гардид, тарс ба дари қалб-

ҳову даҳонҳо қуфл зад, зиндонро хомӯшӣ фаро гирифт.

Оҳиста ва нимшунаво, – чи ин сухан на барои ҳар гӯш буд, ва ҳам намехостам ба касоне, ки мехоҳанд бихобанд, халал расонам – ба Рашиди Аъзам гуфтам: тарс, воқеан, аз бузургтарин неруҳо дар таърихи банӣ Одам будааст; аммо неруи бузургест, ки барангезанда нест, ба ҳаракат намеоварад, балки дасту поро мебандад, аз ҳаракат бозмедорад, ҳамин тарси лаънатӣ аст, ки тӯдаҳои мустаманду мазлуми бешуморро дар баробари як гурӯҳи хурди золимону мустабидон ба заъифони бечораи бедаступо бадал месозад, чунонки барра дар баробари гург ва муш дар муқобили мор. Тарс шояд танҳо эҳсосе бошад, ки одамонро мутафаррику пароканда мекунад, ҷисман не, баръакс ҷисман онҳо ба ҳам меоянд, ба ҳам ҷафс мешаванд, чунки инсонҳо дар ҳама ҳол худпараст ҳастанд, оббурда ёр металабад ва хирадманде фармудааст, ки одамон танҳо барои он маргро қабул доранд, ки медонанд ҳама мемиранд, вале ботинан ҳар кас машғули худ аст, ҳар кас муроқиби ҳоли худ аст, ба касони паҳлӯяш коре надорад. Аз замони бачагӣ манзарае дар ёдам нақш баста ва ҳеч фаромӯшам намешавад. Зимистон буд ва тағоям ба падарам кас фиристод, ки ду-се рӯз маро ба дастёрии ӯ бигуселанад, чунки чӯпони шарикаш зани беморашро ба шаҳр ба дармонгоҳ бояд бибарад, то бемориашро ташхису дармон бикунанд ва ӯ дасттанҳост. Инак шаби дувум аз паси пардаи хоб, гӯиё аз дуриҳои дур садои аккоси сагон, баъд аз наздиктар садои тапар-тупури давидани аспонро шуни-

дам ва гумон кардам хоб мебинам. Вале ҳамон лаҳза дар бехи гӯшам садои мӯзтариби тағоямро шунидам: «бихез, бихез, зудтар бедор шав». Худаш бе пайтоба чорухашро ба пой кашиду туфангро, ки болои сараш ба девор такя дода гузошта буд, гирифт ва саросема берун рафт. Ман ҳам нимхобу нимбедор, осемасар ҷома пӯшидам, пой ба мӯза кардаму аз дунболаш давидам. Ба рӯйи боми кодок баромадем, ва дар ин ҷо фаҳмидам, ки он чи ба гӯши ман тапур-тапури аспон расида буд, садои пойи гӯсфандон будааст, ки ҳама баробар аз ин гӯша ба гӯшаи дигари кодок медавиданд, балки «медавиданд» гуфтан шояд чандон дуруст набошад, онҳоро гӯё неруе аз каноре ба канори дигари кодок меафканд, дар торикӣ фақат суробашон дида мешуд, як суроби азими яклахту якпорча, ки сиёҳтар аз торикии шаб буд, суроби азими сиёҳи мутаҳаррик. Ва боз аз миёни ин сиёҳӣ гоҳ аз ин ҷову гоҳ аз он ҷо чанд ҷуфт чашмони дурахшон чун ду фари мошин намудор мешуданду ноаён, падидор мешуданду нонамоён, гӯё мошин аз роҳи пурхаму печ ҳаракат мекард ва гоҳ ба сари дунгӣ мебаромаду гоҳи дигар ба хамгашт мефуромад. Тағоям бо тамоми овоз фарёд мезад, маро ҳам фармуд, ки дод занам, худаш дар фосилаи фарёд карданҳояш ба туфанг тир ҷой мекарду дурудароз нишон мегирифт, чанд лаҳза мунтазир мешуд, то гурге гӯсфандеро афканад ва дар ҳамин фосилаи кӯтоҳе, ки гург ҷудо аз анбуҳи гӯсфандон дандон ба гулӯи баррае ё меше фурӯ мебурд, тир меандохт. Се бор тир андохт ва бори севум тираш ба нишон расид, гурге афтод. Танҳо пас аз ин се гурги

дигар бо як хез, пасу пеш худро ба гӯшаи боми кодок гирифтанд, аз бом ба замин париданд ва аз нова фуромаданду бо даве оҳиста ва бепарво дур шуданд. Танҳо пас аз рафтани гургон садои нолиши саг ба гӯшамон расид, яке аз сагони хуншорро, ки гургон ҳалқашро хойидаву афканда буданд ва як соат пас мурд, дар назди дари кодок пайдо кардем, саги дигар худро паси ғӯти болои кодок кашида буд ва замоне, ки мо пайдош кардем, ҳанӯз меларзиду паст-паст менолид. Гургҳо ёздаҳ гӯсфандро кушта, ҳафттои дигарро мачрӯҳу нимчон карда буданд, ки тағоям чаҳортояшро ҳамон шаб дар нимаравшании фонус сар бурида, ҳалол кард. Се гӯсфанди дигарро чароҳаташонро шуста, дору молида бастем ва рӯзи дигар ба ду хар бор кардему ман ба деҳ ба соҳибонашон овардам. Ин манзараро ман зуд-зуд ба ёд меоварам ва чун тарси ҳамагониро мебинам ва ё тарси халкеро дар муқобили қавму қабоили муҳочимашон аз таърихномаҳо мехонам ва ба таҳлил мегирам, ҳамин тарси рамаи гӯсфандон дар баробари гургон ба хотирам меояд. Тақрибан ҳеч тафовуте дар байни ин ду тарс вучуд надорад, агарчи яке ҳайвони беақл аст ва дигаре ашрафи махлуқот, ки ба воситаи доштани ақл бар ҳама офаридаҳои Худо имтиёз дорад ва ҳадди ақалл ин қадар бояст бидонад, ки вай, ки бар чонаш меларзад, ба сабаби ҳамин тарс аст, ки мемирад, кушта мешавад, чон медиҳад. Аммо шояд сабаб он бошад, ки вақте ки тарс ба одамӣ мусаллат мешавад, инсон қобилияти андешиданро гум мекунад, инсон низ ба махлуқи беақл, ба махлуке саросар иборат аз эҳсоси тарс, ки дасту

пояшро мебандад, аз ҳаракат бозмедорад, табдил меёбад? Намедонам, ба дурустӣ, ки намедонам, агарчи дар ин бора зиёд фикр кардаам.

Бале, ман ҳам дар ин боб андешидаам, гуфт Рашиди Аъзам, ман ҳам қоил ҳастам, ки воқиаю ҳодисаҳои фоҷиаангези таърих дар амри амиқ реша давонидани эҳсоси тарс дар ботини мардуми мо саҳм доранд, вале гумон намекунам, ки тарс бо беақлӣ иртибот дошта бошад, баръакс шуҷоату ҷасорати ифротист, ки дар бештар маврид пайванд бо заъфи ақл дорад. Шуҷоати даркшуда, яъне шуҷоате, ки пайванд бо хираду дониш дорад, бо шуҷоати ваҳшиёна тафовут дорад. Шуҷоатҳои тавъам бо ваҳшонияту даҳшатафканӣ асосан хоси қавму қабилаҳоест, ки аз марҳалаи табиъии инкишоф ба марҳилаи рушди тамаддун ворид нашудаанд ва баръакс халқҳои мутамаддин, ки дар ҳама буъди зиндагиашон аз ақл кор мегиранд, басо аз шуҷоати марҳилаи табиъии инкишофи худро аз даст медиҳанд. Ин аст, ки ҳамеша дар тӯли таърих тамаддун дар чанги таъаррузи даҳшат ва зӯр будааст, халқони соҳибтамаддун мақҳури қавмҳои ваҳшисурат будаанд. Тарс вокуниши табиъии инсони соҳибақл дар баробари сӯхторҳо, тахрибкориҳо, кушторҳост, чунонки Офаридгор ба кашаф санги пушташро, ба оҳуву харгӯш пойи давандаашонро, ба бӯқаламун қобилияти ранг иваз карданро дода, то худро аз душманонашон эмин нигоҳ доранд. Агар ҳамин тарс набуд бисёр халқҳои олам шояд наметавонистанд худро то ба имрӯз зинда бирасонанд, аз қарнҳо қабл нобуд шуда буданд. Ҳеч қавмеро аз таърих намешиносем, ки ба маҳзи

тарсуй аз байн рафта бошад, барҳакс чандин халқҳоеро медонем, ки на камтар, балки шояд бештар аз хасмонашон шуҷоъу далер буданд, тан ба маглубият надоданд ва шояд ба ин далел, ба далели он ки сар фуруд наовардaнд, таслим нагардиданд, нобуд шуданд. Тоторон, – манзурам ин тоторони имрӯзаи соҳили Волга нестанд, ки он замон булғор ном доштанд ва баъд дигарон ба исми ҳамин тоторони асл хондандашон, – тоторонеро мегӯям, ки хешони наздики муғулон буданд ва дар ҳамсоягии онҳо мезистанд ва муғулонро таҳти итоати худ дароварда буданд. Баъд чун Чингизхон зуҳур кард, нерӯ гирифт ва ин торон нахостанд неруи ӯро эътироф бикунанд, сари тоат пеш наёварданд, вай ҳама мардонашонро, то кӯдаконе, ки сарашон ба чархи ароба баробар шуда буд, кушт, касеро зинда боқӣ нагузошт. Аз ҳиндувони Амрикои шимолӣ, ки ҷанговарони шуҷоъ буданд, имрӯз шумори андаке боқӣ мондааанду бас. Ҳама кушта шуданд, аз басо қавмҳои ин ҳиндувони амрикоӣ имрӯз ҷуз ном боқӣ намондааст... Ҳамаро куштанд, несту нобуд карданд, сарбаланд мурданд, сар хам накарданд, вале мурданд, маҳв гаштанд, нобуд шуданд. Заминашон, обашон, кӯҳашон, хонаю дарашон, хулоса диёрашон, кишварашон моли душманонашон гардид. Халқҳо низ бояд дар баробари балову офатҳои таърих инъитофпазир бошанд, чунонки тӯфон метавонад дарахтони бузургу устуворро решакан бикунад, вале бо гиёҳони заъифу наҳиф коре наметавонад бикунад, чунки онҳо дар баробари тӯфон хам мешаванд, ба замин мехобанд ва чун тӯфон фурӯ ме-

нишинад, боз қад рост мекунанд ва зиндагониашонро идома медиҳанд.

Оре, гуфтам ман, оре, – ва эҳсос кардам, ки садоям баланд шуд, агарчи торик буд, фаҳмидам, ки чанд кас сар баргардонида, ба мо нигаристанд, чанд нафар сар аз «болин» бардоштанд, нимхез шуданд – лаб фурӯ бастам ва баъд, пас аз чанд лаҳза бо садои паст идома додам: оре, дуруст, вале аз он ки зинда бимонӣ ва бибинӣ, ки дар хонаат душманонат ҷой гирифтаанд, туро аз манзилат, аз заминат берун рондаанд, дар кишт-зорат туро чун ғулом кор мефармоянд, мурдан, бо сари баланд кушта шудан беҳтар аст, намебинӣ ва намесӯзӣ ва ҳадди ақалл ёди некат дар қалбу хотираи фарзандону ояндагон боқӣ мемонад. Тарс ҳақиртарин эҳсоси инсонист, бадтарин душмани инсонҳост, ба одами тарсу механданд, вале агар қавм тарсуст, агар халқ тарсуст, ба ҳолаш бояд бигирист. Ҳоло гуфтӣ, ки тарс мардумро аз нобуд шудан, аз маҳв шудан маҳфуз медорад. Шояд дуруст бошад, шояд, вале ин зистан чӣ зистанест, зиндагонии бадтар аз мурдан, зиндаи бадтар аз мурда. Баъдан қавми тарсида бар тарсуи доимӣ бадал мешавад, яъне тарс на як эҳсоси вокуниши лаҳзаӣ ва муваққатӣ, балки сифати доимӣ, вазъи ҳамешагии ботинии қавм мегардад, ҷузъе аз ҳувияташ мешавад. Қавми тарсу талош мекунад ба майл ва хости пирӯзшудагон мутобиқу мутобеъ шавад, дигар зиндагии ин қавм аз роҳи аслӣ ва таърихиаш берун мешавад, мунҳариф мегардад, ба роҳи дигар меравад, пас аз он ин қавм қавми дигар аст, забонаш ҳамон забон аст, баъзе урфу одатҳояш ҳамон урфу рас-

ми қадимияш аст, аммо андешааш, фалсафаи зиндагиаш, ки аслу ҳастаи ҳастии инсонҳо ва қавмҳост, комилан дигар аст; баъди муддате, ки афроди ин қавм забони душманони хешро меомӯзанд, забони модариашонро ҳам фаромӯш мекунанд, балки худро марбути қавми душман, қавми пирӯзшуда медонанд, пайваста, ба ҳар василаву восита талош мекунанд ҳастии ҷадиди худро таъйиду таъкид кунанд, зеро ҳанӯз хотираи намояндаи қавми дигар, қавми мағлуб буданошон боқист ва онҳо эҳсоси худкамбинӣ доранд, шарм мекунанд ва барои худ ҳарф задан ва андешидан аз он зиндагии пешинро табу эълом мекунанд. Онҳое, ки ҷаҳонро, ё қисмате аз онро, гӯшае аз оламро идора мекунанд, ин маъниро хуб дарк кардаанд, ки муқтадиртарин силоҳ тарс аст. Онҳо пайваста аз ин силоҳ истифода мекунанд. Тарс силоҳест, ки тӯли қарнҳо ба воситааш ҷаҳонро идора кардаанд. Гуфта будам, ки тарс муҳаррики фаъъол нест, вале ин гуфта шояд чандон саҳеҳ набошад, тарс муҳаррик барои тарсуҳо нест, аммо омили ҳаракат барои тарсонандаҳо аст; тарс ҷаҳонро ба ду бахш карда, як бахши кӯчак, ки метарсонанд ва бахши бузурге, ки метарсанд. Бахше, ки метарсонанд омилони таърих ҳастанд, воқиаю ҳодиса меофаринанд, онҳое ки метарсанд абзор ва василаи офариниши таърих ҳастанд. Мисли деҳқону каландаш ва ё оҳангару путкаш. Ду гурӯҳро ба осонӣ метавон идора кард: нодонҳо ва тарсуҳоро. Ин аст, ки тӯли қарнҳо онҳое, ки мехоҳанд идора кунанд, пайваста талош мекунанд мардумро дар нодониву ҷаҳолат ва тарсу ҳарос нигоҳ доранд.

Мисли ин ки беихтиёр садоям боз баланд шуда буд, чанд нафар нимхез шуда, сар ба ҷониби мо гардонида буданд, аз канори чап садое ҳам омад, ки «монед бихобем, охир, ҳарчи гап доред, фардо субҳ ки дамид, гуфтан гиред».

Рашиди Аъзам низ гуфт, беҳтар аст бихобем, суҳбатамонро фардо давом медиҳем. Ман, гуфт, ба андешаҳои шумо чандон мувофиқ нестам, он чиро, ки шумо тарс мепиндоред, дар бештар маврид тарс нест, аслан тарс нест.

Ачиб, гуфтам, пас чист? Агар тарс нест, чӣ будан метавонад, ки одамиро дар муқобили душман ба махлуқи беирода табдил медиҳад?

Фардо идома медиҳем, гуфт Рашиди Аъзам ва ҷомаро ба болояш гирифту сар ба замин ниҳод ва зону ба шикам кашид.

Ман ҳам сар ба болин – кастумамро тагсарӣ карда будам, – ниҳодам, вале хобам намебурд, мағзи сарам аз шиддати баҳс барангехта шуда ва ба хоб рафтан имкон намедод. Андешаҳои мухталиф ва зидду нақиз, ки ҳеч сари созиш бо ҳам надоштанд, ба дилам хутур мекарданд. Намедонам, кай хоб аз чанги ин андешаҳо рабудам. Субҳ аз ғалмаҳоли зиндониён, ки аз паси пардаи хоб чун садои анбуҳи занбӯрон дар сари косаи асал ба гӯш мерасид, бедор шудам. Зоҳиран дақиқаҳои зиёд аз оғози вақти маъмулии рафтан ба қазои ҳоҷат гузашта буд, зиндонбонон то кунун дарро боз накарда буданд ва бандиён паст-паст байни худ изҳори норизоӣ мекарданд. Ниҳоят мулло Салоҳиддин бо исрору хоҳиши чанд нафар ва бо истифода аз имтиёзе, ки афсарону сарбозон барояш қоил буданд, паси дар рафт ва

даҳон ба роги дар гузошта, ҳарфҳое гуфт, ки аз ҷойи мо, ҳафт-ҳашт метр дуртар аз дар шунида намешуд. Аммо овози яке аз сарбозони паси дар равшану возеҳ – зоҳиран мутобиқ ба масали духтарам ба ту мегӯям, арӯсам ту бишнав, садо баланд карда буд, – ба гӯши ҳама расид:

– Бишин дар ҷоят, ҳар вақт ки лозим донистем, меравед!

Ҳарчанд таваҷҷуҳ кардем ва гӯш фаро доштем, ҳеч садое аз берун ба гӯш намерасид, ки ишорат ба амре бикунад. Вале аз хомӯшӣ натиҷа гирифтем, ки то кунун Муродалиро пайдо накардаанд – на зинда, на мурдаашро, ба эҳтимоли наздик ба яқин Нури Латиф низ ҳанӯз наёмадааст ва инҳо шояд ба умеди он, ки муваффақ ба боздошт ва ё паронданиМуродалӣ хоҳанд шуд, фирори ӯро ба генерал хабар ҳам надодаанд, ва аммо сарҳанг Одинаи Раҳим, ки мегуфтанд писарҳолаи Нури Латиф аст ва то оғози ин воқеот муаллими биологияи мактаби миёна будааст, аз парешониву бечорагӣ худ намедонад чӣ кор кунад! Лекин акнун аз шавқу завқи бегоҳи дирӯз дар қалби бандиён чизе боқӣ намонда буд, ҷойи онро интизории мавҳум ва бимангези амре, ки ҳатман бо омадани Нури Латиф рух хоҳад дод, мусаллат шуд. Бо вуҷуди он ки аз зуҳри дирӯз касе лукмае ба даҳон набурда буд, ҳеч кас аз гуруснагӣ шикоят намекард, аммо чанд нафар бар асари фишори пешоб бетоқатӣ мекарданд, дар ҷойи ист пой мекӯфтанд ва ё нимдароз кашида, пой болои пой гардонида буданд. Чун ҳудуди ду соат аз замони муқарраршудаи қазои ҳоҷат даргузашт ва ҳанӯз маълум набуд, кай ба ҳоҷатхона

мебарандамон, салоҳи корро дар он дидем, ки аз зиндонбонон белу метин ё мисрон бихоҳем ва дар гӯшае гӯдоле биканем, ки ҳоҷатхонаи мувақ-қат бошад. Ин бор ба шоир муроҷиат карданд, аз ӯ хоҳиш карданд, ки биравад аз зиндонбонон, ки пайваста таърифашонро дар забон дошт, ки эҳтиромаш мекунанд ва чанд шеъри табрикии зодрӯзӣ низ барои фарзандони чанд нафарашон навиштааст, белу метину мисрон бихоҳад ва агар беле ҳам бидиҳанд, кофист. Аммо Маҷдӣ, ки чун ҳама тамаллуқпешагон тарсу ҳам буд, ҷуръат накард ба пеши зиндонбонон биравад. Ошкоро гуфт, намехоҳад биравад ва ба дигарон ҳам мас-лаҳат намедиҳад, то дар инчунин вазъи ҳассос, ки ҳама сарбозону афсарон асабонӣ ва хашми-янд, бо чунин хоҳише ғайриодӣ муҷиби ғазаби бештари зиндонбонон бишаванд. Ва ин амрро ҳам чунон тавҷеҳ кард, ки албатта, ӯ ғами дига-ронро мехӯрад, зеро агар зиндонбонон ба ғазаб оянд, ба сабаби эҳтироме, ки ба шахси вай до-ранд, ба худи ӯ чизе намегӯянд, аммо ба эҳти-моли қавӣ барои фурӯ нишондани оташи қаҳру ғазабашон чандин нафарро шаллоқ мезананд ва ё ба шеваи дигаре ҷазо хоҳанд дод. Пас чанд на-фар боз рӯйи ниёз ба мулло оварданд; ӯ низ шояд метарсид, аммо изҳори биму ҳарос накард, балки ин хоҳишро амре беҳуда ва ҳатто хилофи ман-фиати зиндониён донист. Ба сӯйи дар нигарист, сарашро хам овард ва садояшро пасттар карду гуфт, ки ба сабаби фирори Муродалӣ онҳо аз мо қасд мегиранд, бо ҳар баҳона мехоҳанд азиятa-мон бикунанд, албатта, худатон ҳам тахмин за-дагистед, ки сабаби ғизо надодан ва ба қазои

ҳоҷат набурданашон ҳам ҳамин аст, мехоҳанд мо бидонем, ки ҳар кор подоше дорад, барои чиноят ва ҳатто андак нофармонии як нафар на фақат ӯ, балки дигарон низ гунаҳкоранд ва бояд ҷазо бигиранд. Агар ҳоло биравему илтимоси гирифтани белу метин барои кандани ҳоҷатхона кунем, мефаҳманд, ки мо хеле ба танг омадаем, хурсанд мешаванд ва агар дар дил нияти ба қазои ҳоҷат бурданамон дошта бошанд ҳам, боз чанд соати дигар нигоҳ медорандамон, онҳо аз азият кашидану таҳқир шудани мо хушашон меояд. Бо ин ҳарфҳои бомантиқ баҳс намешуд кард ва хомӯшии яъсолуд ба миён омад, аммо чанд лаҳзае беш давом накард. Яъне, дар шалворам мезак кунам, гуфт яке. Як даст ба даҳону як даст ба к... гузошта гаштан ҳам намешавад, афзуд дигаре. Агар ором истодан натавонӣ, дод зан, фарёд кун, гуфт мулло Салоҳиддин, ки бар хилофи одат садо баланд карда буд, бибинем, ба додат мерасанд, ё не! Он мард чизе нагуфт. Ва пас аз сиголиши кӯтоҳ ба қарор омаданд, ки гӯшаеро холӣ бикунанд, лиҳофҳоро пештар бикашанд, ду ҷомаро чун парда дар пеш бикашанд ва онҳое, ки дигар наметавонанд сабр бикунанд, дар он ҷо дастбахок бишинанд, аммо фақат пешоб бикунанд, албатта....

Ва акнун нафари дувум барои сабук шудан нишаста буд, ки аз берун садои мошин ва ғалмағоли одамон шунида шуд, баъди чанд лаҳза аз миёни ғавғою фарёд ҳақорату душноми Нури Латиф ба гӯш расид ва пас аз лаҳзае дигар садои тир баромад, ду бор паси ҳам ва дафъатан фарёди ҷонкоҳе. Дигар ҷойи баҳс набуд, мо аз қабл

интизори чунин пешомаде будем, донистем, ки генерал якеро паронд, фақат ҳанӯз маълум нест, киро ва намедонем кушта ё мачруҳ карда... Эҳтимол Муродалиро, ки пайдош карда оварданд?! Вале фурсат ҳам барои баҳсу тахмину гумон набуд. Шояд ҳанӯз ду-се дақиқае ҳам аз садои тир нагузашта буд, ки осемаву бо таъчил дарро кушоданд, ду нафар сарбоз қадаме ба дарун ниҳоданд, туфангҳо дар даст ва милҳояш ба сӯйи мо нигаронида шуда.... «Бархезед.... Дастҳоро ба пушти сар бигзоред... Аз тарафи чап бо фосилаи ду метр аз якдигар, якнафарӣ ба берун бароед... Рост ба пушти сари ҳамдигар нигаред.... Зуд... зуд... зуд!»

Моро ба маҳалли доимии баргузории маросими дуо бадраҷа карданд. Аммо болои харсанг касе набуд; дар васати майдон, дар канори пайроҳае, ки сафи мо аз он қадам мезад, сарбозе – яке аз он ду нафар, ки бегоҳи дирӯз зиндониёнро ба қазои ҳоҷат бурда буданд, лаб ба дандон газидаву ду даст ба замин такя гузошта ва пойҳояшро дароз карда нишаста буд, ду нафари дигар пойи ӯро поёнтар аз зону бо порчае мебастанд, хун ҳанӯз ист накарда ва қисмате аз порчаи сафедро ранги арғувон зада буд, афсарону сарбозони дигар, дар маҳали баргузории дуо, зоҳиран мунтазири расидани мо истода буданд, генерал ду даст ба пушт бо шитоб ба ин тарафу он тараф қадам мезад. Баробари расидану қарор истодани мо Нури Латиф аз роҳ рафтан бозистод, дастонашро партофт, лаҳзае таваққуф кард, вале ба Одинаи Раҳим, ки бо қадамҳои низомӣ даст ба гӯшаи пешонӣ гузошта, барои гузориш ба самти

ӯ мерафт, аҳаммияте надода, ба назди мо давид, бо ҳамон шиддат аввалин зиндониро аз гиребонаш гирифта ба пеш кашид, – иттифоқан ин зиндонӣ шоири бадбахт буд, ки дар лаҳзае ранги рӯяш докавор сафед шуд, – паси ҳам ду тапонча ба рӯяш зад, бо кафи даст ба рӯйи рост ва пушти даст ба рӯйи чап, шоир каме рӯй тофт ва пушти даст бардошта рӯяшро панаҳ кард, вале ҷуръат надошт қадаме ба пас ва ё чапу рост гузорад, генерал зонукундае ба шикамаш зад ва Мачдӣ аз шиддати дард бо дастонаш шикамашро дошта, ба замин уфтод, генерал боз ду лагад ба суринаш зад ва ҳамон лаҳза дидем, ки хоки пеши пойи шоир тар шуд. Шояд ҳамин амр буд, ки Мачдиро аз зарбаҳои дигар ва эҳтимол аз мачруҳи бистарӣ шудан маҳфуз дошт. Ҳамин доғи сиёҳу тари зери пои шоир диққати генералро ҷалб кард, вай лаҳзае ба ин доирачаи сиёҳ ва баъдан тӯлонитар ба рӯи марди ғалтида дар пеши пояш хира шуд, шояд танҳо дар ҳамин лаҳза Мачдиро шинохт ва қаҳ-қаҳ ба ханда омад. Маълум буд, ки хандааш сохта аст, хандиданаш шира надошт, мисли садои хонандаи камҳунаре, ки якбора садобараш аз кор бозмемонад ва заъфи садояш ошкор мегардад, зоҳиран барои мазоҳу масхара кардани шоир худро мачбур ба хандидан кардаст ва ё баҳонаи хубе ёфт, ки худро аз вазъе, ки бечорагиашро ба намоиш мегузошт, раҳоӣ бахшад. Ҳароина сарбозону афсарон, гӯӣ аз банд озод шуданд, барои аввалин бор пас аз омадани генерал вазъи чеҳраҳои гирифта ва карахташон тағйир ёфт, гирди лабонашон нимтабассум ба зуҳур омад, паст-паст байни ҳам суханоне радду

бадал карданд, Маҷдӣ низ нимхез шуд, нишаст, лабонашро фарох боз карда табассум мехост бикунад, вале шиддати дард ва эҳсоси тарсу шарм чеҳраашро каҷу килеб кард ва дар чашмонаш низ ҳанӯз тарс нақш баста буд, ҳанӯз як даст дар рӯйи шикам дошт, эҳтимол мехост ба Нури Латиф бинамояд, ки аз зарбаҳои ӯ озору кудурате ба дил надорад, генерал ӯро нашинохта, ба иштибоҳ задааст, аммо генерал пушт ба ӯ аз наздаш дур мерафт ва лабони шоир низ ба ҳам омаданду нимтабассумаш дар ҳоли тавлид ғӯрамарг шуд. Нури Латиф боз дастҳо ба пушт, сараш хам, оромтару суттар аз қабл – Наполеонвор қадам мезад, аммо вақте ки аз назди мо рад шуд, дидам ки лабонаш пир-пир мепаранд, чун баргашт қадаммониаш тезтар, гомҳояш баландтар шуд, гӯй тӯфони ғазаб дар баҳри баданаш шиддат меёфт, ногаҳон дар муқобили миёнаи саф бозистод, рӯй гардонд, дасти росташ боло шуд, ангушти ишораташ ёзид, гуфт, дод зад, фарёд кард:

– Аз сад ҷонаш як ҷонаш халосӣ надорад! Агар ба осмон парад аз пояш кашола карда мефурорам, ба замин фурӯ равад, аз гӯшаш кашида мебурорам. Бо дасти худам, ба сад азобу уқубат мекушам, тика-тика мекунам, лахта-лахта мекунам, пораҳои танашро ба ҳамин ҷарӣ мепартоям, туъмаи зоғу заган мекунам, як устухонашро ҳам намегузорам, ки гӯр кунанд, устухонҳояшро ба гургону сагон мехуронам, на касе намози ҷаноза-ашро мехонад, на фарзандону хешонаш дар сари гӯраш фотиҳа мехонанд, бе ҳеч нишоне несту нобудаш мекунам.

Ин ҳама суханонро бидуни таваккуф, беист, бо як нафас кашидан изҳор дошт, нафасаш гирифт ва лаҳзае макс карду баъд пасттар, оромтар ҳар калимаро чида-чида, таъкид карда, идома дод:

– Ҳамаатон, ҳар кудоматон ба гӯшатон ҳалқа кунед, гумон накунед, ки аз меҳрубонию раҳмдилии генерал ҳар тавр, ки дилатон хоҳад истифода бурдан мегиред. Ман бо касони фармонбару ҳадшинос меҳрубонам, вале бо қонуншикану ҷиноятқор бераҳмтар аз ман касе нест, забонашро аз пушти сараш мекашам, дар деги равған мечӯшонам, пӯсташ меканам, чормех карда ду пораш мекунам, зинда ба зинда таги хок мекунамаш! Ҳоло ҳам гумон накунед, ки ба осонӣ аз ман халос мешавед. Чандин бор гуфта будам, ки барои гуноҳи як кас ҳама гунаҳкор аст, магар аз байни шумо касе хабар надошт, ки ин оқипадари модарбахатои занғар гурехтан мехост, албатта медонистед, вале пинҳон кардед, ба мо нагуфтед. Акнун мо бояд барои гурехтани ӯ як нафари шуморо ҷазо бидиҳем. Гурехтан аз зиндон сахттарин гуноҳ аст. Генерал ин гуноҳро намебахшад, ҷазои гурехтан кушта шудан аст. Мо бояд ба ҷазои гурехтани он оқипадар як нафарро бикушем! Ин ҷо зиндаю мурдаи ҳамаи шумо дар ихтиёри ман аст! Мур гӯям мемуред, зӣ гӯям, мезиед! Фаромӯш кардед?! Фаромӯш, ки кардаед, ҳоло маҷбур ҳастам ба ёдатон биёрам, чунон ба ёдатон биёрам, ки дигар то охири умр фаромӯш накунед! – Вай хомӯш шуд, нафас рост кард, аз аввал то охири радаи зиндониён чашм давонд ва боз садо баланд намуд: – Кӣ ҷуръат дорад, ки

ихтиёрӣ парронда шавад! Ҷони дигаронро бихарад!? Дар миёнатон шердилу Шераке ҳаст? Ягон Александр Матросов, Тӯйчӣ Эрйигитов ёфт мешавад дар байнатон?! Пайдо мешавад ё не?! Ё ҳама метарсед аз мурдан!? Албатта, пайдо намешавад, албатта, метарсед! Акнун ман худам интихоб мекунам! Ман худам пайдо мекунам! Ку як қатор биистед! Смирна! Не шевелится! Начунбед, рост ба пеш нигоҳ кунед!

Вай ба аввали саф рафт ва бо оҳистагӣ, бо таанӣ сониягҳоро ба дақиқаҳои тӯлонӣ бадал карда, ҳар нафарро рост ба чашмонаш нигариста, гоҳе кӯтоҳ суоле дода ва ҷавоб шунида омадан гирифт. Чун дар муқобили нафари севум – марде миёнсол қарор гирифт ва бо диққат, бидуни он ки сухане ба забон биоварад, ба ӯ нигарист ва ангушти ишорат боло кард, мард ба ларза омад, дар хомӯшии мутлақ садои ба ҳам хӯрдани дандонҳояш шунида шуд, баъди лаҳзае ҳиқҳиқи гиряаш ба гӯш омад, дафъатан пойҳояш қат шуданду ба замин фурӯ афтод ва садои гиряаш қатъ шуд. Нури Латиф ба пас гашту ба афсарону сарбозон нигарист ва ду нафар сарбоз шитобон омаданду он мардакро аз ду бозӯяш бардошта ва пойҳояш кашола аз саф берун бурданд ва яке дартоз рафт дар дӯлчае об овард, ба рӯяш об пошиданд. Аммо генерал дигар аслан таваҷҷуҳе ба он мард накард ва пас аз он ки сарбозон аз саф берун бурдандаш, кори худро ба ҳамон сиёқи пешин идома дод. Ман аз оғози саф нафари шашум будам, вале ба назарам намуд, то Нури Латиф дар баробарам расид, ки ним соат бештар сипарӣ шуд. Баданам гӯйӣ ба чӯби хушк

табдил шуда буд ва ба худам тааллуқ надошт, чудо аз ман чун сафедори бурида рост истода буд ва хаёл мекардам, интизори зарбаи охирини табар аст, то ки биуфтад. Инак омад, дар рӯ ба рӯям бозистод. Нигоҳаш пармаро мемонд, ки гӯй чашмонро сӯрох мекарду ба мағзи сар роҳ мечуст, мисли морони Заҳҳок; намехостам заъфамро бифаҳмад, тамоми неру ва иродаамро ба ёрӣ хондам, ки чашм нагурезонам, вале худ фаҳмида будам, ки лаҳзаи дигар тоб нахоҳам овард. Хушбахтона, ҳамон дам ба сухан омад, садо баланд кард, ки дигарон низ бифаҳманд ва нигаҳ аз чашмонам баргирифт, то вокуниши дигаронро ба гуфтаҳояш бибинад ва бадани ман гӯй лаҳзае аз банд раҳо шуд, қобилияти андешидан ба мағзам бозгашт.

– Ҳамон вақт ҳеч фикр мекардӣ, аслан тасаввур мекардӣ, ки рӯзе меояду ҷонат мисли кабки ларзони ба ҷела афтода, дар қабзаи дасти ман меафтад? – вай ангуштҳояшро боз намуд ва дафъатан ҷамъ оварду мушт кард. – Мехоҳам, кафамро боз мекунам, – каф боз мекунад – раҳо мешавад, ба баданат бармегардад, мехоҳам, мечафамаш, – ангуштонашро ғун оварда мушт мекунад, – буғӣ мекунам, пашшаворӣ мекушамат! Ҳоло худат бигӯ, ки чӣ кор бикунам?! Раҳо кунам ё бичафам?!

Ин суханон, ки бо истеҳзо ва бо лаззату шамотати ошкоро иброз шуд, на фақат барои ман буд, мухотаби аслӣ, албатта, ман будам, ишораш ба ман буд, вале ба дигарон ҳам гӯшрас мекард ва на танҳо ба зиндониён, балки ба афсарону сарбозонаш низ, – зеро Нури Латиф рӯй ба

пушт гардонида, чанд лаҳза ба эшон низ хира шуд, – то ҳама бидонанд, ки зиндаву мурдаашон дар дасти ӯст, дар ин гӯшаи замин танҳо ҳукми ӯ равон аст ва шояд ҷавобе ҳам аз ман намехост.

Амвоҷи хотира ва фикру андеша ба мағзам ҳамлавар шуданд, бо суръат аз пеши чашмони ботинам мегузаштанд, биайни он ки дарахтону хонаҳо аз паси шишаи қатор медаванду мегузаранд. Ҳеч якеро наметавонистам нигаҳ бидораму дақиқ ва жарф бингарам. Фақат Рашиди Ватвотро возеҳ бидидам, шинохтамаш, ҷолиб ин ки аслан надидаамаш, тасвире ҳам аз ӯ боқӣ намонда, вале шинохтам, донистам, ки ӯст. Марде ҳақирҷуссаву заъифандом дар ойинаи хаёлам падид омад, ки сурати подабони пири деҳамонро дошт, вале ӯ набуд, подабон набуд, сураташ ба он подабон мемонист, вале либосҳои фохир бар тан дошт, ба сар аммомаи бирешимии сабз гузошта буд, подабон набуд, дабир ва нахустшоири дарбори Хоразмшоҳ Рашиди Ватвот буд, ки гирифтори чанги ғазаби султон Санҷар шудааст. Ба ду байт шеъре, ки дар ҷавоби Адиб Собир гуфта, хотири султонро озурдааст ва ончунон сахт озурда, ончунон сахт султонро ба қаҳр оварда, ки ӯ фармудааст, пайдош бикунанд биёранду ба ҳафт пораш бибуранд. Инак Рашиди Ватвот барои шафоат ёфтан пинҳонӣ, дар ниматорикии субҳ, сар ба гиребон фурӯ кашида, зуд-зуд ба чапу рост нигариста, ба назди дӯсташ Бадеъи дабири султон Санҷар меояд. Ва фоҷиъаи бузурги бошукӯҳро пешгирӣ мекунад, намегузорад ба вуқуъ пайвандад, фоҷиаи бузургро ба мазҳакаи маъмулӣ табдил медиҳад. «Ман мурғе ҳақиру кӯчак

ҳастам, чи ҳоҷат аст, ки ҳафт пораам кунанд, агар ду пора кунанд, эшонро ташвиш набошад ва ҳам илтифоте ба ман карда бошанд». Султон табассум кард, дастур дод: ӯ ҳақиртар аз он аст, ки ҳатто ду порааш бикунанд, бигузоредаш, ки аз гуноҳаш гузаштам.

Рашиди Ватвот ҳам бо изҳори аҷз худро аз чанги марг раҳонид ва ҳам ба ин аҷз ҷомаи дебои ҳазлу мутоиба пӯшонид, то ҳақириву заъф ва бечорагиаш ошкор набошад. Ӯ худро аз чанги марг раҳонид, аммо рақибаш Адиб Собир чанд соле баъд бо амри мамдуҳи ӯ – хоразмшоҳ кушта шуд. Шояд Адиб Собир дар лаҳзаи охир сухане чунин оҷизонаву зарифона натавонист пайдо кунад?! Ё нахост бигӯяд?! Нахост фоҷиаро ба мазҳака бадал бикунад?!

Ман ҳоло худро ҳақиртар аз Рашиди Ватвот мебинам, – аслан эҳтимол ҳама дар баробари марг худро ҳақиру оҷиз мебинанд! Аммо ба рости, ки ман ҳоло ҳақиртару бечоратар аз Рашиди Ватвот ҳастам! Кушта шудан аз дасти шоҳи кишваре ва кушта шудан барои гуфтани шеъре худ намудори пояи шоирии ӯ ва таъсири шеъри ӯст. Ва дар муқобил кушта шудан ба дасти як нафаре, ки барои бесаводӣ аз донишгоҳ ронда шуда ва чун дар даст силоҳ дорад, худро ҳукмрони маҳдудае иборат аз бист-бисту ду километри мураббаъ медонад! Ва барои чӣ? На барои шеъре! На барои сухане! Танҳо ба хотири он ки қудрати худро нишон бидиҳад! Аммо ихтиёр ку? Мо ки ихтиёр надорем!

Аммо Нури Латиф боз сухан мегуфт. Гуфтаҳояш пораву канда ба гӯшам мерасид, агарчи

дар баробари ман истода буд, як қадам дуртар: раҳмдил... бо амри ватану аълоҳазрат.... ман гуфтам...

Вале, инак зоҳиран ба хотираш мерасад, ки бо ман суҳбат дошт, нигоҳ аз саф бармегираду ба ман меафканад:

– Фикр кардӣ, муаллим, бикушамат ё боз бимонамат, ки зиндагӣ карда гаштан бигирӣ?! Чӣ мефармоӣ?!

Баданам арақ кард, қатраҳои арақ фурӯ рехтанд ва аз тахтапуштам ба поин шориданд, пойҳоямро сахттар ба замин фишурдам, то ларзаи зонувонам ошкор нашавад. Ногоҳ чун барқ дар мағзам андешае равшан шуд: агар аҷал нарасида бошад, касе намемирад, марги ҳар кас дар дасти Худост, то рӯзат буд нашуда бошад, намемирӣ. Ин суханонро аз кӯдакӣ шунидаам, вале напазируфта будам, ҳеч гоҳ эътиное ҳам ба онҳо надоштам, эътиборе барояшон қоил набудам, ҳарфи пуч медонистам. Ҳоло чун эътиқоде ба қалбу мағзам хутур кард. Ман ҳоло итминон доштам, ки чунин аст, берун аз ин нест, агар Худо нахоста бошад, намемирам, агар хости Худост, чизе суд надорад, на сухане, на талоше! Шоир ҳам андешаамро таҳвият медиҳад: «Аз марг ҳазар кардан ду рӯз раво нест, Рӯзе ки қазо бошаду рӯзе, ки қазо нест; Рӯзе, ки қазо бошад, кӯшиш надиҳад суд, Рӯзе, ки қазо нест, дар ӯ марг раво нест...»[6] Бебок, бурро ва ҳар вожаро дар мизони хирад баркашида ба сӯйи забон интиқол медиҳам: «Марги ҳар кас дар дасти Худост, агар Худо муқаррар кардааст, ки бояд би-

[6] Аз Абулфатҳ Бундори Розӣ

мирам, мемирам, ҷойи гурез нест, агар рӯзам буд нашуда, ҳеч кас қодир нест, ки бикушадам. Онҳое, ки одамонро мекушанд, фақат василаанд, абзоранд. Гоҳе хиште аз бом ба сари роҳгузаре меуфтаду ӯро мекушад. Вале ҳеч каси оқиле хиштро қотил эълом намедорад, гунаҳкор наме-шуморад».

Аммо, ҳайҳот, натавонистам даҳон боз кунаму ин суханонро аз паси дандон ба берун раҳо кунам. Тарс бар эътиқод, мулоҳиза бар қатъият ва эҳтиёт бар шуҷоат ғолиб омад. Он чиро ба забон овардам, ки аслан намехостам бигӯям:

- Агар меҳрубонӣ кунеду аз як қатра хунам бигзаред, фурсат медиҳед, ки то дами марг атои шуморо ба ёд овараму зикри хайратонро бигӯям.

Генерал табассум кард – ё заҳрханд буд? – чанд сония боз ба чашмонам нигарист, акнун нигоҳаш нигаҳи шарики ҳамрозу ҳамдилро мемонд. Сар ҷунбонд – ба нишони тасдиқ ва таҳсин – ва гузашт. Ман худро озод эҳсос кардам, эҳсос кардам, нафасам аз банд раҳо шуд, оҳиста-оҳиста ларзаи зонувонам қатъ гардид, рагу пайи пойҳоям суст шуданд, пеши чашмонам рӯшан гардид, атроф ба гунаи дигар – тозатару зеботар ба назарам ҷилва кард ва ман... ман шарм кардам, пушаймон шудам, ба худ эҳсоси нафрат кардам. Ба рости, ки ман хеле ҳақиртар аз Рашиди Ватвот ҳастам! Бадтар аз ӯ, суханонам биайни шеърҳои Маҷдӣ, бадтар аз шеърҳои ӯ садо доданд! Тасаввур кардам то гулӯ ба мабраз фурӯ рафтаам, ҷойе нест, чизе нест, то ки даст биёзаму чанг бизанам ва худро берун бикашам; беихтиёр

чашм бастам, вале мабраз ҳамоно пеши чашмонам меистод, ҳатто тааффуни онро мешунидам.

Генерал дар муқобили бандии ҳампаҳлӯи ман қарор гирифт, хомӯш ба чашмони ӯ нигарист, даҳон боз кард, ки ҳарфе бигӯяд ва ё суоле бикунад. Вале чизе нагуфт. Даст ёзонду бо се ангушт аз гиребонаш гирифт ба пеш кашид ва тапончае ба рӯяш заду дастонашро харпанҷа андохта баргашт ва ду-се қадам дуртар рафт. Пасон якбора бозгашту боз рӯй ба мо овард.

– Шуд, бас, дигар ҳоҷати гаштану пурсучӯ нест, – изҳор дошт ӯ, – ман пайдо кардам, ки киро бояд бикушем! Қуръа ба номи ту афтод, – гуфт ва даст дароз карду якрост рафт ва дар муқобили Амир қарор гирифт. – Буро берун!

Амир тақрибан дар фосилаи яку ним метр аз ман, нафари чаҳорум аз самти рости ман буд ва дар васати бобояш ва Содиқ меистод. Вай гӯё дарк накард, ки генерал ба ӯ мурочиат мекунад ва ҳамчунон хомӯш дар ҷояш меистод.

– Туро гуфтам, буро, – Нури Латиф ин бор бо даъват иктифо накард ва даст ба китфи Амир гузошту ӯро ба пеш кашид, ҳамчунон як даст дар китфи ӯ, дасти дигар ба сари вай гузошту ба ҷониби саф баргардондаш. – Ман ҳаминро интихоб кардам.

Ранги рӯйи Амир канда буд, мижгонҳои дарозаш зуд-зуд ба ҳам пайваста боз мешуданд, вале ҷуз ин дар чеҳрааш осори изтироб ё тарс дида намешуд, барҳакс ором ба назар мерасид, сарашро баланд бардошта, рост ба пеш нигоҳ мекард, шояд ҷиддӣ будани вазъро дарк намекард ва ё ин ҳамаро ба унвони намоише пазируфта

буд. Бо гӯшаи чашм ба Шайху Содиқ нигаристам, гумон доштам, барои халосии ӯ талош мекунанд, аз саф берун меоянд ва ё ақаллан, генералро илтимосу илтичо мекунанд, вале ҳарду ҳам хомӯш буданд ва орому сокит меистоданд.

– Азбаски гуноҳи содиршуда хеле бузург аст, бояд сазояш ҳам мувофиқи гуноҳ бошад. Ман ба хулоса омадам, ки барои ин ҷинояти сангин камгуноҳтарини шуморо ҷазо бидиҳам, ба ҳамин сабаб ҷавонтарини шуморо интихоб кардам.

Нури Латиф, шояд эҳсос кард, ки зиндониён суханонашро ба ҷидд напазируфтанд ва ба ин сабаб аст, ки вокунише зоҳир накарданд; бидуни он ки чашм аз сафи одамон барканад, бо як даст тугмаи ғилофро боз намуд ва таппончаашро берун кашид. Баъд сарҳангро даъват карду сарашро каме ба ҷониби ӯ хам оварда, чизе пурсид ва чун посухи ӯро бишунид, дубора сар бардошту ба сафи бандиён рӯй овард.

– Ман, генерал Нури Латиф, ба хотири осудагӣ ва амнияти кишвар ва бо дар назар гирифтани вазъи мавҷудаи ватани азизамон, ба ҳайси раиси маҳкамаи низомии фавқулодаи минтақаи Доманкӯҳ Амири Зайнулобидинро ба қатл аз тариқи парондан маҳкум мекунам. Қатл дар ҳамин ҷо ва ҳамин соат ба иҷро расонида мешавад.

Вай лаҳзае чанд макс кард, бо диққат ва бо навбат нигоҳашро ба як-яки зиндониён мунтақил намуд, баъд тапончаашро бардошту ба канори пешонии Амир гузошт. Амир беихтиёр сар кашид ва қадаме ба ақиб гузошт ва Нури Латиф аз оринҷи ӯ гирифту дубора бо тундӣ пеш каши-

даш. Шояд бо ишорае, ки барои ман ноаён буд, се нафар сарбоз низ туфангҳояшро аз сари китф гирифтанд ва ба сӯйи мо рост карда истоданд. Ва ҳамин лаҳза буд, ки садои хафифе аз қатори зиндониён ба гӯш расид:

– Ҷаноби генерал!...

Ҳама – ҳам генерал, ҳам афсарону сарбозон ва ҳам зиндониён ба сӯйи он овоз нигаристанд. Мулло Салоҳиддин буд, ки шояд оби гулӯяшро фурӯ бурд ва ин бор боҷуръаттару баландтар такрор кард:

– Ҷаноби генерал, иҷозат диҳед!.... Ҷавониашро ба назар гиред, бегуноҳиашро....

Шояд дигар ҳарфе пайдо накард, ки бигӯяд ва ё далоиле бештар аз ин надошт, ки бо вуҷуди нигоҳи мунтазири генерал ҳарфе наафзуд ва хомӯш монд.

Нури Латиф боз лаҳзае чанд сукут кард, баъд посух гуфт:

– Ман равшану ошкор гуфтам, ки Амири Зайнулобидинро барои бегуноҳӣ ва ҷавониаш интихоб кардем, акнун шумо мехоҳед, ки барои ҷавонию бегуноҳиаш ҳам раҳо бикунем... Не, ҳаргиз, ин интихоб барои он аст, ки шумо ҳеч кадоматон, ҳеч вақт фаромӯш накунед, ки мо барои гуноҳу ҷинояти вазнин сазои сахттар аз он медиҳем ва онҳое ҳам, ки минбаъд дастгир шуда, ба ин зиндон оварда мешаванд, бояд овозаи ин ҷазоро бифаҳманд, бифаҳманд, ки қавлу амали мо якест ва оқибати ҳар қадамашонро андеша кунанд. Хуни ин бача ба гардани он зангари модарбахато аст, ки гурехт ва ҳам ба гардани шумоён аст, ки аз нияту нақшаи ӯ ба мо хабар на-

додед ва боиси марги як писараки бегунох шудед!

Вай боз хомӯш шуд ва ба зиндониён чашм давонд, шояд мехост асари гуфтаҳояшро дар чеҳраи мо бибинад ва ё интизор буд, ки ҳарфе дар ҷавоб бишнавад. Вале боз хомӯшиву оромӣ ҳукмфармо гардид, ба назар меомад вақт мунҷамид шуда ва мисли оби яхбастаи зери сатл дар лаҳзае кӯтоҳ баста шудааст ва наметавонад ба лаҳзае дигар мунтақил бишавад. Ва боз садои худи генерал буд, ки ин тилисмро шикаст:

– Аммо ман ба риояти асли башардӯстӣ ва амри дили меҳрубонам (ман то кунун ҳеч нафаҳмидам, ки вай чаро ин қадар раҳмдилию меҳрубониашро ситоиш мекард) ба хулоса расидам, ки ҷони ӯро бо ҷони дигаре иваз кунам. – Вай тапончаро аз пешонии Амир бозгирифт. – Кӣ меҳоҳад ҷони ӯро бихарад? Агар нафаре аз шумо омода бошад, ки ба ивази ӯ ҷон бидиҳад, ман ӯро озод мекунам! Кист чунин мард?! Оё ҳаст дар миёни шумо чунин мард?! Оё марде ҳаст дар байнатон?!

Ман боз ба Шайху Содиқ нигаристам. Ҳар ду ҳанӯз ҳам хомӯш ва ором меистоданд, албатта, дар ботинашон чӣ мегузашт, намедонистам, вале камтарин ҳаракате аз худ зоҳир накарданд, ҳатто ба шафоат даҳон боз накарданд. Нури Латиф мунтазир буд, хомӯшона як-як ба зиндониён нигарист, аз Шайх Зайнулобидин шуруъ кард, баъд ба самти чапу рост, як-як ба дигарон назар дӯхт ва дар охир боз чашмонаш ба Шайх хира шуданд. Ҳисси нафрат ба шахси худам коҳиш ёфт. Ҷойи онро дар вуҷудам эҳсосоти мухталифе

машмули нафрату ғазаб ва ачз танг карданд. Ва ман худ надонистам, нафаҳмидам, ки чӣ гуна ва кай аз ин се эҳсоси мухталиф ҷуръат зода шуд. Пас аз лаҳзае садо баланд кардам ва гӯӣ он садои каси бегонае буд, аз дурӣ ба гӯшам мерасид ва овоз ҳам шабеҳи овози худам набуд:

– Ман! Ман мехоҳам! – ва қадаме ба пеш гузоштам. Ва ҳамон лаҳза бӯи мабраз аз димоғам ва тарҳи мабраз аз пеши чашмонам рафт.

Нури Латиф якбора ва зуд сар баргардонд, бо диққат ба ман нигарист, нигоҳаш суолҳо дошт, каме музтариб ба назар мерасид, зоҳиран ин амр, ки нафаре аз зиндониён ба даъваташ инчунин посух бигӯяд, барояш ногаҳонӣ ва ғайричашмдошт буд, албатта, интизори вокунише – илтиҷову зорӣ аз Шайх Зайнулобидин, ки медонист бобои Амир аст, дошт ва ин буд, ки гаштаву баргашта ба ӯ нигоҳ мекард, вале зоҳиран, ин амрро, ки нафаре, нафари бегонае пайдо мешавад ва мехоҳад бар ивази ҷони худ ҷони нафари дигарро – ҳарчанд ӯ бачаи маъсуми ҳанӯз пушти лабаш сабз нашуда бошад ҳам, бихарад, мунтазир набуд. Генерал Амирро гузошту ба назди ман омад ва рост ба чашмонам нигарист. Вай акнун дандон намуда, фарох заҳрханд мекард, вале ман дарёфтам, ки заҳрхандро чун ниқобе ба рӯй кашида буд, то изтироб ва ғазабашро пинҳон кунад. Акнун нигоҳаш дигар он қудрати пешинаро надошт ва ё шояд акнун ман худ боҷуръаттар шуда будам ва низ медонистам, об, ки аз сар гузашт чи як ваҷабу чӣ сад ваҷаб ва дигар барои ақибнишинӣ дер шуда. Ман ҳам рост ба чашмонаш нигаристам. Вай нигаҳ ба тапончаи дасташ

мунтақил карду онро баробари пешонии ман бардошт. Пасон каме сар баргардонида ба сафи бандиён рӯй овард:

– Аҳсант ба муаллим, шукри Худой, ки ҳоло ҷоннисорон дар ин кишвар ҳастанд! Ба шарафи муаллими таърих, ба шарафи чабераи Девашти-чу набераи Восеъ як кафкӯбӣ мекунем!

Садое аз он саф барнаёмад. Нури Латиф дар ғазаб шуд:

– Гуфтам, кафкӯбӣ кунед!

Садоҳои номуназзаму хафифи каф ба каф за-дан шунида шуд.

– Ба муаллим аҳсанту офарин мегӯем! Ку, ҳама баробари ман: Аҳсант ба муаллими нотарсу шуҷоъ! Офарин ба муаллими ҷоннисор!

Чанд садои пасту парешон аз саф баланд шуд ва ба садои Нури Латиф пайваст ва заҳрханд боз ба лабу чеҳраи генерал бозгашт.

Ман ҳам дар он лаҳза, ки дар рӯ ба рӯи Нури Латиф ва тапончааш меистодам ва ҳам баъдан мукаррараан ин рафтори худро ба таҳлил каши-даам, сабаби ин тасмимамро ҷустаам, борҳо он лаҳзаҳоро пеши назар овардаам ва ҳар бор ҳам ба хулоса омадаам, ки дар он вақт ман воқеан аз кушта шудан ҳаросе дар дил надоштам; агарчи дар як гӯшаи дилам шамъи умед ба раҳоӣ ёфтан рӯшан буд, аммо бештар ба кушта шуданам бо-вар доштам. Ба хусус, ки ин рафтор як навъ даъво ва барангехтани генерали худхоҳ барои амал буд, гӯё ки ман ӯро дар маҳзари ом ба ҷанги тан ба тан хонда будам ва роҳе ҳам барои сарбаландона берун рафтани ӯ аз майдон нагу-зошта будам; ӯ акнун ё бояд маро мекушт ва ё

коре мекард, ки ба таври шоиставу боиста, бо сарбаландӣ ва бидуни садама дидани обрӯю ҳайсияташ аз ин вазъ раҳоӣ биёбад. Ва ё бояст худро ба нодонӣ занад, вонамуд кунад, ки ҳарфи маро нафаҳмидааст.

То имрӯз дақиқ нафаҳмидаам, ки сабаби ин рафторам чӣ буд, чаро ин тавр кардам. Он замон, дар ҳамон лаҳзае, ки азм кардам ҷони Амирро бихарам ва қадаме аз саф берун гузоштам ва то бист дақиқа баъд, ки ин ҳама чун кобусе поён ёфт, мутмаин будам, ки тасмимам маҳз ба хотири аз чанги ачал раҳоӣ бахшидани ҷони ин баччаи маъсум буд, ки ҳанӯз пушти лабаш сабз нашудааст. Аммо баъдан, ки манзараи он рӯзро пеши назар овардам, рафторамро, суханони гуфта ва ногуфтаамро ба таҳлил кашидам, дар тардид шудам. Албатта, ҳеч тасаввур кардан наметавонистам, ки пас аз чанд дақиқа ин баччаро хоҳанд кушт, вале ман барои ӯ масъул набудам, бобояш ҳамин ҷо ҳозир буд, Содиқ, ки аз кӯдакиаш ӯро мешинохт, ҳамроҳаш буд ва агар онҳо талоше барои халосии ӯ накарданд, ман чаро бояд азоби виҷдон бикашам?! Шояд барангезандаҳои мухталифе якҷо бо ҳам боис гардиданд: бигирем, қаҳру ғазаб ва ҳатто нафрат аз Шайху Содиқ, ба хусус аз Шайх, ки пояш ба лаби гӯр расида ва он қадар ҳиммат надорад, ки ҳашт-даҳ ва ё ҳатто понздаҳ- бист соли боқии умрашро барои наздиктарин пайвандаш қурбон кунад? Ва ё мехостам ба Нури Латиф исбот кунам, ки аз ӯ тарсе дар дил надорам? Ва ё шояд ба ҷуброни заъфу ачзи чанд дақиқа қабли худ ва барои аз шармандагии он раҳоӣ ёфтан ва ҳам ба

хотири ҳарфҳое, ки дишаб дар хусуси тарс ва тарсуӣ ба Рашиди Аъзам гуфта будам ва эҳтимол чанд нафари дигар низ шунида буданд?! Ростиро, ки намедонам, ҳарчанд борҳо воқеоти он рӯзро ҷузъ ба ҷузъ пеши назар овардаму таҳлил кардам, то кунун сабаби асосӣ ва ростини рафтори худро нафаҳмидаам ва шояд дигар аслан нафаҳмам ҳам, чун акнун таваҳҳуму хаёлотам бо воқеият ва мулоҳизаву андешаҳои мухталиф омехта шудаанд ва дигар наметавонам тафкикашон кунам.

Генерал тапончааашро поин кард, мошаро кашид ва онро дубора ба буногӯши ман гузошт.

– Муаллим, дубора намепурсам, хуб фикр кардӣ, пушаймон нашудӣ?

Тамоми неруи қалбиву ҷисмониамро мутамаркиз мекунам, то тавонам як калимаи кӯтоҳро бидуни ларзиши садо ва баланд – то ки ҳам атрофиён бишнаванд ва ҳам тарсамро пинҳон дорам, иброз намоям:

– Не!

Нури Латиф макс кард, заҳрханд аз чеҳрааш дур шуд, гӯӣ дар тардид буд, ки паронад ё на! Ниҳоят тапончаро боз поён овард, онро ба ғилофаш андохт ва ҳанӯз хурсандӣ аз гумони раҳоӣ ёфтани ногаҳониро то охир эҳсос накарда будам, ки фармуд:

– Баредаш ба назди девор!

Ду нафар сарбоз анбурвор чанг ба бозувонам заданд, вале чун эҳсос карданд, майли муқовимат надорам, якеш панҷаашро боз намуд ва дигареш фишорашро суст кард ва ба назди девори зиндонам оварданду пушт ба девор гузоштанд.

Ду сарбоз сафи зиндониёнро раҳнамунӣ карда, наздиктар оварданд. Сарбозону афсарони дигар низ пештар омаданд.

– Чашмонашро бубандед!

Хостам бигӯям, ки не, намехоҳам чашмонамро бибандед, вале натавонистам; тарсидам садоям дар гулӯям бипечад. Хомӯш мондам: шояд беҳтар аст, ки бибанданд. Бо фӯтае чашмонамро бибастанд!

Пас аз муддате боз садои Нури Латиф ба гӯшҳоям халид:

– Оташ!

Баробар бо садои чанд тир, ки дар бехи гӯшонам шунидам, аз баданам араҚи сард шорид, дилам суст шуд, гӯшҳоям Қуфл зад, пойҳоям танамро нигоҳ дошта натавонистанд, фурӯ уфтодам, ҳеч дарде эҳсос накардам, гармии хунро низ... Охирин фикре ки аз дилам гузашт ва эҳсоси омехтаи андуҳу надоматро каме таскин бахшид, ин буд ки ин Қадар осону сода аст, мурдан....

Шояд баробар бо даҚиҚае ҳам набуд, ки аз ҳуш рафта будам. Чун чашм боз кардам чашмони генералро дар муҚобили дидагонам дидам; сари по нишаста буд ва рост ба чашмонам менигарист, вале ба хушбахтии ман, зоҳиран, нафаҳмида буд, ки аз ҳуш рафта будам.

– Бихез, муаллим – гуфт, – аз пули сирот гузаштӣ! – ва баланд хандид. – Офарин!

Ҳанӯз дарк накарда будам, ки аз аҚал раҳоӣ ёфтам, гумонам буд, ки бозии навбатии генерал аст ва боз санҚишҳое дар пеш хоҳад буд. Вале Нури Латиф дигар ҳарфе нагуфт, бархосту рафт.

Талоши бархостан кардам, танам он қадар сангин буд ва ё дастонам он қадар заъиф буданд, ки чун тирак ба замин гузошта, хостам бархезам, натавонистам. Содиқ ва нафари дигаре аз зиндониён омаданд, даст аз зери кашам андохта бардоштанд ва Содиқ дастамро ба гарданаш ҳамоил карду танамро ба зиндон бурданд.

13

Аз дур аранге аккоси сагро шунидам, шод шудам, шояд Манижа омада ва саге аз сагони Михайлич ба истиқболаш садо дардодааст, агарчи қаблан боре ҳам рӯзона садои аккоси сагони Михайличро нашунида будам ва Манижа ҳам нагуфта буд, ки сагҳо ӯро бо аккоси худ пешвоз мегиранд. Беихтиёр чашм пӯшидаму гӯш андохтам, хомӯшии мутлақ буд, камтарин садое ҳам ба гӯш намеомад. Бо ин ҳол назди дар омадам ва гӯш фаро доштам, муддате мадид назди дар бимондам... На, ҳеч садое набуд.... Ба эҳтимоли зиёд, Манижа дигар намеояд.... Чӣ омада ба сари ӯ?!

14

...Пас аз ёздаҳ рӯзи ин воқиа мо ғайриинтизор озод шудем. Дар ин муддат, агарчи ному нишоне аз Муродалӣ пайдо нашуд, оташи ғазаби Нури Латиф хеле фурӯ нишаста буд, – албатта, гоҳе чун лахчаи зери хокистар, ки андаке

бод вазида бошад, ё хасу хошок ба рӯяш афканда бошанд, шуъла мезад, забона мекашид, вале пас аз фурсате боз фурӯ менишасту зери хокистар ниҳон мешуд. Пас аз ду рӯзи таваққуф маросими дуо бо ҳамон ташрифоти қаблӣ аз сар гирифта шуд. Вале ба якбор боздошт шудани нуҳ нафар марзшикан он қадар муҷиби хурсандию шодмонии генерал гардид, ки гӯӣ аслан, фирори Муродалиро аз ёдаш зудуд. Сабаби асосии озодии мо низ боздошт шудани ин нуҳ нафар буд, чун масоҳати хурди зиндон ба нигоҳ доштани шумораи бештари маҳбусон имкон намедод ва низ албатта, барои Нури Латиф ҳеч зарур набуд, бе вачҳе ба шумораи бештари одамон нону об бидиҳад – барои эътибору нуфузи ӯ, чунонки Рашиди Аъзам гуфт, зиндон доштан ва чанд нафарро дар ин зиндон нигоҳ доштан кифоят мекард.

– Гумон мекунед, Нури Латиф воқеан моро хоину ҷиноятқор медонист? Албатта, не, агар камтарин чунин шубҳае дар дил медошт, дар ҳамон рӯзҳои аввал ба пойтахт мефиристодамон, ба вазорати амнияти ё додситонӣ таҳвиламон медод. Мо барои ӯ фақат василаи шукуҳу эътибор будем, мисли танку зиреҳпӯшаш ва ситораҳои генералии сари дӯшаш. Азбаски ҳамаи ин кумандонҳои «худрӯй» зиндону зиндонию зиндонбон доранд, Нури Латиф ҳам намехоҳад ба ҳеч рӯй аз онҳо кам бошад, барои ҳамин ин зиндонро ташкил дода ва бо харочоти зиёд, – агарчи аз кисаи худаш нест, соҳибмилкони атроф аз тарс, ё ба хушомад пулу мол меорандаш, – нигоҳ медорад. Албатта, агар наздикони зиндониён хабар ёбанд ва оянду илтимосу илтичо кунанд ва ё миёнҷиеро

бифиристанд, гоҳе маҳбусеро ба ивази дарёфти пул озод мекунад, аммо худаш ё одамонаш ҳеч гоҳ ба ҷустуҷӯйи соҳибони маҳбусон намераванд, то ба баҳси озодиашон пул бигиранд. Яъне, агар чунин гуфтан ҷоиз бошад, Нури Латтиф, бар хилофи кумандонҳои дигар то ҳадде марди идея ҳам ҳаст, агарчи ин идея мавҳум аст ва агар худашро пурсанд, шояд ба дурустӣ шарҳ дода натавонад. Алӣ качал корхонаҳои хишту пахта дорад, маҳбусонашро дар ин корхонаҳо бегор кор мефармояд, Зафар, ки қаблан Зафари хар лақаб дошт ва ҳоло генерал Маҳмадзафар ном мебарандаш, дар марзи ҷануби кишвар пойгоҳ дорад ва ӯ ҳам касонеро, ки мехоҳанд ба кишвари ҳамсоя фирор бикунанд, бозмедораду зиндонӣ мекунад, аммо зиндониёни ӯ лаҳзае бекор нестанд, аз субҳ то шом дар доманаи кӯҳхои атроф шираи камол ҷамъ меоваранд.

Содиқ, ки ба назар мерасид ба фикри худ ғутавар қадам мезанад ва таваҷҷуҳе ба суханони Рашиди Аъзам надорад, сар бардошту сухани ӯро бурид:

– Шираи камол? Чӣ кор мекунанд шираи камолро? Дар тарафҳои мо ҳам камол фаровон меруяд, мо онро кӯмод мегӯем, вале акнун шунидам, ки шираи онро ҷамъ меоваранд.

– Инҳо низ то ба наздикӣ намедонистанд, ду сол қабл ба ҷамъовариаш сар карда будаанд, ба воситаи миёнчиҳо ба Ҳиндустон мефурӯшанд, мегӯянд он ҷо дар санъати дорусозӣ истифодааш мекунанд, баъзе мегӯянд, мехӯрандаш, дар ғизо меомезанд, намедонам, вале он чи машҳур аст, ин аст, ки дар Ҳиндустон талабгорони зиёд до-

рад, бо пули калон мехарандаш. Баъд аз он ки ин воқеаҳо рух дод, мегӯянд, Зафари хар бо баҳонаи марзбонӣ ва мамнуъулвуруд будани минтақаи марзӣ ҳамаи касони машғул ба ин тиҷоратро аз он ҷо берун карда ва ҷамъоварию фурӯши шираи камолро дар инҳисори худ қарор додааст. Мегӯянд, бандиёнро ба дастаҳои сенафара тақсим мекунанд, занҷиреро дар пойи ин се нафар мебанданд, сари занҷирро қуфл мекунанд ва ҳамаро субҳи зуд ба маҳалли кор мебаранд, як нафар сарбоз се дастаро таҳти мурокибат дорад, занҷир барои он аст, ки натавонанд гурезанд, албатта гурехтани се нафари занҷирбанд аз доманакӯҳ, ки шаху ҷар ва дарахту буттаи зиёд дорад, тақрибан ғайримумкин аст. Хулоса, ба бахти мо Нури Латиф содалавҳтарини кумандонҳои худрӯй аст, шояд рост ҳам мегӯяд, ки раҳмдил аст, вагарна маълум нест ҳоламон чӣ мешуд.

Рашиди Аъзам ин суханонро дар ҳоле мегуфт, ки мо дигар шахси озод будем ва ба ихтиёри худ, лаҳза ба лаҳза ва қадам ба қадам аз подгони Нури Латиф дуртар мешудем.

Тақрибан як соат қабл аз он, ба муносибати боздошти ин нуҳ нафар ва низ озод шудани мо ҳама зиндониёнро берун оварданд ва саф оростанд.

Генерал ҳамчунон, ки рӯзи боздошт шуданамон моро таҳқиру тавҳин карда буд, ин «гурезпойҳоро» ҳам, ки дар мукобили сафи мо меистоданд – аммо ин бор дар ҳузури зиндониён, – хеле душному носазо гуфт ва таҳқир кард; чанд бор аз суханони худ ба вачд омада хандид; ва пасон эълом намуд, ки ба муносибати боздошт шудани

нуҳ нафар фирорӣ ва душмани халқ, ки мехостанд ватанашонро дар рӯзҳои мушкил тарк кунанд ва эҳтимол меравад, ки ин фирор ба сабаби чиноятҳоест, ки дар ин марзу буми муқаддас содир кардаанд (ва таъкид кард: «мо ин амрро мӯ ба мӯ таҳқиқ мекунем»), ҳашт нафар аз зиндониёни собиқро афв хоҳад намуд.

Баъд аз ибрози ин суханон, ки ба таври мутантан эълом шуд, хомӯш монд, нигаҳе гузаро ба сафи зиндониён давонид ва ғайриинтизор суол кард:

– Кӣ мехоҳад озод бишавад?

Касе сухане ба забон наёвард, гӯӣ ба суханаш итминон надоштанд, боварашон намешуд ба ин содагӣ аз ин зиндон раҳо шудан мумкин буда бошад ва ё метарсиданд, зери коса нимкосаест, дом афкандааст ва мунтазир аст, кӣ ба дом меуфтад.

Ӯ дубора суол дод:

– Ҳеч кас намехоҳад ба хонааш бозгардад? Обу нони муфт форидатон?!

– Ман, ҷаноби генерал, ман…

Шоир Маҷдӣ буд, ки бо сухан ҳам қаноат накард ва ду қадам аз саф берун омад.

– Боз кӣ?

– Ман… агар иҷозат диҳед… як умр дуои ҷони шумову фарзандонатонро мекунам…. ман аз ҳама пеш омада будам….

Дигар ҳама баробар гап мезад, дуруст ташхис карда намешуд, кӣ чӣ мегӯяд, чанд нафари дигар ҳам ба пайравӣ аз шоир аз саф бурун рафтанд.

– Баргардед ба саф! Марш, назад! Ту ҳам, - Нури Латиф Мачдиро, ки дар канораш истода буд, даст ба тахтапушташ зада, тела дод.

Боз сукути тазйиқовару изтиробангез оғоз шуд, боз Нури Латиф дастони ба ҳам печидааш дар рӯйи сина, бо диққат як-як ба чашмони бандиён нигариста аз оғози саф омадан гирифт, дар муқобили касе беш аз як-ду лаҳза таваққуф накард, то ки ба назди Шайх расид. Чанд сония макс кард, гӯиё дар тардид буд, суду зиёнро месанчид, баъд нимтабассуме гирди лабонаш ҳувайдо шуд.

– Буро, мӯйсафед, зиндагиро ки дӯст медорӣ, бирав зиндагӣ кун бигарду Аълоҳазрату Генералро дуо кун!

– Ту ҳам буро, – ангушт ба синаи Амир гузошт ӯ!

– Ту ҳам.... Ту ҳам ... ту... ту... ту...

Ҳашт нафар будем озодшудагон; ба чуз Шайху Амир, боз шоир Мачдӣ, Содиқ, Рашиди Аъзам, ман ва боз ду нафари дигар, ки номашонро агарчи қаблан ҳамарӯза мешунидам, шояд ба сабаби ин ки боре ҳам ҳамсуҳбат нашуда будем худи ҳамон рӯз, пас аз чанд соат, ки аз ҳам чудо шудем, фаромӯш кардам. Баъд маросими дуои ғайринавбатӣ баргузор шуд, ки зимни он ногаҳон дарёфтам, бар хилофи дафъаҳои қабл, ки танҳо барои фиреби назар даҳон боз мекардам, ин бор баробари дигарон «омин» мегӯям. Хурсандӣ аз муждаи озод шудан он қадар зиёд буд, ки эҳсоси шарми ҳанӯз нимабедорро дубора лолоӣ гуфту бихобонид; метарсидам, агар яке аз афсарон ё сарбозон пай барад, ки ба дуоҳои хай-

ри Ангуштаку Нури Латиф шарик нестам, аз озодии ғайриинтизор маҳрум хоҳам шуд.

Пас аз маросими дуо, ки чун ҳар вақт бо шеърхонии шоир поён ёфт, зиндониёнро ба зиндон бозбурданд ва мо озодшудагонро фармуданд, ҳар чи дорем, аз дохили зиндон бигирему дубора берун оем. Ҷуз либос касе чизе надошт, ҳар ки ҳар чизи андаке боарзиш дошт, дар ҳамон рӯзи аввал «мусодира» карда буданд, ҳатто чалаки Амиру Содиқро. Ва мо пас аз даҳ-дувоздаҳ дақиқа, ки асосан барои «паноҳи Худо» гуфтан бо ҳамзиндониёнамон сарф шуд, дубора саф бастем, то дастуру фармоишҳои Нури Латифро бишнавем. Гуфт, бояд ҳатман ҳамаамон аввал ба пойтахт биравем, то дар вазорати амнийат сабти номамон бикунанд ва ҳамчунин баробари расидан ба шаҳру рустоҳоямон ба идораи ҳукумати маҳалл рафта, сабти ном бишавем ва пас аз он ҳам дар ҳафтае як бор ба ин идораҳо омада, дар дафтари махсус, ки дар ҳама ҳукуматҳои маҳаллӣ боз шудааст, имзо бигузорем, бидуни иҷозаи ин ҳукумати маҳаллӣ, ки бо идораи пулис ҳамоҳанг хоҳад кард, маҳалли зистамонро ҳатто барои як рӯз ҳам тарк накунем, дубора аслан андешаи ба хориҷи кишвар рафтанро ба сар наоварем, ки муҷозоташ пас аз он хеле сахттар хоҳад буд, то парронданҳ... Вай таъкид кард, ҳар куҷо, ки бошед, ҳар қадаматон зери назари ман хоҳад буд, мабод, ки ба хурдтарин сарпечӣ аз ин гуфтаҳо роҳ диҳед, дар он сурат фақат аз худатон гиламанд бошед...

Ва чун лаб фурӯ басту лаҳзае хомӯш истод, – шояд фикр мекард боз чӣ бигӯяд ва магар ҳарфи

ҷолибе дигар ба хотираш нарасид, ки гуфт:

– Равед, озод.... Дигарбора ба чашмам нанамоед. – Ва худ даст афшонду рӯй тофту рафтагор шуд.

Вале суханони шоир, ки омехтаи шодмонӣ, илтичо ва ифтихор буд ва хеле баланд садо дод, аз роҳ боздошташ:

– Хати амон... хати амон бидиҳед, генерали ман!

Генерал бозистод:

– Чӣ?!

– Хати амон, генерали ман! Хати амони шумо мисли тумор аст, аз ҳар балову офат нигаҳбонамон мешавад, ҳар пешомади бадро рафъ мекунад!

Генерал табассум кард, чашмонаш ҳам дурахшиданд. Аз кисаи сари бағал дафтарчаеро берун кашид, афсареро даъват карду дафтарчаро ба ӯ дод, сарбозеро пеш хонд ва амр кард, ки биравад муҳрро биёварад. Афсар як-як ному насаби ҳар кадоми моро пурсида, чанд ҷумла дар варақҳои дафтар навишт. Сарбоз муҳрро биёвард, афсар ба поёни ҳар варақ яке-яке муҳр заду ба генерал дод. Нури Латиф дар ҳар варақ, дар канори нақши муҳр имзо гузошт ва варақаҳоро яке-яке даронида ба мо доданд.

Шоир Мачдӣ бо хурсандии ғайритабиӣ ва шояд то ҳадде сохта, варақро гирифт, бӯйид, бӯсид, ба чашмонаш молид, баъд бо диққат хонд ва канораҳояшро баробар гузошта дукат карду аз ҷайби пироҳанаш дафтарчаи ашъорашро баровард ва хати амонро дохили он гузошт.

Ман низ чашм ба варақаи худ дӯхтам ва хондам:

«Дорандаи ин хат Тоҳири Аслизода, пас аз ба исбот расидани бегуноҳияш бо амри генерал Нури Латиф аз зиндони «Кӯҳдоман» озод шуд. Ин шахс аз имрӯз таҳти ҳимояи генерал Нури Латиф қарор мегирад ва касе бе иҷозат ва мувофиқати генерал Нури Латиф ҳақ надорад ӯро боздошт, кофтуков, пурсуков, муҷозот ва зиндонӣ кунад». Таърихи рӯз, муҳри мудаввар, ки дар васат нишони кишварро дошт ва дар атрофаш бо хати кирилӣ ва лотинӣ «ГЕНЕРАЛ НУРИ ЛАТИФ» навишта шуда буд ва имзои генерал. Аз ҳар сатри ин хатти амон бӯйи худситоиву нахват меомад. Дар панҷ сатр се бор ва ду бор дар муҳр – ҷамъан панҷ бор исми Нури Латифро навишта буданд.

Ман боз худро таҳқиршуда эҳсос кардам: оё ин генерали нодидаи пурнахват моро моли худ, ғуломи худ меҳисобад? Чунонки худаш гуфта буд, зиндаву мурдаи мо дигар дар ихтиёри ӯст?

Мо аз канори роҳи мошингарди пурхок аз доманаи кӯҳ нишеб шудем ва ман дар аввалин хамгашт, чун дигар дар боло касе наменамуд, варақаро аз киса берун овардам, хурд-хурд пора кардам ва ба партгоҳ афкандам. Рашиди Аъзам ва Амир низ «хатти амон»-и худро даронидандуу зери по партофтанд. Шоир, эҳтимол мехост эътироз бикунад, норозӣ ба мо нигарист, вале хомӯширо беҳтар донисту рӯй тофт. Аммо ғайри интизори ман Содиқ ба ғазаб омад.

– Аблаҳ, – дод зад ӯ ба Амир ва баъд рӯй ба ман оварду бидуни он ки лаҳни гуфторашро

тағйир бидиҳад, ҳамон сон тунду дурушт, аммо бо садои пасттар гуфт : – Муаллим, албатта, худат ҳар кор, ки мехоҳӣ кардан бигир, насиҳат карданият нестам, коре ҳам надорам, ки худатро ба об мепартоӣ ё ба оташ мезанӣ, лекин фикри дигаронро ҳам бикун, намебинӣ, ки ин аблаҳи шохношикаста ҳам бе ҳеч фикру мулоҳиза худашро аз паси ту ба обу оташ мепартояд... Дигаронро ҳам фикр кун, охир... Ё гумон дорӣ....

Содиқ иштибоҳашро пай бурд, фаҳмид, ки забонаш аз ҳадди мучоз дорад берун мебарадаш ва лаб фурӯ баст. Ман фаҳмидам чи мехост бигӯяд: «ё гумон дорӣ зиндагии ин бачча, чони ин писарак дигар қарзи туст, бояд то охири умраш вомдори ту бимонад». Яқинан мехост чунин бигӯяд, ё чизе монанд ба ин! Ва ин буд, ки лаб фурӯ басту идомаи ҳарфашро фурӯ бурд.

Ман ҳаргиз намехостам, розӣ набудам, ки касе тасмим ва рафтори онрӯзаи маро инчунин бифаҳмад, чунин андешае аслан дар сари ман набуд. Аммо рӯзи дигар, вақте ки бештари бандиёнро ба берун бурданд, Содиқ ба гӯшаи хилваттари зиндон даъватам кард. Мехост ором суҳбат кунад, аммо худро ба даст гирифтан наметавонист ва қаҳру ғазабаш дар лаҳни гуфтор ва чеҳрааш ошкор мешуд.

«Муаллим, туро ки гуфт, ки қаҳрамонӣ бикунӣ?»

Ман ҳам хунсардиро гум кардам, тунд шудам, ҳарфи дигар мехостам бигӯям, аммо посух додам: «Ҳар кор, ки мекунам, бояд аз ту иҷоза бигирам? Қаҳрамонӣ накардаам, дидам, ки шумо ҳар ду – тую бобояш тарсидед, ба ҷонатон лар-

зидед, нахостам, ки бачаи маъсуми дунёнадидае кушта бишавад». «Тарсидем», «ба ҷонамон ларзидем?» Ту ғайбдон ҳам ҳастӣ, муаллим? Медонӣ, ки аз дили мардум чӣ мегузарад? Ту тавваккул кардан ба Худоро мефаҳмӣ? Ту аз меҳрубонии Офаридгор чӣ медонӣ? Гумон мекунӣ, ин мард ҷуръат мекард, меёрист, ки ӯро бикушад?» «Албатта, чаро не, аз хеч кас, ки сари тарс надорад, дар ин гӯша худаш шоҳу табъаш вазир аст, кӣ метавонист пеши роҳашро бигирад?». «Туро ки накушт?». «Он вақт кӣ медонист, ки намекушад?! Ту медонистӣ?! Худаш ҳам намедонист!» «Яқинан намекушт, ончунон хунхор нест, ки гумон мекунӣ ва на он қадар ҷуръат дорад, ки дар пеши назари ин қадар шоҳид одам бикушад, вале мақсадам ин нест, асли гап ин аст, ки ту моро – Шайхрову маро дар назди Амир беобрӯй кардӣ, эътибори моро паст задӣ, дидӣ, ки бо мо қаҳрӣ шуд, гап задан намехост, ҳама дам гӯшаш ба даҳони туст, ки чӣ мегӯӣ». «Магар ман гунаҳкорам, баръакс ман насиҳаташ кардам, гуфтам, ки бо шумо чунин накунад, эҳтироматонро ба ҷой оварад, мисли пешина бошад». «Албатта, ҳазор раҳмат ба илтифотат, муаллимҷон, акнун оштӣ шуд, аммо на барои он ки хатояшро фаҳмид, на ба он сабаб, ки фаҳмид қаҳру якравиаш аз баччагию аблаҳист, не, албатта, балки фақат барои он ки ту фармудӣ, пираш чунин фармудаш, устодаш чунин хост, ӯ намехоҳад сухани туро шиканад, рӯяш намешавад, аз гапи ту берун барояд, қаҳрамонаш туӣ, пиру муродаш туӣ, мехоҳад мисли ту нотарсу шуҷоъ бошад, моро тарсую беҷуръат медонад».

Ин суҳбат яқинан, ки ба итмом нарасида буд, ҳанӯз идома дошт, ҳоло на ҳама ҳарфи дилҳо гуфта шуда буд, вале ин дам дари зиндон мисли маоси гӯсолаи ятим садо дода, боз шуд ва сарбозе дарун омаду Содиқро ба берун хост, зоҳиран барои кор кардан ва рӯзҳои дигар ҳам фурсати муносибе пеш наёмад, ки суҳбатро давом бидиҳем ва ё Содиқ, эҳтимол, дигар нахост ба ин мавзуъ баргардад.

Акнун шояд баҳонае пайдо карда – даронидани хати амони Нури Латиф – то он суҳбати нотамомро идома бидиҳад. Вале Содиқ ин бор ҳам дигар чизе нагуфт, ман ҳам нагуфтамаш, ки агар ба асли таваккул ба Худо итминон дорад, умед аз меҳрубонии Офаридгор дорад, чаро аз даронидани «хати амон»-и генерали ношуде ба ғазаб меояд. Вай зудтар қадам бардошту пеш рафт. Ва баръакс Мачдӣ, гӯйӣ аз Содиқ илҳом гирифт, ки худро канор кашиду бозистод, мунтазир шуд, ки ман баробар оям ва аз паҳлӯям қадам заду шояд барои он ки Рашиди Аъзам ҳам, ки қадаме пештар аз мо мерафт, бишнавад, бо садои баланд гуфт:

– Беҳуда дарондед коғази генералро, ҳоло то ба шаҳр расидан, кӣ медонад, чанд бор пеши роҳамонро мегиранд, чӣ қадар пурсучӯ мекунанд, ба чон мерасонанд. Мо албатта, амонхатти Нури Латифро нишон медиҳем, вале шумо се нафар чӣ кор мекунед? Намегӯянд, чаро генерал ба инҳо коғаз додаву ба шумо не? Яъне шумо мавриди эътимод нестед? Ё аз чойи дигар меоеду дар роҳ ба инҳо ҳамроҳ шудед? Дар ҳар ду ҳол ҳам бозмедоранду азиятатон мекунанд.

Пас аз лаҳзае сукут дар интизори посух, чун дид чизе нагуфтем, боз афзуд:

– Гумон мекунед ман хушомадгӯям, ҳар касу нокасро мадҳу тавсиф мекунам! Не, ман равоншиносам, ман ба як нигоҳ мефаҳмам, ки ин одам чӣ мехоҳад, – гумон накунед, ки худамро таъриф мекунам, – аз ҳарф заданаш, ишораву ҳаракаташ, аз нигоҳу тарзи роҳ рафтанаш майли дилашро пай мебарам, эҳсос мекунам чӣ мехоҳад. Ман зуд фаҳмидам, ки Нури Латиф аз таъриф хушаш меояд, ман ки истеъдоду ҳунар дорам, чаро аз он истифода накунам? Хари лӯлиро об тею пулаша гир, гуфтаанд. Нури Латиф, ки генерал аст! Баъд, рости гап, худнамоӣ намекунам, шеърҳои ман фақат барои худам не, барои ҳамаи шумо ҳам манфиат дошт, ҳам шеърҳои ман, ҳам дуоҳои мулло Салоҳиддин. Мо генералро хушҳолу хушдил мекардем, ӯ ҳам ба зиндониён сахт намегирифт, ба ғайри мавридҳои истисноӣ, ки маҷбур мешуд, сабраш ба сар меомад, касеро шаллоқ намезад.

Мо боз ҳарфе нагуфтем, бо баҳс намешуд назари шоирро тағйир дод. Ҳамчунин намехостем, тавҷеҳи рафторашро аз ӯ бигирем; ҳар кас бо чизе дили худро шод мекунад. Ва Маҷдӣ, ки донист мо ҳарфе гуфтанӣ нестем, боз лаб боз кард:

– Рости гап, Нури Латиф ба таърифу тавсиф арзанда ҳам ҳаст. Дар чунин замона ба дасти ягон нафари дигараш меафтодем, кӣ медонад чӣ мешуд, на ба ин осонӣ аз дасташ халос мешудем, на амонхаттамон медод.

Ва ин дам буд, ки Рашиди Аъзам ба суҳбат ҳамроҳ шуд ва ғайриинтизор назари Мачдиро таъйид кард.

15

Якин, ки Манижа дигар намеояд, нури офтоб то як метр фосила аз тирезаи маро тасаллут карда ва лаҳза ба лаҳза пештар мехазаду сояро мебалъад, ҳоло соат ба тахмини ман байни 10. 15 то 10. 40 дақиқа аст. Чӣ бояд кард? Ман бояд тасмим бигирам: биравам ё сабр кунам? Борҳо дар ин боб андешидаам ва медонам беҳтарин фурсат барои бурун рафтан аз ин байғӯла пагоҳ ҳангоми ба кор рафтани мардум ва ё бегоҳ вақти аз корхонаву муассисаҳо берун омадани онҳост. Вале, агар Манижаро боздошт карда бошанду паноҳгоҳи маро намуда бошадашон? Ин андеша маро оҷилан сари по кард. Чаро то кунун ин фикр ба сарам наёмад? Бо таъҷили мумкин хиштҳоро ба зери равзанаи канори таҳхона кашонидам, чаҳор хиштро канори ҳам гузоштам ва болои ҳам чаҳор рада чидам. Қуфлро боз кардам, вале аз занҷир бознагирифтам; агар оянд, ман даҳ-понздаҳ дақиқа дар ихтиёр хоҳам дошт ва ба осонӣ занҷирро боз мекунам... агар наоянд ва агар Манижа низ наояд, бегоҳ хоҳам рафт.... Чун агар имрӯз наёяд, рӯзҳои дигар низ баъид аст, ки тавонад биёяд... Ман ба назди тирезаам бармегардам. Беихтиёр, чун одат ба берун менигарам. Ягон-ягон роҳгузарон аз паси шиша убур мекунанд: ду нафар баччаҳои панҷ-шашсола яке

паси дигар давида мегузаранд, масте калавида-калавида бо тундӣ рад мешавад, зеро рост наметавонад биравад, қадаме ба чап мегузораду ба девор бармехурад, бо зарби бархӯрд қадами дигар ба самти рост меравад, боз меистад, мувозинатро барқарор мекунад, ду қадам мегузораду аз маърази дид ниҳон мешавад, вале пас аз лаҳзае боз намудор мешавад, ду қадам ба пушт меояд, боз кач-кач калавида ба пеш меравад ва ниҳоят меравад, дигар барнамегардад, шояд касе – ҳамқадаҳе, шиносе ё раҳгузаре пайдо мешавад, ки ёриаш медиҳаду мебарад, зане миёнсол борхалтаи полиэтиленӣ дар даст мегузарад, як-ду-се-чор, чор бор пой мебардораду пой мемонад ва ғоиб мешавад, оҳиста қадам мемонад, шояд бори дасташ сангинӣ мекунад... Ё вазъ хеле беҳтар шуда... Қаблан бештари равандагони паси тирезаи ман шитоб мекарданд; тарс бар қалбашон мусаллат шуда ва эшонро водор мекард, ҳарчи зудтар роҳ биравонд, онҳо аз як метр дуртарро намедиданд, пайваста чашм пеши пой доштанд, намеёристанд ба атроф нигаранд, аз чашм ба чашм шудан бо чашмони бегона, ки эҳтимол рақибест, ҳарос доштанд, андешаву фикрашон низ ҳамин ҷо, баста ба ҳамин лаҳза буд – зеро одами тарсу ҳамеша қалбу ақлаш ҳам занҷирбанд аст, зиндагии тарсу фақат иборат аз ҳол аст, гузаштаву оянда надорад – тарс замону маконро маҳдуду танг мекунад тарс ин раҳгузаронро маҷбур мекард, чун оҳу аз гург бигурезанд ва худро ҳарчи зудтар дар миёни чаҳор девори хонаи худ бигиранд, дарашонро қуфл бикунанд, пардаҳои тирезаро бикашанд, дам ба дарун би-

нишинанд ва садои телевизору радиояшонро ҳам ончунон пасти паст бикунанд, ки худ бо душворӣ бишнаванд, то Худо накарда, ба берун хорич бишавад ва аз вучуди одами зиндае андаруни хона гувоҳӣ бидиҳад.

Ҳоло, эҳтимол, вазъ беҳтар шуда, эҳтимол, ҳоло дар кӯча намекушанд, шояд, ҳоло дар хиёбон пеши роҳи мазнунонро намегиранд, мадрак намепурсанд, барои бозпурсӣ намебаранд! Ва ин ки дар кӯча маст пайдо шуда, низ то ҳадде далел бар ин амр аст, масти афтону хезон, масти калаванда дар кӯю хиёбон то ҷойе навиди оромию амнийт аст. Шаҳре, ки аз сӯйе бонги азон ба гӯш бирасад ва аз каноре ҳайу ҳӯйи мастон то ҳадде бархурдор аз озодии рафтору ақида ва осоиш аст. Албатта, ҳамин тавр ҳам ҳаст, аз суханони Манижа медонам, ки ҳоло вазъ хеле мутафовит аз авзоъи ду, яку ним, як сол ва ҳатто ним соли пешин аст. Гуфторҳои родиёҳои хоричӣ низ чун қабл воҳимаангез нест, лаҳни гӯяндагонашон ҳам тағйир ёфта, оромтар шудааст. Аммо ҳамчунин аз гуфтаҳои Манижа ва гуфтори родиёҳо натича мегирам, ки беш аз он ки вазъ тағйир ёфта бошад, мардум ба вазъи мавҷуд одат кардаанд. Ғорат, дуздӣ, чаповул, ҳатто куштор ба назарашон амре маъмулию одӣ шудааст; диктатураи фиску фуҷур марзи номусу нангро шикастааст, ҳадди тафовутҳову тафриқаҳо тақрибан аз байн рафтааст, ҳаром маҳдудаи бузурге аз кишвари ҳалолро тасарруф ва аз худ кардааст. Қаблан Манижа аз дидаву шунидаҳояш дар кӯчаву бозор хеле бо эҳтирос, бо нафрату ваҳшат ҳарф мезад, садояш меларзид, ашк мерехт ва чун

ман бо ҳарфҳое, ки худам ҳам боварашон надоштам, талош мекардам таскинаш бидиҳам ва худам низ таскин биёбам, каме ба худ меомад, бо нӯги ангушт ва ё гӯшаи рӯймол осемасар ашкашро пок мекард; эҳтимолан, на барои он ки ҳарфҳои маро ба сидқ мепазируфт, балки фаҳм мекард, ки ихтиёр аз даст додааст, иштибоҳ кардааст ва набояд ин ҳарфҳоро ба ман мегуфт, набояд боиси изтиробу нигаронии бештари ман мегардид ва хеле ноӯҳдабароёна – узри бадтар аз гуноҳ – саъйу талош мекард, ки акнун худаш маро таскин бидиҳад, гуфтаҳои хешро инкор мекард, шунидаҳояшро комилан рад мекард, ба дидаи худ ба чашми шубҳа менигарист: албатта, дурӯғ аст, накуштаандаш, мошине иттифоқан дар роҳ зада аст, шояд аслан тир нахӯрда бошад, эҳтимол ногаҳон сактаи қалб шуда уфтода бошаду ман гумон кардам, ки куштаанд ва аз ин насақ. Аммо баъдан инчунин воқеотро агар нақл ҳам мекард, дар зимни суханони дигар, дар омади гап ва комилан бо садои орому бепарво ҳикоят мекард, аз куштани марде дар назди фурӯшгоҳ чунон ҳарф мезад, ки гӯйӣ аз забҳи гӯсфанди қурбонӣ мегуфт. Ва намефаҳмид, тасаввур ҳам намекард, ки ман аз ин лаҳни бепарвоёнаву оромаш бештар мушаввашу парешонҳол мешавам, ман аз одат кардани мардум ба куштори ҳамарӯза, аз бепарвоии онон дар муқобили ҷабру истибдод бештар меҳаросам, аз омӯхта шудани мардум ба зулму ситам сахт метарсам. Яқин медонам, қавме ки ба азият кашидан хӯ мекунад, бори ҷабру зулмро таҳаммул мекунад, наметавонад роҳе ба зиндагии одилонаву рифоҳ боз ку-

над, мисли бемори силе аст, ки ҳеч саъю талоше барои дармони маризияш намекунад ва то мурдан азият мекашад, то мурдан мурда-мурда зиндагӣ мекунад.

Аммо ман бояд барои рафтан омода бишавам... Пӯзханд ба худ мезанам.... Омодагӣ барои рафтан чист?! Ман чизе бо худ намегирам, - лиҳофу тушак ва табақу косаро, агар фарсудаву сиррафта ҳам набуданд, ба кучо хоҳам бурд?! Бо ин ҳама китоб аз равзана худро боло кашидан, аз тиреза худро ба хиёбон афкандан имкон надорад. Вале шояд фақат яке аз китобҳоро бигирам, якешро ба даст гирам, то ба нафаре, ки тоза аз донишгоҳ... китобхона... фурӯшгоҳи китоб ... ба хона меравад, монанд бошам... Танҳо коре ки барои рафтан бояд анҷом бидиҳам, иваз кардани либосам аст, ки онро ҳам дар интизори омадани Манижа бадал кардам... тамом, ҳамаи омодагӣ ин аст! Ба берун гӯш фаро медиҳам. Аз паси дари оҳанин ҳеч садое намеояд.

16

Эҳсос бар ақл ғолиб омад; ақл мегуфт, Нури Латиф ба ҳеч вачҳ моро бозпас намегардонад, на имкони нигоҳ доштани моро дар зиндонаш дорад ва на мехоҳад ба бадқавлию ноустуворӣ бадном шавад, ва агар, билфарз, ба сабабе аз озод кардани мо пушаймон шавад, ҳар лаҳза метавонад зиреҳпӯше ва ё мошинеро бо ду сарбози туфанг ба даст бифиристад ва моро бозпас баргардонад, дар ин сурат як ё ду километр дуртар рафтани мо аҳаммияте нахоҳад дошт. Аммо тас-

мим гирифтем, – аз бало ҳазар, – беҳтар аст ҳарчи зудтар аз назарраси ӯву афсарону сарбозонаш ниҳон шавем. Ба ин сабаб буд, ки пас аз баромадан ба ҷодда мунтазири омадани мошине нанишастем ва пиёда роҳ пеш гирифтем. Ва пас аз ним соат роҳ паймудан, фаҳмидем, ки тасмими дуруст гирифтаем. Дар ин муддат, ки шояд бештар аз се километр роҳ паймудем, танҳо як худрав аз самти муқобил ба дид омад, наздик шуд, аммо ақаллан суръат суст накард ва аз канорамон гузашту пас аз дақиқае дар хамгашт ниҳон шуд. Ин ҷодда фақат чанд деҳи хурди минтақаи марзиро ба шоҳроҳ мепайваст ва чун ошӯби замона зиндагиро баҳам зада, ҳама гуна иртиботҳоро ба ҳадди нихоӣ коҳиш дода буд ва ҳар оила, ҳар деҳ ва ҳар ноҳия танҳо барои худ зиндагӣ мекард, танҳо дар ғами рӯзгори худ буд, бадеҳист, ки ба пайдо шудани мошине, ки моро ҳадди ақалл ба чанд километр ҳам бошад, дуртар барад, чандон умеди зиёд надоштем. Ва агарчи, аз назарраси Нури Латиф хеле дур шуда будем, сиголиш кардем, ки дар интизори мошин нанишинем ва роҳамонро ҳамин тавр пиёда давом додан гирем, агар худраве пайдо шуд ва агар ронандааш савобчӯест, чӣ хуб, вале агар мошине пайдо нашуд, пас аз ҳафдаҳ-ҳаждаҳ километр ба шоҳроҳ мерасем ва он ҷо, албатта, мошинҳои раҳгузар зиёд пайдо мешаванд. Аммо ба зудӣ ҷодда сар ба лабобаи рӯдак ниҳод ва мо, ки ҳама вучудамон пазмони об буд, бадеҳист, ки таваққуф кардем ва беш аз ним соат дар ин ҷо мондем. Оби рӯдак софу сард ва ширин буд. Шайх таъкид кард, оби зиёд нанӯшем, чи баъдан дар ҳавои

гарм роҳ рафтанамон душвортар мешавад. Худи ӯ, Содиқ, Амир ва он ду марди «беном» яке-яке ба паси харсангу буттаҳои канори соҳил панаҳ бурданд, то вузӯ бигиранду таҳорат кунанд ва баъдан Шайх пешнамоз шуду намоз гузоштанд. Ману Рашиди Аъзам ва Мачдӣ низ санги бузургтареро интихоб кардем ва либосҳоро бадар овардему чанги сабуки роҳ ва карки чиркҳои зиндонро шустем. Баъд аз итмоми намоз ва обтании мо боз ба роҳ баромадем. Пас аз тақрибан ним соат, ки ба тахмини ман, ду километри дигар раҳ сипардем (бо вучуди фаро расидани оғози тирамоҳ, ҳаво ҳанӯз гарм буд ва монда ҳам шуда будем) паси ҳам, бо фосилаи се-чаҳор дақиқа ду мошини боркаш аз паси сарамон омад. Якеш бидуни он ки ҳатто суръаташро паст бикунад, ҳеч эътиное ба даст бардоштанҳо ва сару садоҳои мо надода, аз канорамон гузашту рафт, лекин мошини дувум, ки бандҳои алафро болояш мисли каппа чидаву баста буданд, пас аз он ки чил-панчоҳ метр аз канорамон гузашт, ғайриинтизор бозистод. Ронанда сар аз даричаи ҳучра бурун овард: «То Шеробод». Имкони интихоб набуд. Бояст бо дода қаноат ва ба пешомада шукр мекардем. Ду нафар – ҳамон ду нафаре, ки ҳоло номашон фаромӯшам шуда, – ба сӯйи мошин давиданд ва то мо машвара кардему тасмим гирифтем, ки беҳтар аст Шайху Амирро – пиртарину чавонтаринамонро гусел кунем, он ду – ба қавли Мачдӣ, «мардони номард» ба паҳлӯйи ронанда нишастанд ва худоҳофизиро насия гузоштанду мошин рафт. Мо бозмондагон боз ба роҳ афтодем. Ғайри ихтиёру хоҳиши худ ба ду

гурӯҳ тақсим шуда будем. Рашиди Аъзам, ман ва Амир ва тахминан сӣ-чиҳил қадам ақибтар аз мо Шайху Содиқ ва Мачдӣ. Пас аз чанде Амирро гуфтам, ҳамроҳи бобояш бошад ва ӯ ишораи маро фаҳмиду қадам суст кард. Суҳбатамон бо Рашиди Аъзам аз шиносони муштаракамон буд, тақрибан ҳар киро ман ном мебурдам, ӯ мешинохт ва ҳар исме, ки ӯ ба забон меовард, барои ман ҳам шиносу ошно буд. Гуфтам: «Ачиб, ки мо ҳарду дар як шаҳр зиндагиву кор мекардем, дар як доира мечархидем, вале то ин зиндон ҳамдигаррро намешинохтем, албатта, ман чандин навиштаатонро хондаам, вале худатонро бори аввал дар ин ҷо дидам». Рашиди Аъзам хандид: «Чун мо дар нуқтаҳои мухталифи ин доира қарор доштем ва пайваста ҳамроҳи доира мечархидем, наметавонистем ба дидори ҳам бирасем».

Имрӯз барои ҳамаи мо анҷоми як марҳала ва оғози марҳалаи ҷадиди зиндагӣ буд, ба ҳар сурат, табиист, ки рӯзи озодӣ барои ҳар зиндонӣ оғози марҳалаи нав ба назар мерасад. Аммо суҳбати мо ду нафар дар мавриди оянда торику мачҳул буд; худ дақиқ намедонистем, ки пас аз расидан ба пойтахт, баъди бозгашт ба хонаҳоямон чӣ кор хоҳем кард? Оё аслан ба коре машғул хоҳем шуд? Оё аз ин зиндон раҳо ёфта, ба зиндони дигар намеафтем? Вазъи Рашиди Аъзам беҳтар аз ҳоли ман буд. Ӯ, бар хилофи ман, ки баъид ба назар мерасид, нафаре хатар бикунаду ба коре истихдомам намояд, рақиби сиёсӣ маҳсуб намешуд, метавонист ба Донишгоҳ баргардад ва ё дар муассисаи дигари илмӣ ё таълимӣ ба фаъо-

лият пардозад. Вале ӯ майли кор кардан ва ҳатто дар ин кишвар мондан надошт. Гуфт:

– Вақте ки дониш барои касе лозим нест, ба кӣ дарс мегӯӣ? Ман дар дарсхона дар рӯ ба рӯйи донишҷӯён, ки дипломи донишгоҳ барояшон танҳо василаи боло рафтан аз нардбони мансаб аст, василаи эътибор аст, мисли соати гаронқимати дасти бархе аз навкисаҳояшон, ки ҳар замон бо баҳонае остин боло карда ба намоиш мегузоранд, худро бедаступо ва одами нолозим эҳсос мекунам ва дар ҷое ки худро нолозиму зиёдатӣ эҳсос мекунам, наметавонам зиндагӣ бикунам, намехоҳам зиндагиям пучу беҳадаф бошад.

– Албатта, мардум муқассир нестанд, саҳеҳтар бигӯям, мардум ҳам гуноҳ доранд, вале бештар тақсири замон аст, ки арзишҳоро тағйир медиҳад, ҳатто тамоюл ба касби донишро, ки бояд арзиши собит ва бетағйир бошад.

Рашиди Аъзам бо каме иловаю тасҳеҳ ба андешаи ман мувофиқ шуд ва низ ҳарду ҳамназар будем, ки то замоне, ки Ангуштак дар раъси қудрат аст, ин вазъ тағйир намеёбад, балки амиқтар ва бадтар мешавад. Ва ман хулосаамро дар ин боб иброз кардам:

– Яъне, ин вазъ, ба бадбахтии мо, то замоне идома хоҳад ёфт, ки вуҷуди Ангуштак дигар барои хоҷагони хоричиаш нолозим мешавад, ва ӯро барканор мекунанд, то нафари дигареро, ки дар ҳамон марҳала ба дардашон бештар мехурад, ба курсии раёсат бинишонанд. Мардуми мо худ ҳеч гоҳ ҷуръат намекунанд, бо ибтикори хеш алайҳи зулму бедод бархезанд, тарс он қадар ба

хунашон омехтааст, ки ёрои сар боло кардан надоранд.

Аммо Рашиди Аъзам ғайриинтизор хеле шадид эътироз кард, эҳсос мешуд, хеле кӯшиш мекунад, ки садояш баланд нашавад:

– Гуфта будам, ки тарс нест, ба ҳеч вачҳ чизи асосӣ тарс нест! Нерумандтар аз тарс ҳам чизе ҳаст…

– Пас чист он? Ғайр аз тарс дигар чӣ чиз аст, ки мардумро ин қадар дар муқобили ҷабру зулм, таҳқиру қабоҳат бедасту по мекунад?!

– Итминони ифротӣ ба қазову қадар аст! Итминони ифротӣ, ки ман неруи онро баробар бо имон медонам, аслан барои мардуми мо итминон ба қазову қадар ҷузъи асосии имон аст, ин андеша тамоми зиндагии мо мардумро ба як масири рост, дурустараш ба як пайраҳае, ворид кардааст, ки аз миёни шахи баланд дар боло ва партгоҳи амиқ дар поён мегузарад ва раҳравони ин пайраҳа ҳатто имкони қадаме ба чапу рост гузоштан надоранд, имкони амали озод надоранд.

– Аммо магар ҳамин итминони амиқ ба қазову қадар набуд, ки биёбоннишинони арабро бар мардуми мутаммадини Эрону Миср мусаллат кард?! Магар ин арабҳои мутаҳоҷим мутмаин набуданд, ки пирӯзии онҳоро аз қабл Худо муқаррар кардааст ва Худо бо онҳо ёр аст.

– Бале, ин тавр ҳам буд. Аммо дар амри пирӯзии арабҳои мусалмон подошро ҳам набояд фаромӯш кунем. Сабаби пирӯзии арабҳоро фақат итминон ба қазо донистан чандон дуруст ҳам нест. Ғазоро, моҳияти ғазоро фаромӯш наме-

кунем. Ғазо барои қабоили араб аслан чизи наве набуд; онҳо қаблан ҳам байни ҳам меҷангиданд ва ғолибон тамоми сарват, ҳатто писарону духтарони маглубонро тасарруф мекарданд ва танҳо тафовут дар миёни арабони давраи ҷоҳилия бо арабҳои мусалмон ин аст, ки қаблан онро ғазо ном намебурданд, ҳамла буд, таҷовуз буд, мусаллат шудан ба ҷону моли мардум буд.... Ғазо заминаи густардатари идеолужӣ барои арабҳои мусалмоншуда фароҳам овард; арабҳои мусалмон акнун ҳам ғаниматҳои бештар ба даст меоварданд ва ҳам дар роҳи Аллоҳ, барои истиқрори ҳукумати Аллоҳ меҷангиданд ва дар ин дунё барои худ дар охират муҷаввиз мехариданд, ки гӯшае аз биҳиштро барояшон тазмин мекард; ғазо акнун ба онҳо имкон медод ҳам аз ин дунё баҳра баранд ва ҳам аз он дунё. Яъне дар пирӯзии арабҳо иштиёқи касби сарватҳои инҷаҳонию онҷаҳонӣ низ хеле муассир буд. Ва, албатта, онҳо сахт бовар доштанд, ки Худо пирӯзиашонро аз қабл, дар рӯзи азал таъйин кардааст, тақдири азалӣ чунин аст. Ва ин воқеъияти таърихӣ ҳам далели дигар бар неруи азими ин мақула аст. Маҳсули фикри аҳли башар – назария ё андешаи фарогирро низ ба мисли офаридаҳои табиат ё чизҳои сохтаи башар бо ду ҳадаф истифода кардан мумкин аст, ҳам барои ободию сохтан ва ҳам барои харобию сӯхтан. Масалан, чунонки кордро.... Андешаи қазову қадар низ метавонад барои пешрафт мусоидат бикунад ва ё барои вомондагӣ ва ҳатто маҳв шудан... Наҳваи таъсири ин андеша ба мағзҳову қалбҳо муҳимтар аст, то худи ин андеша.

– Яъне, қазову қадар аст, ки ақибмондагии мардуми моро боис шудааст!?

– Бале. Аммо манзури ман на худи қазову қадар аст, ки баҳсаш ҷудост ва бепоён, балки истифодаи ноҷо ва нодуруст аз ин андеша ва ё тасаввури нодуруст аз он мебошад... Гузаштагони мо, ба сабаби он ки бештари рӯйдодҳои таърих дар ҳазору сесад соли охир ба муродашон набудааст, азбаски дар баробари неруҳои ачнабӣ шикаст мехӯрданд ва ё тавону мадори муқобалаву мухолифат бо онҳоро надоштанд, аз ин андеша, ки ҳама чиз, ҳар қадам, ҳар нафас дар рӯзи азал муайян шудааст, ҳар воқеа, ки рух медиҳад, бо хости Худо мешавад, барои тавҷеҳи ин шикастҳо, ҷабру зулмҳо истифода мекарданд, яъне пайваста ба қазову қадар истинод менамуданд, то заъфу бечорагии худро пинҳон кунанд, эҳсоси шармро аз худ салб намоянд. Ва баъдан чун муқобала бо хости Худоро гуноҳ ҳам мешуморанд, дигар фалсафаи сабру таҳаммулу тамкинро эҷод мекунанд ва беамалиро дар умури иҷтимоъ роҳи зиндагӣ интихоб менамоянд. Шумо боре ба зарбулмасалҳои мардуми мо таваҷҷуҳ кардаед? Санги вазнинро об намебарад, Гардани хамро шамшер намебурад, Даҳани баста – сад тилло, Сабр кунӣ, аз ғӯра ҳалво мепазад. Бале мепазад, мепазад дар ниҳоят, вале инашро намегӯянд, ки ғӯра бо заҳмат ҳалво мешавад, агар даст болои даст бигзориву бинишинӣ, ҳеч ҳалвое намепазад. Мардуми мо барои касби зиндагии хубтару беҳтар – манзурам рӯзгори шахсӣ нест, балки зиндагии иҷтимоӣ аст, – худ ҳеч коре намекунанд, талоше ба харҷ намедиҳанд, гарчанд интизоранд,

ҳамеша дар интизорӣ ба сар мебаранд, ки рӯзе Худованд, ё неруҳое, ки низ василаи таҳаққуқи хости Худо пиндошта мешаванд, зиндагии некро насибашон хоҳад кард, агар имрӯз не, фардо, фардо набошад, пасфардо осиёи зиндагӣ ба коми онҳо ҳам хоҳад гашт.

Рашиди Аъзам лаб басту бозистод. Дидам ба осмон менигарад. Дар канори осмон уқобе падид омада, чун сафинае кӯчак мавзун дар баҳри кабуди фазо шино мекард, лаҳзае муаллақ биистод ва бозгашту ҳамчунин дар паси кӯҳ нопадид шуд. Мо ҳар ду боз муддате хомӯш истодем ва танҳо пас аз он ки дубора ба роҳ афтодем, ман гуфтам:

– Пас чунин андешаи қазову қадар барои мардуми мо бадтар аз тарс аст!...

– Аммо на ҳамеша.... Дар мавридҳое, ки мардум неруи муқобалату муқовамат дар баробари душмани қаҳҳору ҷабборро надоштанд, муқобилати бештар баробар бо кушта шудани саросарӣ буд, ин андеша, ин фалсафаи «қазову қадар» ва «хости Худо» гузаштагони моро аз маҳв шудан начот бахшид... Интизории фаро расидани рӯзгори хушу босаъодат, умед ба оянданаи нек онҳоро аз чоҳҳои яъсу навмедӣ ва ғорҳои торики залолат бармекашид, аз вартаи ҳалокат берун меовард. Вале, агарчи баъдан вазъи мусоид ҳам фаро расид, вақти амал кардан омад, бадбахтона, онҳо дигар талош кардан, саъйу кӯшиш ба харҷ додан барои расидан ба мақсадро низ фаромӯш карда буданд, иродаро ба куллӣ аз даст доданд, ҳанӯз интизоранд, сабру таҳаммулро шиори зиндагӣ медонанд. Қиссаи Айюб

тимсоли рӯзгори мардуми мост. Лекин Худо биҳиштро барои охират, дар он дунё ваъда кардааст. Мардуми олам дар ин дунё ҳарчи ёфтанд, бо талош, бо саъю талошҳои ақлонӣ ва ҷисмонии худ ёфтанд. Худо дар ин дунё, – ва шояд дар он дунё низ, – бо мардумест, ки барои зиндагӣ талош мекунанд, Худо ба мардуме тавфиқ медиҳад, ки дар сохтани иморати зиндагиаш ба Ӯ дастёрӣ мекунад. Мардуми мо бояд бо талошҳо, бо истифода аз хирад худро нерумaнд кунад ва итминон дошта бошад, ки ин неру аз Худост, Худо ин неруро ба ӯ додааст.

– Рост, рост гуфтӣ, гарчанд ман тарсро низ дар канори итминони таҳрифшуда ба қазову қадар омили бадбахтиҳои мардумамон медонам. Вале натиҷа барои имрӯз чист? Боз мерасем ба ҳамон натиҷае, ки ман ҳосил кардам: бояд интизор буд, ки хоҷагонаш Ангуштакро аз сари мо дур бикунанд. То ӯ ҳаст ҳеч ҳарфе дар мавриди пешрафту рушд наметавонад бошад.

– Бадбахт халқест, ки рӯшанфикраш умеди озодӣ аз бегонагон дорад!

– Мутобиқи зиндагишинохтии мардуми мо, ки худат ҳоло шарҳ додӣ, ҳарчи ки мешавад, бо хости Худост, пас хоҷагони хориҷии Ангуштак ҳам «василаи таҳаққуқи хости Худоянд», ки шарри ӯро аз сари мо рафъ мекунанд. Аз ҷониби дигар, аз дасти мо чӣ меояд, аз дасти рӯшанфикр чӣ меояд, худат гуфтӣ, ки донишҷӯён ҳавсалаи дониш омӯхтан надоранд, агар донишҷӯ дар пайи касби дониш нест, аз мардуми авом чӣ ҷойи гила, сухан гуфтан ба мардуми дур аз маърифат ҳам мисли дона афкандан ба шӯразамин аст,

рӯшанфикр дар муқобили мулло, ки талқин мекунад, ҳама кор аз Худост, аз дасти бандагонаш чизе намеояд, коре карда наметавонад. Мулло, ҳатто муллои бесаводтарин, ки дар тӯли умраш як китоб нахонда ва чанд сураи Қуръонро бо ғалату иштибоҳи зиёд тӯтивор аз ёд кардааст, ба намояндагӣ аз се неруи бузурги фавқуттабиӣ ҳарф мезанад: Худо, Пайғамбар ва Қуръон, ва гарчанд дар басо маврид тафсираш аз Қуръон содалавҳона аст, кардаи Пайғамбарро дар қарни ҳафтум бечунучаро, айнан марҷаъ барои имрӯз, барои қарни бистум медонад, ва фаҳмиши ақли қасири худ аз Зиндагиро хости Худо мехонад, мардум ба ӯ бовар мекунанд, на ба рӯшанфикр. Мулло асрҳои тӯлонӣ эшонро аз ғазаби Худо метарсонад, аз оташи ҷаҳаннам ба ҳарос меоварад. Муллоҳои мо дониста ё надониста дар тӯли таърих, ҳаройина пас аз истилои муғул, бар суди ҷабборону золимон таблиғ мекарданд, зеро мардумро ба сабру таҳаммул дар баробари зӯриву таъарруз ва чаповулу таҷовуз даъват менамуданд ва дар баробари ин, хонҳои тангчашм ва тангназари муғули худобехабарро сояи Худо дар рӯйи замин муъаррафӣ менамуданд. Дасту пойи мардумро мебастанд ва ба эшон ба ивази азиятҳои ин дунё ваъдаи роҳату кайфу сафо дар он дунёро медоданд. Муллоҳои мо исломро ба дини таслими бечорагон дар баробари зӯрон, ба дини ғуломону бардагон, ба дини мурдагон табдил доданд, зиндагиро бо ислом ва исломро бо зиндагӣ мухолиф карданд. Ин аст, ки мардуми мо Худоро дӯст намедоранд, балки аз Худо метарсанд. Мусалмонии мардуми мо на бар асоси муҳаббат,

балки аз тарсу бим аст. Ва боз бармегардем ба тарс, ки дар тӯли таърих неруи асосии зиндагонии мардум шудааст.

– Агар мардум ба ҳарфи равшанфикрон эътино намекунанд, боз ҳам гунох ва заъфи худи равшанфикрон аст... Ва албатта, на ҳамаи муллоҳо чунин буданду чунин ҳастанд, ки фармудед. Дигар, бояд биандешем, ки чаро чунин шуда, чаро муллоҳо ба таблиғи сабру таҳаммул пардохтаанд. Сабру таҳаммул бидуни умед имкон надорад, ҳарфи беҳуда аст, шояд муллоҳои мо ба ин васила шамъи умедро дар дили мардум рӯшан нигоҳ медоштанд. Ин нукта таҳқиқи амиқтар мехоҳад... Вале возеҳ аст, ки ҷомиъаи мо як мушкили бузургу умда дорад: мо аз адами ду гурӯҳи неруманди ичтимоӣ ранҷ мекашем: на қишри муллои рӯшангар дорем ва на қишри рӯшанфикри аз улуми исломӣ бохабар. Албатта, манзурам ин нест, ки бояд равшанфикр мулло бошад ва мулло зиёӣ. Аммо барои рушди як ҷомиъа, ба хусус як ҷомиъаи суннатӣ вуҷуди муллои огоҳ аз ҷаҳони имрӯз ва рӯшанфикри мусаллаҳ бо донишҳои исломӣ шарти зарурист. Муллои рӯшанфикр мебояд, ки ояҳои Қуръонро дархури дардҳои имрӯз, бо таваҷҷуҳ ба инқилоби илмию фаннӣ ва ба хотири мусоидат ба пешрафт шарҳу тафсир карда тавонад ва рӯшангари мутадайин мебояд, ки бо иттико ба Қуръону аҳодис, аз сӯйе тафсирҳои асримиёнагии муллоҳоро аз Каломи Худову рафтору гуфтори пайғамбар бо нигоҳи интиқодӣ бознигарӣ кунад, аз сӯйи дигар, заминаи озодии андешаро фароҳам созад. Афсӯс, ки

мо на инро дорем на онро. Мо бояд комилан мардуми ҷадид бисозем, одамони нав бисозем.

– Пас насли мо бояд маҳв шавад.

– Мо бояд бисёр андешаҳои куҳнаву пӯсидаро аз зарфи мағзамон берун резем, андешаҳои тозаву созандаро асоси фалсафаи зиндагиамон кунем ва соҳиби зиндагии худ бошем.

– Оламе дигар бибояд сохт в-аз нав одаме[7]?

– Бале.

Каме хомӯш роҳ паймудем; ва чун бар асари роҳпаймоӣ ва бештар аз он, ба иллати гуруснагӣ хаставу бемадор шуда будем, интизори расидани ҳамроҳонамон бозистодем ва вақте ки онҳо дарасиданд, ҳамон ҷо, канори роҳ, дар сояи санге нишастем. Мо ҳудуди соати 11, қабл аз замони хӯроки чоштгоҳ ба роҳ баромада будем ва ҷуз як дӯлча чойу порае нони субҳона чизе нахӯрда будем; аз фарти хурсандии озод шудан ва аз тарси Нури Латифу низомиёнаш касе тақозои тӯшаи роҳ накарда буд, ва эҳтимол ҳеч кадомамон фикр ҳам накарда буд, ки роҳамон ин қадар тӯлонӣ хоҳад шуд, умед доштем ба зудӣ мошини роҳгузаре пайдо мешаваду савор мешавем. Аммо акнун касе намедонист, кай ба ободие хоҳем расид. Ҷуз таҳаммул илоҷе надоштем. Гурусна нон хоб мебинад ва бештар аз ҳама зиндониёну гуруснагон орзу мекунанд. Маҷдӣ гуфт:

– Лаънатиҳо пулҳоямонро ҳам гирифтанд, шуморо намедонам, шиками ман аз гуруснагӣ мисли гӯсолаи сағири модармурда бонг мезанад.

Содиқ хандид:

---

[7] Мисраъ аз Ҳофиз

– Дурӯғ аст, ки мегӯянд, пул бошад дар чангал ҳам шӯрбо мешавад пухт, ҳоло пул медоштем, чӣ кор мекардӣ? Дар чунин ҷой аз сад ҳазор рубл ҳам як нони қоқ беҳтар.

– Агар дар киса пул доштам, дилгарм мешудам, боз чанд соати дигар аз қуввати ин пул гуруснагиро метавонистам таҳаммул бикунам.

– Ман пул дорам!

Садои Амир ба гӯш чун садои оби ҷӯй ба гӯши мусофири ташна расид.

– Ку? Чанд пул? – Содиқ аз ҷой бархост, Маҷдӣ ба сӯйи Амир хазид.

– Ба фикрам ду ё дую ним ҳазор буд? Ҳоло мебинем.

Амир бархост ва ба паси харсанге, ки тақрибан панҷоҳ- шаст метр дуртар аз ҷойи нишастаамон буд, рафт ва баъди се-чаҳор дақиқа табассум дар лаб баргашт.

– Ду ҳазору чорсаду панҷоҳ…

– Э, шермарде…. – Содиқ қадаме пеш рафт ва даст боз намуд, зоҳиран майл дошт Амирро ба оғӯш бигирад, вале аз раъйаш гашту бозистод. – Мошине бояд пайдо кунем, бо ин пул то шаҳр мерасем.

Шоир эътироз кард:

– Панҷ-шашто нон мешавад харид, шуморо намедонам, шиками ман нақора мезанад, ба ягон ободӣ, ки расидем лозим мешавад. Ягон ронандаи савобҷӯ пайдо шавад, бепул ҳам мебарадамон, агар не, ба шаҳр ки расидем, пул пайдо мекунем медиҳемаш.

Гуфтаи Маҷдӣ маъқултар буд, ҳама бо ӯ мувофиқ шудем.

Рӯз гашт карда буд ва мусаммам шудем даҳдувоздаҳ дақиқа бештар наменишинем, зеро мехостем то фаро расидани торикӣ ба деҳае бирасем. Пас аз муддате Содиқ ногоҳ аз ҷой бархост, лаҳзае хомӯш истод, ба чапу рост нигарист, сарашро яктарафа хам карда, гӯш фаро ниҳод.

– Шунидед?!

– Чиро?!

– Садои мошинро, мошине меояд?! Намедонам аз кучо, вале мошине меояд.

Пас аз лаҳзаи дигар садои муҳаррикро мо ҳам шунидем, мо ҳам аз ҷой бархестем, вале боз умедҳо барбод рафт; садо аз пеш, аз рӯ ба рӯйи мо меомад. Пас аз ду-се сония дар сари дунгии роҳ аввал зиреҳпӯше, аз паси он мошине ва аз дунболи он танке намудор шуд.

– Шинед, шинеду нигоҳ накунед – гуфт Содиқ, вале ҳамон дам худ афзуд, – дигар фоида надорад, дидандамон, нанишинем беҳтар.

Ҳам дар болои зиреҳпӯш ва ҳам дар рӯйи танк чанд нафар низомипӯш, автомат ба даст нишаста буданд. Дар мошин низ ду қатор дар муқобили ҳам сарбозони мусаллаҳ қарор доштанд. Зиреҳпӯш дар муқобили мо таваққуф кард, аз паси он мошину танк ҳам бозистоданд. Чанд нафар ҷаҳида фуромаданд, якеш пештар омад, либоси ҳамашон яксон буд, сари китф нишонаи дараҷа надоштанд, вале маълум буд, ки ин нафар сардорашон аст. Фақат ӯ гап мезад ва дигаронаш хомӯш буданд.

– Так, так, так, аз кучо меоем, ё ба кучо меравем?

Лаҳзае хомӯш мондем. Пас Содиқ гуфт:

– Барои равгаи мерафтем, аз марз баргардонданамон.

– Кӣ баргардонд.

– Генерал Нури Латифу сарбозонаш.

– Ба рӯгаи мерафтед, чалаку фалакатон[8] ку?

– Гирифтанд.

– Кӣ гирифт?

– Сарбозони генерал?

– Кадом генерал?

– Генерал Нури Латиф.

Ин дам Мачдӣ пеш баромад, даст ба кисаи пеши бағал кард, дафтарчаи ашъорро берун кашид, аз дарунаш хатти амонро баргирифт:

– Мо хатти амон дорем, генерал ба мо хатти амон дод, мо зери ҳимояи генералем.

Шоир хатти амонро ба он мард дод. Ӯ хатро хонд, пӯзханде кард, ақиб баргашт ба ҳамроҳонаш нигарист ва сар баргардонду пурсид:

– Ту ба генерал кӣ мешавӣ, ки хатти амонат додаст?

– Ман... ман.. дӯсташ... Ман шоир ... чанд шеър дар васфи генерал навиштаам.

– Таърифаш кардӣ?

– Бале, шоирона васфаш кардам, ҳоло баргардам, иншоолоҳ, достон ҳам менависам. Корномаҳои генерал арзиши чанд китобро доранд.

– Чӣ таърифаш кардӣ?

– Бубахшед?

– Чӣ корашро таъриф кардӣ?

– Қаҳрамониҳояшро, ватандӯстиашро, ҷасораташро, ғамхориҳояш дар ҳаққи дӯстон ва ма-

---

[8] Фалак – таҳрифшудаи «фляга»-и русӣ

тонату устувориаш дар муборизa бо душманони ватанро... Боз....

Намедонам аз кучо, ногаҳон дар дасти мард таппончa пайдо шуд, шояд аз аввал дар дасташ буд ва ҳоло, ки болo оварду дар гӯшаи пешонии Мачдӣ гузошт, дидамаш.

– Нури Латиф генерал не, буз аст, бузи гаргин аст Нури Латифи ту, дар васфи модабузи гаргин шеър навиштӣ?! Генерал манам, Нури Латифат буз, модабузи ланги гаргин! Генерал Карими Раҳимро мешиносӣ? Овозаашро шунидаӣ?! Ҳамун манам. Ҳоло омадам, ки хоки Нури Латифро бибезам, аз гӯшаш меовезам, ба пӯсташ каҳ ҷой мекунам. На як афсару сарбозашро зинда мегузорам, на авлодашро, на хешону дӯстонашро. Ҳоло, ки ту дӯсташ бошӣ, аз ту шуруъ мекунам.

– Дӯсташ нестам, дӯсташ нестам, ба Худо, ду моҳ дар зиндонаш будам.... Шеърҳоро ҳам мачбур шудам навиштам....

Ранги рӯйи Мачдӣ парид, сарашро ақиб кашид ва худаш ҳам ду қадам ба ақиб гузошт. Баъд ногаҳон рӯй тофту давид, аз роҳ не, ба ҷониби доманкӯҳ гурехт.

Карим таппончaашро бардошт, – мо ҳама исмашро шунида будем, – Карими качaлро медонистем, – бераҳмиҳо, одамкушиҳояшро шунида будем, – инак ҳоло дар рӯ ба рӯйи мост, таппончaро бардошт, рост кард, нишон гирифт ва парронд, Мачдӣ сар баргардонд, даҳон боз кард, шояд мехост чизе бигӯяд, вале нагуфт, ё натавонист бигӯяд, афтод.

Карими качал рӯй тофт, таппончаро ба ғилофи ҳамоил дар камараш андохт, бидуни он ки сухане бигӯяд, ба ҷониби зиреҳпӯш рафт, сарбозонаш низ ба зиреҳпӯшу мошину танк савор шуданд. Мо гӯё аз хоб бедор шудем, мунтазири рафтани мошинҳо нашудем, ҳама пасу пеш ба сӯйи Маҷдӣ давидем. Рашиди Аъзам, ки баробари Амир ва пештар аз мо расида буд, дасти шоирро гирифт, сар ба қафаси синааш гузошт ва бархост. Маҷдӣ мурда буд, тир ба пушти сараш бархӯрда буд. Дар чунин мавридҳост, ки дарк мекунӣ зиндагӣ воқеан дурӯғ аст, ҷуз боду абр нест, чизе нест, умр ба як мижа задан мегузарад, тамоми талошҳои одамӣ барои зиндагии беҳтар, барои таҳаққуқ бахшидани орзуву омолаш дар баробари ин лаҳза беарзиш мешавад, маъниашро гум мекунад. Ин мард ду дақиқа пеш зинда буд, барои зиндагӣ талош мекард ва аслан фикри мурдан дар сар надошт, шояд орзуҳои зиёд, умедҳои зиёд дошт, наздиктарин орзуяш хӯрдани як бурида нон буд, вале инак ин ҷо хобидааст ва чашм дарҳам баста, эҳтиёҷ ба нону об надорад, чизе намехоҳад, нафас намекашад, ҳарф намезанад, бе ҳеч сабаб, бе гуноҳе – фақат барои он ки ду нафар, ки ҳеч муносибате бо ӯ надоранд, барои раҳоӣ ёфтан аз эҳсоси худкамбинӣ, бо ҳам мусобиқа мекунанд, ба ҳамдигар хусумат меварзанд, барои он ки собит кунанд яке аз дигаре тавонотар аст, кушта шуд. Марги бемаъниву бемантиқе! Аслан, худи зиндагӣ бемаъниву бемантиқ нест, магар? Лаънат ба чунин зиндагие, ки намедонӣ барои чӣ мекушандат? Лаънат ба рӯз-

горе, ки ҷони одамӣ баробари як санбӯса, баробари як тухми мурғ арзиш надорад!

Содиқ назди Маҷдӣ сари зону фурӯ нишаст, тугмаҳои кастуми марҳумро боз кард, тугмаи поёни пираҳанашро боз кард, сар хам оварду ба дандон як гӯшаи куртаро даронд, баъд майитро якпаҳлӯ гардонду бо як даст аз гӯшаи даронидааш ва бо дасти дигар аз болотари курта дошта кашид. Як пора куртаро даронд гирифт, сари Маҷдиро бардошту рӯйи зонуяш гузошт ва бо ин пора манаҳи ӯро баст, чашмони бозу ҳайронашро бо кафи даст молида-молида фурӯ пӯшонд.

– Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун, – гуфт Шайх.

Содиқ даст ба кисаҳои Маҷдӣ бурд, аз кисаи пеши бағал дафтарчаи ашъораш ва худкоре берун овард, ба Рашиди Аъзам дароз кард, аз кисаи дигар паспорт берун кашиду ба ман дод. Боз кардам, хостам маҳалли зиндагияшро бибинам, аммо шиноснома набуд, гузарнома буд.

Содиқ аз ҷой бархост, ба атроф нигарист, баъд гуфт:

– Заминаш зарангу сахт, чизе ҳам надорем, ки биканем. Бояд баремаш. Биё, Амир, бибинем, чи пайдо мекунем.

Содиқу Амир ба доманакӯҳ, ки анбуҳи дарахтони гуногун руста буданд, рафтанд ва чанде баъд дар даст ду чӯбдасти бурс, ки ҷой-ҷой шипа доштанд, баргаштанд. Содиқ чӯбдастҳоро дар фосилаи 30-35 см аз ҳамдигар гузошт, майитро рӯи ин дастакҳо гузоштем.

– Бигиред,– гуфт Содиқ ва дубора ҷанозаро бардоштему канор гузоштем.

Содиқ ба Шайх нигарист ва Шайх бе он ки ҳарфе бигӯяд, дасторро аз сар бардошт, тоқии чустиро, ки канораҳояш аз фишори дастор пахш шуда буданд, дубора ба сар ниҳод ва дасторро ба Содиқ дод. Майитро дубора рӯйи дастакҳо гузоштем ва Содиқ канори дасторро ба яке аз дастакҳо баста, ба тани майит аз қафаси сина то зону печонд ва канори дигари дасторро ба дастаки дигар баст. Чизе шабеҳи занбар сохта шуд. Аз як тарафи ин занбар Содиқ гирифт, аз тарафи дигар ман ва ба роҳ даромадем. Пас аз муддате Рашиди Аъзам маро иваз кард ва баъдан Амир Содиқро.

17

Чаро ин фикри сода то кунун ба сари ман наёмад?! Ман, ки дар ду соли охир мукаррараан ба феъл пайвастани ин имконро баррасӣ карда будам?! Албатта, Манижа боре ҳам дар ин боб лаб ба сухан боз накардааст, ҳатто нимишорае ҳам, вале ман худ борҳо вазъро аз ҳар паҳлӯ амиқ таҳлил карда будам: чӣ метавонад сади роҳи Манижа шавад, ки дар чунин шароите идомаи зиндагӣ бо манро қатъ накунад. Мо фарзанд надорем, ман дигар мақому мансаб надорам, на танҳо асар, ки нуфузе ҳам дар ҷомиъа надорам, қаблан ҳам сарват надоштам, ҳоло аслан чизе надорам, Манижа аст, ки маро мехӯронад, замоне роҳбари илмиаш будам, ӯ рисолаи номзадии илм дифоъ кард ва дигар аз ин назар ҳам ниёзе ба ман надорад ва рости, ки ҳамон вақт ҳам

эҳтиёҷ надошт, бар хилофи бештари унвонҷӯён дониши хуб ва ақли расо дорад ва ҳар каси дигареро метавонист устоди раҳнамо интихоб намояду рисола дифоъ бикунад. Агар шавҳар ватани зан аст, пас ман ҳоло ватане ҳастам, ки амният надорад, ман ватани пурхатарам, дар гӯшаю канорҳои ин қалъаи вайронаи зиндагӣ марг дар камин нишастааст. Пас чаро тарки ман нагӯяд?! Шояд либосҳо, чанд табақу коса, чанд китобашро ҷамъ карда ва ба хонаи волидайнаш баргаштааст, эҳтимол чанд рӯз аст, ки аслан аз ин кишвар берун рафта ва ҳоло дар шаҳри бегонаест?! Ҳоло ҳар кӣ имкон дорад, барои хӯрондану пӯшондани худу аҳли оилааш ба кишварҳои дигар ҳиҷрат мекунад. Ман рух додани чунин имконро ҳадс зада будам, тахмин карда будам, ки рӯзе ин зиндагии пуртарсу ҳарос, ки намедонӣ пас аз дақиқае чӣ пешомаде интизорат хоҳад буд, ба дилаш мезанад; ду бор ба додситонӣ ва шуъбаи амният даъват карда, соатҳо дар интизории тазйиқовар нигоҳ дошта, мукаррар дар мавриди ман пурсуҷӯ карда будандаш, суолҳои кадучадор медодандаш, талош мекарданд, зиддунақизҳои посухҳояшро пайдо ва ғофилгир кунандаш, вале ӯ ором, пайваста, самимона ва маъсумона як посух дар забон дошт: чанд моҳ аст, ки аз Тоҳири Аслизода хабаре надорад, рӯзе тибқи маъмул аз хона бадар рафту дигар бознаёмад, ба тамоми хонаи хешу таборон, шиносону ошноён сар задам, касе хабар надорад, шояд аз кишвар берун рафта бошад, аслан намедонам зинда бошад ё не, худаш ҳам на паёме мефиристад, на занг мезанад. Ниҳоят забонхат ги-

рифта буданд, ки агар хабаре аз ман пайдо кунад, ҳатман ба ниҳодҳои амниятӣ хабар бидиҳад, ва пинҳон кардани ман, хабар нарасонидан аз иттилоъоти пайдокардааш дар боби ман ба ниҳодҳои марбут баробар бо ҷиноят аст ва масъулияти гарон ба дунбол дорад. Пас аз ин ҳам чанд раҳ пулиси минтақа бо баҳонаҳое ба хона омада буд. Ин ҳамаро Манижа фақат пас аз гузашти чанд моҳ ба ман ҳикоят кард, маълум буд, хеле талош мекард, ки ба ҳаячон наояд, ҳикояташ ором ва одӣ бошад, таъкид кард, қариб се моҳ мешавад, ки дигар ба ҷойе даъваташ накардаанд, касе ҳам ба хона наомадааст. Аммо ман ба изтироб афтодам, мушавваш шудам; тасаввур мекардам, ӯ замоне, ки ба ин ҷо ба назди ман меомад, чӣ гуна дар тарсу ҳарос буд, чи қадар азият мекашид. Вай ҳар бор бо роҳҳои мухталиф ба назди ман меомад, гоҳе автобуси самти муқобилро савор мешуд, – барои ин махсус ним соат зудтар аз хона мебаромад, – пас аз ҳафт-ҳашт истгоҳ пиёда мешуд, ба автобуси дигар менишаст, мехост мутмаин шавад, ки касе таъқибаш намекунад ва меомад, гоҳе як ё ду истгоҳ дуртар пиёда мешуд ва аз чанд тангкӯча гузашта, рост дар назди дарвозаи корхона пайдо мешуд; ва тамоми роҳ ҳама вуҷудаш ба гӯшу чашм бадал мегардид, авзоъ ва аҳволи рӯзгор ӯро нигоҳ накарда дидан ва гӯш надода шуниданро омӯзонда буд. Пас аз ин гуфтамаш, агар майл дорад, ҷудо мешавем, метавонад ба хонаи волидайнаш баргардад; ва ё ҳатто беҳтар аст, ба додгоҳ мурочиа бикунад, бо истифода аз ин ки беному нишон шудаам, вазифаи кадхудоиро ичро намекунам, расман тақо-

зои ҷудо шуданро бикунад; албатта, ба хурсандӣ, бе қилу қол ва қайду шарте ҷудо мекунандамон, зеро ин амр ҳадияе хубе барои бори дигар бадном кардани ман дар расонаҳои давлатӣ мешавад; аммо барои мо, барои Манижаву ман муҳим он аст, ки дигар ба ӯ кордор намешаванд, баъд аз ин масъулияти ман бар дӯши ӯ нахоҳад буд. Орзу накунед, гуфт, то охири умр аз ман халос намешавед, ё шумо маро мегӯронед, ё ман шуморо. Ман ҷиддан мегӯям, ту ба ҳазлу шӯхӣ мекашонӣ, Манижабону! Ман ҳам чиддӣ мегӯям, муаллим Аслизода, биёед, дигар дар ин бора аслан гап намезанем. Ба як шарт, мегӯям, фақат ба як шарт: агар боре чунин андеша дар сарат пайдо шуд, агар хурдтарин майле дар дилат пайдо шавад, ман садди роҳат намешавам, фақат, хоҳиш мекунам, қаблан тасмиматро ба ман бигӯй, фақат ҳадди ақалл ду-се рӯз пештар ба ман бигӯй, бидуни истиҳолаву нигаронӣ бигӯй. Ба ҷойи ҷавоб нигоҳе гилаомез кард ва димоғсӯхта паноҳихудо карду рафт. Ман аз гуфтаам шарм кардам ва дигар ҳеч гоҳ ба сари ин суҳбат барнагаштем. Вале ҳоло ман наметавонам, ин андешаро ҳам ботил бидонам, ки ӯ эҳтимол тарки ман кардааст. Ман чоршанбеи гузашта, охирин бори омаданашро ба ёд овардам, ҳама гуфтаҳояшро, лаҳни гуфторашро, рафторашро, нигоҳҳояшро ба хотир овардам; хурдтарин чизе ҳам, ки далолат ба тағйири муносибаташ ва ё андешаҳои пинҳонаш дошта бошад, пайдо накардам. Аммо зан мардумро фаҳмида мешавад, магар?! Адабиёти ҷаҳон пур аз достони макри занҳост. Манижа, ки тавонист бо лаҳни маъсумона ва «не,

намедонам, хабар надорам»-и пайваста ва қотеъонааш, омилони амниятиро бифиребад, чаро натавонад, ки андеша ва хости ботинашро аз марди музтариб ва мушаввашхотире чун ман махфӣ нигоҳ дорад. Ва ё эҳтимол андешаи қатъи ҳамхонагӣ бо ман пас аз омада рафтанаш ба ин ҷо, масалан чор-панҷ рӯз пеш ва ё ҳатто ду-се рӯз пеш ба сараш омадааст ва азбаски як сол қабл аз пешниҳодам димоғаш сӯхта буд, шарм карда, ки аз тасмимаш маро огоҳ кунад?! Боз аз худам, аз ин андешаҳои хутуркарда ба дилам шармам меояд. Андешаи мани профессор дар боби зан аз андешаи бобои рустоиям, ки ҷуз Ҳафтяку Чоркитобу Хоҷа Ҳофиз китобе нахондааст, боре ҳам аз ҳудуди ноҳия дуртарро надидааст, чӣ тафовут дорад?! Ва аммо ҳамон лаҳза боз бештар шарм мекунам. Бобоям, ки шабҳои дарози тобистон ба мо афсонаи макри занон ҳикоят мекард, ба бибиям сахт эҳтиром дошт, дар ҳар кору бори рӯзгор бо ӯ машвара менамуд, борҳо ба падарам ва ё духтаронаш, ба аммаҳоям мегуфт, намедонам, агар ин кампир набуд, мани хотирпарешон чӣ кор мекардам. Дар деҳ, махсусан дар он замонҳо касе аз дӯст доштани занаш ҳатто ба фарзандонаш ҳарфе намегуфт, ин корро беадабӣ медонистанд ва ба гӯшаи хотирашон ҳам роҳ намедоданд, вале ман гумон мекунам, бобоям бибиамро сахт дӯст ҳам медошт, агар дӯст намедошт, эҳтиромаш намекард. Чунки дӯст доштан бовар кардан аст, итминон доштан дӯст доштан аст. Пас ман ба Манижа бовар надорам?! Дар ин се соли сахтиҳо ва номардиҳо ҷузъитарин ҳаракате ҳам аз ӯ содир нашуда, ӯ як ҳарфе ҳам нагуфта, ки

боиси адами эътимод ва нобоварӣ ва ё ҳатто тардиду шубҳа шуда бошад. Вале ман дигар намедонам, чӣ фикр бикунам, марди машкуке дар ботини ман нишаста ва бо марди покдили содае машғули баҳсу мунозираанд, ва маро алаҳда мекунанд, асабҳои хастаи маро харобтар мекунанд. Ман намехоҳам ба чизе биандешам, ман мунтазири фаро расидани бегоҳам. Аз ин ҷо хоҳам рафт, ҳатман хоҳам рафт, агарчи ҳанӯз намедонам ба кучо.

18

Шайх дар хонаи дарун нишаста буд, ду дар дар миён буд – дари даҳлезу дари хона, ҳарду дар ҳам баста буд, гуфт, китоб мехондам, таъкид кард, «Маснавӣ» мехондам, яъне тамоми ҳушу ёдашро Мавлоно ҷазб карда буд, яке аз дуриҳои дур садои бо шаст кушода шудани дарвозаро шунид, ман ки ҳамаи воқиаро медонам, яқин медонам, ки садои бо тундӣ кушода шудани дарвоза буд, вале Шайх гумони садои дарвоза накард, Шайх гуфт, садое аз ҷониби ҳавлӣ шунидам, намедонам касе фарёд кард, ё чизе афтод, набераaш – ҳамин Амир, ки мебинӣ, дар пешаш нишаста буд, бобояш китоб мехонду ӯ гӯш мекард, дигар касе дар ҳавлӣ набуд, синҳораш – модари Амирро бо духтаронаш, баробари сар шудани ин воқиаҳо, ба назди модараш, хоҳари Шайх фиристода буданд, писараш ним соат пеш ба осиёб гандум бурда буд, ҳанӯз фурсати омаданаш набуд. Шайх лавҳу китобро канор гузошт, бархост,

ба даҳлез баромад, хост дарро кушояд, намедонам чаро, дарро накушод, гуфт Худо ба дилам андохт, як канори пардаи шишаи болои дарро боз карду нигарист. Диду бовар накард: як гурӯҳи мусаллаҳ – дувоздаҳ нафар, баъд, ки дар сутуни айвон бастандаш фурсат дошт, ки бишумурад, аз дарвоза ворид шуда буданд ва ба сӯйи хона меомаданд, пешо-пешашон ҳарду писарони Шайх – Низом, писари хурдӣ, падари Амир ва Нозим писари калонӣ, ки хонааш дар канори деҳ буд, дасти ҳарду ба пушт баста. Аз дарвозаи Шайх то имораташ 70 метр роҳ аст, роҳи сементӣ, бараш каме зиёдтар аз як метр, аз ду нафар бештар паҳлӯи ҳам роҳ гаштан наметавонанд, қатор шуда меомаданд, қад-қади ин роҳ симтӯр кашида буданд, ки ҳаётро аз ҳавлӣ ҷудо мекунад. Шайх як лаҳза нигаристу фаҳмид, ки балое дар пеш аст, дилам гувоҳӣ дод, гуфт, ҳамон лаҳза ба хона даромад, гуфт, зуд рафтам тирезаро боз кардаму Амирро ишора кардам, ки ҳеч чиз напурс, садо набарор, зуд фурою ба ҳаёти ҳамсоя гузар, гуфтам, он ҷо ҳам наист, рост рав ба хонаи Содиқ, то омадани ман ё падарат дар ҳамон ҷо бишин. Мани бадбахт он рӯз дар деҳа набудам, саҳар бо зарурате ба шаҳр рафта будам, рӯзи дигар омадам, ки ҳамин воқеа. Лекин агар мебудам ҳам, чӣ кор кардан метавонистам, аз дасти ман чӣ меомад, бо қазои Худо даступанҷа задан мешавад?! Шайх зуд тирезаро пӯшид, пардаашро кашиду баргашт, дари хонаро кушод, ӯ дари хонаро кушоду дари даҳлез ҳам кушода шуд, ду нафар туфанг дар даст даромаданд мӯзаю батинка дар по, якеш Шайхро пеш андохта, боз ба ин хо-

на даромад, дигараш бо лагад дари хонаи рӯ ба рӯро боз карду даромад. Вақте ки чор тарафро диданд – пардаи таҳмону токчаҳоро бардоштанду нигоҳ карданд, қуфли сандуқҳоро шикастанду кофтанд – ва бовар ҳосил карданд, ки дар хонаҳо касе нест, мӯйсафедро пеш андохта, берун омаданд, якеш аз болохона фуромад, ҳеч кас нест, гуфт, яки дигараш аз дари оғил баромад омад, ду гов, ду гӯсола, як хар, ду гӯсфанд, гуфт, ягон одам нест. Говгум буд, оҳиста-оҳиста торикӣ фаро мерасид, якеш омад, чароғи айвонро рӯшан кард. Шайх дар рӯшноии чароғ чеҳраи писаронашро возеҳ дид: лабу даҳону Нозим хунолуд буд, хун аз даҳонаш берун омада, як гӯшаи риши сиёҳашро тиратар карда буд, Низом тарсида ба назар мерасид, зуд-зуд мижа мезад, ба ин тарафу он тараф менигарист. Шайх фаҳмид, ки дар ғами писараш аст, аз ӯ дар ҳарос аст, чашмонаш Амирро мечӯянд, рост ба чашмони писараш нигаристу ноаён ишора кард, Низом фаҳмид, ором шуд. Дар ин хона заъиф нест, пурсид, якеш, – ҳама ба даҳони ӯ менигаристанд, гуфт Шайх, фаҳмидам, ки сардорашон ҳамин аст. Кампирам, ду сол пеш мурда буд, гуфт Шайх, синҳорам бо фарзандонаш ба назди модараш рафт. Ба назди модараш кучо? Дар ҳамин деҳа? Не, гуфт Шайх. Не, ҷавоб нест, мӯйсафед, пурра ҷавоб деҳ, гуфт бошиддат ва ба гуфтан ҳам қаноат накард, бо пошнаи туфанг ба тиҳигоҳи Низом зад, Низом кӯтоҳ дод заду нишаст, нишаста натавонист, якпаҳлӯ афтод. Ман чил сол зиёд шуд Шайхро мешиносам, як бор ҳам надидаам, ки вай ба ғазаб омада, ё ҳатто асабонӣ шуда бошад. Албатта, ки

ба хашм омадагист, ин ҳолро кудом падар метавонад ором мушоҳида кунад. Аммо вай хашму ғазабашро фурӯ бурд, медонист, ки хашм ошкор кардан ва худро аз даст додан ҳоло фақат ба зиён аст. Писар, гуфт, оромонаву ботаанӣ, шумо ба хонаи ман омадед, писаронамро даст бастед, мезанед, аз маҳрамонамон мепурсед, аввал гӯед, мо чӣ гуноҳ кардем, ман ҳеч кадоми шуморо намешиносам, ҳеч зарару зиёни писаронам ҳам, ба фикрам, ба шумо нарасидаст, биёед, ором як ҷо бишинем, гӯему шунавем, шояд ҳамаи ин моҷаро дар сари як пиёла чой ҳал бишавад. Ман мегӯяд, Назари кофир... Баъд фаҳмидем, ки Назари кофир будааст бо дастааш. Худат ҳам медонӣ, албатта, баъд аз он, ки ин воқиаҳо рӯй доду ин ғуладинг худашро соҳиби ин кишвар эълон кард, ҳукумат фалаҷ шуд, ҳар хуни бинӣ, ҳар фисину рихин, ҳар ҳаромзодаю оқипадар, ки тавонист силоҳ ба даст биёварад, мисли худаш ҳафт-ҳашт оқипадару модарғари дигарро дар атрофаш ҷамъ оварда, сипоҳ эълом карду моли мулки давлат ва мардумро ғорат кардан гирифт. Дар тарафҳои мо ҳам чанд даста буд, ки якеш, хунхортар аз ҳамеш ҳамин дастаи Назари кофир буд. Вайро ҳамдеҳонаш «кофир» лақаб карда буданд, хеле солҳо пеш аз ин воқеаҳо, дар баччагияш барои бераҳмию беинсофиҳояш. Ман мегӯяд, Назари кофир, ба як пиёла чойи ту муҳтоҷам? Чойу нон надоштам, ки ба хонаи ту омадам? Ту мана гадо хаёл кардӣ? Ё ғоратгар? Суолат додам, ҷавоб деҳ, забонхойӣ накун! Ба кучо рафт синҳорат? Ба хонаи модараш, ба мамлакати ҳамсоя. Аҳ-а-а, гуфт, яъне гурезондед, заъифҳотонро гу-

резондед, ки худатон ҳам баъд гурезед равед? Чӣ гуноҳ доред, ки мегурезед? Тагатон тар набошад, чаро мегурезед? Дигар дар ин бора чизе напурсид, гӯё бо ҳамин қонеъ шуд. Лаҳни гуфторашро дигар карду пурсид: Белу метинатон кучост? Нишон деҳ. Ресмон ҳам биёр. Якеро фармуд, ки аз дунболи Шайх равад, белу метин гирад биёяд, як ресмон ҳам биёрад. Шайх гуфт, ҳарчанд фикр мекардам, барои чӣ белу метину ресмон мехоҳанд, намефаҳмидам, ба гӯшаи хаёлам ҳам намерасид... Худаш аз сари харӣ ресмонро гирифту дод, ҷойи белу метинро нишон дод... Бо ресмон Шайхро дар сутун бастанд, латтаеро дар даҳонаш андохтанд. Назари кофир фармуд, ки сутуни симтӯрро кананд, ба даруни ҳаёт даромад, шохеро аз дарахти себ шикаст, ин тарафу он тараф қадам зад, хат кашид, тақрибан яку ним ба ду метр. Баъд Низому Нозимро пеш андохта оварданд, белу метинро ба дасташон доданд, фармуданд, ки заминро бикананд. Ва дигар ҳеч ҷойи шак намонд, Шайх фаҳмид, Шайх дарк кард, ки чи мехоҳанд бикунанд, гуфт, тамоми вуҷудам ларзид, фарёд кард, даҳонаш баста буд, фарёдаш дар гулӯяш роҳи баромад наёфту печид, баргашту дар дилаш таркид, дилаш ғарқи хун шуд. Чунон сахт баста будандаш, ки ба ғайри сараш, ҳеч қисмате аз танашро аслан ҷунбонидан наметавонист, гӯё ресмон ба дастону танаш халида буд, пушти сараш чанд бор ба посутун зад. Шайх гирист, бесадо мегирист ва ашк аз чашмонаш мешорид, баъд пардаи ашк пеши чашмонашро баст, ду-се бор чашм баставу боз кард, то писаронашро бубинад. Писаронаш, се метр дуртар аз

ӯ барои худашон гӯр мекандаанд, дар ниматорикии чароғи айвон чеҳраашонро дидан имкон надошт ва қоматашон ҳам хам буд. Ногоҳ Нозим қомат рост кард, такя ба бел истод ва баланд гап зад, ки Назари кофир шунавад, Назари кофир зери айвон нишаста буд, пой овезон сари айвон менишасту сигор мекашид. Нозим гуфт, ман пеши вай силоҳ бардошта нарафтам, ки қарзамро бидеҳ, як сол зиёд гузашт, надод, ваъда кард, ки се моҳ баъд медиҳад, боз надод, ман чанд моҳи дигар сабр кардам, ҳеч хабар нашуд, ҳозир шароитро худат медонӣ, ба худам лозим шуд, рафтам, вақте ки қарз гирифта буд, пули як «Волга» буд, ҳоло як гов меҳарӣ ё не, ба сараш силоҳ накашидам, одам набурдам... Нону намакхӯрда будем, бовар кардаму додам. Акнун ба ҷойи хидмат туҳмат, рав гӯй, ки аз баҳри он пул гузаштам, хоҳӣ забонхат ҳам менависам, ки қарзамро баргардонд. Назари кофир лаҳзае хомӯш монд, гӯё дудила шуда буд. Баъд гуфт, дод зад, ки ман ба қарзи ӯ чӣ кор дорам, кори дигар надорам, ки аз паси қарзхоҳони вай бигардам... Нозим ҷасуртар шуд, эҳтимол дар лаҳни сухани кофир заъф эҳсос кард, гумон бурд, ки дудила шудааст, эҳтимол ба дилаш гуфт, ки андаки дигар сухан гӯяд, гарданаш нарм мешавад, таҳдид мекунаду меравад. Гуфт, вай номи туро ба забон овард, гуфт, ки умеди пул накун, намегирӣ, як тин ҳам намегирӣ, Маҳмадназара шунидаӣ, гуфт, ҳамон Маҳмадназар писарҳолаи ман мешавад, хоҳӣ, ба ачали худат мурӣ, чанд соли дигар саробони зану фарзандонат бошӣ, баргарду рав аз пайи корат, дигар ёди пул накун, ба ин тарафҳо наё. На-

зари кофир аз ҷояш хест, наздиктар рафт, давомашро ҳам бигӯй, давомашро ҳам бигӯй, гуфт, гапро ки сар кардӣ, то охираш бигӯй, бигӯ, ки ту чӣ гуфтӣ, ту худат чӣ гуфтӣ? Ман, гуфт Нозим, гуфтам, ки Маҳмадназар кори дигар надорад, ки аз пайи пули ту медавад, Маҳмадназар сохти конституцсиониро ҳимоят мекунад, бар зидди хоинони ватан мубориза мебарад. Яке аз ҳамин хоинони ватан туӣ, дод зад кофир, ман хоинони ватанро нест мекунам, душманони миллатро маҳв мекунам, имрӯз навбати тую додарат расид, имрӯз шуморо нест мекунам. Абду, биё ин ҷо, наздиктар биё, бигӯ, бигӯ, ки чӣ гуфт. Абду, – як ҷавони кӯтоҳқади лумбаи гурбачашм, гуфт Шайх, ду нафараш дастони маро дар сутун ҷафс карда нигоҳ доштанд, ҳамин Абдуи ҷувонимарги гурбачашм ресмонро дар баданам печонда баст, – аз торикӣ берун омад, назди Назари кофир истод. Баъд даҳон кушод, аввал паст, баъд садояш баландтар шуд, гӯё ҷасорат пайдо кард. Гуфт, акаи Зафар ба ин гуфт, ки дӯғу пӯписа накун, пулата, ҳар вақт ки пайдо кардам, медиҳам, ин, не гуфт, ҳамин ҳоло меёбию медиҳӣ, ман дигар вақт надорам, ки ба назди ту оям. Акаи Зафар гуфт, ба хубӣ рав, агар кас фиристаму ба Маҳмадназар хабар диҳам, ба ҳазрати Баҳовиддин қасам, зинда то ба хонаат намерасӣ. Ин дод зад, ки.... Ин гуфт, ки... Чӣ гуфт, дод зад, Назари кофир, бигӯ, ки чӣ гуфт. Ин гуфт, ки Назари дузд ... мебахшӣ.... гапи ина мегӯям, гуфт, ки Назари дузд ... фалонама мехӯрад. Дурӯғ, қасам ба Қуръони маҷид, ки дурӯғ мегӯяд, ин аслан он ҷо набуд, ману Зафар танҳо будем, инро ман бори аввал

мебинам, чӣ тавр шунид, ки ман чӣ гуфтам?! Шайх медонист, ки писараш рост мегӯяд, ман, Содиқи Пирмуҳаммад ҳам мегӯям, ки туҳмат зада будандаш, ман ин хонадонро хеле хуб мешиносам, вай ҳеч гоҳ, дар ҳеч ҳол чунин суханро ба забон намегирифт, эҳтимол Назари дузд гуфта бошад, роҳзан гуфта бошад, ҳаққимардумхӯру хуни ноҳақ ба гардан гуфта бошад, вале ҳеч гоҳ фалонама хӯрад, ё гапҳои мисли ин намегуфт, на барои он ки аз Зафар метарсид ё Зафар ба ин ҳақорат сазовор набошад, не, барои он ки забонашро намеолуд, ҳаргиз чунин ҳақоратро ба забон намеовард, ман медонам. Абду қасам хӯрд, гуфт, ки Маҳмадназар, ман ягон вақт ба худат дурӯғ гуфта будам, акаи Зафар ҳам ба худат гуфта буд, боз хоҳӣ меравем ба наздаш, мебинӣ, кӣ дурӯғ мегӯяд. Ҳамин вақт ногаҳон Низом ба гап даромад. Шайх гуфт, кошки гап намезад, кошки хомуш меистод. Шайхи бечора гумон мекунад, агар Низом гап намезад, шояд оқибати кор ба хайр меанҷомид, шояд, кофири Назар метарсонд, таҳдид мекарду мебаромаду мерафт. Вале Низом, метинро партофт, ҳамин тавр аз дасташ раҳо накард, ки афтад, не, каме боло бардошту дур партофт метинро, ако гуфт, рӯ ба Нозим баргардонида, чанд бор гуфтам, ки бо одамони паст, бо номардону занмизоҷон шину хез накунед, доду ситад накунед бо хунсоҳо... Чӣ?! Чӣ гуфтӣ, дод зад Назари кофир, ман ба ту номардро нишон медиҳам, ман занмизоҷро нишон медиҳам ба ту, хунсоро нишон медиҳам, гир метинро, гир метинро гуфтам. Паронданӣ бошӣ, парон, парон, гуфт Низом, паст наёмад, баланд-

тар аз Назари кофир фарёд зад, Низом, худорахматӣ, намедонам ба кӣ рафта буд, Шайху Нозим ҳамеша хунсард буданд, дар ҳеч ҳолате ба ғазаб намеомаданд, ғазаб, феъли шайтон аст, мегуфт Шайх, вале Низом баръакси инҳо буд, шояд ба тарафи модариаш рафта буд, намедонам, онҳоро дуруст намешиносам, феълу хӯяшонро намедонам, аз деҳи мо нестанд, онҳое, ки хуб мешиносанд, мегуфтанд, ба тағоҳояш рафтааст Низом, ман ҳам чанд бор дида будам, зардина буданд тағоҳояш, ҳамин Амир ҳам куту мути додош, ҳам шаклу андомаш, ҳам хислату хӯяш, дидӣ, ки дар пеши Нури Латиф мижааш хам нахӯрд. Хуласи гап, Низом пеш омад, рост ба тарафи Назари кофир омадан гирифт, зӯр бошӣ гуфт, гӯштӣ мегирем, дар ҳамин ҷо гӯштӣ мегирем, агар пушти ман ба замин хӯрд, ихтиёр ба ту, ки чӣ кор мекунӣ, вале агар афтидӣ, маглуб шудӣ, мард бошӣ, падару бародарамро раҳо мекунӣ, маро хоҳ мекушӣ, хоҳ ба зиндон мебарӣ, ихтиёр дорӣ, ҳоло мебинем, ки мард кисту номард кӣ, чил каса бо туфанг ба сари мо бардошта овардӣ, гумон кардӣ, ки зӯрӣ?! Мардият ҳамин?! Назари кофир таппончааашро ба Низом рост кард, бо изтироб дод зад, ақиб гард, ақиб гард, қасам ба номи Аллоҳ, ки мепаронам гуфт. Низом наистод, парво надошт, ки мили чанд туфанг ба сӯяш рост шуда, ҳар лаҳза метавонистанд паронандаш, омадан гирифт, Назари кофир, тоб хӯрд, ақиб гашту таппончаро ба шиками Шайх гузошт, гард, гуфт, ки мепарронам, мепарронам, дигар такрор намекунам, очам занам шавад, ки мепаронам! Низом истод, гӯё акнун ба худ омад,

хомӯш истод. Ақиб гард, гуфт, Назар, ақиб гарду метинро гир. Шайх гуфт, дар ҳамин лаҳза фаҳмидам, ки тамом, дигар чизе суд надорад, оқибат ҳамаамонро мепаронанд, дилам гувоҳӣ дод, гуфт, хостам садо занам, ки нагир метинро, писарам, ақиб нагард, агар аз қисмат ҷойи гурез нест, беҳтар аст ҳамин ҳоло паронад. Ним соат ё як соати дигар чӣ фарқ дорад. Вале чӣ тавр садо кунад, ки даҳонаш баста аст? Низом ақиб баргашт, рафт метинро гирифт, бародарон боз заминро кандан гирифтанд. Ногоҳ аз ҷониби дарвоза садоҳое омад, садоҳо ба ҳам омехта буд, чӣ мегуфтанд, гӯш наметавонист ташхис кунад, аз ин ҷо, аз зери айвон шунида намешуд, ҳаво ҳам торик шуда ва аз ин ҷо касе ва чизе ба назар намерасид. Баъд садоҳо ногаҳон хомӯш шуданд, гӯё ба торикӣ фурӯ рафтанд. Вале пас аз лаҳзае садои баландтаре шунида шуд, гӯё чӯбе ва ё милоҳанеро ба дарвоза заданд. Бале ба дарвоза мезаданд... Як бор, ду бор, Назар пеш-пеш, ду нафар аз одамонаш аз пасаш ба сӯйи дарвоза давиданд. Садои ғалмағали мардум аз ҷониби дарвоза ба гӯш омад. Баъди чанд лаҳзаи дигар садои тир баланд шуд, касе дод гуфту афтод, садои шарфаҳои пой омад, пас аз чанд лаҳза дарвозаро дубора бастанд. Шайх ноҷунбон истода буд, намедонист чӣ гап аст, чӣ мегузарад. Ман, ки рӯзи дигар омадам, ҳамаашро фаҳмидам. Мардуми деҳ дида буданд, шоҳиди ҳол буданд. Нозимро аз хонааш ва ё аз кӯча дошта буданд, касе намедонист, зада буданд, аз даҳон ё биниаш хун меомад, дастонаш баста набуд, пешандоз карда мебурданд, баъд аз кучо Низом пайдо шуд, ал-

батта, гуфт ки бародарашро раҳо кунанд, сар надоданд, дар миёнашон гапҳое радду бадал шуд, мардуми деҳ аз бало ҳазар худро дур нигоҳ медоштанд, касе ҷуръат намекард, ки наздиктар биёяд, дувоздаҳ ҷавони мусаллаҳ, силоҳҳояшон сари даст, омода, гоҳе якеш тире ба ҳаво холӣ мекарду мардумро бештар ба изтироб меафканд, касе нашунид, ки Низом чӣ гуфту онҳо чӣ ҷавоб доданд, ногоҳ диданд, ки якбора чанд кас ба Низом ҳамла оварданд, дастҳояшро бастанд, баъди ин дастҳои Нозимро ҳам бастанд ва роҳашонро тағйир доданд, ба самти муқобил гаштанду ба сӯйи хонаи Шайх омаданд, дарвозаро лагад зада кушоданду даромаданд. Мардум наздиктар омаданд, яке хост аз роғи дарвоза нигоҳ кунад, бинад чӣ гап аст, вале силоҳдоре паси дарвоза меистод, таҳдид кард, ки агар дур нашавад, мепаронад, вай маҷбур ақиб гашт, чизе дида натавонист. Дигар касе наздик наёмад, наёристанд, дар кӯча, дуртар аз дарвозаи Шайх интизор истоданд. Касе гуфт, ба маркази ноҳия занг бизананд, хабар диҳанд, вале дар ин вазъи бесоҳибии мулк, ба кӣ занг мезанӣ, кӣ ба додат мерасад?! Роҳзанҳо пулис шуда буданд, пулисҳо низ қисме роҳзан ва қисме тарки кор карда буданд, дуздҳо ҳокими шаҳру деҳ. Баъд Шарифмурод омад. Шарифмурод аз ин воқеа бехабар дар хона нишаста буд. Гуфт, дар хона нишаста будам, ки Амир даромад, сахт-сахт нафас мекашид, арақ карда буд, рӯяш суп-сурх буд. Амир худаш намедонист чӣ гап аст, аз чеҳраи бобояш фаҳмида буд, ки чӣ ҳодисаи нохуше рух додааст ва ё ҳамин ҳоло рух медиҳад ва боре ҳам ба кӯча набаромад, ҳаёт ба

ҳаёт давида, аз сари деворҳо гузашта, то ба хонаи мо расида буд. Шарифмурод зуд бархост, ҷомаашро пӯшид, ба модарашу занаш гуфт, чашм аз Амир барнадоранд, нагузоранд, ки аз дар берун шавад, худаш берун омаду ба сӯйи хонаи Шайх давид. Дар сари кӯча чанд нафар ҳамдеҳаҳоро дид ва онҳо ҳар чиро, ки худашон медонистанд, ба ӯ ҳикоят карданд. Шарифмурод гуфт, бояд ҳатман раванд, бибинанд, ки чӣ гап аст, Худо накарда, агар коре шавад бо Шайх ё писаронаш, дигар то охири умр аз шармандагӣ сар бардошта наметавонанд. Мардум дудила буданд, кадомаш гуфт, Худо хоҳад, ҳеч гап намешавад, чӣ тавр чанд бегона меоянду дар пеши назари мардум ҷуръат мекунанд... Давоми гапашро нагуфт, маълум буд, ки чӣ мехоҳад бигӯяд. Дигаре гуфт, заданд ку, аз касе ибо накарданд, аз дасти инҳо ҳарчи меояд, Шарифмурод рост мегӯяд. Баъд ба паси дарвоза рафтанд. Чанд кас якбора садо карданд, пешакӣ маслиҳат карда буданд, ки ҳарчи садо бештар бошад, беҳтар, ин Худозадаҳо донанд, ки кам нестем; садо карданд, ки зуд дарвозаро кушоянд. Ва бо даст дарвозаро тела доданд, дарвоза аз дарун баста буд. Одами Назари кофир аз паси дарвоза дод зад, ки дур раванд, агар як бори дигар овоз бароранд, мепаронад, ба Худо, ки мепаронам, гуфт. Аз овозаш маълум, ки тарсида буд. Онҳо ақиб гаштанду болорчӯберо бардошта омаданд, аз ду тарафи ин чӯб гирифта, чанд бор ба дарвоза заданд ва ҳалқа аз зулфин баромад, ё зулфин аз чӯби дарвоза ҷудо шуд, ки дарвоза якбора калон кушода шуд. Чӯбро партофтанду аз дарвоза дарун даро-

маданд, пешо-пеш Шарифмурод меомад, ҳафт-ҳашт қадам дарун даромада буданд, ки садои тир баромад, як бор садои тир баромад, Шарифмурод, вох гуфту афтод, дигарон чанд туфангро дар муқобили чашмонашон диданд, афтодани Шарифмуродро диданд, тарсиданд, саросема баргаштанду ба сӯйи дарвозаи кушода давиданд.

Аммо Низом, шояд хост аз ин ҳарчу марчи назди дарвоза истифода кунад, шояд дид, ки нигаҳбоне, ки наздики ӯ туфанг ба даст рост меистод, ба сӯйи дарвоза менигарад, бо шиддат метинро бардошту ба қафаси синаи ӯ зад, метин ба синаи нигаҳбон фурӯ рафт, нигаҳбон якҷо бо метин афтод, Низом худашро ба болои ӯ андохт, чанг ба туфанг зад, фурсат ёфт, ки туфангро аз дасти ӯ бигираду як тир холӣ кунад ва чанд тир ба пушти худаш хӯрд, дигар барнахост, баъди лаҳзае дигар Нозим ҳам дар канори бародараш афтод. Силоҳбадастон саросема шуданд, ба даву тоз омаданд, ҷасади афтодаи ҳамроҳашонро бардоштанд, бо шитоб аз дарвоза баромаданд ва то кӯчаи калон, ки мошинашонро он ҷо гузошта буданд, давиданд ва савор шуданду рафтанд. Баробари аз дарвоза баромадани онҳо мардум ба ҳавлӣ давиданд, ресмонро кушоданду Шайхро раҳо карданд. Ду нафар аз китфонаш гирифтанду ба назди ҷанозаи писаронаш оварданд. Ду нафари дигар Шарифмуродро, ки аз устухони зонуяш тир хӯрда буд, ба шаҳр бурданд, чанд бемористонро давр зада, бо душворӣ бистарӣ карданд.

Маросими дафни Нозиму Низом рӯзи дигар баргузор шуд. Хостем одам бифиристему зану духтарони Низомро биёварем, Шайх розӣ нашуд, худамон ҳам медонистем, ки дар ин шароит ду ё се рӯз мегузарад, ки онҳо биёянд, дар ҳавои гарм ҳам майитро нигоҳ доштан намешавад. Чанд мулло гуфтанд, бачаҳо шаҳид шудаанд, бо либосҳояшон бигӯронанд, вале Шайх мутмаин набуд, розӣ нашуд. Ман худам шустамашон. Бо вуҷуди нооромию шароити душвори рӯзгор мардуми бисёр ҷамъ шуд, хеле зиёд афоӣ омад, Шайхро дар ноҳияи мо ҳама мешиносанд, эҳтиром мекунанд, намози ҷанозаро худи домулло Муҳаммадӣ хонд, дар тарафҳои мо муллои муътабартар аз домулло Муҳаммадӣ нест. Шарифмурод ягон даҳ рӯз пештар аз омадани мо ба ин тараф ба по хест, бо асобаҒал мегашт, умед ҳаст, ки асобаҒалро партофта бошад ҳоло. Ман ния доштам Шайху Амирро то хонаи хоҳараш ҳамроҳӣ кунаму баргардам, Худо нахост.

Содиқ ҳикояташро тамом кард. Ман надонистам, чӣ бигӯям, қалбу маҒзамро афкор ва эҳсоси мухталиф пур карда буд, дар баробари ин фоҷиа ҳеч сухане наметавонад тасаллибахши дил бошад, вале ҳамзамон суоле дар нӯги забонам мечархид, мехостам бипурсам, – на бо шамотат, балки воқеан мехостам бидонам, ки пас аз мушоҳидаи ин воқиа, итминон ба таваккул чӣ маъно дорад? Оё Худо воқеан бандагони содиқашро дӯст медорад? Агар бо Шайх, ки як умр ба ибодат машҒул буда, бандаеро наёзурда, пой каҷ наниҳода, ҳама ихтиёр ба хости Худо супурда, чунин мекунад, бо дигарон чӣ хоҳад кард?! Чаро

ҷоиз медонад, ки Чингизхони кофиру сарбозонаш лак-лак бандагони содиқашро бикушанд, занони мусалмонро бева, кӯдаконро ятим, модаронро доғи фарзанд дар қалб бикунанд? Вале, албатта, напурсидам, суоле накардам, ҷавобашро ҳам тақрибан медонам, борҳо шунидаам: «дар ҳар кори Худо ҳикматест, ки худаш медонад». Вале ман чунин ҳикматро, ки боиси кушта шудани мардумони бегуноҳ мешавад, қабул надорам. Ҳикмате бузургтар ва баарзиштар аз ҷони одамӣ вуҷуд надорад... Содиқ бо ҳикояти ин воқиа, гӯё бори дигар дарду аламҳои онро дар дил тоза кард, ғаму андуҳ дар чеҳрааш ҳувайдо буд, дар ин ҳол суханоне тасаллибахш ва таскиндиҳанда мебояд гуфт, на суол... Вале ман хомӯшӣ ихтиёр мекунам, сухане ҳамвазни ин дард намеёбам...

Содиқ ин воқиаро бароям, эҳтимолан ба талофии суханони имрӯз ва чанд рӯз қабл гуфтааш, ба талофии ҳарфҳои дурушташ гуфта буд, зеро пас аз муддате хомӯшӣ афзуд: «мебахшӣ, муаллим, тунд гуфтамат, албатта, баъди шунидани ин воқеа худат сабаби дуруштиямро фаҳмидагистӣ. Амир ягона писари Низом аст, Низом Худоро шукр духтар ҳам дорад, вале духтарҳо шӯ мекунанд мераванд, сутуни хонадон мард аст, нишони мард писар аст. Баъд кӣ медонист, ки хатти амони Нури Латиф хатти марг мешавад, ман барои ин як пора коғази шум бо ту даъво кардам, мебахшӣ муаллим». «Не. Не, албатта, мефаҳмам, мефаҳмам, чаро бахшиш мепурсӣ, ҳақ доштӣ....»

19

Муддатест, ки ба паси шишаи тиреза чашм дӯхтаам, намедонам чанд дақиқа ё ним соат, аз сояи паси тиреза наметавонам вақтро мушаххас бикунам, фақат мутаваҷҷеҳ мешавам, ки ба берун менигарам, вале чизе намебинам, фикру хаёлам дар ҷойҳои дигар мечарханд. Чашм аз тиреза бармедорам ва эҳсос мекунам, ки қалбам равшан аст, чаро, сабаб чист, намефаҳмам.... Баъд мефаҳмам, мефаҳмам, ки Содиқро ба ёд овардам, Шайхро, Рашиди Аъзамро, Амирро, Зокирро, Муфаззалро... Ман акнун медонам аз ин ҷо, ки берун омадам ба кӯҷо хоҳам рафт, ман метавонам интихоб бикунам, ҷойи зиёд барои рафтан дорам, ҳар кадоми инҳо бо чеҳраи кушод аз ман пазироӣ мекунанд, сарпаноҳ медиҳандам, обу нон медиҳандам, ҳар қадар, ки хостам метавонам меҳмони хонадонашон бошам. Одамони хуб, Худоро шукр, бисёранд. Беҳтар аст имшаб ба хонаи Рашиди Аъзам биравам, – агар албатта, аз кишвар берун нарафта бошад, агар ӯ рафта, ба хонаи муаллим Муфаззал, – муаллиме ки аз чеҳраи меҳрубони офтобхӯрдааш нур меборад ва дастонаш мисли дастони деҳқон дурушту шахшӯланд, хоҳам рафт, хонааш аз шаҳр дур нест. Фардоро ба ҳар роҳу воситае бошад, бояд барои маълум кардани сарнавишти Манижа сарф бикунам, то аз ӯ хабари дақиқе пайдо накунам, ба ҷойе намеравам, албатта... Ҳатто, агар боздошт кунандам ҳам, дар зиндагии ман чӣ тағйир хоҳад ёфт, ҳоло ки дигар намекушанд, пас аз чанд ҷаласаи намоишии мурофиа чанд сол ба зиндон

маҳкумам мекунанд, вале ман магар ду солу ду моҳу чаҳордаҳ рӯз худ дар зиндон нестам... Барҳакс аз интизориҳои тазйиқовар, аз андешаҳои маҳшуш раҳо мешавам... Вале умед дорам, ҳамааш хуб меанҷомад, ман бидуни мушкиле ба шаҳристон меравам. Албатта, баъид аст Шайху Амир то ҳоло дар рустояшон бошанд, онҳо рафтаанд, албатта. Ман ба назди Содиқ меравам, муддате меҳмони Содиқ мешавам. Худамро ба мардуми деҳ мардумшинос, ё муҳаққиқи фолклор ва ё шевашинос муъаррафӣ мекунам. Ду-се моҳ метавонам ба ин минвол дар хонаи Содиқ бимонам, бо Шарифмурод шинос мешавам, Шарифмуроди писари Содиқ Додихудои ҳамсояамро ба ёдам оварда буд. Агар мо чунин ҷавонмардҳо зиёд медоштем, шояд ба чунин рӯз гирифтор намешудем... Ду-се моҳ аз ҳавои тоза танаффус мекунам... Баъд... баъд ... мебинем... Ё аслан метавон бо роҳе аз кишвар берун рафт, беҳтар аст ба Амрико, ба назди писарам. Солҳост, ки мо ҳамдигарро надидаем, ҷуз салому алейки кӯтоҳи телефонӣ иртиботе надорем, ӯ бо ман қатъи иртибот карда буд, вале ман худ чӣ кардам? Магар талоше барои барқарории иртиботи наздиктар кардам? Ҳамеша ба моҳи дигар, ба хафтаи дигар ҳавола мекардам ва барои худ тавҷеҳ ҳам мекардам, ки бигзор калонтар бишавад, ақлаш қад бикашад, оламу одамро бишиносад. Пас акнун вақташ аст, агар нагузашта. Ба назди писарам меравам, агар шуд бо Манижа, агар Худо накарда бо Манижа ҳодисае шуда ва ё намехоҳад биравад, худ хоҳам рафт... Ҳатман хоҳам рафт. Албатта, инҳо иҷозаи сафар намеди-

ҳанд, вале бо истифода аз шиносоиҳои қаблӣ бо сафоратхонаҳои кишварҳои хориҷӣ метавон ин масъаларо ҳам ҳаллу фасл кард.

... Бояд интизори бегоҳ буд....

20

Аз дур дар ниматорикии гоҳи говгум саводи деҳе ба дид омад. Пас аз даҳ-дувоздаҳ дақиқа ҷодда вориди деҳ шуд ва ба кӯчаи марказии он бадал гардид. Говгумро низ ноаён деви сияҳи шом балъид. Ҷоддакӯча деҳро ба ду бахш тақсим мекард. Дар ду канор ҳавлиҳо, деворҳо, дарвозаҳо воқеъ шуда буд ва касеву чизе ба назар намерасид, дарвозаҳо ҳама баста буданд ва садое низ берун намеомад. Ба Содиқ гуфтам, шояд беҳтар аст, дарвозаеро ҳалқа ё мушт бизанему бо кадхудое суҳбат бикунем. Номуайян садое бароварду рафтан гирифт. Баъди чанде дар канори кӯча чойхона ва рӯ ба рӯйи он дар самти дигари кӯча мағозаро дидем. Навиштаи болои айвони «ЧОЙХОНА» ва лавҳаҳои насбшуда дар сутунҳои айвони он кӯҳна шуда, ҷой-ҷой рангҳояшон рехта буд ва ҳам бад ин сабаб ва низ ба иллати ниматорикӣ ба нигоҳи аввал чизеро аз онҳо хонда намешуд, ҳавсалае ҳам надоштем, ки таваҷҷуҳ бикунем ва ин ҳама шиору абётро, ки тақрибан дар ҳама чойхонаҳои кишвар яксон ва ба як мазмун буданд, бихонем. Бо Содиқ рӯйи кати айвони чойхона нишастем, то ҳамроҳонамон ҳам бирасанд.

Ба дари рангпаридаи чойхона қуфли бузурге зада буданд ва аз чанги рӯйи дар пайдо буд, ки ҳадди ақалл дар ду-се моҳи охир боз накардаандаш. Кӯча ҳам сокиту ором буд, ҷонзоде ба назар намерасид, на одаме, на гови дермондае аз пода, на хари бекори ҳайдаве, ки маъмулан дар ин ҳангом дар кӯчаҳои русто метавон дид.

Чун Шайх ва Рашиди Аъзаму Амир бо ҷанозаи Маҷдӣ расиданд ва ду-се дақиқа нишастанду нафас рост карданд, Содиқ аз ҷой бархост, маро – шояд барои он ки нафас рост карда будам, – гуфт ӯро ҳамроҳӣ кунам, ба дигарон гуфт, то манзиле пайдо кардани мо дар ҳамин ҷо нишинанд, дам бигиранду интизор бошанд.

Содиқ пеш даромад ва мо ба кӯчаи канори маҳоза ворид шудем, кӯча дар васати ду девори тӯлонӣ, ки аз қисмати берунии иморатҳои маскунии гиландуда ва деворҳои сангии баланд иборат буданд, тӯл кашида буд. Ин деворҳо дар фосилаҳои 40 то 70 метр дарвозаҳои чӯбию оҳанин доштанд. Тақрибан саду панҷоҳ метр аз кӯчаро паймуда будем, вале Содиқ, ки гоҳе таваққуф мекарду лаҳзае чанд ба дарвозае менигарист, ҳанӯз ҳалқа ба дарвозае намезад. Вале акнун ман мантиқи рафтори ӯро мефаҳмидам, медонистам чӣ мехоҳад. Зери айвони чойхона гӯё дар посухи ҳарфи чанд дақиқа пеши ман гуфта буд: «аз дарвозаву деворҳояшон маълум, ки хонаҳои мардуми камбағалу бечора аст. Ҳоло бештари мардум гирифтори худу хонадони худанд, ба худ дармондаанд, ҳар дарвозаро, ки бикӯбем, албатта, сарпаноҳамон медиҳанд, вале шояд захираи чандмоҳаашонро рӯйи дастархон мегузоранд, намехоҳам сабаби нимгуруснагии баччаҳояшон

шавем, ба мо ҳавлие лозим аст, ки осудаҳол бошанд, ҳам барои панҷ нафар хонаву рахти хоб дошта бошад, ҳам ғизое, ки бароямон медиҳанд аз ҳаққи фарзандонашон набошад ва ҳам майитро тавонем бе малоли хотир бишӯему такфин кунем». Ҳоло Содиқ дар ҷустуҷӯйи ҳавлии кадхудои осудаҳол буд ва ман хомӯш аз дунболаш мерафтам, то дарвозаи дархури мақсадашро пайдо бикунад. Намедонам боз чӣ қадар бояд мегаштем, то Содиқ ҳавлии мувофиқ бо ҳадафамонро пайдо бикунаду ҳалқа ба дарвозааш бизанад. Аммо ногоҳ аз пас садои боз шудани дарвоза ба гӯш расид. Мо тоза аз назди ин дарвоза гузашта будем ва ҳанӯз шояд беш аз даҳ қадам ҳам дуртар аз он нарафта будем. Ҳарду беихтиёр бозистодему ба ақиб нигаристем. Марде аз дарвоза берун омад, дарвоза дубора баста шуд, мард ба миёни кӯча баромад, моро дид, каме суст шуд ва баъд пеш омаду салом дод, саломи забониро кофӣ надонист ва ё чун дид бегонаем, ду даст дароз карда, дастонамонро фишурд ва пурсупос кард. Содиқ кӯтоҳ ва мухтасар он чи аз сарамон гузашта буд ва он чиро мехостем, ҳикояташ кард.

– Ба хонаи ман меравем, – гуфт мард, – дам мегиред, кӯфти роҳро мебароред, фардо субҳ, ки шуд, мебинем, Худо чӣ мехоҳад.

– Ин ҳавлии шумост? – пурсид Содиқ.

– Не ҳавлии ман болотар! Каме дигар бояд биравем.

Содиқ гӯй дудила буд, зоҳиран даҳон пур карда буд, ки суоле бидиҳад, то мутмаин шавад, ки оё ғизо додани панҷ нафар барои хонадонаш гаронӣ намеоварад, вале ҷоиз надид ва лаб боз карду чизи дигар гуфт:

– Пас равем, ҳамроҳони моро даъват кунем.

Ба пас гаштем ва чанд лаҳза хомӯш қадам задем. Вале пас аз чанд қадам гузоштан мизбон хомӯширо шикаст. Вай ногаҳон бозистод, мо низ ҳайрон таваққуф кардем.

– Шуморо ба як кас монанд кардам, меҳмон, овозатон ба гӯшам шинос расид, ҳоло мебинам, ки чеҳраатон ҳам ба ӯ мемонад.... Ба Содиқи дарбандӣ чӣ мешавед... ба Содиқи Пирмуҳаммади дарбандӣ?

– Шумо кистед? – Содиқ қадаме ба пеш гузошту дар рӯ ба рӯйи мизбон қарор гирифт.

Онҳо баробар оғӯш боз карданд ва якдигарро ба канор кашиданд.

– Овозатро шинохтам, баробари даҳон кушодан садоятро шинохтам, вале гуфтам, эҳтимол иштибоҳ карда бошам, ҳеч интизор надоштам туро дар ин тарафҳо бибинам!

– Э Зокири ҷоне, кай гумон мекардам, ки дар чунин вақте Худо туро ба ман мерасонад.

Садои Содиқ, лаҳни гуфтораш ба куллӣ тағйир ёфта буд, гӯйӣ, ки ба лабташнае як коса оби сарду соф дода буданд. Рӯй ба ҷониби ман тофт:

– Зокир ҳамхидмати ман аст, бисту ҳашт сол пеш ҳардуямон дар Сибир, дар Чита хидмати сарбозӣ карда будем. Медонистам, ки аз ҳамин ноҳия аст, вале ҳеч дар хотир надоштам, ки аз ҳамин деҳ бошад.

– Аз ин деҳ нестам, – шарҳ дод Зокир, – ёздаҳ сол пеш ба ин ҷо, ба Долистон кӯчидем, замин доданд, хона андохтаму кӯчидам. Деҳи боло

тангӣ кард... Падару се бародарам ҳанӯз онҷоянд, якешон дар шаҳр, дар пойтахт...

– Баъди бисту ҳашт сол бори аввал ба дидор расидем. Зокир мегӯяд, ба як шунидан овози маро шинохтааст, вале ман ӯро ба душворӣ шинохтам, маълум, ки ӯ пир шудааст, лекин ман ҳамонтур ҷавон мондаам...

Содиқ, зоҳиран, мехост бо ҳазл, асари бисту ҳашт соли дур аз дидор сипаришударо, ки то ҳадде рафоқату ошноиро ба мулки бегонагиву ғурбат мебарад, рафъ кунад ва суҳбаташон одӣ ва бидуни қайду шарти меҳмониву мизбонӣ сурат бигирад ва низ худрову моро аз хиҷолати музоҳимат раҳо бикунад.

Ҳавлии Зокир дутабақа ва бошукӯҳ буд; пас аз он ки ҷанозаи Маҷдиро дар хонаи канори ҳавлӣ гузоштему дасту рӯй шустем, ба хонаи бузурги дувоздаҳболор раҳнамоиямон карданд. Болору вассаҳои лакзада дар рӯшноии чароғи баркӣ ҷило медоданд, пардаҳои абрешимии пурнақш тирезаҳои қаторро пӯшонида буданд, деворҳоро хеле ҳунармандона гуландова карда буданд. Мутаваҷҷеҳ шудам, ки хона бар хилофи бештари хонаҳои рустоиён токчаву таҳмон надорад. Маълум, ки ин хонаро махсус барои меҳмонон сохта буданд, меҳмонхона буд. Дастархон густарданд ва пас аз чанд дақиқа рӯйи дастархон аз нон, лаълиҳову тақсимчаҳои конфету мағзу дона, мева, асалу мураббо пур шуд. Гӯйӣ ҷангу мухосимат, ки мисли боди самум ризқи бештари мардуми шаҳрнишинро хушк карда буд, ҳанӯз ба боғу мазраъаи ин хонадони меҳмондӯст навазида ва ҳеч таъсире ба рӯзгори онон надошт. Ё шояд,

чунонки расми рустоиён аст, ин неъматҳо андак-андак аз ҳавлиҳои гирду атроф фиристода шудаанд? Кадхудоёни ин ҳавлиҳо низ худ ягону дугон омадан гирифтанд, мо ҳам, – агарчи ҳар кадом таъкид мекард, ташвиш накашем ва аз ҷой барнахезем, – ба тақозои суннат маҷбур будем, бо омадани ҳар кадоми онҳо аз ҷой бархезем, дар ҷавоби саломашон, ки ду даст ба бари сина гузошта ва сар хам оварда аҳволпурсӣ мекарданд, низ даст ба бари сина гузошта посухи салом бидиҳем ва пурсупос кунем. Зокир кас фиристод ва пас аз муддати мадиде муллои деҳро оварданд, то дар мавриди маросими дафни Маҷдӣ машварату маслаҳат кунем.

Мо – Рашиди Аъзам ва ман чандон мувофиқ набудем, ки ҷанозаи шоир дар гӯристони ин деҳа ба хок супурда шавад. Ман гуфтам:

– Маҷдӣ, ки бекасу кӯй нест, албатта, зан доштагист, фарзанд доштагист, ҳатман бояд бародару хоҳар дошта бошад, шояд падару модараш ҳам зинда бошанд.

– То ин ҷо, ки... – Рашиди Аъзам макс кард, забон хойид, эҳтимол мехост бигӯяд «машаққат, азоб, ранҷ кашида овардем», вале нагуфт, дар чунин маврид ҷоиз надонист ва гуфт: – то ин ҷо, ки овардем, дигар чӣ мушкил аст, мошине пайдо мекунем, мебарем.

– Албатта, – гуфт Содиқ, – албатта, хешу табор дорад, вале кӣ медонад, ки вай аҳли кучост, дар кучо зиндагӣ мекунад? Шумо медонед? Ман намедонам! Аслан ба ғайри он ки шеър менавишт, мо дар бораи ин бечораи шӯрбахт чӣ медонем?

Мо ҳам чизе намедонистем, мо ҳатто дуруст намешинохтемаш. Фақат ду соат пеш аз гузарномааш донистем, ки исми Мачдӣ ҳам иртиботе бо ному насабаш надорад, фақат тахаллусаш аст, дар асл Шаҳобиддини Мурод ном дорад. Вале гумон надорем, пайдо кардани пайвандону наздиконаш душвор бошад.

– Албатта, дар Иттиҳодияи нависандагон медонанд, Мачдӣ, агар узви Иттиҳодия набошад ҳам, албатта, бо онҳо иртибот бояд дошта бошад, дар он ҷо мешиносандаш.

– Хеле хуб, ба шаҳр, ки рафтем, шумо ба Иттиҳодияи нависандагон мераведу ин хабарро мерасонед, ҷойи дафнашро мегӯед, онҳо ба хонаводаи Мачдӣ мерасонанд, – таъкид кард Содиқ. – Хонаводааш агар зарур донанд, қабрро мекушоянду майитро ба гӯристони худашон мебаранд. Домулло, дар ин вазъ мумкин аст, ба фикрам.

– Албатта!

– Аммо ҳоло наметавонем барем, ҳаво гарм, хонаводаашро кай пайдо мекунем, маълум нест, нав се соат аз куштанаш гузашт, майит аз ҳоло бӯй медиҳад...

Субҳи рӯзи дигар Содиқ бо Зокир майитро шустанд, намози ҷанозаро бо домулло хондем, ҳама мардони деҳаи Долистон ҷамъ омада буданд ва пас аз хондани намози ҷаноза ба ҷуз сечаҳор пирмард ҳама рӯ ба фароз ниҳоданду то ба гӯристон рафтанд. Қабри шоирро дар канори гӯристон канда буданд. Мачдиро Содиқу Зокир ба гӯр гузоштанд, даст ба даст болои гӯраш хок партофтем, гирди гӯраш чим чидем ва ҳар кадом

ҷойеро интихоб кардему дар атрофи гӯр нишастем. Домулло ва Шайх пораҳое аз оятҳои Қуръон хонданд, ва замоне ки Шайх бо садои хушу муассир «Таборак» қироат мекард, ман сар бардоштам ва ғайриихтиёр ба поин, ба деҳ нигаристам; деҳ комилан мувофиқ бо номаш буд, он қадар дарахт зиёд дошт, ки боми шиферпӯши хонаҳояш фақат ҷой-ҷой ба назар мерасиданд. Барги бархе дарахтон – зардолую шафтолую бархе анвоъи ноку себ хазон шуда ва қисмати дигар ҳанӯз сабз буданд ва ин омезиши рангҳои зарду сурху сабзу норанҷӣ хеле зебо ба чашм мерасид. Ва дар миёни ин ду зебоӣ, ки якеро ба гӯш мешунидам ва дигареро ба чашм медидам, марги Маҷдӣ бемантиқу бемаънитар менамуд, хориам омад, бухсе гулӯямро фишурд. Шайх қироатро тамом кард, даст ба рӯй кашидему бархостем. Ва ногаҳону ғайриинтизор аз канор садои Содиқ ба гӯш расид:

– Марҳум чӣ марде буд?

Суханаш ба гӯшам хеле бемавқеъ ва сохта расид. Ин мардум, ки аслан Маҷдиро надидаанд, сухане ҳам бо ӯ радду бадал накардаанд, чӣ бояд бигӯянд? Худи мо ҳам, ки чанд рӯз бо ӯ дар зиндон будем, оё ӯро мешиносем, ҳатто номашро дирӯз, пас аз кушта шуданаш донистем. Даҳон пур кардам, ки бигӯям: «Марди бечорае буд, ки надонист барои чӣ зист ва чаро мурд»

Вале садои Шайхро шунидам, ки ба овози баланд ва бо итминон гуфт:

– Худо раҳматаш кунад, марди хуб буд!

Ва ногаҳон дарк кардам, ногаҳон ба фаҳми суолу ҷавоби Содику Шайх расидам, охирин

қарзи инсонӣ буд, ки ба марҳум пардохта шуд ва ин қарз одамгарӣ ном дошт. Маҷдӣ ҳеч ниёзе ба он надошт, зиндагон, худи гӯяндагон эҳтиёҷ доштанд. Аз худам, аз андешаи чанд лаҳза пештари худ шармам омад.

Ва паси ҳам нишеб шудему ба деҳ фуромадем.

Ҳамон рӯз мо бо исрори Зокир боз яку ним соати дигар дар хонаи ӯ мондем, нафас рост кардем, ғизо хӯрдем, баъд бо мошине, ки аҳли деҳ бароямон пайдо карда буданд, рафтагори пойтахт шудем. Умед доштем, то фаро расидани торикӣ вориди пойтахт мешавем, аммо мошини кӯҳна дар роҳ вайрон шуд, ронанда ҳудуди як соатро сарфи таъмири он кард ва мо маҷбур шудем дар канори шаҳр пиёда шавем; дар пойтахт ҳанӯз қуюди шабгардӣ амал мекард ва бо фаро расидани шом ба шаҳр ворид шудан, ба хусус барои мо, хатари зиёд дошт. Бо мувофиқаи мо ва роҳнамунии Рашиди Аъзам, ронанда мошинро ба ҷоддаи танге ворид кард ва пас аз ду-се километр ба рустое ворид шудем, ки зодгоҳи дӯсти ҳамсабақи донишгоҳии ӯ Муфаззали Бурҳон буд ва шабро дар манзили ӯ рӯз кардем. Он шаб то дер бедор бимондем; суҳбатамон роҷеъ ба мавзуъу масоили мухталиф, баҳсу мунозараҳоямон, ки дар давоми он гоҳе ману Рашиди Аъзам тунд мешудем, садоямон баланд мешуд, вале лаҳни ором ва ботаании Шайх Зайнулобидин боре ҳам тағйир наёфт, ҳанӯз фаромӯшам нашудааст; ман мукаррараран он мавзуъу масоилро ба ёд меорам, аз буъдҳои мухталиф онҳоро ба баҳс мекашам ва ахиран бо назари ботинӣ мебинам, ки тайи муд-

дате, ки аз он замон сипарӣ шуд, андешаву мулоҳизаҳоям рочеъ ба баъзе масоиле, ки он замон шадидан аз онҳо пуштибонӣ мекардам, дигаргунатар шудааст, дар мавриди баъзе масоили дигар ақидаам росихтар гардида, вале акнун ба ҳақиқат будани баъзеи дигар шак дорам, дар бархе маворид таҷрибаи ду соли охир ва тааммулу тааммуқ назарамро ба андешаи Шайх наздиктар карда.

Ва хабари кушта шудани Нури Латиф ва Карими Раҳимро низ бо таъхири якрӯза дар хонаи ҳамин Муфаззали Бурҳон фаҳмидем; агарчи Долистон ба посгоҳи Нури Латиф, ки моҷаро ва куштор он ҷо сурат гирифтааст, хеле наздиктар буд, то чошти имрӯз зоҳиран касе аз аҳли он русто ин хабарро нашунида буд, зеро агар шунида буд, ҳатман ба мо, ки ҳамаашон медонистанд, аз ин ду генерал хеле ҷавру ситам кашида будем, мерасонд. Ва сабаб албатта, ин буд, ки гарчанд ин воқиа асри дирӯз рух дода ва яқинан хабарашро низ ҳамон вақт ба пойтахт расонида буданд, мақомдорон салоҳ донистанд муддате онро махфӣ нигоҳ доранд ва зоҳиран, мехостанд онро ба наҳве пахш кунанд, ки латмае ба ҳайсияти ин ду генерали ҷонибдори давлат нарасад ва ҳатто агар ҳам ки шуд, манфиате аз он ҳосил кунанд. Бо ин ҳол, хабари ин куштор аз субҳи имрӯз дар пойтахт паҳн шуда ва ба маҳалҳои гирду атрофи он ҳам расида буд. Расонаҳои давлатӣ ин хабарро танҳо соати яки имрӯз пахш карданд. Муфаззал гуфт, онҳо хабари ин ҳодисаро қабл аз он ки телевизион онро ҳамроҳ бо мусиқии мотам ва акси он ду генерал андаруни чорчӯбаи сияҳ пахш

бикунад, шунидаанд. Вале он чи Муфаззалу ҳамсояҳояш дар мавриди нахваи кушта шудани ин Нури Латиф ва Карими Раҳим мегуфтанд, ҳам зидду нақиз буд ва ҳам мухолиф бо хабари телевизион, ки ин кушторро кори дасти душманони халқ эълом карда буд. Яке мегуфт, Карими Раҳим бо афсарону сарбозонаш ба посгоҳи Нури Латиф рафта ва ӯро ба халъи силоҳ ва таслим шудан даъват кардааст ва Нури Латиф, ки дар мавриди оқибати ин кор хушбин набудааст, ғайриинтизор Карими Раҳимро мепаронад ва баъд одамони Карими качал худи Нури Латифро мепаронанд; дигаре гуфт, гуфтугӯи онҳо ба баҳс мекашаду ҳарду тараф тез мешаванд ва Карими Раҳим сари ҷаҳл Нури Латифро мекушаду баъд худаш кушта мешавад; бино бар ривояти севум, гурӯҳҳо алайҳи ҳам тир шиллик мекунанд ва дар ин парон-парон ҳарду генерал ва боз чанд нафари дигар аз ду тараф кушта ва чанди тани дигар мачрӯҳ мешаванд.

Барои аввалин бор буд, ки ман аз хабари марги одамӣ эҳсоси шодмонӣ кардам; пас аз чанд дақиқаи шунидани ин хабар ногоҳ хаёл кардам, ки дасту пойам аз банд озод мешаванд, худро сабук эҳсос менамоям, ва ин дам дарк кардам, ки агарчи дирӯз дар дил Нури Латифро барои худро соҳиби зиндаю мурдаи мо пиндоштанаш душном дода будам, вокеан то кунун, то лаҳзаи шунидани ин хабар худро зери назари ҳозир ва гӯши шунавои ӯ эҳсос мекардам ва ин ки ангоштам дасту пойам аз банд озод шуд, ба ин далел буда, ки дигар худро дар маърази диди

ӯ намебинам, фақат акнун аз ҳукми ӯ озод шудам. Ба ҳамроҳонам гуфтам:

– Мо дигар ба вазорати амният намеравем, сабти ном дар дафтарҳои идораи маҳаллӣ ҳам шарт нест, ҳамаатонро табрик мегӯям, мо акнун аз зиндони Нури Латиф озод шудем.

21

Ман рӯйи суфаи хиштӣ баромадам, «Девон»-и Ҳофизро рӯйи «бом» гузоштам, бори охир ба таҳхонаам назар афкандам ва баъд фуруд омадаму рафтам аз зери девор оҳаксангро бардоштам ва хати охирин, хати ҳаштсаду панҷумини тақвимамро, ки субҳи имрӯз марсум карда будам, аввал то боло, баъдан то поёни девор идома додам, ба як хати бузург мубаддал кардамаш ва тақвимамро бастам, гӯйӣ роҳи бозгаштам ба ин таҳхонаро масдуд кардам.

Баъд бозгаштаму дубора рӯйи суфа баромадам ва худро аз равзан боло кашидам. Бидуни хайрухуш бо Михайлич рафтанро дур аз шеваи одамият медонистам, ин аст, ки ба ҷониби дар омадам, ки ба рӯи ҳавлии корхона кушода мешуд, аммо дар, ончунонки гумон мекардам, аз берун қуфл зада шуда буд. Хостам аз тирезаи рӯ ба рӯи посбонхона фарёд кунам, аммо тирезаи дучашмаро мехкӯб карда буданд, ки боз намешуд, Михайлич ҳоло на дар берун дар маҳдудаи чашмандози ман ва на аз паси шишаи посбонхонааш ба назар мерасид ва бадеҳист, ки агар садо баланд кунам ҳам, ба гӯшаш намерасад. Ва ман

лоилоҷ ба назди тиреза, ки ба кӯча боз мешуд, баргаштам ва танҳо дар ин ҷо фаҳм кардам, ки бо чӣ мушкил гирифтор ҳастам: чӣ сон аз ин ҷо берун оям, ки раҳгузарон набинандам, ва ё ҳадди ақалл боиси ҷалби таваҷҷуҳ ва шубҳаашон нашавам. Ягона илоҷро дар ин дидам, фурсатеро интизор бишавам, ки роҳгузарон ҳарчи камтар бошанд ва баъд бидуни парво ва таваҷҷуҳ ба мардуми хиёбон худро ба як бор ба поён, ба кӯча афканам; бо кастуму шалвори тоза, галстук ва китобе дар даст, албатта, касе гумони дуздӣ ба ман намекунад. Меҳҳоро осон берун кашидам, мушаббакро гирифтаму канор гузоштам, тирезаро оҳиста боз кардам ва пас аз каме интизорӣ худро ба берун, ба кӯча афкандам. Ду нафар роҳгузар, бозистоданд, лаҳзае ба ман хира шуданд, вале ман бидуни он ки ба эшон нигоҳе кунам, роҳ ба сӯйи дарвозаи корхона пеш гирифтам, даричаи дарвозаро боз кардам, пой ба дарун гузоштам, се-чаҳор қадам рафтаму бозистодам, саги сияҳи калоне аз ҷой бархост, гӯш сих кард, гумон кардам рост ба чашмонам нигарист, зоҳиран интизор буд, ки чӣ хоҳам кард. Аммо ман худ ҳам намедонистам чӣ бикунам, ба пеш равам, ба ақиб баргардаму худро паси дарвоза бигирам ва ё ҳамин тавр мунтазир бимонам. Баъд исми Михайличро гирифтаму фарёд кардам, баробари баланд шудани садои ман саг ҳам ба ав-ав даромад. Ва, эҳтимол, ба сабаби ҳамин садои саг буд, ки пас аз дақиқае Михайлич бо саги дигараш, саги зарди чӯпонӣ аз паси девори корхона намудор шуд; дар ибтидо маро нашинохт, ба садои баланд, бо шубҳаву тардид пур-

сид, кистам, чаро омадам ва чӣ мехоҳам. Пештар омадам, «ин ман, Михайлич» гуфтам ва даст барои салом дароз кардам. Ба суоли нигоҳи ҳайронаш, ки чаро берун омадам, дар ин ҷо чӣ кор мекунам, гуфтам, тасмим гирифтам, биравам, бас аст дигар, кофист, омадам, ки изҳори сипос бикунам. Бидуни он ки ҳарфе бигӯяд, дастамро фишурд, хеле фишурд, худоҳофизӣ кард. Баъд чун бори дигар изҳори сипос кардам ва баргаштаму ду-се қадам бардоштам, аз пас садояшро шунидам, ки гуфт, «тасмими дуруст гирифтӣ, бояд кайҳо мерафтӣ, як умр дар таҳхона намешавад зиндагӣ кард». Посухе нагуфтам, аз дарвоза берун омадам ва пас аз ду-се дақиқа ба анбуҳи раҳгузарон пайвастам ва аз хиёбони шаҳри ошнои бегонашуда гом задаму рафтан гирифтам...

03.03.2013

МУНДАРИҶА

ДУ СУХАН БА ҶОЙИ САРСУХАН.....3
ПОЙҲО ВА РӮЙҲО (роман).....5

Барои қайдҳо _____

ҚОДИРИ РУСТАМ

ПОЙҲО ВА РӮЙҲО
Роман

Ороиши муқова: К.Карпун
Верастори компютерӣ: Бунафша Ҷабборова

Ба матбаа 27.09.2018 тахвил гардид. Чопаш 09.10.2018
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 84x108 1/32.
Ҷузъи чопии шартӣ 18,75. Адади нашр 200 нусха.
Супориши № 344. Нархаш шартномавӣ.

Дар матбааи ҶДММ «Эр-граф» ба табъ расидааст.
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев 218.

Тел.: 233-50-16, 227-39-92

ISBN 978-99975-69-47-9
9 789997 569479

R-Graph